НАШРИЁТИ «АДИБ»



Ф А З Л И Д Д И Н   М У Ҳ А М М А Д И Е В

# Д А Р  О Н
# Д У Н Ё

***(Қиссаи ҳаҷҷи акбар)***

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-4
М – 39

Муҳаррир *Меҳрӣ Саидова*

М – 39 **Фазлиддин Муҳаммадиев. Дар он дунё** *(қиссаи ҳаҷҷи акбар)*. – Душанбе: «Адиб», 2016, 256 саҳ.

«Дар он дунё», яке аз беҳин офаридаҳои муаллиф ва хонданитарин қиссаҳои адабиёти имрӯзи тоҷик мебошад, ки шуҳрати нависандаву адабиёти муосирамонро ҷаҳонӣ гардонидааст.

ISBN 978-99947-2-447-5

© Нашриёти «Адиб», 1990.
© Нашриёти «Адиб», 2016.

## 17+1

Мо ба ИЛ-18 савор шуда ба ҳаҷ меравем. Мо ҳамагӣ 18 нафарем: 17 нафар муллоҳои имом, хатиб, мударрис ва мутаваллӣ, ҳаждаҳуминаш бандаи фақир, духтури терапевт. Ба ибораи дигар гӯем, 17 нафар ходими дин ва миёни мурдаҳо шаҳид, як нафар намояндаи илм.

Ҳар сол дар арафаи иди қурбон як гурӯҳ мусулмонон ба зиёрати Макка ва Мадина мераванд ва ба савоби ин саёҳат гуноҳҳои худро дар он ҷо партофта унвони ҳоҷиро бардошта меоянд. Ҳар сол ба эшон як ё ду нафар духтур ҳамроҳӣ мекунад. Имсол мебоист духтури дигар ҳамсафари ҳоҷиҳо мешуд. Аммо ӯ дар айни арафаи сафар худаш нотоб шудааст. Ноомади кори он бечора сабаб шуду маро шарафи ҳамроҳӣ кардан ба барҷастатарин намояндагони мусулмонҳои мамлакат насиб гардид.

Дар самолёт ба ғайр аз мо тахмин сӣ нафар артистони сирки Хитой, ки барои гастрол ба Судон равонаанд, боз чанд нафар судониҳо, боқимондагон – мутахассисони советӣ ва аҷнабиёне, ки то Қоҳира мераванд.

Қариби соати сеи саҳар аз аэропорти Шереметево парвоз кардем. Ҳоло самолёт ба баландии даҳ ҳазор метр баромада гирифтааст. Аз тирезачаҳои гирда фақат осмони тираи пурситора менамояд.

Дар паҳлуи ман мутаваллии масҷидҳои Уфа Исрофил нишастааст. Дар бадали панҷ рӯзи пеш аз сафар, ки мо, ҳоҷиёни оянда, дар як ҷо мезистем, дар байни ману Исрофил қаробате пайдо шуд.

– Духтур, номи шумо чист? – пурсид ӯ худи рӯзи якум.

– Қурбон, – гуфтам ман.

– Қурбон, Қурбон… – такрор кард ӯ. – Номи хуб, номи ид, нағз дар ёд мемонад. Номи ман Исрофил.

– Номи шумо ҳам машҳур. Фардо рӯзи қиёмат ҳазрати Исрофил аз ҳама пештар хеста, карнаи бузурги худро менавозанд ва бандагони худоро аз хоби абадӣ бедор карда, аз рӯзи маҳшар хабар медиҳанд.

Исрофил табассуме карда, ба аломати ризо сар ҷунбонид. Дар дилам гуфтам, ки дар штати Арши Аъло ҳам вазифаҳои барзиёд будааст. Ҳазрати Исрофил, масалан, миллионҳо сол бекор-бекор мегарданду фақат рӯзи қиёмат як бор карнай менавозанд…

Моторҳои пуриқтидор мунтазам ғуррос мезананд. Стюардессаҳои хушандому хушкалом кори худро анҷом дода, ба истироҳат рафтаанд. Аксари чароғҳоро хомӯш карда, дар ҳар салон як-дутоашро фурӯзон мондаанд. Сардори ҳайати ҳоҷиён бо тарҷумон дар салони дигар, дар ҷойҳое нишастаанд, ки бароҳаттар шуморида мешаванд. Ба ИЛ-18 ё ТУ – 104 чил бор савор шудаам, гӯям муҳобот намешавад. Дар роҳҳои ҳавоии дохили мамлакатамон ҷойҳои мусофирнишини самолётҳо ба хубу нохуб тақсим намешуд. Фақат барои занҳои кӯдакдор ё якта-нимта одамони носиҳат имтиёз буд. Ҳарчанд ин самолёт ҳам моли худамон аст, дар он билетҳои дараҷаи I ва дараҷаи II будааст ва қимату мартабаи аввалааш аз дувумаш баландтар будааст. Соҳибони билети дараҷаи I дар салони ором ва камшавқунтари самолёт менишастаанд ва ҳақ доштаанд, ки назар ба мо, мусофирони дувумдараҷа, ҷомадонҳои калону вазнинтар бигиранд.

Рейс, ки хориҷист, ба қоидаву низоми он насимаке аз анъанаҳои хориҷа вазидааст…

Моторҳо якзайл ғуррос мезананд. Ҳама курсиҳои худро то ҳадди имкон ба пас хобонида, ба хоб рафтаанд. Исрофил муддате ба торикии берун чашм дӯхта нишасту ниҳоят монда шуд ва хобаш бурд.

Хислати ҳаринае дорам, ки дар вақти парвоз хоб карда наметавонам. Кушед, ки хобам намебарад. Хайрият, ки ҳавопаймоҳои тезпарвоз баромадаанд. Ҳафт-ҳашт сол муқаддам тайёраи мусофиркаш масофаи байни Душанбе ва Москавро дар ҳар ҷо дам гирифта, бензин гирифта ва ҳатто дар нисфи роҳ экипажи худро иваз намуда, дар ду рӯз тай мекард ва камина ба ҷои он ки баробари қадам ниҳодан ба хоки пойтахт дарҳол аз паи кору бори худ шавам, ё ба дидани рафиқони пазмоншудаам бишитобам, ё кӯчаву хиё-

бонҳои дӯстдоштаамро ақаллан соате сайр кунам, маҷбур мешудам, ки ба гӯшае лӯнда шуда бихобам ва каллаи аз бехобӣ тамом хушк ва холигаштаамро андаке пур кунам.

Хайр, ҳоло хоб набарад, баръакс, беҳтар аст. Охир маро барои хизмат кардан ба гурӯҳи ҳоҷиён ба ин сафар шарик кардаанд. Рост, ки ҳамсафарони ман аз комиссияҳои синчакори тиббӣ гузашта, аз бемориҳои сироятие, ки дар хориҷа ҳаст, масалан, аз обила, вабо, тоун, вараҷаи тропикӣ эм карда шудаанд. Бо вуҷуди ин ҳушёр бояд шуд. Яке аз ходимони идораи динӣ дар Маскав хеле мулоимона ва ба тарзи маданӣ таъкид карда буд, ки «барои зиндаву саломат баргаштани ҳар як ҳоҷӣ бо сари худ ҷавобгар ҳастед». Пас, Худо накарда, касофате шавад, ҳафт сар дошта бошам ҳам, ба ҷарима боз камӣ мекунад. Маълум, ки аз замони қадим ҳар яке аз уммати расули Худо орзу дошт, ки дар зиндагии чашмаш макони муқаддасро ақаллан як бор зиёрат кунад ва ҳар шахсеро, ки ё аз касалӣ ё аз қашшоқӣ дар остонаи хонаи шарафошёнаи парвардигор «ҷон ба ҷонофарин месупурд» ҳамчун бандаи муътабари худо, ё ҳатто зоти азиз ва авлиё шуҳрат медоданд.

Кӣ медонад, мегуфтам ман худ ба худ ҳанӯз он рӯзҳое ки бо ҳамсафарон шинос нашуда будам, рафту яке аз ҳамроҳон бо ҳила ё тақале ба чашми духтурҳо хок пошида, аз комиссияи тиббӣ сиҳат-саломат, дурусттараш, носиҳат ва носаломат гузашта бошад? Магар кам воқеъ шудааст, ки мо, муҳофизони сиҳатии мардум, гоҳо ба роҳхати курортӣ ё бюллетени бемории касоне имзои муборак мегузорем, ки эшон агар кӯҳро зананд, талқон мекунанд?

Ҳо, ана ду қатор пештар аз курсии мо, ҳазрати Наримон сари тосашонро дар шуои чароғ ялаққос занонида ва ҳурроки марғуладору ҳуштакомези худро ба садои моторҳои ҳавопаймо ҷӯр карда хобидаанд. Агар ба ҷои духтурҳои шаҳри ин кас[1] ман мешудам, эшонро ба зиёрати

---

[1] Аз сабаби нозукиҳои муносибате ки байни мо ва ходимони дин ҳаст, маҷбурам, ки аз кадом шаҳр ё республика будани баъзе аз ҳамсафаронро нагӯям.

Арабистони Суудӣ он тараф истад, ҳатто ба саёҳати одии кишвари худашон ҳам аз даҳ фарсах наздиктар намемондам. Дили ҳазрати Наримон то андозае озурдаву иллатӣ шуда мондааст, ки помидораки суп-сурхи пухтарасида ва аз расида ҳам хело гузаштаро ба хотир меорад.

Ба ин гуна помидор бо нӯки ангушт саҳл расиданатон кифоя аст, ки… Хайр, он тарафашро нагӯем, ҳам мешавад.

Мо пеш аз сафар дар яке аз меҳмонхонаҳои Виставкаи комёбиҳои хоҷагии халқ, дар тарафи рости проспекти Сулҳ истиқомат доштем. Рӯзи дувум ҳафт-ҳашт нафар ҳоҷиҳои оянда якдигарро аз рӯи ришу фаш ва саллаву ҷома шинохта, ба як хона ҷамъ омада суҳбат мекарданд. Камина ҳам он ҷо будам ва аз маврид истифода бурда кори худро мекардам, яъне бо ҳамсафарон шинос шуда, ному насаб, синну сол, маълумоти мухтасареро дар бораи касалиҳои аз сар гузаронидаашон ба дафтарчаам аз рӯи эҳтиёт қайд карда, таассуроти аввалинамро дар бораи ранги рӯю дараҷаи эҳтимолии саломатиашон навишта мемондам.

Ногоҳ як хизматгори меҳмонхона бо шаст ворид шуда, дар ҳолате ки аз воҳимаю изтироб қариб нафасаш мегашт, пурсид:

– Духтури шумо канӣ? Як бародаратон… дар он ҷо… берӯзӣ аҳволаш бад…

Ана ҳамин ҳазрати Наримон дар хонае рӯи кати симин нимбеҳушу нимҳушёр мехобиданд. Набзашонро дидам, ки дили бечораашон дили кабӯтар барин ба бозӣ даромадааст. Ба ҳамсафарони ҷавонтарам, ки аз паси ман давида омада буданд, фармудам, ки тирезаи хонаро калон кушоянд. Яке аз онҳо ҷомадони дорувор ва асбобҳои маро аз хонаам бардошта омад.

Ҳазрат баъди ним соати сӯзандору кардан ҷон гирифта ва нимхез шуда, ба кат нишастанду ба нутқ даромаданд:

– Ҷанобони муҳтарам! – гуфтанд ҳазрат ва чанд сония ба чеҳраҳои мо зеҳн монда, аз афти кор, мулоҳиза карданд, ки оё нутқашонро ба ҳамин оҳанг давом диҳанд мешавад, ё на. Пас, ба хулосае омаданд, ки мешавад ва суханро идома доданд: – Ҷанобон! Ман аз шодӣ чӣ

гуфтанамро намедонам. Не нагӯед, намедонам. Ман бисёр мамнунам, ки шарикони худро дар ин сафари муборак дида истодаам. Бандаи худои таоло беҳисоб аст, аммо ин гуна шараф насиби ҳар кас намешавад. Не нагӯед, намешавад.

Ҳуш аз сарам парид. Наход ҳамин одам бо чунин дили иллатӣ озими сафари дурударози душвор шуда бошад?

– Ҷаноби духтур, – изҳор намуд ӯ дар ҷавоби саволи ман. – Ман аз авлоди хоҷаҳо ҳастам, яъне ҳафтод пуштам асилзода гузаштааст. Не нагӯед, гузаштааст. Ба қавли ман бовар кунед, ки хоҷа Наримон мисли асп бардам ва бақувват аст. Не нагӯед, бақувват аст.

Ба «ҷаноб» гуфта ба ман муроҷиат карданаш эътироз кардан мехостам. Аммо тарзи суханронииаш ба гӯшам чунон ғайриодӣ мерасид, ки эътирозам аз хотир баромад.

Ҳамон рӯз дар яке аз шуъбаҳои Совети Вазирони СССР ҳамаи ҳоҷиҳоро қабул карда, суҳбате оростанд. Ба мо дар бораи Республикаи Муттаҳидаи Араб, Республикаи Судон ва Арабистони Саудӣ, ки ба он ҷоҳо сафар хоҳем кард, мухтасар нақл карданд. Гуфтанд, ки ҳоҷиён ҳарчанд ходимони дин ҳастанд, аммо гражданҳои мамлакати Советӣ ҳисоб меёбанд ва бинобар ин ҳар ҷое ки набошанд, бояд тавре рафтор кунанд, ки муносиби ин ном бошанд.

Ман аз маврид истифода бурда, дар бораи касалии ҳазрати Наримон хабар додам, изҳори тааҷҷуб кардам, ки чӣ гуна ин одам бо дили дардманд ба чунин сафари серташвиш иҷозат гирифтааст. Сардори мо Қориака маро тарафдорӣ намуданд ва гуфтанд, ки ҳанӯз ки то сафар фурсат ҳаст, духтурҳои Маскав саломатии эшонро дурусттар бисанҷанд. Лекин ҳазрат бо ҷӯшу хурӯше аз ҷой барҷаста, дастони дарози худро дар ҳаво ҷавлон дода ва чашмони калон-калонашонро ба чаҳор тараф чарх занонида, ба аҳли маҷлис хабар доданд, ки эшон аз хоҷаҳои асил мебошанд ва ҳафтод пушташон поку покиза гузаштааст ва қавли хоҷа Наримон ин аст, ки аз фил ҳам саломату бардамтарин ва ба якто не, садто сафари гирдо-

гирди ҷаҳон метавонанд тоб оваранд. Агар касе ба азми наҷиби ин кас халал расониданӣ бошад, чунон дуои бади дастабиринҷӣ насибаш хоҳад шуд, ки дар ду дунё як рӯзи некро надида, то абад туъмаи азобу шиканҷаҳои гӯшношунида хоҳад гардид. Не нагӯед, гуфтанд ҳазрат дар охири суханашон, туъмаи азоб хоҳад гардид.

... Касе такягоҳи курсиро ҷунбонида, маро аз дарёи хаёлот берун овард.

– Духтурҷон, як тамоку кашем.

Ин марди лӯндаи фарбеҳ яке аз ҳамсафарони мо – хатиби масҷиди шаҳри М. Мулло Ӯроқака буд. Панҷ рӯз мешавад, ки ӯ дар тамокукашӣ ба ман шарик аст.

Пачкаи сигаретаро аз халтачаи такягоҳ бароварда, ҳамроҳи гӯгирд ба ӯ дароз кардам.

– Раҳмат, гӯгирд дорам, – гуфт ӯ ва сигаретаро оташ гиронида, як-ду қуллоб дудро ба шифти салон сар дода, ба ман табассуми меҳрубононае эҳсон карду ба ҷои худ рафт.

## САФАР БЕХАТАР БОДО!

Исрофил бедор шуда, маро нихтакунон ба берун ишора намуд. Домани шарқии осмон кабуд шуда буд. Тулӯи хуршед наздик мерасид.

– Аҷабо, ҳоло дар куҷо бошем?

Ҳангоме ки дар аэропорт будем, мӯйсафеде пурсид, ки кай ба манзил мерасем. Ходими аэропорт гуфт:

– Баъди панҷуним соат ба Қоҳира ва пас аз се соати дигар ба Хартум мерасед.

Яке аз русидонҳо ҷавоби ӯро ба таври зерин тарҷума кард:

– Худованди раҳим меҳрубонӣ кунад, панҷуним соат парвоз карда, иншооллоҳ, ба шаҳри муаззами исломия – Қоҳираи муборак мерасем ва агар парвардигори карим сафарамонро бехатар гардонад, боз се соати дигар парида, ба манзил хоҳем фаромад. Оллоҳи таоло дар паноҳи кибриёии муаззамаш нигоҳ дорад!

Ҳама «омин!» гӯён даст ба рӯй кашидем.

Агар рӯз мешуд, стюардессаҳо ҳар замон эълон мекарданд, ки ба фалон ҷо омадем, ҳарорат фалон дараҷа аст ва ҳоказо. Ҳоло ҳама дар хоб. Ба тахминам, ҳозир мо бояд дар осмони Юнон бошем.

Ман аввалин бор ба хориҷа меравам. Яқин медонам, ки ҳар чизе аз имрӯз эътиборан мебинам, барои ман ғайриодӣ, аҷоиб хоҳад буд. Оламе ки ба он қадам мениҳам, аз дунёе ки солҳои сол бароям шиносу наздик буд, аз дунёе ки аз они ман аст, тафовут хоҳад дошт. Инро яқин медонаму бо вуҷуди он ояндаи ноаён дар вуҷудам изтиробе бедор кардааст. Чӣ хоҳад шуд? Чӣ рӯзҳое ба сарам хоҳад омад?

Росташро гӯям, ба ҳодисаи бароям ғайримунтазир ҳанӯз дар хоки худамон дучор омада будам. Бори нахуст дар умрам ҷомадонҳои маро дар аэропорт кушода такурӯ карданд. Ман ду ҷомадони хурд дорам, дар яке сарулибосу за-

хираи сигарет ва қанду чои кабуд, дувумаш пур аз дорувор ва асбобҳои тиббие, ки дар ҳар қадам лозим хоҳанд шуд. Як нафар одами ҷавон, ки аз афташ, ходими боҷхона буд, ҳар як қуттичаи доруро даст-даст карда медид, мағзи тӯбчаҳои докаи ҷароҳатбандиро кушода нигоҳ мекард. Аз ҷомадони дигар пачкаҳои сигаретаро гирифта, чандтои онро тахминан ҷудо карда, вазнашонро бо дасташ санҷид. Пачкаи қанди бурида (рафинад)-ро даронида дид. Ба ҳамаи ин ором нигоҳ карда меистодам. Ҳарчанд мефаҳмидам, ки ин расмияти зарурист, дилам ғаш мекард. Дар хонае ки дар ҳузури шумо ягон чизи қиматбаҳо гум шудааст, худро ҳамин гуна носозу ноҳинҷор ҳис мекунед.

Ходими боҷхона фотоаппарати маро ба даст гирифт, ғилофашро кушод ва ба ин сӯву он сӯяш нигоҳ карда, ба ҷояш монд. Пас се ғалтак фотоплёнкаи захиравии ба коғази сиёҳ печонда мондаамро ба даст гирифт.

– Плёнка? – пурсид ӯ.

– Ҳа.

– Нав?

– Ҳа.

Ғалтакҳои коғазпечро андешамандона даст-даст карда диду якеро кушоданӣ шуд, аммо накушод ва боз пурсид:

– Ҳеҷ кадомаш аксе надорад?

Дар ин лаҳза намедонам маро чӣ ҷини каҷалак зад, ки дигар тоқатам тоқ шуд. Худам нафаҳмида мондам, ки чӣ тавр хун ба сарам зада ва аз шиддати изтироб суп-сурх шуда, бо овози ларзон қариб фарёд кашидам:

– Нав гуфтам-ку! Ба гумони шумо, ман кистам? Ман духтури советӣ ҳастам. С о в е т ӣ, ф а ҳ м и д е д?

Зоҳиран, бори якум набуд, ки ходими боҷхона ин гуна муомиларо медид. Вай ба сӯям як нигоҳи таасуфомезе афканда, аз наздам дур шуд…

Самолёт ҳамчунон ором роҳ мепаймояд. Гоҳ-гоҳе ягон кас аз экипажи он ба ин сӯву он сӯи салон гузашта, ба мусофирон назар мекунад. Ба хаёлам, ба ҳамсафарони саллаву ҷомадори ман назар ба дигарон бештар менигарад.

Ана, ҳазрати Наримон бедор шуда, аз ҷой бархостанд

ва ба роҳрави мобайн баромада, хамёза кашиданӣ ҳастанд. Аммо шифти на чандон баланди салон ба иҷрои нияти ҳазрат монеъ шуда истодааст. Ин хел қади баланд, дасту поҳои дароз-дарози бебаркашро ман тахмин панҷ сол пеш аз ин дар ҳайати командаи баскетболбозони кадом як республикаи назди Балтика дида будаму бас.

Ба пеши ҳазрат рафтам.

– Дил чӣ тавр, ҳазратам?

– Хуб аст. Муташаккирам, ҷаноб, муташаккир.

Мулло Ӯроқака аз дур маро дида шитобон омад.

– Якта дуд кунем, ука.

Аз ҷои нишастам сигарета оварда додам.

– Мебахшед, гӯгирд ҳам он ҷо мондааст.

Гӯгирд ҳам овардам. Баъд аз сар то думи самолёт гашта, ҳамсафарони худро аз назар гузарондам. Аксарият мехобид.

Ҳаво ба дараҷае равшан шуда буд, ки замин акнун хуб менамуд. Ростӣ, он чизе ки менамуд, замин не, баҳр буд. Оби сермавҷ аз ин масофа чун паҳлуи пулакчадору симобранги шӯрмоҳӣ метофт.

Исрофил бедор шуд.

– Қурбон, нахобидӣ?

– Не.

– Чаро?

– Нашуд.

Исрофил «ҳм» гуфту боз чашм ба тирезачаи пеши худ дӯхт.

Мо ду рӯз боз ба ҳамдигар «ту» мегӯем. Ман аз ин бағоят хурсандам. Дар ин чанд рӯзи қабл аз сафар бисёр мешуд, ки дар ҷамъияти ҳамсуҳбатони навам худро бениҳоят танҳо ва ғариб медидам.

Ба Маскав омада шаби аввалро дар меҳмонхонаи Виставка ҳамроҳи бухгалтери яке аз колхозҳои Кубан ва як механизатори эстон гузаронидам. Бухгалтер шоҳмот ёфта омад, секаса то нисфи шаб бозӣ кардем. Одамони хушчақчақи кушодарӯй буданд.

Рӯзи дигар аз кӯча бевақттар баргаштам. Дар пешгоҳи

хона ду нафар аз ҳамсафарони ояндаам ҷойнамоз густурда рӯй ба девори ғарбии хона намози хуфтан мехонданд. Пас гашта ба роҳрав баромадам ва аз навбатчӣ пурсидам, ки ҳамхонаҳои дирӯзаам ба куҷо рафтанд? Охир онҳо дар ин ҷо боз як ҳафтаи дигар зистанӣ буданд-ку?

Маълум шуд, ки бо фармони касе ҳоҷиҳоро аз дигарон, яъне аз номусулмонон, ҷудо карда, дар 5-6 хона якҷоя карданд. Ин тадбир барои намозхонӣ ва хӯроку хуфту хоби онҳо шароити соз фароҳам меовардааст.

Ҳамхонаҳои навам ҳанӯз рӯи ҷойнамоз нишаста, тасбеҳ мегардониданд. Оҳиста ба як гӯшаи кати худ нишастам. Аз тиреза биноҳои баланди проспекти Сулҳ менамуданд. Лавҳаи неонии кинотеатри навбунёди «Космос» дар ҳавои софу серуни баҳорон чун ёқути сабз медурахшид. Аз он лавҳа чашм кандан душвор буд: ҳарфҳои калон-калони ба як паҳлу хамида бо ҷило ва ларзиши саҳл аёни худ диққати касро хоҳу нохоҳ ҷалб мекарданд.

Аз тиреза рӯй тофта, ба шифти хона нигоҳ кардам. Аммо бо ин ҳам нашуд. Акнун гӯё пичирроси исроркоронаи ҳарфҳо ба гӯшам медаромад, ки «космос…космос» гӯён мағзи маро қитиқ мекард, хаёламро ба ким-куҷоҳо мебурд.

Ҳамхонаҳо ҷойнамозро ғундошта бархостанд ва ман тозон рафта, пардаро ба рӯи тиреза пӯшидам…

Бомдодон овози Темурҷонқорӣ маро бедор кард. Вай қуръон тиловат мекард. Дар паҳлуяш Оллоҳназарқорӣ ба зону нишаста, ба зарби қироат калла меҷунбонид ва пичир-пичир мекард.

Темурҷонқорӣ ҷавони хушрӯй, хушқаду баст ва тануманди 23-сола аст. Вай дар курси нуҳуми мадрасаи Мири Араб мехонад. Ҳо, маҳз ҳамон мадрасаи динии Мири Араби Бухоро, ки Садриддин Айнии мо дар охири асри гузашта хатм кардааст. Темурҷон ҳанӯз ду сол муқаддам қорӣ шуда буд, яъне қуръонро аз ёд хонда метавонистагӣ шуд. Имсол, баъд аз ҳаҷ таҳсилро ба поён расонида, ба ягон вазифа таъйин хоҳад шуд.

Оллоҳназарқорӣ мадрасаи мазкурро панҷ сол қалб аз

ин тамом кардааст. Вай дар яке аз шаҳрҳои қадимаи Осиёи Миёна имоми масҷиди ҷомеъ мебошад.

Гоҳо мешавад, ки кас аз хоб бедор шуда, воқеияти атрофи худро дарҳол дарк карда наметавонад. Ман чанд лаҳза дар гумон будам, ки ҳанӯз дар хоб ҳастам. Ин ҷо меҳмонхонаи Маскав аст, мегуфтам худ ба худ. Ман духтури тоҷик Қурбон Маҷидов. Хайр, киву чӣ будани ман дар ин ҷо чӣ аҳамият дорад? – мепурсидам боз аз худ. Ҳа, мехостам бигӯям, ки ин ҷо Маскав аст ва ман дар меҳмонхонаи Маскав хобидаам, мо пагоҳ-фардо ба ҳаҷ меравем, ҳамхонаҳои ман намоз мехонанд.

Мехостам бигӯям, ки ман бедорам.

Чандин соли умри ман дар Маскав гузаштааст. Дар кӯчаву магазинҳои Маскав не, дар лабораторияҳои институт ва клиникаҳои ин шаҳр, дар ҳузури духтурҳои ботаҷриба, дар суҳбати донишмандони илми тиб. Чашмамро бандед ҳам театру музейҳо, залҳои консертӣ, кӯчаҳои ҳамеша ботаровати ин шаҳрро ба осонӣ пайдо карда метавонам. Бисёр шудааст, ки дар ягон гӯшаи кишвари худ мегаштаму банохост шамоли нарму хушбӯи вестибюлҳои метро ба димоғам мезад ё садои поезди ба тоннел даромада рафтаистодаи он ба гӯшам мерасид.

Ҳарчанд кирдору хулқу атвори ҳамсафарони ояндаамро ба худ даҳҳо маротиба тасаввур карда будам, ҳоло шунидани тиловати қуръон маро як дараҷа гаранг карда буд.

Бародари ман коркуни радио асат. Боре бо коре ба пеши ӯ ба студияи радио рафтам. Вақт ба консерти пешинии барои коркунони хоҷагии қишлоқ наздик шуда буд. Ҳофизон, созандагон дар зали студия чақ-чақ карда менишастанд. Тасодуфан яке аз дарҳои студияро кушода дидам, ки ҳофизи миёнсоле дар мобайни аппаратҳои нави идоракунандаи овоз, мошинҳои мукаммали овознависӣ ба рӯи қолини фарш газетаеро паҳн карда намоз мехонад.

Ин манзара маро ба ҳайрат андохта буд, вале на ба ин дараҷае ки ҳоло тамом моту маҳбут гаштаам.

Темурҷонқорӣ ва Оллоҳназарқорӣ ба бистарҳои худ даромада хобиданд. Ман ба кӯча баромадам. Мошинае кӯчаҳоро рӯфта тоза мекард. Ягон-ягон роҳгузарон ба назар мерасиданд. Як села зоғони сиёҳ дар болои гунбади сабзи калисои куҳна қар-қаркунон болафшонӣ мекарданд. Ин ҷо даҳ-понздаҳ сол муқаддам, аз афти кор, деҳаи одии назди Маскав будааст ва онро аз чӣ сабабе Малая Москва, яъне Маскави Хурд мегуфтаанд. Ҳоло биноҳои меҳмонхонаи Виставка, хонаҳои истиқоматӣ бо майдону хиёбонҳои барҳавояшон ҳама ҷойро банд кардаанд. Фақат ҳамин калисои сабз дар мобайн чун ёдгории замони гузашта мондааст.

Ба проспект баромада, пиёда сайркунон гаштам. Он рӯз 22 апрел буд. Мардум рӯзи таваллуди Ленинро қайд мекунанд. Пионерони мактаби ҳафтуми Душанбе он рӯз писарчаи калони маро ба пионерӣ қабул мекарданд.

Вақте ки ба хона баргаштам, ҳамсафаронам машғули ношто буданд. Оллоҳназар рӯймоли миёнбандашро ба рӯи миз паҳн карда, миқдоре қанди бурида ва кулчаҳои аз хона овардаашро рехта буд. Нону қанду чой тановул мекарданд.

Ҳоҷиҳо то даме ки дар Маскав буданд, аз хӯроки буфету ошхонаҳо истеъмол намекарданд. Субҳ ва шом дар хонаҳои худ нону чой мехӯрданд. Таоми нисфирӯзиро ё ба ресторани «Ӯзбекистон» рафта мехӯрданд, ё ба ресторани «Боку». Ба қавли онҳо фақат дар ин ду «ошхонаи мусулмонӣ» хӯроки ҳалолу покиза буду бас.

Ман ҳам аз буфет ҷурғот ва тухми ҷӯшондагӣ овардам. Якҷоя таҳтӯл кардем, вале суҳбати мо шира намегирифт.

Оре, то қаробат пайдо кардан бо Исрофил ман дар гурӯҳи ҳаждаҳнафарӣ худро танҳо ҳис мекардам. Аз ин сабаб «ту» гуфта муроҷиат кардани муллои Уфа ба гӯшам гуворо мерасид.

Нури офтоб акнун хуб паҳн шуда, баҳр ранги нилобии сабзтоб гирифта буд.

Аз пеш гӯшаи ғарбтарини Осиё намудор гардид. Пас, баъди 10-15 дақиқа ба осмони Африқо дохил мешавем.

Кайҳоннавард нашуда ҳам дар ним соат замини се қитъаи бузургро дидан мумкин будааст.

Дар поён – канали Сувайш. Гӯё ба рӯи коғази зарди нақшакашӣ ҷадвали кабудеро ниҳодаанд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои ҷадвал нуқтаҳои сафеду сиёҳ метобанд. Инҳо, яқин, киштиҳоянд, ки роҳбаландони мисрӣ аз канали худ мегузаронанд. Агар мудохилаи давлати мо намешуд, ҳафт сол пеш аз ин бо баҳонаи ҳамин канал ҳам ҷанги калоне сар шуда мерафт, хуни ҳазорон, ё эҳтимол, миллионҳо нафар мардуми бегуноҳ мерехт. Олимон ҳисоб кардаанд, ки дар таърихи башар понздаҳ ҳазор маротиба ҷанг шуда, ҷамъ дуним миллиард одам талаф гардидааст. Ҳамеша зӯр камзӯрро азоб медод, ҳақиқат дар ҷониби касе буд, ки ҳамёни ғафстаре дошт. Дар ҳамин даҳ соли охирин ҳам чанд бор шуд, ки мудохилаи сулҳҷӯёнаи халқи мо дастони ба хунрезӣ омодаи ҷангталабонро аз ҷиноят боздошт. Гӯё дунё то ба ҳамин қарибӣ хонаи пур аз писарбачаҳои худсари ҷангара буд, ки ба ҷуз дарафтидан ба ҳамдигар «дилхушиеро» намедонистанд. Ба ин хона акнун марди хирадманд ва тавоное қадам ниҳода, бачаҳоро бародар ва мураббӣ шудааст.

## ОИД БА ХОБ, АБАДИЯТ ВА ДИГАР МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ

Ҳанӯз ба замини Қоҳира нафаромада, сардорамон гуфтанд, ки ба ҳар тараф парешон нашуда, дар як ҷо нишинем. Марди ғафси чорпаҳлуе, ки аз фармонфармоияш амалдори аэропорт буданаш аён буд, моро ба пешгоҳи зали калоне ҳидоят намуд.

Қориака пешопеши гурӯҳ мерафтанд. Ин кас марди хушандоми сафедрӯй буда, қади аз миёна баландтаре доранд. Саллаи сафеди абрешимини басо хушрӯй ва нозук басташуда, ҷомаи нави зарбофт бо шими чучунҷаи наботиранг ва туфлии локии нафисашон ба ҳам шинам афтода, ба қиёфаи роҳбари мо ҳам савлати хосси рӯҳониёни тақводор, ҳам андаке тобиши олуфтаёнаи ҳозиразамона додааст.

Аз дунболи он кас тарҷумони гурӯҳ, донишманди забон, адабиёт ва таърихи араб Абдусамадака, баъд чор нафар мӯйсафедони саллаву ҷомадор ва аз паси онҳо ҳоҷиёни миёнсол мерафтанд, ки либоси ҳозиразамону қадимаро ба ҳам омехта дар бар карда ва тӯпиҳои чустӣ, гулдӯзӣ ё махмалии қазонӣ пӯшидаанд.

Бори нахуст буд, ки ин қадар аҷнабиёни гуногунзабонро якбора медидам. Азбаски ҳама аз фуруд омадани самолёти советӣ огоҳ буданд, ба ҳамсафарони ман бо назари синчакоронаи тааҷҷубомез менигаристанд. Фақат ба камина касе аҳамият намедод, зеро мӯйсар доштам, ба китфам фотоаппарат овехта будам ва дар танам ҳамон либосе буд, ки одатан дар Душанбе мепӯшидам.

Дар атрофи Қориака ҳалқа гирифта нишастем. Қориака бори савум ба ҳаҷ мераванд. Миср, Лубнон, Сурия ва Арабистони Суудиро хуб медонанд. Ҳоло дар бораи Ал-Азҳар – донишкадаи динии Қоҳира нақл мекунанд, ки дар он зиёда аз ҳаштод ҳазор кас мехонад. Ал-Азҳар бузургтарин

мадрасаи динии олами ислом аст ва барои ҳамаи мамлакатҳои исломия ходимони дин тайёр мекунад. Тарҷумони мо Абдусамадака чанд сол пеш ҳамин донишкадаро хатм карда, мударриси Мири Араб таъйин шудааст.

Мулло Ӯроқака аз паҳлу омада, имо кард, ки ба канора бароям.

– Якта нашъа кунем, – гуфт ӯ ҳангоме ки аз давра дур шудем.

Ҳар ду сигарет дуд кунонидем.

– Дар ҳузури Қориака тамоку кашидани ман нағз намешавад, – шарҳ дод ӯ. – Аммо ба шумо ҷоиз аст, шумо духтур, – фатво дод мулло Ӯроқака пас аз дақиқае.

Сонӣ хомӯш мондем.

– Айрапӯрташон баҷо будааст, – гуфт ӯ баъди муддате.

– Ҳа беҷо не.

Боз сукути давомдоре ба миён омад.

Хайрият, ки Исрофил омад. Вай аз бағалам гирифта, таклиф кард, ки ақаллан залҳои аэропортро сайр кунем. Қориака аз ҷоятон наҷунбед, гуфта буданд. Лекин ҳамроҳи Исрофил гаштан мумкин, чунки вай муовини сардори гурӯҳ интихоб шудааст. Ҳанӯз дар Маскав бо тавсияи Қориака интихоб карда будем. Дар ягон номаъқулӣ сардор шарикатон бошад, шуморо ҳеҷ бало намезанад.

Дар дуконе ҳар гуна чизҳои ёдгорӣ, дар дигараш – рӯзнома, китобчаву суратҳои ранга мефурӯхтанд. Дар паси тавораи шишагин ходимони флоти ҳавоии Республикаи Муттаҳидаи Араб нишастаанд. Дар пеши буфет европоиён ва якта-нимта аз мардуми Осиё ва Африқо рост истода, ё ба курсиҳои баланд нишаста, қаҳва, май ва коктейлҳои гуногун менӯшанд. Ману Исрофил аз пули инҷоӣ як мирӣ ҳам надорем, ки лоақл оби мева бинӯшем.

Дар шафати буфет дукончаи сарроф воқеъ гаштааст. Мардаки қавиҳайкали сиёҳҷурда бо шогирди худ пул шумурда даста мекунад. Дар болои пештахтаи дукон лавҳаеро рост мондаанд. Ин нархномаест, ки қимати нисбии пули

Мисрро нисбат ба доллар ва фунту франку маркаю лираҳои Европа ва дикору риёлу рупияву курушу дигар навъ пулҳои Осиё ва Африқо муқаррар мекунад.

Сарроф аз чӯту қоғазҳои рӯи мизаш сар бардошта, ба мо салом дод.

– Русия?

Бале, гуфтем мо, аз Иттифоқи Советӣ.

– Vou are nice people,[1] – гуфт сарроф табассумкунон ва дасти росташро аввал ба лаб ва баъд ба фарқи сараш расонида табрик кард, аз афташ, хуш омадед, қадаматон болои сар гуфтанӣ буд.

Хайрият, ки дар вақташ забони англисиро зӯр зада, бо машаққате андак омӯхта будаам ва ҳоло то даме ки суҳбат аз мавзӯъҳои одӣ берун наравад, бо азобе бошад ҳам, саволу ҷавоб карда метавонам.

Мо ба сарроф изҳори миннатдорӣ кардем ва дар навбати худ гуфтем, ки мардуми мо ба аҳли Республикаи Араб басо хайрхоҳанд. Мо толиби дӯст ва дӯстӣ ҳастем.

– Одами нағз будааст, – гуфт Исрофил, ҳангоме ки ба назди ҳамсафаронамон бармегаштем.

– Аз куҷо донистӣ?

– Аз муомилааш. Ситорааш ҳам гарм.

Шояд одами хуб бошад, мегуфтам дар дилам. Аммо хислати аҷиб доштааст. Худашро арӯси давлатманди асри миёна барин бо зару зевари бисёре оро додаасат. Занҷирчаи сари синааш тилло, чанд ангуштарини болои ҳам ба ангуштони сергӯшт гузаронидааш, ҳатто тугмаҳои остину пуччаки галстукаш тилло. Ҳамаи ин тугмаю пуччаку ангуштарину занҷираҳо аз лаълу зумуррад ва алмосу забарҷад нигинҳои гаронбаҳо доранд, ки агар ба пул иваз кунад, баҳузур як табобатхонаи кори калони ҳозиразамон сохтан мумкин.

– Чаро ба хаёл рафтӣ? – пурсид Исрофил.

[1] Шумо одамони хуб ҳастед (англисӣ).

Ман хаёли худро гуфтам.

– Ба ту монанд, рӯи оламро аз табобатхона пур кунӣ.

– Табобатхона нафъ дорад. Воқеан, нафъи вай аз дуою тӯмор камтар набудагист.

– Ман дар умрам ягонта тӯмор нанавиштаам.

– Хайр-дия, баъди ҳаҷ ту ҳам менависӣ.

– Эҳтимол. Лекин тӯмори аввалинро ба ту менависам.

Эълон карданд, ки таваққуфи мо ба охир расид. Ба берун баромадем.

Офтоб, зоҳиран, ба қитъаи Африқо меҳри махсусе доштааст. Аз бетони саҳни аэровокзал ҳаври оташин бармехост. Ҳавои тафсон меларзид ва мавҷ мезад. Дар водии Вахши худамон баъзе рӯзҳои саратон гармо ба 40-45 дараҷа мерасид ва ман дар он ҷо ҳафтаҳо ва моҳҳоро бидуни оҳу воҳу шикваю шикоят гузаронидаам. Аммо дар ин ҷо ба нафасгардон шуданам кам монда буд.

Ҳоло ба Хартум меравем, ки вай якуним ҳазор километр дар ҷанубтар ва ба хатти устуво наздиктар аст.

Нури офтоб ба дараҷае равшан ва чашмбаранда аст, ки ношукртарин бандаи худо ҳам ба ихтироъкунандаи айнаки сабз ҳамду сано мехонад.

Боз ба ҳаво баромада будем, ки стюардессаҳо наҳорӣ оварданд. Барои артистони сирки Хитой ва чанд нафар урупоиён, ки дар самолёт боқӣ монда буданд, ба қадаҳҳо якҷуръагӣ коняк оварданд. Ба мо, ҳоҷиён, наоварданд. Қориака ба духтаракон гуфтаанд, ки ҳоҷиҳо шароб наменӯшанд.

Хеле хуб. 17 ҳоҷӣ нанӯшад, ихтиёраш. 18-умаш менӯшад. Шояд ки хоби гурезон пас ояд.

Ба буфет, ба назди стюардессаҳо рафтам.

– Нозанинҳо, ҳаққи маро бидиҳед.

Як қадаҳ шароб ва барои газак гӯшти яхнӣ ва як чизи лӯбимонанди сабз ҳам доданд.

Метавонед ҳаққи шариконатонро ҳам бинӯшед, – гуфт яке аз духтарон, ки аз ҳама шӯх ва бебоктар менамуд.

– Раҳмат. Ба се шиша шароб нӯшидан таҷриба даркор.

– Шумо магар ҳоҷӣ нестед?

– Ҳоҷӣ, духтури ҳоҷиҳоям.

– Пас шароб нӯшиданатонро ба сардоратон хабар диҳам-чӣ? – ҳазломез гуфт духтарак.

– Салоҳ намебинам. Пагоҳ-фардо – иди Якуми Май. Агар сардоратон фаҳмад, ки ба хабаркашӣ ва ҷанг андохтани мусофирон ҳавас доред, аз мукофоти идона маҳрум мешавед.

... Дар поён биёбони Либия домани хушкашро паҳн кардааст. Баъди соате биёбони Нубия оғоз хоҳад шуд. Биёбон аз паси биёбон. На дарахте ба мадди назар мерасад, на кӯле ва на дарёе. Замони пеш мешуд, эҳтимол, ягон корвони уштурҳоро дидан мумкин буд. Ин маҳалҳо ҳазорон сол инҷониб, ҳатто аз ҳазорон соли пеш аз милод то ба ҳамин қарибиҳо майдони муҳорибаҳои хунин буд. Мисриҳо, ҳабашҳо, қабилаҳои Судони ҳозира, лашкари пайғамбарамон ва сонитар англисҳо ба ин ҷо, барои замин, барои ҳокимият тохтутозҳо карда, хуни якдигар мерехтанд. Бо баҳонаи орӣ намудани дини нав, паҳн кардани мазҳаби нав, бо баҳонаи дигар кардани султон ва ғайра ва ҳоказо. Дар ин биёбонҳо давлатҳои гуногун пайдо шуда, хароб гаштаанд, шаҳрҳо воҳаҳо ба вуҷуд омада, боз ба коми таърихи пир ғайб задаанд.

Ҳар гоҳ ки хаёл ба сайри кӯчаи дурударози таърих рафт, ҳатман аз он кӯча ҳам гузашта, худро ба роҳҳои аз он калону ношиностар меандозад, ки он роҳҳо Умри коинот ё Абадият ном доранд. Баъд як замон ҳушёр шуда мебинед, ки ба тангкӯчаи сарбастаи торике даромада мондааст ва роҳи баромадро наёфта, чун моҳии аз об берун афтода, ба худ метапад.

Аммо ман Искандар ном ҷӯраи ҳамкасаба дорам, ки аз ҳамин гуна тангкӯча ҳам роҳ меёбад. Тобистони гузашта ӯ маро ба саёҳати он сӯи қаторкӯҳи Ҳисор бурда буд. Гӯшаҳои беодами кӯҳистони ҳақиқиро бори аввал медидам.

Дар роҳ худро дар домани як кӯҳи сар ба осмон кашида, дар байни анбӯҳи харсангҳое ки ҷуссаи онҳо аз пайкари ман миллионҳо маротиба калонтар ва пиртаранд, дида, вуҷудамро салобати ваҳмомезе фаро гирифт. Мани дар водӣ таваллудёфта ва ба воя расидаро азамат, ҳашамат ва маҳобати кӯҳсор, манзараи ин музеи пураасрори табиат тамом моту маҳбут гардонида буд.

Искандар бошад, аз муҳити одатии худ ба шавқ омада, дар бораи умри бесару анҷоми коинот, дар бораи абадият сухан мекард.

– Ту ба девор гап зада истодаӣ, – гуфтам ман.

– Ту ростгӯй ҳастӣ, – гуфт ӯ қоҳ-қоҳ хандида. – Ман туро барои ҳамин хислатат дӯст медорам.

– Налақ. Ман дар ин мавзӯъ бисёр чиз хонда ва шунидаам. Лекин аз як гӯшам медарояду аз дигараш мебарояд. Чизе дар мийям таҳшин намешавад.

– Чаро?

– Чунки ҳама гапҳои умумӣ ва ягон тасаввуроти аниқу муайян нест.

– Э бечораяк! Чӣ будани абадиятро ба худ тасаввур карда наметавонӣ? – гуфт ӯ бо оҳанги муаллими аз кор хасташудае, ки баъди дарс бо шогирди қафомондааш машғулияти иловагӣ мегузаронад. – Хайр, бигӯ ки чанд соли таърихро тасаввур карда метавонӣ?

– Чанд сол? Гирем, панҷ-шаш ҳазор солро.

– Боракалло, ҳоло ҳам дурустӣ, – гуфт Искандар. – Ин панҷ-шаш ҳазор солатро ба як сӯ мону як ҳавзи… не, ҳавз не, як стадиони сад ҳазор ҷой доштаро ба пеши назарат биёр…

– Стадион ба ин масъала чӣ дахл дорад?

– Корат набошад, ба пеши назар биёр гуфтам – биёр.

– Хайр, ана овардам.

– Акнун тасаввур кун, ки ҳамин стадионро лаболаб аз арзан пур кардаанд. Шуд? Хӯш ки бошад, акнун фарз кун, ки дар ҳар сад ҳазор сол як мӯрчаяке омада, аз

ҳамин хирмани муаззам фақат якта дона гирифта мебарад. Шуд?

– Шуд.

– Ана акнун ҳисоб кун: муддате ки мӯрча ба ҳамин тариқа ҳамаи арзани стадионро кашонида тамом мекунад, дар пеши абадият ҳамчун як донаи рег аст дар биёбони Қайроқум ё чун қатраи об аст дар уқёнуси Ором. Фаҳмидӣ?

– Ҳа, – гуфтам ман дар ҳолате ки аз гулуям базӯр овоз мебаромад ва ҳис кардам, ки диплому аттестату шаҳодатномаҳои дар хона ҷамъкардаамро гӯё бо меҳнати ҳалол не, балки бо роҳи ба шаъни одам номуносибе ба даст оварда бошам.

Афсӯс ки ҳоло Искандар дар пешам нест. Вай бошад, кас зиқ намешавад.

– Исрофил!

– Ҳа.

– Сер нашудӣ аз хоб?

– Ҳм-м.

– Расо уммати хоб будаӣ-дия. Мо бо ту чӣ аҳд карда будем?

– А? Дуямон ҷӯра мешавем, гуфта будем.

– Набошад, рӯятро ба ман гардон, гап зан.

– Ҳозир.

«Ҳозир» гуфта паҳлу гашта, чашмонашро боз пӯшид. Ба умеди он ки хоб барад, шароб нӯшида будам. Набошад дар ҷамъияти уламои ислом ба ин гуна густохӣ ҷуръат намекардам. Бе ин ҳам ба папироскашӣ, ба мӯйсарам, ба фотоаппарат бардошта гаштанам каҷ-каҷ нигоҳ мекунанд. Арвоҳ занад ин касалии ҳаринаи маро! Агар ҷомадонҳо дар шиками самолёт намешуд, ба худам ягон чизи хобовар укол мекардам. Хартум шаҳри аммакалонам нест, ки баробари фуруд омадан ба гӯшае ғелида, алами бехобиро биситонам.

– Исрофил!

– Чӣ?

– Нигоҳ кун, биёбонро бубин.

– Ана дидам, чӣ шудааст?

– Тухми ҳамсуҳбат анқо шудааст. Чорта гап зан, мегӯям. Ту аз Хайём чизе хондаӣ? Гӯш кун, вай гуфтааст:

*Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт:*
*К-аз хоб касеро гули шодӣ нашукуфт.*
*Чизе чӣ кунӣ ки бо аҷал бошад ҷуфт?*
*Бархез, ки умрҳот мебояд хуфт!*

Мазмуни рубоиро ба қадри тавонам тарҷума кардам. Исрофил гуфт:

– Маълум шуд, ки дар хоб ҳам ҳикматҳои аҷоиб шунидан мумкин будааст. Бихоб, азизам.

Ман дар хаёли дарди худ, мулло ба фикри қоши ман, – гуфта будааст як зани бемор.

## ҲУҶРАЕ ДАР РӮИ НИЛ

Дар аэропорти Хартум моро сафири СССР дар Республикаи Судон рафиқ Силин ва дигар ходимони сафоратхона пешвоз гирифтанд. Ин агар, таки гапро ковем, зуҳуроти эҳтироми расмии ҳукуматамон буд нисбат ба эътиқоди динии мардум.

– Мо ҳам одами чакана набудаем, – аз рӯи одаташ маро аз зери бағал гирифта роҳравон гуфт Исрофил. – Сафир ҷонишини Раиси ҳукумат ҳисоб меёбад. Ман ҳамин хел шунида будам.

– Баъди ҳаҷ мартабаат боз баландтар мешавад. Он гоҳ туро эҳтимол, худи раис пешвоз бигирад.

Исрофил як оҳ кашида монд.

Аэропорти Хартум назар ба фурудгоҳи Қоҳира хурдтар, камшукӯҳтар, аммо ҳамин гуна нав ва хушнамо буд. Ба пешайвон, саҳни вокзал ва болохонааш судониҳои бисёре баромада моро тамошо мекарданд[1].

Ба яке аз залҳо даромада нишастем. Ходимони сафоратхонаамон паспортҳои хориҷӣ, авиабилет ва шаҳодатномаҳои тиббии моро бардошта рафтанд, то ки аз қайд ва дигар зинаҳои расмият гузаронанд.

Сафир ва Қориака аз пешгоҳ ҷой гирифтанд. Мо дар пеши онҳо давра нишастем. Бо ишораи сафир чой оварданд, яке аз хизматгорони буфет ба пиёлаҳо шакару чой мерехт, дигаре аз паси ӯ кӯзачае дар даст ҳозиронро давр зада, ба болои чой шир илова мекард.

– Одати ин ҷо ҳамин: ба меҳмон аввал чой меоранд, – шарҳ дод сафир.

Одати мо, тоҷикон, барин будааст, гуфтам дар дилам. Лекин ба чои ман беҳуда шир андохтанд. Сарам калу дилам нозук гуфтагӣ барин, ман ширро баҳудаву беҳуда нӯшида наметавонам.

---

[1] Солҳои аз ин пеш гурӯҳи ҳоҷиёни советӣ аз роҳи Қоҳира ё Димишқ ба Арабистони Суудӣ мерафтанд. Соли 1963 аввалин бор аз Судон гузашта рафтанд.

Ходимони сафоратхона дар бораи Республикаи Судон, халқи он, урфу одатҳои мардумаш ҳикоят мекарданд.

Судон аз ҷиҳати вусъати хокаш дувумин давлати калони Африқост. Бештар аз дувоздаҳ миллион аҳолӣ дорад. Мамлакати чандон тараққӣ нокардае буда, асосан бо хоҷагии қишлоқ машғул аст. Мардумонаш пахтаи маҳиннаҳ, арзан, гандум, ҷуворимакка, ҷав чормағзи заминӣ ва хурмо парвариш мекунанд. Чорводорӣ хуб тараққӣ кардааст. Фақат аз уштур дуним миллион сар мавҷуд аст.

Судон дар экспорти шилми дарахт, ки дар соҳаи тиб кор мефармоянд, дар олам ҷои якумро ишғол мекунад.

Саноат ҳанӯз дуруст инкишоф наёфтааст. Вай аз корхонаҳои майдаи пахтатозакунӣ, хӯрокворӣ, ҷӯбу тахта, бофандагӣ, конҳои каммаҳсули тилло ва намак, стансияҳои олавии электр, устохонаҳои таъмири роҳи оҳан, автомобил ва авиатсионӣ иборат аст.

Дар ҳаёти сиёсии мамлакат ду ҷараён, ду гурӯҳи динӣ иштирок мекунад: ҷараёни ҳатмия ва ансарӣ. Роҳбарони ҳар кадоме аз ин ҷараёнҳо дар маърӯза ва маълумотҳои расмиашон таъкид мекунанд, ки нуҳ миллион мусулмонони мамлакат пайрави онҳост ва ҳол он ки мусулмонон ҳамагӣ нуҳ миллион нафаранд.[1] Тақрибан се миллиони боқимонда – аҳолии ҷануби Судон – қабилаҳои нилиҳо, шелутҳо ва ғайра қисман эътиқоди насронӣ доранд, қисман раъду барқ, карқадан ва дарё барин худоҳои ибтидоӣ-қадимии худро ситоиш мекунанд.

Маориф ба воситаи се хел мактаб ҷорӣ мегардад: мактабҳои соф динӣ, давлатӣ ва хусусӣ. Дар Хартум дорулфунун институти политехникӣ, омӯзишгоҳҳои ҳунармандӣ ҳаст. Ба забонҳои арабӣ ва англисӣ якчанд рӯзномаи калон нашр мешавад. Азбаски ҳамаи ин қадамҳои аввалини маданияти нави миллист, ҳоло 95 фоизи мардон ва 98 фоизи занҳо бесаводанд.

Солҳои сол аз рӯи шариат ба ивази арӯс қалин гирифтан боиси бадбахтии иловагии бисёр хонаводаҳо мешуд.

---

[1] Ин иштибоҳ шояд қисман аз он сабаб ба вуқӯъ омада бошад, ки дар мамлакат ҳанӯз статистикаи саҳеҳе нест.

Мардҳо тамоми умр кор карда, пулу мол ғундоранд ҳам, аз уҳдаи қалин додан баромада наметавонистанд ва умрашон безану фарзанд мегузашт. Ба наздикӣ ҳукумати республика қарор баровардааст, ки падару модарон аз рӯи шариат қалин бигиранд, майлашон, лекин арзиши он аз 30 фунт (ҷунайди)-и Судон[1] набояд зиёд бошад.

Дар мамлакат анъанаҳои аҷоибе ҷорӣ мебошанд, ки ҳукми қонунро доранд ва ба соҳаи ахлоқу одоб дахл мекунанд. Масалан, дурӯғ гуфтан баробари дуздӣ ҷинояти сахт ба шумор меравад. Ё агар зан ё шавҳар ба паймони занушӯӣ хиёнат кунад, сарашро мебурранд. Агар илоҷи сабук гардонидани ҷазо бошад, ақаллан дасташро аз тан ҷудо мекунанд.

Аммо ҳамчун дар дигар давлатҳои мусулмонӣ ҳар марде ки молу пули бисёр дорад, бо риояи қоида ва қонунҳо худро побанд карда намешинад. Яке аз чорводорони давлатманд, ки зиёда аз сад ҳазор сар уштур дорад, ҳар сол чанд духтари ҷавонро ба занӣ мегирад. Занро мегираду муддате бо ӯ зиндагонӣ карда, баъд ба ихтиёри вай миқдоре уштурро бо хизматгорон месупорад. Зан уштуронро ба чарогоҳҳои дур бурда, чаронида пас аз як сол бармегардад ва ба қатори занҳои сӯфии бой дохил мешавад.

Ҳоло шумораи занҳои он бой ба 93 нафар расидааст.

Республикаи Судон бо мамлакати мо робитаҳои хуб дорад, ки ба минбаъд авҷ гирифта, ба нафъи тарафайн мустаҳкам шудани он чашм доштан мумкин аст. Бо кумаки мутахассисони мо дар Судон элеваторҳои бузург, заводҳои калони консерваи мева, сабзавот ва шир сохта хоҳанд шуд. Мутахассисони советӣ бо тадқиқи баҳри Сурх машғул мешаванд, то ки имконияти ба роҳ мондани сайди моҳӣ ва сохтани заводи консерви моҳӣ муайян карда шавад.

Сафир ба мо маҳсулоти ҳунармандони маҳаллиро нишон дод. Дар гирдогирди зале ки мо менишастем, ҷевонҳои оинакорӣ гузошта шуда буданд. Дар рафи ҷевонҳо зарфҳои мисин, корд, ханҷар ва шамшерҳои даму дастаҳошон кандакорӣ кардашуда, капчуқ ва портфелҳои аз пӯсти бабр,

[1] Як фунти Судон баробари 2 сӯму 59 тини мо.

тимсоҳ, ё морҳои калони афъӣ дӯхташударо ба намоиш гузошта буданд.

– Ҳоло шуморо ба меҳмонхонаи калонтарини шаҳр – Гранд Ҳотел мебаранд, – гуфт сафир. – Дар пеши он ҳар бегоҳ бозори ин гуна чизҳо барпо мегардад.

Сипас суҳбат ба мавзӯи давоми сафари мо ба Арабистони Суудӣ гузашт. Самолётҳои мо аз Хартум пас гашта, ба Москав меравaнд. Мувофиқи аҳдномаи байналхалқии байни Аэрофлоти мо ва ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷа моро акнун ба Арабистон бояд ё самолётҳои Судон бибаранд ё азони худи Арабистон. Дар арафаи иди Қурбон мо бояд дар Макка бошем, вагарна шарти ҳаҷ вайрон мешавад ва ҳамин қадар ташвиш барбод меравад. Рост, ки то арафа ҳоло панҷ рӯзи дигар ҳаст, лекин як-ду рӯз барвақттар рафта манзил гирифтан хуб мешуд, чунки Макка шаҳри муқаддаси мусулмонон буда, онро умма-ал-қуроъ, яъне модари шаҳрҳо номанд ҳам, шаҳри майдаяк аст ва дар он дар арафаи ид тақрибан як миллион мусофир ҷамъ мешудааст. Дар чунин шароит сарпаноҳе ёфтан аз корҳои сабук нахоҳад буд.

Аз худи Судон низ ба Ҳиҷоз мардуми бисёре меравад. Фақат дар аэропорти Хартум панҷ ҳазор кас ба навбат навишта шудааст. Аксарияти онҳо ҳанӯз як сол пеш ҷои худро дар самолёт банд карда мондаанд. Вале мо набояд ташвиш кашем, зеро сафоратхона ҳамаи кори аз дасташ меомадагиро хоҳад кард, то ки мо дар сари вақт ба зиёратгоҳ бирасем.

Ба мошинҳои сафоратхона савор шуда, ба сӯи Гранд Ҳотел роҳ гирифтем.

Рост, офтоб ба ин қитъа меҳри махсусе доштааст. Ҳатто бо сабзайнак ба осмони беабр ё заминҳои бегиёҳи атроф нигаред, чашмонатон сих мезананд. Аз тирезаҳои мошин гӯё ҳаври танӯр ба сару рӯй мезананд. Гоҳо чунин менамояд, ки бӯи дуд ба димоғ мерасад.

Ба ман аз «Победа»-и котиби сафоратхонаамон Тавфиқ ҷой расид. Ҷавони тахмин бисту ҳафт-бисту ҳаштсолаи хушқаду қомат ва хушандомест ӯ.

Мошинҳо дар ин ҷо аз тарафи чапи кӯча мегаштанд. Рулашон дар тарафи рост. Ронандагони мошинҳои мо аз ин

ҷиҳат нороҳатанд: худ дар тарафи чап нишаста, ишораҳои роҳпаймоиро ба мошинҳои аз пасу пеш оянда бояд аз даричаи рост бидиҳанд. Шаҳри якчашма рав, якчашма шав, мегӯяд мақоле. Аммо якчашма шудан ба гуфтан осон.

– Сафоратхонаи мо ана ҳамин ҷо, – гуфт Тавфиқ як иморати атрофаш деворпеч ва дарахтзорро нишон дода. Баъдтар, ҳангоме ки ба маркази шаҳр наздик шудем, ӯ ба мо сафоратхонаҳои дабдабаноки Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Британия, Франсия ва чанд давлати дигарро нишон дод. Бинои ҳафтошёнаи сафоратхонаи Америка аз ҳамаи дигар иморатҳо баландтар менамуд. Эҳтимол, соҳибонаш хурсанд бошанд, ки дар мамлакати дури Африқо ҳам мавқеи аз ҳама баландтареро гирифтаанд.

Гранд Ҳотел бинои калони дуқабата будааст. Дар пешаш ба дарозии иморат пешайвони барҳавое тӯл кашидааст, ки дар он барои истироҳати меҳмонон мизҳо ва курсиҳои бофтаи хасин гузоштаанд.

Меҳмонхона дар соҳили Нил воқеъ гаштааст. Оби кабкабуди дарёи куҳан ботамкин дар ҷараён аст. Аз байни меҳмонхона ва дарё роҳи асфалтпӯш мегузарад. Мошинҳои бисёре, ки аксарашон таксиҳои зарди истеҳсоли Германияи Ғарбӣ мебошанд, дар рафтуоянд. Поёнтар аз роҳ, ба соҳили дарё ду киштии мусофиркашон ба паҳлуи ҳам ҷафс шуда истодаанд.

Дар кӯзачаҳои яхдор оби хунук оварда, ба стаконҳои баланди конусшакл рехта доданд. Аз рӯяш гардам, об чизи хуб аст, аммо ба шиками сер. Мо пас аз таҳтӯли сабуки пагоҳӣ дигар чизе нахӯрдаем. Дар ресторани назди меҳмонхона вақти таоми пешинӣ гузаштааст. Акнун то шом тоқат бояд кард.

Соате гузашт. Ҳанӯз ҷойҳои моро муайян накардаанд. Боз оби хунук оварданд.

– Бинӯш, – мегӯяд Исрофил. – Нил наздик аст.

Ниҳоят, маълум шуд, ки дар меҳмонхона фақат барои чаҳор кас ҷой будааст. Сардорамон, тарҷумон ва ду мӯйсафедро ба қабати дувум гусел карданд. Боқимондагонро аз филиали меҳмонхона – аз ҳуҷраҳои ҳамон ду киштие ки ба соҳил ҷафс истодаанд, ҷой медиҳанд.

Баъзе аз ҳоҷиён аз ин хабар парешон шуданд. Банда кӯдаквор шодӣ мекардам. Шабу рӯзҳои бисёреро дар меҳмонхонаи гуногун гузаронидам, вале дар ҳуҷраи киштӣ ҳеҷ гоҳ назистаам. Табиати одамӣ, ки ҳамеша худро ба оғӯши чизҳои нави ношинос мезанад, чаро ба камина бегона бошад?

– Кадом ҳуҷра азони мост?

– Бисёриаш холӣ, интихоб карда гиред.

Ин тавр бошад, боз ҳам хуб. Лекин аввал ҳуҷраи бароҳаттаре пайдо карда, ҳазрати Наримонро бояд ҷойгир намуд. Бар зафъи дили эшон кӯфтагии роҳ зам шуда, чашмонашон беҳолона роғ рафта истодаанд. Ҳазрат бояд ана ин ду таблеткаро – якеро фавран ва дигареро баъди хӯроки шом истеъмол фармоянд. То фардо набояд аз ин ҷо қадаме биҷунбанд. Агар боз худсарӣ кунанд, масъалаи минбаъд дар сафар ҳамроҳӣ карданашон дар пеши сардорон бори дигар, вале ин дафъа хеле қатъӣ гузошта хоҳад шуд. Гап якта.

– Хуб шудааст, ҷаноб, – дар ҷавоб изҳор доштанд ҳазрати Наримон. – Ман, ҷаноб, хоҷаи асил ҳастам, ҷаноб, ва дар ҳузури ҳар кас узрхоҳӣ кардани ман шоиста нест. Не нагӯед, шоиста нест. Лекин аз шумо узр мехоҳам. Воқеае ки дар Маскав шуд, ҷаноб, дигар такрор намешавад. Не нагӯед, намешавад.

Исрофил маро дар роҳрави киштии якум дида ҳайрон шуд.

– Э, ту дар куҷо будӣ?

– Нутқи хоҷаи асилро дар кошонаи ҳазрат гӯш мекардам.

– Афсӯс. ман бо ҳамшаҳриам як каютаро банд кардем. Гумон кардаам, ки ту бо калонҳо дар он бино мондаӣ.

– Агар аз рӯи мансаб ҷой тақсим мекарданд, он ҷо мебоист ту мемондӣ, ки муовини сардор ҳастӣ.

Ҷомадонҳои худро ба яке аз каютаҳо даровардам. Каюта чаҳор кати дутоӣ болои ҳам часпонидашуда дошт, ки ҳам дар шаклу ҳам дар вусъат тахтакатҳои паҳлуии вагонҳои қадимаро ба хотир мерасонид. Дар муқобили кат ҷевончаи либосовезӣ, дар ду гӯша ду даструйшӯяки оинадор ва дар

болои онҳо яктоӣ вентилятор. Вентиляторҳо хело бузург буданд ва ба дастгоҳҳои пурзӯри алавпуфкунии ошхонаҳои калон, ки дар пеши оташдонҳо шинонида мешаванд, шабоҳат доштанд. Лекин ҳаври сӯзоне ки аз боми каюта ба тан мезад ва аз бадан беист обу арақ мефишорид, гувоҳ буд, ки ҳамин дастгоҳи бузург ҳам чандон бузург нест.

Кассири гурӯҳамон Ҳоҷӣ Абдухалилака хабар овард, ки пас аз ним соат ба сайри шаҳр меравем, сари роҳ ба масҷиди ҷомеъ даромада, намози шомро мехонем. Имрӯз ҷумъа аст ва ҳоҷиҳо бисёр афсӯс мехӯранд, ки пешинӣ дар ягон масҷиди Хартум хондани намози ҷумъа муяссар нашуд. Бинобар ин мехоҳанд, ки ақаллан намози шомро дар масҷид хонда, савоби иловагиро соҳиб бишаванд.

Абдухалилакаро бесабаб ҳоҷӣ намегӯянд. Ин кас се сол қабл аз ин ҳоҷӣ шуда баргаштаанд. Ана ҳамин фазилаташон сабаб шуду ин касро ҳамчун шахси ҷаҳондида вакили харҷ интихоб кардаем ва ҳамаи маблағҳои худро дар шакли долларҳои америкоӣ ба дасти эшон супурда мондаем.

Хабари кассир овардаро ба Исрофил гуфтанӣ шуда ба таки дари ҳуҷрааш омадам. Вай бо ҳамшаҳриаш мулло Зулфиқор намози аср мехонд.

Ба панҷараи киштӣ такя карда, ба атроф назар андохтам. Дар оби софи Нил села-села моҳиҳо шино мекунанд. Ҳо дар он ҷо, тахмин ним километр болотар аз киштиҳои мо Нили сафеду Нили кабуд ба ҳам рехта ва омехта, Нили кабирро таркиб медиҳанд: ҳо, Нили кабир, ин меҳнаткаши куҳан, маҳз дар ҳамин ҷо таркиб меёбад ва бо ҳамин номи қадимиаш то баҳри Миёназамин ҷорӣ мегардад.

Дар соҳили муқобил майдончаҳои холии регзор, тӯда-тӯда дарахтони хурмо ва қарағай ба назар мерасанд. Дар сафҳаи осмон парахае абр нест. Аз болои кӯпруки роҳи оҳан, ки аз ин ҷо баръало менамояд, гоҳ-гоҳе самолётҳо паст парида, ба сӯи аэропорт мехаманд.

Рост мегӯянд, ки гарданда дарёро монад, нишаста бӯрёро. Дирӯз дар худи ҳамин асно дар яке аз ошхонаҳои Маскав ҳамроҳи ҷӯраам Искандар менишастам. «Эҳтиёт шав,

ба дарёи Нил оббозӣ накун-а, – насиҳат мекард ӯ. – Худо накарда, тимсоҳе фурӯ барадат, мо аз имконияти як каф хок ба қабри муборакат партофтан маҳрум мешавем».

Ман ҳам ба рафиқам маслиҳат додам, ки аз саломатии худаш бепарво нашавад, дар ҳавои кушод мӯлтар гардад, чунки соле ёздаҳ моҳ дар кабинети торики рентген нишастан ба ақлаш таъсири номатлуб расонида истодааст…

Исрофил аз ҳуҷрааш баромад.

– Ту намоз нахондӣ?

– Ман? Ман… хондам.

– Чаққон будаӣ. магар дар намоз суръати кори зарбдоронро ҷорӣ кардаӣ?

– Сабр кун, ягон рӯз мефаҳмӣ.

– Метарсам, ки чандон муддати мадид намегузарад.

– Хайр-дия, боз беҳтар.

Ба сайри шаҳр баромадем. Барномаи саёҳат қаблан эълон шудааст:

а) Намози шом дар масҷид хондан.

б) Шиппаки махсуси ҳоҷиҳоро пайдо кардан.

в) Микдоре аз долларҳоро ба пули судонӣ иваз кардан, то ки агар мабодо сафарамон ба Арабистон таъхир ёбад, барои харҷи майда маблағе дошта бошем.

Пиёда гаштан ҳам дар ин ҷо санъатеро талаб мекардааст. Баъзе кӯчаҳо пайроҳаи пиёдагардӣ надоранд. Маҷбур мешавед, ки аз як канори роҳи мошин қадам занед. Мошинҳо бошанд, такрор мекунам, аз тарафи чап мегарданд. Аз кадом канора нагардед, гумон мекунед, ки худи ҳозир боиси ятим шудани бачаҳои худ ва зиндабева мондани зани ягон шофёр мешавед.

Агар кӯча пайроҳа дошта бошад, ба рӯяш як қабати ғафс реги сурхи дурушт рехта шудааст. Ман, ки кафши тобистонии пасу пешаш яла пӯшидаам, дар ҳар бист-сӣ қадам аз роҳ монда ва якпоя истода, аз таки поям рег меафшонам.

– Моҳи нав! – фарёдкунон хабар дод қории ҷавон Темурҷон.

Ҳама аз гаштан монда, ба осмон чашм дӯхтанд. Яке аз мӯйсафедон даст бардошта, дуои дурударозе хонд. Илоҳо, гуноҳи бандагонатро биёмурз, имони мусулмононро комил

бинамо, ба дунё тинҷию амонӣ ато кун, сафари моро бехатар гардон!

Ҳилоли нозук бачаи дар арғунчак бароҳат хобидагӣ барин оромона овезон буд. Ҳарчанд дар ин маҳал ин гуна вазъият доштани ҳилол аҷобате надошт, ҳамсафарони ман сахт мушавваш шуда буданд.

Ба ман ҳам аз кӯдакӣ мегуфтанд, ки моҳи нав тинҷ бошад, яъне агар ҳилол якпаҳлуву уреб наистода бошад, пас бандаҳои Худо нотинҷ мешаванд, дар давоми ҳамон моҳ ба сари мардум нохушие, касофате хоҳад даррасид.

Моҳи тинҷро дида, ба даргоҳи Парвардигор муноҷот мехондем, чашмакони худро бо илтиҷо ба осмон дӯхта, оятҳои медонистагиамонро бо эҳтирос пичирросзанон такрор мекардем, бараои хонавода, барои падар ва модар хайрият металабидем.

Моҳ «нотинҷ» бошад, боиси шодмонӣ ва шавқуну сурони беғамона мегардид.

*Моҳ-момо кулча те,*
*Кулча нате, ука те. –*

гуфта ҳавлию кӯчаҳоро ба сар мебардоштем.

Дар вуҷуди ҳамсафарони ман ҳамон тарсу ваҳми айёми кӯдакӣ ҳанӯз зинда аст. Балки ин тарсу ваҳми давраи бачагӣ ҳам нест? Балки ин тарсу ҳарос аз айёми кӯдакии бани одам, аз қаъри бист-сӣ ҳазор соли инкишофи ҷамъияти одамӣ то ба имрӯз расидааст?

Ҳоло аз сидқи дил, аз тамоми дилу ҷон мехостам, ки муъҷизае шавад. Оре, муъҷизае шаваду дар ин ҷо, дар кӯчаи нимторики Хартум баногоҳ як телескопи бағоят азиме пайдо гардад ва ин одамон мушаки кайҳоннаварди моро бо тамғаи СССР, бо ситораи сурхаш дар рӯи моҳ бубинанд ва аёнӣ дарк намоянд, ки иқтидори беинтиҳои одам ба рӯи чароғи Худованд ҳам нақши худро гузоштааст.

Вақти дигар мешуд, ҳамроҳи ҳамсафарон ба масҷид мерафтам. Ҳоло худро ҳатто маҷбур карда натавонистам.

Ман одами бепартиявиам. Агар намоз хонам, касе маро таъна ё маломат намекунад. Дар диёрам агар аз хешовандон ё ошноию ақрабо касе вафот кунад, дар хонаводаи ӯ як

ҳафтаи аввали баъди дафн, пас рӯзҳои бистум, чилум ва яксолагӣ дуою фотиҳа мекунанд. Банда ҳарчанд афсонаи соф будани нақлу ривоятҳои оид ба арвоҳ, он дунё, биҳишту дӯзах ва ҳоказоро хуб медонам, дар маросимҳо иштирок мекунам, баробари ҳама даст ба фотиҳа мебардорам ва ғайра. Аз афташ, умри ман ба ҳамин тариқа мегузарад. Бо ақлу фаросат ба хулосае омада бошам ҳам, дастонам бо амри савқи табиӣ ҳаракат мекунанд.

Ман дар бачагӣ як-ду маротиба мор куштаам. Морро бо каланд ё теша ду тақсим мекунед, аммо ду мори нимтагӣ мустақилона ба ду тараф меравад. Нафрати ба ҷӯш омадаатон дастони шуморо боз ба ҳаракат меоранд. Морро даҳ, бист, чил тақсим мекунед, вале ҳиссачаҳои душмани заҳрангез ҳамчунон меҷунбанд, мехазанд ва метапанд ва чунин менамоянд, ки дар ҳамин ҳолат ҳам ба шумо таҳдид мекунанд.

Беҳуда намегӯянд, ки гӯсола мурад ҳам алогии чашмаш намеравад.

Ё аз таъсири муҳити ҳанӯз тамоман, то охир наву коммунистӣ нашудае ки ман дар он зиндагӣ мекунам, ё аз тинати шахси худам майли созиши зоҳирӣ бо хурофот дар вуҷуди ман боқӣ мондааст.

Ҳамсафаронам ба тангкӯчае даромада, ба сӯи масҷид равона шуданд. Дар ин шаҳр манораҳои баланди муаззинӣ аз дур намоёнанд ва ёфтани масҷид кори душвор нест.

Каме пеш рафта ба бозори шабона расидам. Моҳи апрел, зоҳиран, дар ин ҷо айни авҷи тобистон мешудааст. Бозор пур аз тарбузу харбуза, банёну афлесун, себу нок ва дигар меваҳои рангоранги ин кишвар, ки барои ман ношиносанд ва на таъмашонро медонам, на номашонро.

Мевафурӯшон фонусҳои карасиниро ба тоқи дукончаҳо, сутуни пештахтаҳо овехта савдо мекунанд. Дар як гӯша зане бо писарчаҳояш ба рӯи бӯрёчае нишаста, дар болои оташдони сайёр қаҳва пухта мефурӯшад. Ҷавони дигар онсӯтар ба ҳамин гуна оташдон дар як зарфи кӯзашакл таоме пухта мефурӯшад. Хӯрандагон дар атрофи ӯ баҳузур нишаста, аз он чизи атоламонанд харида мехӯранд.

Ин хел манзараро дар зодгоҳи ман ҳам дар ибтидои

солҳои сиюм дидан мумкин буд. Давлати Советӣ ҷавон буд, дар Осиёи Миёнаи мо вай боз ҷавонтар буд ва ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ва таъминоти халқро ҳанӯз ба дасти худ нагирифта буд. Ҳар бегоҳӣ дар ялангии назди маҳаллаи мо бозори ош барпо мегардид. Занҳо, пирамардон дар болои манкалдонҳои аз сатилкуҳна сохтаашон оши угро, мантуи серпиёз ё нахӯдшӯрак мефурӯхтанд.

Деҳқонони аз деҳот омада бегоҳон якта-якта аз корвонсаройҳои атроф ба ялангӣ ҷамъ шуда, аз он ошҳо харида, дар худи ҳамон ҷо диққақ нишаста мехӯрданд ва боз ба ҷои хоб ва савдою саломи худ пароканда шуда мерафтанд.

Баъдтар бозорҳои оши кӯчагӣ нест шуданд, мусофирон ба ошхонаҳои озода одат карданд. Аммо дар замони ҷанг оташдонҳои сайёр боз ба сари кӯчаву майдонҳо баромаданд, боз палавпазҳои кӯчагӣ сояи равғанро ба дегҳо аз дур нишон дода, ба ивази таъм ва ғизои хуш оши худро бо зардчӯба ҳусни зоҳирӣ мебахшиданд.

Пас, оши кӯчагии судониҳо низ манзараи даргузар аст. Ба чеҳраҳои кушод, дастони меҳнатдидаи мардуми Хартум нигаред, пай мебаред, ки онҳо аз меваи озодӣ ва истиқлол акнун мечашанд.

Ҳамсафарон аз тангкӯчаи масҷид баромаданд ва ман аз дунболи онҳо равон шудам.

Имрӯз аксари дуконҳо маҳкам, зеро косибон ва тоҷирони мусулмон шаби ҷумъа дукон намекушоянд. Якта-нимта магазинҳои яла ба юнониҳо, арманиҳо ва дигар намояндагони дини насронӣ тааллуқ доштааст. Хеле роҳ паймуда, дукони пойафзолро пайдо кардем. Кассирамон барои ҳама якҷуфтӣ шиппаки резинӣ харид ва миқдоре долларро ба пули судонӣ бадал карда, ба ҳар кас сеҷунайдӣ кисахарҷ тақсим кард.

Боиси шабона шиппакҷӯӣ кардани мо ин аст, ки мувофиқи тариқати ҳаҷ ҳоҷӣ бояд ба хоки Арабистони Суудӣ дар либоси махсусе қадам монад, ки ба ҳеҷ ҷои он сӯзани дастӣ ё мошинӣ нарасида бошад. Шиппаки ҳоло харидаи мо аз резин яклухт рехта шуда буд ва ҳеҷ бахя надошт.

Аз гуруснагӣ ва пиёдагардӣ ба ҳоле расида будем, ки дигар тоқати рафтор надоштем ва таклифи кадоме аз ҳамса-

фарон дар бораи таксӣ савор шудан тарафдории гарму ҷӯшон пайдо кард.

Се таксӣ моро ба меҳмонхона овард. Ман коғази сеҷунайдиро аз киса бароварда, ба ронандаи худамон додам. Вай ним каф тангаи сафед баргардонид.

Дастае аз ҳамсафарони мо дар пеши таксии дувум ҷамъ шуда, дар ким-кадом масъалае мунозира мекарданд. Ҳамин ки анбӯҳи одамонро дидам, одатан, ба он сӯй мешитобам. Рафту Худо накарда ҳодисае рӯй дода бошад ва кумаки духтур лозим бошад? Маълум шуд, ки ронандаи дигар пули майда надоштааст ва ба коғазҳои сеҷунайдии шарикони мо бақия дода натавонистааст. Чун ман «Чӣ гап? Чӣ шуд?» гӯён ба давраи онҳо даромадам, шофёр дар дасти ман пули майдаро дида хурсанд шуд ва тангаҳои сафеди маро гирифта, ним каф пули сурхи мисин дод.

Мо пароканда шудем.

– Ҳа, чӣ воқеа? – пурсид Исрофил, ки маро дар он тарафи кӯча мунтазир буд.

– Ҳеҷ. Латифа гуфта истодаанд.

– Латифа? Дар кӯча латифа мегӯянд?

– Ҳа. Мегӯянд, ки рӯзе Хоҷа Насриддин дар хона мехобидааст. Ногоҳ аз кӯча садои ғалмағали одамон баланд шудааст, он гоҳ зани Афандӣ гуфтааст: «Хезед, мардак, баромада хабар гиред, канӣ чӣ воқеа». Афандӣ ҷомаро ба сар гирифта мебарояд. Он ҷо се дузд ғанимат тақсим мекарданд ва яке аз онҳо аз тақсимот норозӣ будааст. Сардори дуздон Афандиро дидан замоно ҷомаро аз сари ӯ чанг зада мегирад ва ба шарики норозиаш медиҳад. Дуздон ба ифоқа омада, ба роҳи худ мераванд. Афандӣ ба хонааш бармегардад.

– Ҳа, чӣ ҷанҷол будааст? – мепурсад занаш.

– Э напурс, – мегӯяд Афандӣ, – ҷанҷол дар болои ҷомаи ман будааст.

## СУФИТӢ, МАРҲАБО!

Азбаски дина аз сайри шаҳр бевақт омада будем, дар ресторани меҳмонхона ба ҷуз мо каси дигар набуд. Имрӯз пагоҳӣ моро аз се зали васеи ресторан гузаронида, ба хонаи пешгоҳи он бурданд. Ҳозирон, тоҷирҳо, мутахассисони европоӣ хӯроки худро лаҳзае қатъ карда, нигоҳи кунҷковона бар мо дӯхтанд. Мо дунболи ҳамдигар қатор шуда аз байни мизҳои хориҷиён нишастагӣ гузашта пеш мерафтем.

Аксарият, гӯё дар боғи истироҳат мегашта бошанд, ором ва ботамкин қадам мезад. Фақат Оллоҳназарқорӣ роҳравон биниашро мекофт.

Мабодо одамҳои советиаш ҳам ин хел мешудааст, гуфта хулоса бароранд-а, бо хавотир аз дил мегузаронидам. Не-е. Ҷин зад магар? Ҳазор аҷнабӣ, ҳазор мухлиси «дунёи озод» бошад ҳам, медонад, ки гурӯҳе ки мебинад, чандон намунаи одамони советӣ нестанд.

Қориака баъди ношто иҷозат доданд, ки шаҳрро давр занем, аммо то намози пешин ба меҳмонхона ҳозир бишавем, зеро эҳтимол ҳаст, ки тайёра шавад ва мо ба Арабистон парвоз кунем. Ба ғайр аз ин зинҳор ҳама якҷоя шуда гардем, ки воқеаи нохуше рӯй надиҳад.

Худам ҳам шунидаам, ки дар хориҷа ба сари ҳамватанони мо гоҳо ҳодисаҳои ғалатӣ меоянд. Чандин маротиба мусофирони моро дуздида, дар ҷое пинҳон дошта, маҷбур мекарданд, ки аз ватанашон даст бикашанд ва инро расман эълон карда, бигӯянд, ки ихтиёрӣ ба хизмати фалон давлат мемонанд. Кадом сол киштии нафткаши мо «Туапсэ»-ро нӯкарони Чан Кай-ши аз роҳ дошта, дарёнавардони моро қариб ду моҳ қину азоб дода буданд, ки аз ватани худ рӯй тобанд.

Аҷаб одамоне будаанд дар дунё. Аз рӯи кирдори як-ду

махлуқи ношуд, зоҳиран, дар бораи ҳама хулоса мебароранд. Кадом одами солимақл аз ватани худ даст мекашад? Ватан набошад, ба кас боз чӣ мемонад? Оила, хона, хизмат ва ғайраву ҳоказо бидуни Ватан, дур аз Ватан ё бар хилофи Ватан чӣ маъное дорад?

Бо ҳамин қадар таъкид ва таъйиноти Қориака ҳамсафарон маро танҳо монда рафтанд. То фотоаппаратамро аз ҳуҷра гирифта, баромадам, ки дар кӯча касе аз ҳоҷиён наменамоянд. Исрофил ҳамроҳи тарҷумони гурӯҳ бо коре ба аэропорт рафтааст. Агар вай мешуд, маро танҳо гузошта намерафтанд. Ё дар шумур хато кардаанд, ё будану набудани камина дар назари уламо якранг аст.

Хайр, ҳеҷ воқеа нашудааст. Росташро гӯям, дар байни гурӯҳ мисли гӯсфанде дар рама гаштанро намеписандам. Дар хусуси эҳтимоли ҳодисаи нохуш бошад, рӯй додани он аз бисёр ҷиҳат ба худи кас ҳам вобаста. Сонӣ, ин хел ҳодисаҳо дар мамлакатҳои ба мо кинаву адоват доштагӣ рӯй медиҳанд. Агар рафту ягон касофат шуд, охир ман ҳам ҷон дорам…

Кӯчаи соҳили Нил аз сояи дарахтони баланди сербарг хушнамуд ва сернур будааст. Тахмин ду километр бо ин кӯча гашта, ба дасти рост тоб хӯрдам.

Хартум аслан аз се шаҳри мустақили пештара таркиб ёфтааст: шаҳри Омдурман, худи Хартум ва Хартуми Шимолӣ. Ҳоло ман дар Хартуми Шимолӣ гаштаам, ки навтарин қисми шаҳр ҳисоб меёбад. Либоси судониҳо аз куртаи дарози сафед, салла ва кафши сабук иборат будааст. Куртаи баъзеҳо то буҷулаки пояшон мерасад, аммо бо вуҷуди ин велосипедро бо як чолокӣ ва эътимоди ҳайратангезе меронанд. Салларо тунук ва паҳн карда мебастаанд. Хизматчиёни маъмурӣ бошанд, либоси сабуки европоӣ дар бар кардаанд.

Аз қиёфаташ шинохтани араби судонӣ кори мураккаб нест. Ҳамаи онҳо – пиру барно, зану мард – дар рухсора аломати қабила ё авлоди худро нақш кунонидаанд. Ба

рӯи ҳар яке ба дарозӣ ё кӯндаланг, ё якто, ё дуто-сето хатти рост ё кач ё нимдоира кашида шудааст. Нишонаи қабилавии баъзеҳо дар пешониашон нақш бастааст. Аломатҳоро, аз афти кор, ҳанӯз дар овони кӯдакӣ мегузоранд, ки рафта-рафта дар синни балоғат ба изи ҷароҳати бурида монанд мешудааст.

Дар мулки бегона кас худро деҳотии аввалин бор ба шаҳр афтода барин ҳис мекардааст. Чашм аз ин лавҳа ба он лавҳа, аз ин бино ба онаш медавад. Баъзе аз навиштаҷоти лавҳаҳо, рӯи асфалти чорраҳаҳоро хонда маънояшро нимкола сарфаҳм меравам. Охир, дар забони адабии мо калимаҳои арабӣ бисёранд, аз забони форсу тоҷик ҳам ба арабӣ дар давоми қарнҳо басе калимот дохил шудааст.

Ба маҳаллаи тоҷирон расидам. Дар ҳар ду тарафи кӯчаҳо шаҳрҳои қадимаи мо барин, дукон ва магазинҳои озуқа ва ашёҳои гуногун, устохонаҳои хусусӣ ҷой гирифтаанд. Дар дуконе доруҳои тайёр мефурӯхтаанд. Нархи дорувор назар ба нархи аптекаҳои мо хеле гарон. Арзиши хинин ва пенисиллин барин доруҳои маъмул, агар ба воситаи нархи озуқа муқоиса кунем, аз мо чаҳор-панҷ баробар гаронтар.

Дар як дукон ашёҳои мактабӣ мефурӯшанд. Соҳиби дукон аз ман чизе пурсид, ки нафаҳмидам. Ба саволи дуюмаш ҳам ночор сукут кардам. Дар андоми ӯ аломати таассуф ва дар чеҳраи ман нишонаи тааҷҷуб нақш баст. Чанд дақиқа дар ҳамин ҳолат истодем.

– Форсӣ! – гуфтам ман сонӣ.

– Ло[1], – гуфт ӯ.

– Туркӣ?

– Ло.

– Англис?

– Ло, – гуфт ӯ ва ҳатто андаке рӯй турш кард.

---

[1] Ло – не (арабӣ).

– Пас чӣ бояд кард? – пурсидам ман аз ӯ ва аз худам ва аз ин корам хандаам омад.

– Рӯсӣ? – гуфтам ин дафъа бидуни ҳеҷ умеде ки ӯ забони русиро медониста бошад.

– Эйва, русӣ! Билод – Русия? Иттиҳодиятал Суфитӣ? – якбора қатор кард мард.

– Ҳа, билод – Русия. Ман – суфитӣ[1].

– Мошоллоҳ! Мошоллоҳ! Алҳамдуллилоҳ! Суфитӣ, марҳабо! – гӯён мардак маро аз даст дошта, аз зинаи дуконаш боло баровард ва ба пешгоҳи дукон рӯй оварда фарёд кард: – Абдулмаҷид!

Дар як он ҷавони навхате ба рӯи лаълӣ қанду чой овард. Суҳбати мо гоҳ бо имову ишора, гоҳ бо ёрии як-ду калимаи арабие ки ҳар як тоҷики босавод медонад, муддате давом кард. Вақти хайрухуш дукондор ба ҳолам нагузошта, як дафтари сервароқ ва як дона қалами ранга туҳфа намуд. ман бу ӯ якта нишони сари синагии сулҳро бо акси кабӯтар ва тарҳи кураи замин тақдим кардам.

Аз растаи косибон мегузаштам, ки кори устои курсибоф диққатамро кашид. Дар паҳлуи дари дукон қарор гирифта ба дастони чобукаш зеҳн мондам. Вай аз навдаҳои кадом як дарахт такяи курсии сабукеро мебофт. Дар даруни дукон ду нафари дигар сабадҳои нафис мебофтанд. Аз дари пешгоҳ касе баромад, ки назар ба либосаш саркори ҳамаи онҳо буд. Ӯ ба ман наздик шуд. Салом додам. Алек гирифта табассум кард. Зоҳиран, сару либосам ба мусофириам равшан гувоҳӣ медод. Соҳибкор пурсид, ки аз куҷо омадаам. Ин дафъа саволи арабиро зудтар фаҳмидам.

Суфитӣ будани бандаро фаҳмида, ҳама кори худро қатъ карданд. Муддате дар атрофам ғун шуда, чунон ки ҷисми аз осмон афтодаро тамошо мекунанд, ба андом, сару либос, фотоаппарати ман бо мароқ менигаристанд. Яке курсӣ

---

[1] Суфитӣ – талаффузи арабии калимаи советӣ.

оварда ба мобайни дукон гузошт ва ба нишастан таклиф намуд.

– Чой? Қаҳва? Кӯкола? – мегуфт соҳиби дӯкон. Вай мепурсид, ки меҳмон ба кадоме аз ин нӯшокиҳо майл дорад. Кӯкола, яқин, талаффузи арабишудаи кока-колаи америкоӣ буд.

– Ло, – гуфтам ман. – Шукран.

Боз ба ризоияти ман нигоҳ накарда, яке аз шогирдони дукондор аз кӯча ба рӯи лаълие чанд пиёла чой ва қаҳва овард. Ба зудӣ дари дукон аз одам пур шуд. Аз дуконҳои ҳамсоя барои дидани сайёҳи советӣ косибон меомаданд. Шогирдбачаи чой овардагӣ як шахси миёнасоли либоси европоӣ пӯшидаро кашола карда овард. Вайро барои тарҷума кардани он чизе ки банда ба англисӣ медонам, оварда буданд.

Аз ман номи диёрам, аҳволи саломатии Ю.А. Гагарин, номи худам, чанд зану фарзанд доштанам, чӣ қадар маош гирифтани духтурҳо, чанд нафар будани гурӯҳи ҳоҷиёнро мепурсиданд. Дар СССР озод вуҷуд доштани дин ва муассисаҳои динӣ баъзеҳоро хурсанд мекард, баъзеи дигарро ба ҳайрат меандохт. Калонсолон бештар аз масҷиду бозор савол медоданд, ҷавонон – дар бораи мактабу маориф, иқлим ва кайҳоннавардони мо.

Пас аз ним соат ман аз саволу ҷавоб ончунон монда шудам, ки ҷарроҳ баъди оператсияи мушкилу мураккабе мешавад. Аз гӯшаҳои мийяи дар гармон ғайриодӣ гиҷшуда бо зӯру кӯшиши зиёде кофта ёфта баровардани калимаҳои даркории забони бегонае ки хеле сатҳӣ медонед, он қадар кори шавқовар набудааст. Аҳволи тарҷумон ҳам аз ҳоли ман беҳтар набуд. Бо ҳозирон хайрухуш намудам, аммо тарҷумон, Муҳаммадии Мисрии дарздӯз, маро қариб бо зӯр ба дуконаш кашола карда даровард.

Қабл аз сафар ба забондониам боварам басо қавӣ буд. Охир, забони англисиро дар мактаби миёна ва дар институт ҷамъ панҷ сол омӯхта будам. Ҳоло, ки аз санҷиши ав-

валин ба ҷӯйбори обу арақ ғӯтида базӯр баромадам, бинои эътимоди худ ба худ сохтаам рахнаи намоёнаке пайдо карда буд. Ба замми ин забони хориҷиро дар муддати як моҳ комилан омӯхта, озодона муколима ва мукотиба карда тавонистани баъзе одамон ба ёдам мерасиду эҳтироми ба шахси худ доштаам боз ҳам мекоҳид.

Бо ин ҳама хурсанд будам, ки ба сайри шаҳр танҳо баромадам. Ҳаргиз чашм надоштам, ки дидани як нафар одами одии кишвари ман барои мардуми ин мамлакат ин қадар воқеаи ҳаяҷонбахш аст.

Модоме ки кор чунин аст, каме дам гирифта, боз ба мобайни мардум хоҳам рафт.

Рости гап, мавриди таваҷҷуҳи одамони бисёре гардидан ба кас мефоридааст. Ман акнун равшан фаҳмидам, ки чаро одамони дуппа-дуруст, ҳатто одамони хело хирадманд ба парастиши шахси худ чандон бардавом муқобилат карда наметавонистаанд.

Тахмину таваккалкунон роҳ рафта, ба майдони васее баромада мондам. Кӯчаҳои бисёре дар ин ҷо ба ҳам мерасиданд. Дар миёни дутои аз ин кӯчаҳо иморати калони секунҷашакле менамуд. Вай бинои банки миллии Судон будааст. Дар зери айвони дарози паҳлуи банк бачаҳо қатор нишаастаанд. Яке пойафзол тоза мекунад, дуюмӣ коғазеро ба замини сангфарш паҳн карда, собун мефурӯшад. Сеюмӣ суратеро ба мобайни шиша ва картон гузошта, ба атрофаш зеҳи латтагин мечаспонад, яъне суратро барои овехтан ба девор тайёр мекунад.

Собунфурӯш бо овози баланди ҷарангосӣ «Собун! Собун!» гӯён кӯчаро ба сар бардоштааст. Ӯ маро дидан ҳамон ду кулча собуни ироқиро ба сӯям дароз кард. Бо имову ишора ба собун эҳтиёҷ надоштанамро фаҳмонидам. «Пас аксамро бигир!» – низ ба ишора гуфт бача ва собунҳоро ба замин гузошта, қоматашро рост карда ва гарданашро ёзонида, дандонҳои садафии худро намоён кард. Наранҷад гуфта сураташро гирифтам.

Бачаҳо аз Иттифоқи Советӣ будани маро фаҳмида бо шодиву хурсандӣ чунон ғавғое барпо намуданд, ки ман даступо гум карда, ба атроф парешонҳолона нигоҳҳо меафкандам, ки оё ба ин ғавғо роҳгузарон ва полисҳои дар таки дари банк истода чӣ мегуфта бошанд.

Ҷавони лавҳагар маро ба сандаличаи худ нишонида, бисоташро намоиш додан гирифт. Бисоти вай аз як даста гравюраҳои ранга иборат буд, ки дар онҳо саҳнаҳои ҷудогонаи опера ва драмаҳои классикии англис ва ҳинд акс ёфтаанд.

– Кувайис, кувайис[1], – гуфтам. – Боракалло.

Калимаҳои арабиро шунида, бачаҳо боз фарёди шодӣ баланд карданд. Лавҳагар ба ман маънидор чашмак зада, аз сандуқчаи худ боз як даста коғаз баровард ва аз байни онҳо суратеро гирифта ба ман дод. Сурати ранга аз кадом як журнал бурида гирифта шуда буд ва дар он Леонид Илич Брежнев дар миёни як тӯда судониҳо акс ёфта буд.

Аз ҷавон пурсидам, ки ин суратро чаро оина намебанданд. Ин аз они худам, гуфт ӯ, намефурӯшам.

Бачаҳо сухани ҳамдигарро бурида сафари порсолаи Л.И. Брежневро ба Республикаи Судон таъриф мекарданд. Яке суханҳои хуб гуфтанашро тавсиф менамуд, дигаре мегуфт, ки худаш мардаки хушрӯй аст, абрувони базеб дорад ва инро бо ҳаракати дасту абрувонаш нишон медод.

Оре, оинаи ҳассоси самимиятанд бачаҳо. Бо вуҷуди он ки таҷрибаи рӯзгор надоранд, аз калонҳо пештар ва бехато мефаҳманд, ки дар дар муомилаи кӣ чӣ андоза самимият ҳаст. Дар олам давлатҳое ҳастанд, ки барои намояндагони онҳо болидан аз қувваи ҳарбии худ анъана шудааст, ё ҳамёни ғафси худро ба камбағалон нишон дода, беғамона худситоӣ кардан нашъае мебахшад. Аммо содалаҳвтарини бачаҳо ҳам инро дарҳол пай мебаранд.

[1] Кувайис – хуб, нағз.

Онҳо ба чунин шахс ҳеҷ гоҳ собуни арзони худро ҳадя карданӣ намешаванд, ӯро ҳошо ва калло гуфта маҷбур намекунанд, ки кафши бе он ҳам тозаашро беподош, фақат ба хотири эҳтиром ва меҳмондӯстӣ равған молида, тоза кунанд.

Муомилаи гарм, истиқболи меҳромез ва пур аз самимият, ки дар бозори Хартум дидам, дар лавҳаи хотирам то зинда ҳастам, хоҳад буд. Дар диёри ман фақат ягон олими муъҷизакор, ё шоири бузург ё шахси бағоят бонуфузи муътабарро ин қадар иззату икром мекунанд. Суфитӣ будани банда аввал дар растаи қассобон маълум шуда, ба хаёлам, бо суръати ҳақиқатан барқосо дар сар то сари бозори калон паҳн гардид. Фурӯшандагон, харидорон, атрофамро ҳалқасон печонида саволборонам мекарданд. Дар ҳар ҷо тарҷумоне ёфт мешуд. Дар пеши як фурӯшанда ду дақиқа наистода, фурӯшандаи дигар «Суфитӣ, марҳабо!» гӯён маро ба ҷои савдои худ гирифта мебурд, ба курсиаш менишонид, аз мардуми ба гирдам ғуншуда хоҳиш менамуд, ки он сӯтар биистанд, то ки пеши шамолро нагиранд. Яке ба ман чои гарми хуштаъм дароз мекард, дуюмӣ яхоб, сеюмӣ афлесун ё банёнеро пӯст канда ба дастам мекапонид, чорумӣ тарбузи калонеро қалам карда мегуфт, ки агар онро нахӯрам, аз ман меранҷад. Дар ин ҷо ҳам дере нагузашта, боз як деҳқони дигар маро аз даст дошта, ба растаи худ мебурд ва ҳамин тавр бо иззату икром аз ҷои худ менишонид ва бо ҳар чизе ки дар бозор мавҷуд буд, зиёфат карданӣ мешуд.

Ҳангоме ки меҳмони равғанфурӯш будам, як харидор илтимос кард, ки ба зарфи ӯ равғани зағирро маҳз табиби суфитӣ бо дасти худ чен карда бирезад. Бо тарозуи дастие ки ба ҷои як паллааш равғанкадуи ҷуммакдор овехта буданд, ним ҳуққа[1] равған баркашида, ба шишаи он мард андохтам. Мардак хеле хушнуд ва масъуд буд.

[1] Ҳуққа – ченаки вазн дар мамлакатҳои араб, ки баробари 1240 грамми мост.

Ман аз бепул будани табобат дар СССР, бисёр будани мактабу омӯзишгоҳ ва институту унверситетҳо, дар бораи республикаҳои Осиёи Миёна нақл мекардам. Дар андоми сомеон гоҳ аломати ҳайрат, гоҳ ифодаи таҳсин ва тақвият ҳувайдо мегардид. Баъзе аз шунавандагон садое намебароварданд ва ба хаёли амиқ фурӯ рафта, хомӯш меистоданд.

Вақти намози пешин наздик мерасид. Таъйиноти Қориакаро ба ёд оварда, бо шиносони бозориам хайрухуш кардам. Онҳо низ дукон, велосипед, ароба ва молҳои ба фурӯш овардаи худро дар ҷой-ҷояш гузошта, ба сӯи таҳоратхона ва масҷидҳо равон шуданд.

## ЛАББАЙКА, ОЛЛОҲУММА, ЛАББАЙК!

Ҳамсафаронам як соат пештар аз ман баргашта, намози пешинро хонда, ҳоло дар зери айвони меҳмонхона мунтазири хӯроки нисфирӯзӣ менишастанд. Мулло Ӯроқака, ғайр аз хӯрок маро ҳам мунтазир будааст, ки сигарета бикашад. Аз афти кор, танҳо вай аз дурии камина зарар дида буду бас.

Исрофил гуфт, ки имрӯз муҳайё шудани тайёра ба гумон будааст. Иншооллоҳ, пагоҳ албатта ба мо тайёра медодаанд.

Хизматгорони ресторан моро ба таом таклиф карданд. Онҳо мисли дигар судониҳо либос пӯшидаанд, тафовут фақат дар ин ки аз болои қабои худ фӯтае бастаанд. Хизматгорони ёрдамчӣ фӯтаҳои сабз, саркоронашон – фӯтаҳои сурх.

Ресторан таомҳои болаззат тайёр мекардааст. Аз ҳар гуна шӯрбо, кабоб, шавла ва меваҳо шикамсерӣ меоранд, аммо нонро ниҳоят кам медиҳанд: ба назди ҳар кас фақат яктоӣ кулчаи майдаяки сафеди камнамак мегузоранд. Барои одаме ки аз иштиҳо гила надорад, кулчаашон ним даҳон мешаваду бас.

Аз буфети ресторан гӯгирд харидам. Пули мисине ки дорам, фақат ба гӯгирду об барин чизҳо мерасид. Дар буфет ба хотири меҳмонони европоӣ машрубот мефурӯшанд, аммо нархаш бисёр гарон. Як шиша ром хариданӣ бошед, пули як гӯсфанди бӯрдоқиро медиҳед. Давлат аз фурӯшандагони машрубот қасдан андози калон меситонад, то ки ҳаваси ҷорӣ кардани ин чиз дар дилашон чандон реша надавонад.

Исрофил дар як гӯшаи фойе маро мунтазир буд:

– Рафтем, – гуфтам ман.

– Андак сабр кун, – гуфт ӯ. – Ана ба вай мардак нигоҳ кун.

Марде бо либоси сафеди тобистонӣ, ки шалвораш агар ғайрат кунад ба зону мерасид, дар паси сутунҳои фойе ба курсии нарм нишаста, ҳар ду пойи сермӯи худро ба рӯи миз гузошта буд. Дар муқобили ӯ шахси дигаре нишаста, рӯзнома мехонд. Одамони бисёре аз пеши онҳо гузашта, даро-баро мекарданд. Лекин мардак парвое надошт, пойҳои худро ба он ҷое ки одатан чизи хӯрданӣ ё нӯшиданӣ мегузоранд, баҳузур дароз карда менишаст.

– Биё, гарав мебандем, – таклиф кардам ба Исрофил. – Ман аз касе нопурсида, миллати ӯро ба ту мегӯям.

– Ёфтӣ аноиатро, куҷоӣ будани ӯро бе ту ҳам медонам, – эътироз кард Исрофил ва лаби поёнашро кашол карда, илова намуд: – Одамҳои ғалатӣ.

Ин гуна саҳнаро ман пештар ҳам дида будам. Боре ману Искандар ба Маскав омада, аз меҳмонсарои «Украина» ҷой гирифта будем. Он рӯзҳо анҷумани Ҷамъияти умумииттифоқии матлубот (Центросоюз) мегузашт ва дар меҳмонсаро аҷнабиён, хусусан меҳмонони хориҷии анҷуман бисёр буданд. Як бегоҳӣ ману ҷӯраам аз хонаи худ баромада, ба тарафи лифт мерафтем, ки айнан ҳамин гуна манзараро дидем: дар адл миёнаи фойеи лифтҳо мизи мудавваре меистод. Ба рӯи миз элонномаҳои ранга ба рангаи Аэрофлот ва ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷа паҳн карда шуда буд. Як мардаки хушлибосу хушандоми савлатдор ба курсии нарми чуқур нишаста, эълонномаҳоро мехонду пойҳояшро ба ҳамин тариқа рӯи миз гузошта буд.

Ман намедонам, ки оё дар Америка ин кор одати умум аст, ё онро якта-нимта зотҳои ба шахси худ фавқулода мағрур эб мебинанд. Ба ҳар ҳол, ин кирдор ба назарам бисёр хунук расид. Гӯё ба дастархон, ба рӯи нон пой дароз карда бошанд.

Искандар ҳам дақиқае хаёломез ба ин манзара нигоҳ карда истоду сипас ба ман:

– Андак сабр кун, бо ин ҷаноб камтар чақ-чақ кунам, – гуфта ба назди вай рафт.

– Мебахшед, – гуфт Искандар ба он мард салом дода. – Ман духтур ҳастам.

Меҳмони хориҷӣ аз ин тарзи нодираи шиносшавӣ тааҷҷубкунон лаҳзае чинҳои пешонаашро ба боло ронда, вазъияти тани худро тағйир надода, ба ҳайати Искандар нигоҳ карда истод, баъд гӯё ногаҳон чизе ба ёдаш расида бошад, лабханде карду хитоб намуд:

– О кей доктор! Марҳамат, бинишинед. Аз суҳбати докторон ҳамеша хушам меояд.

– Ташаккур. Шумо хеле меҳрубон ва илтифоткоред, – ба суханоройи даромад ҷӯраи ман. – Афсӯс, ки фурсат надорам ва ба ҷаноби шумо, агар малоли хотир нашавад, як маслиҳат медодам.

Ман аз каноре гуфтугӯи ин ду нафарро бо изтироб гӯш карда меистодам. Меҳмон, бешубҳа, аз нияти рафиқи ман пай бурда буд, ки мехост ба ӯ мулоим карда бифаҳмонад, ки пояшро аз болои миз бардорад. Ин ҷо галаҷазираи Филиппин ё меҳмонхонаи Чомбе нест. Аммо мардак бо вуҷуди ин вазъи худро тағйир надода, рост ба чашмони рафиқам писхандомез нигоҳ карда меистод. Дилам дар хавотир буд, ки ҷӯраам дар ин мунозираи зоҳиран ба-одобонаю ботинан тезутунд мулзам нашавад.

– Балки, – суханашро давом дод Искандар, – ба маслиҳати ман ҳоҷат нест ва худи ҷаноб нағз медонанд: ҷисми одам тавре сохта шудааст, ки ҳар кадом аъзояш дар баландӣ бошад, қисми тозаи хун аввал ба ҳамон ҷо меравад. Ана ҳозир шумо, ки ба ин тарзи номуътадил истироҳат мекунед, хуни тоза ба поятон рафта истодааст, яъне, ҳуҷайраҳои поятон аз ҳуҷайраҳои саратон хубтар кор карда истодаанд.

Ифодаи ҳавобаландонаи тамасхуромез аз чеҳраи меҳмон дар як он парид. Сару рӯяш то буни гарданаш суп-сурх шуда рафт, вале ӯ, аз афти кор, дарҳол худро ба

даст гирифта, қоҳ-қоҳ хандид ва пояшро аз рӯи миз фаровард. Сонӣ ҳамчунон хандакунон аз ҷояш бархост ва ба китфи Искандар тап-тап зада гуфт, ки доктор балоча будааст, бурд азони ӯст. Сипас коғазчаеро аз киса бароварда, рақами хонаашро навишта ба Искандар дод ва ӯро ба меҳмонӣ даъват кард. Ҳар ду «О, кей» ва «Олл райт» гӯён аз ҳам ҷудо шуданд.

Ҳангоме ки ба лифт савор шуда поён мерафтем, аз Искандар пурсидам:

– Ин «кашфиётро» дар бораи хуни тозаву нотоза аз кадом аҷоибхона ёфтӣ?

– Ҳазрати табиат калларо ба умеде ато кардааст, ки онро гоҳ-гоҳе кор фармоӣ, – гуфт ӯ.

Бо анъанаи ба рӯи миз поймонӣ ана дар ҳамин ҷо шинос шуда будам. Ҳоло дар меҳмонхонаи Хартум ин мардак ҳам кӣ ва куҷоӣ будани худро ба ин тарзи аҷоиб ба ҳама маълум карда менишаст ва банда аз ҳуқуқи маънавии дахолат кардан ё ақаллан чизе гуфтан маҳрум будам.

Ҳамсафарон дар пешсаҳни киштии дувум ҷамъ шуда аз ину он суҳбат мекарданд. ман аз маврид истифода бурда, ба онҳо бори дигар гуфтам, ки зинҳор оби ноҷӯшида ё яхоб нанӯшанд, меваҳои ношуста нахӯранд. Таъйиноти духтурро бо сукути ризомандона шуниданд ва ба аломати қабул сар ҷунбониданд.

– Шумо ба сайри шаҳр нарафтед? – пурсид яке аз аҳли суҳбат.

Дар ҷавоб чизе нагуфтам, зеро агар мегуфтам, ҷавоби чандон форам намебаромад.

– Аз ҷамоа ҷудо шудан хуб нест, – насиҳат кард дуюмӣ.

Дигар тоқат кардан душвор буд ва банда гуфтам, ки дарвоқеъ на ман ҷамоаро, балки ҷамоаи шариф маро танҳо гузошта рафта буд.

Дар ин асно Оллоҳназарқорӣ ҳалпанг-талпанг омада, ҳанӯз ба давра нарасида хабар дод:

– Медонед, гармо дар ин ҷо чӣ қадар аст? 102 дараҷа!

Аз ҳар тараф нидоҳои тааҷҷуб ва ташвишомез баланд шуданд:

– Наход?

– Не-е, камтар будагист-е?

– Қорӣ, худатон дидед, ё ягон кас гуфт?

– Ё наузанбиллоҳ, наход кас дар остони ҳаҷ истода дурӯғ гӯяд-а? Худам дидам!

Оллоҳназарқорӣ рост мегуфт. Лекин ӯ термометри системаи Фаренҳайтро дида буд, ки дар девори киштии якум овезон меистод. Аз рӯи системаи Селский ҳарорат 38-39 дараҷа буд, вале ман чизе нагуфтам. Бигузор гумон кунанд, ки дар роҳи ҳаҷ азобҳои гӯшношунидае кашидаанд, дар гармое ки об ҷӯшида, бухор мешавад, бе шикваю шикоят ибодати худро давом додаанд.

Кассирамон китобчаеро аз ҳуҷрааш бардошта омад, ки ҳаҷнома будааст. Маҷмӯаи қоида ва қонунҳои ҳаҷ. Ҳанӯз дар Москва Қориака ба мо дар бораи ин қоидаҳо суҳбат карда буданд. Ҳоло бо супориши он кас ҳоҷии таҷрибанок мебоист суҳбати дуюмро мегузаронид.

Иншооллоҳ, ҳамин ки хабари муҳайё гардидани тайёра даррасид, мо зуд ғусл карда, эҳром мебандем. Эҳром либоси ҳоҷиҳост. Тақрибан ду-дуним метр суфи сафедро ба тани луч аз миён поён мепечонем. Аз ин қадаре зиёдтар суфро аз болои китфи чап ва зери бағали рост гузаронида, ба танамон паҳн карда мепартоем. Ба поямон ҳамон шиппаки резинии бебахяро мепӯшем. Вақти либоспӯшӣ бо овози шунаво, беҳтараш бо овози ҳар чи баландтар такрор кардани калимоти зерин шарт аст:

Лаббайка, оллоҳумма, лаббайк!

Ло шарика лака, лаббайк!

Иннал ҳамда ван-неъмата вал-мулк;

Ло шарика лак!

Яъне ки лаббай, худоё худовандо, лаббай! Эй он ки ба худ шарике надорад, лаббай! Танҳо ту сазовори ҳамду сано ва неъмату мулки дунёӣ. Инак, мо ба ҳузури ту омадаем.

Бале, мо ин калимаҳоро бояд аз ёд бидонем, чунки онҳоро на танҳо ҳангоми эҳромбандӣ, балки дар тамоми муддати ҳаҷ бешумор такрор намоем.

Баробари қадам ниҳодан ба хоки муқаддаси ватани пайғамбар алайҳиссалом ба ҳар восита худро ба роҳи Маккаи мукаррама меандозем ва ба Қаъбатуллоҳ расида, хонаи худоро тавоф, яъне зиёрат мекунем, оби зам-зам менӯшем. Баъд ба кӯҳи мубораки Арафот рафта, ақаллан як шабонарӯзро дар доманаи ин кӯҳ мегузаронем. Як шабонарӯзро дар кӯҳи ҳамин гуна мубораки Муздалиф хоҳем гузаронид. Се шабонарӯз, иншооллоҳ, бо тоату ибодат, маросими қурбонӣ ва сангпарронӣ ба ҳайкали шайтони раҷим дар водии Мино хоҳад гузашт.

Сипас боз ба Маккаи мукаррама баргашта, муддате Каъбатуллоҳро тавоф мекунем, боз аз оби шифобахшу ҳаётофарини зам-зам менӯшем, баъд иншооллоҳ ба зиёрати оромгоҳи пайғамбар – Мадинаи мунаввара равон хоҳем шуд.

Воқеан, номи шаҳр ва мавзеъҳои Арабистонро минбаъд зинҳор бо иловаи сифати муносиби онҳо ба забон мегирем. Масалан, бандари баҳрӣ ва ҳавоии Ҳиҷоз – шаҳри Ҷаддаро Ҷаддаи муборака мегӯем. Макка – Маккаи мукаррама, Мадина – Мадинаи мунаввара. Ин тақозои одоби мусулмонист.

Хуб шудааст, ҳамин тавр мекунем. Бо таърифи мо обрӯй ё ободии мавзее меафзуда бошад, марҳамат.

Мусоҳибаи таълимӣ оид ба ҳаҷ ба поён расид. Суҳбати озод сар шуд. Яке аз қориҳо дар бораи хислатҳои неки пайғамбар ҳикоят сар кард. Расули худо бисёр одами раҳмдил будаанд. Рӯзе бо саҳобаи худ менишастанд, ки гурбае номаълум омада, бар домани ҷомаашон хобидааст. Вақте ки ба хестан зарурат меафтад, ҳабиби парвардигор он ҷонварро ташвиш додан ва ба хоби вай халал расонидан нахоста, домани худро бурида аз ҷой мехезанд.

Ман аз шунидани ин ривоят кайф кардам. Раҳмдилии расули Худо дар ҳақиқат сазовори таҳсин будааст. Лекин агар ҳамин ҳимматро ба фарзанди инсон ҳам раво медиданд, кори сара мешуд-дия. Он гоҳ дар айёми пурошӯби ҷорӣ кардани дини муборакӣ ислом сари ҳазорон-ҳазор одамони бегуноҳ аз танашон ҷудо намешуд. Баъдтар, дар замони халифагии чор ёри босафо – Абӯбакр Умару Усмону Ҳайдар ҳам садҳо шаҳрҳои обод, деҳаҳои ҷаннатосо ба макони бумҳо ё майдони аспқозиҳои лашкари ислом табдил намеёфт. Он гоҳ шояд тифлони навзоди одамони гӯлу гарангеро, ки дини исломро фавран қабул накарданд, дар гаҳвораҳо, дар синаи гарми модарашон бо «шамшери адолат» қалам намекарданд.

Хайр, меҳри касеро ба чизе мавриди айб ва нуқтагирӣ қарор додан хуб нест. Одамӣ-дия, яке ба гурба дилбастагӣ дорад, дигаре ба саг ё асп, савумӣ аз ҳамаи мавҷудоти олам бани башарро муътабар мешуморад. Дил-дили Зайнаб…

Афсӯс, ки бо хаёл банд шуда, аз маълумоти нодирае бенасиб мондам. Азбаски гурба аслан ҳайвони бахосият будааст, кадоме аз пайғамбарон тахтапушти вайро аз рӯи меҳр бо навозиш сила карда будаанд. Аз шарофати ҳамон навозиш гурбаро ҳоло аз баландӣ ё ҳатто аз болои маноре чаппа карда, подарҳаво партоед, ба замин боз роста шуда, яъне бо пояш мефаромадааст. Мани гаранг нафаҳмида мондам, ки чунин некиро дар ҳаққи ин ҷонвар маҳз кадом пайғамбарамон кардааст.

Бачаҳои ман ҳам як гурба доранд. Мисли аксарияти гурбаҳо, номаш Мошон. Хеле муғамбир, чолок ва то андозае доно бошад ҳам, ба ҳар ҳол бесавод. Бесавод ва аз ривоятҳои аҷоиб бехабар ки ҳаст, намедонад, ки ба ивази ин гуна имтиёзи аҷоиб доштанаш бояд ба арвоҳи ҳамон ҳазрати накукор шукрона бигӯяд. Чунки, охир, аз ҳама ҷонварҳои дигар дида, ба вай бештар аз боме ба боме аз даре ба деворе, ё аз рафе ба рафе халлос задан лозим меояд.

Мунозираи уламо ба мавзӯи хӯрокворӣ гузашт. Аз мавқеи нон ва гӯшт суҳбати илмӣ сар шуд. Донишмандон ба чанд гурӯҳ тақсим шуданд. Яке мегуфт, ки дар ҳангоми палавхӯрӣ гӯшти ошро ба рӯи нон ё нонпорае монда реза кардан ҷоиз нест, зеро болотар аз нон чизе мондан мумкин нест. Дигаре мегуфт, ки рост, болотар аз нон чизе мондан аз савоб нест, аммо гӯшт пора кардан ҷоиз бувад. Савумӣ ақидаи худро возеҳу муайян нагӯяд ҳам, аз кимкадом маъхазҳо чанд ҷумла иқтибос оварда, мавқеъ ва мартабаи ҳар кадоми ин чизҳоро алоҳида таъкид мекард ва бо ҳамин васила изҳори фазл менамуд.

Исрофил, ки мисли ман дар гӯшае хомӯш нишаста гӯш медод, аз ҷой бархост ва ба роҳрави киштӣ рафта истоду ба ман нигоҳ кард. Оҳиста ба наздаш рафтам.

– Биё, ба кӯча мебароем, – таклиф кард ӯ.

– Майли ноиб-ур-раис қонун аст. Рафтем.

Исрофил чизе нагуфт. Аз ваҷоҳаташ пай бурдам, ки ҳоло ба ҳазлу шӯхӣ майл надорад. Роҳравон пурсидам, ки дар бораи мубоҳисаи ҳамкасбонаш фикри ӯ чист. Исрофил аз роҳ бозистода, чашмони мешии худро ба замин дӯхта ва тугмаҳои куртаи маро хаёлмандона бозӣ доронда истод ва ниҳоят, бо як оҳанги гарони ҳузномез гуфт:

– Ба мубоҳисаҳо хуш надорам.

Аз зинаи киштӣ ба соҳил фаромада, аз зинаи сангини соҳил ба боло, ба кӯча баромадем. Исрофил оринҷҳояшро бар панҷараи канори кӯча гузошта, муддате ҷараёни дарёро тамошо карда истод.

– Бошқирдҳо як мақол доранд, – гуфт ӯ лабханде карда. – «Менда мулла, сенда мулла, атга пичан ким сала?». Аз ҳамкасабаҳои ман чортааш ба як ҷо ҷамъ шаванд, ғайр аз мунозираю муҳокимаи ана ҳамин хел гапҳо дигар кореро намедонанд.

Оре, гумони мубҳами камина ки дар вуҷуди мутаваллии Уфа як чизи амиқтар аз шуури муқаррарии муллоёна ҳаст, тадриҷан тасдиқ мегардид.

– Ҳар рӯз аз даҳони сад кас мешунавем, ки ҳоло асри бистум аст, вале ҳеҷ не ки маънои ин ҳақиқати одӣ ба шуури мо бирасад, – илова намуд Исрофил пас аз фосилае.

Ман чизе нагуфтам.

Одамонро ба дарёҳо ташбеҳ диҳанд ҳам мешудааст. Хислати баъзеҳо наҳрҳои тезҷараёну пурғулғулаи кӯҳистони моро ба хотир мерасонад. Як қабили дигар ба ана ин Нил барин дарёҳои ороми саҳроҳои васеъ монанданд. Аммо, дарёҳое низ ҳастанд, ки зоҳиран ором намоянд ҳам, дар тактари ҷараёни худ тохтутозе доранд, мавҷҳо, гирдобҳои ниҳоние доранд.

Исрофил ҳам, ба хаёлам, дар замири дил ана ҳамин гуна мавҷҳо, печутобҳо дорад, ки худаш медонаду бас.

Бегоҳиҳо ба саҳни пеши меҳмонхона мизу курсиҳои бисёреро бароварда мемондаанд. Хориҷиён дар ин ҷо нишаста, чою қаҳва, ё шароб нӯшида, истироҳат ва суҳбат мекардаанд. Ману Исрофил наздиктар ба кӯча аз сари мизе ҷой гирифта, ба пешхизмат оби мева фармудем. Нӯшобае овард, ки аз он таъми маҳлути афлесун, шафтолу ва ҳандалак меомад.

Тарҷумонамон Абдусамадака рӯзномае дар даст омада, ба назди мо нишаст. Илтимос кардем, ки рӯзномаро хонда, ба мо тарҷума кунад. Дар он ҷо ба Судон омадани сирки Хитой ва ҳоҷиёни советӣ навишта шудааст. Нисфи рӯзнома аз эълон иборат буд: эълон дар бораи қабули хонандагон ба ким-кадом курс, оид ба фурӯши чой, резини автомобил, иҷораи хона ва ҳоказо.

Дар саҳни киштӣ мубоҳисаи илмӣ, зоҳиран ба охир расида буд, ки дар он тарафи кӯча ду нафар аз шариксафарони мо пайдо шуданд ва пушти худро ба панҷараи соҳил такя дода, ҳар ду баробар ба биниковӣ даромаданд.

Исрофил ин манзараро муддате муоина карда нишасту баъд, аз афти кор, сардори дуюми гурӯҳ будани худро ба ёд оварда бархост ва ба он сӯи кӯча гузашт. Пас аз гуфтугӯи мухтасари ӯ он ду нафар биниковиро қатъ карданд.

– Чӣ гуфтӣ ба онҳо? – пурсидам баъди баргаштанаш.

– Духтур фармуд, ки гуфтам, биниковиро бас кунед, чунки аз як тараф, хавфи тунук шуда аз паҳлу сӯрох шудани девораи бинӣ ба миён меояд, гуфтам, аз тарафи дигар мумкин аст, ки тамошобинони хориҷӣ аз рӯи кирдори шумо, худо накарда, ба одоби мардуми мо баҳо диҳанд.

– Хуб кардӣ, ноиб-ур-раиси муҳтарам, лекин минбаъд аз номи худат гап зан. Шариконро бо ман тез накун. Бе ин ҳам ким-чӣ хел каҷ-каҷ менигаранд

– Сафсата! Касе ба ту бадхоҳ нест.

– Бадхоҳ нагуфтаам. Гӯё шубҳаомез менигаранд.

– Ҳаргиз. Андак истиҳола мекунанду халос. Худат медонӣ, ки байни духтур ва мулло камтар тафовут ҳаст.

– Ҳа, рост, камтар ҳаст.

Исрофил хандид ва гуфт, ки имрӯз табъаш хиратар аст. Ба ҳуҷрааш рафта каме истироҳат мекунад. Рафтанӣ буд, ки аз пеш кор баромад: ҳазрати Наримон пижамаи рахрахи ласин дар тан дар байни одамон пайдо гардид. Исрофил ба пеши ӯ низ рафта дурудароз гап зад. Аммо аз дастҷунбонӣ ва ваҷоҳати ҳазрат маълум буд, ки ба дурустии рафтори худ исрор мекунад. Баҳс тӯл кашид. Диққати мардуми бегона ба онҳо ҷалб мешуд. Ба назди Исрофил рафтам. Дарвоқеъ, ҳазрат авлоди поки худро ҳамчун далели матин иснод оварда мегуфт, ки ӯ кӯдак нест ва намегузорад, ки ҳар халафу нохалаф ӯро одоб омӯзад. Лекин Исрофил, тарҷумон ва ман секаса шуда ҳазратро базӯр ба тағйири либос розӣ кунонидем.

Уф-ф. Бо ходимони дин қабл аз ин сафар аҳён-аҳён дучор мешудам. Ҳеҷ гоҳ ба муддати мадид ба ҷамъияти эшон наафтода будам ва намедонистам, ки ин мардум ин қадар одатҳои аҷибу ғариб доранд.

Худоё, кай ин сафар ба поён мерасад?

Чорае нест. Тоқат бояд кард, то ки имрӯз фардо бишавад ва фардо – пасфардо ва ҳоказо.

Тавфиқ омад ва бо тарҷумони гурӯҳи мо суҳбат оғоз

кард. Ин ҳар ду забони араб, урфу одатҳои халқи арабро хуб медонанд ва дар ин мавзӯъҳо суҳбаташон авҷ мегирад. Тавфиқ ба гӯшаҳои дури Республикаи Судон борҳо сафар карда, бисёр чизҳоро дидааст.

– Дар ҷануби Судон қабилаи фаллотҳо зиндагонӣ мекунад, – нақл мекунад Тавфиқ – Порсол дар мулки пешвои онҳо Султон Маерна Белла меҳмон будам. 80 ҳазор фаллоти сиёҳпӯсти мусулмон дар раияти султон аст. Киштзори беинтиҳо, чорвои бушумор дар ихтиёраш. Дар як гӯшаи қасраш зиндон ҳам сохтааст. Худаш ҳам султон, ҳам ҳоким, ҳам қозӣ. Аз чаҳор зан 15 фарзанд дорад. Тобеонаш ҳанӯз аз дур ба зону афтода, дар ҳамин ҳолат масофаи калонро тай карда, ба ҳузури ӯ меоянд, баъди гирифтани фармоишоти султон ҳамчунон ба зону қафо гашта, баромада мераванд…

Дар боми киштӣ ба хараке нишастам. Исрофил дар ҳуҷрааш мехобад. Ҳарораташро санҷиданӣ шудам, намонд. Ташвиш накаш, ҳозир мегузарад, гуфт.

Бекорӣ ба дилам зад. Китобе нест, ки бихонам. Аз хона як-ду ҷилд китоб гирифта будам, дар аэропорти Маскав ба Искандар супурдам. Сардорони гурӯҳамон барои ҳадя кардан дар ин мамлакатҳо як тӯда қуръони нави чопи Тошканд ва албоми расми масҷиду мадрасаҳоро гирифтаанд. Ҳар як албом нуҳ кило вазн доштааст. Борамон ки аз ҳар гуна меъёр гузашт. Қориака фармуданд, ки чизҳои вазнини начандон заруриро дар Ватан бимонем ва ҷомадонҳоро сабуктар бикунем. Мо чунин кардем. Ман ғайр аз китобҳои худам ба андозаи ду килои иловагӣ грелка ва тағорачаи шприсҷӯшонӣ барин ашёҳои даркориамро аз ҷомадон бароварда ба Искандар додам.

Намедонам, аз чӣ сабаб пагоҳӣ боз як мисраъ шеър дар нӯки забонам чарх мезанад:

*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт…*

Ҳарчанд мекӯшам, мисраи дуюмаш ба ёдам намерасад.

Яқин шоир ба хатои падари падарон – ҳазрати Одам ишора мекунад, ки ба васвасаи шайтони падарқусур даромада, чизи дар биҳишт мамнӯъ, яъне гандумро тановул карда ва барои ин гуноҳи азим аз ҷаннат ронда шуд.

Ин мисраро беихтиёр зам-замкунон такрор мекардам, ки ба сурудхонӣ гузашта рафтанамро нафаҳмида мондаам. Сурудхонон манзараи шабонаи Нилро шаддаи чароғҳои соҳили онро ки ба шакли нимдоирае кашол шуда рафта, дар паси дарахтони Омдурман аз назарҳо ғоиб мегардид, тамошо мекардам. Ҳар замон аз мобайни дарё киштии чароғони мусофиркаш ё ягон катери баржанок мегузашт. Он гоҳ истиқоматгоҳи мо гаҳворасон ба ҷунбиш медаромад. Мавҷҳо ба девораи киштиҳои мо ва ба сангҳои соҳил бархӯрда, баланд-баланд шалаппос мезаданд ва қатраҳои оби ширгармро ба чаҳор сӯй пош медоданд.

Шарфаи пои касеро шунида ба пас нигоҳ кардам, ки мулло Ӯроқака меояд.

– Духтурҷон, шуморо кофта-кофта, расо ба як ҳол расидем-ку!

– Бубахшед, ки аз бомбароиям шуморо огоҳ накардаам.

– Ҳеҳ, – гумон кардед, ки ба бом баромада, халос мешавед? Не, укаи ширин, ба осмон бароед, аз поятон, ба замон дароед, аз гӯшатон мекашам. Ҳа-ҳа-ҳа, астағфируллоҳ, астағфируллоҳ, нохост хандаам гирифтааст.

– Хотирҷамъ бошед, муллоака. Барои осмонбарой мартабаам камӣ мекунад, барои ба замин даромадан – гуноҳам.

– Киноя мегӯед-дия, аз афташ. Майлатон, майлатон, аз духтурҳо бисёр одамҳои шӯх мебаромадаанд. Оббо, укаҷоне, хайр ҳар чӣ гӯед ҳам, аз ҳамон сигаретаҳои зархалтаи булғорӣ якта дуд кунем. Раҳмат, раҳмат, укаи ширин, ман боз се-чортаи дигар гираму шуморо нисфишабӣ озор надиҳам. А, лаббай? Ҳа, бале.

Мулло Ӯроқака ҷуссаи гарони аз фарбеҳӣ ноҳинҷор гаштаашро бо зӯр аз зинапояи танги киштӣ гузаронида, ҳаш-ҳашкунон фаромада рафт.

Боз чӣ гуна ба сурудхонӣ машғул шуданамро нафаҳмида мондаам. Ногоҳ касе аз китфам дошта ҷунбонид.

– Ашӯла нахонед, духтур, – гуфт ӯ омирона. – Айб аст. Дар остонаи шарифи ҳаҷ истодаем.

Ин Оллоҳназар буд, ҳамон қории ҷавоне ки дар меҳмонхонаи Маскав ҳамхонаам карда буданд.

Аз ин фармон, аз ин оҳанг, аз ин мудохилаи ногаҳонӣ, хулоса аз ин гуна як зуҳуроти одоби ба ман ношинос ҳангам канда, чӣ гуфтанамро надониста мондам. Оллоҳназар мисоли хурӯси дар ҷанг ғолибомада бо виқор қадам партофта, фаромада рафт.

… Нисфишабӣ мулло Зулфиқор маро аз хоб бедор карда, ба ҳуҷраашон бурд. Исрофил дар таб месӯхт. Азбаски бегоҳирӯзӣ маро диданӣ намонда буд, хеле қаҳрам омад, ва ба забони модариам ҳар қадар дашном медонистам, дар сари болинаш гуфтам.

Пешинӣ дар ҳавои гарм яхоб нӯшида, ба дарди гулу гирифтор шудааст. Аспирин додам, ки ҳарораташ паст шавад, баъд тетрасиклинро ба об ҳал кунонда, маҷбурӣ ба гулуяш рехтам.

Аз таъсири таби баланд ким-чиҳо мегуфт. Калимаҳои «ҷаннат, ҷаннати шариф»-ро бештар ба забон меронд.

– Натарс, – гуфтам ба ӯ оташинона. – Ҷои ту ҷаннат аст. Агар ба он ҷо ту баринҳо надароянд, ҷаннат холӣ мемонад.

Мулло Зулфиқор даҳонашро ба гӯшам наздик оварда пичиррос зад:

– Ҷаннат номи занаш, духтур. Шариф – писараш.

Баъди он ки гулуи беморро ба пахтаи спиртолуд баста берун баромадам, ҳамшаҳриаш қиссаи оилаи ӯро гуфта дод.

Бечора Исрофил. Дар миёни ду санг монда будааст, ки ҳар замон ба чеҳраи вай абри андӯҳ соя меафкандааст. Ягона писараш олими физик будааст. Дар оилаи рӯҳонӣ ин аз нишонаҳои хушбахтӣ нест. Ба ҳамин қарибӣ, аввали моҳи рамазон занаш ҳам дар набудани Исрофил «ман аз ҳоли Шариф хабар гирифта меоям» гӯён мактубчае навишта монда, ба Ленинград, ба пеши писараш рафтааст. Шариф ба падаре ки муҳтоҷи кумаки моддӣ нест, мисли пешина ҳар моҳ пул мефиристад, мактуб менависад. Аммо мактубҳо дигар пештара барин нестанд, фақат дуои салом ва изҳори орзуи саломатии падар ва хешу табор. Акнун писар на тағйири касб кардани падарро талаб мекунад, на аз илму техника, шеъру фалсафа сатре менависад. Дуои салом, модар ва ман сиҳат-саломатем. Саломатии туро хоҳонем. Вассалом.

– Ҷаннат зани хонанишин буд?

– Не-дия, дар кассаи вокзал билет мефурӯхт. Зан, ки кӯчагарду коркун шуд, оқибат ҳамин, – изҳори ақида кард мулло Зулфиқор.

То саҳар, то рафъ шудани таби Исрофил дар сари болинаш нишастам.

## «ЭЗОР МУБОРАК!»

Субҳи рӯзи дигар фармоиши сардор эълон шуд, ки аз меҳмонхона як қадам дур наравем. Ҳар дақиқа мумкин аз аэропорт навид бирасад, ки тайёра омодаи савор кардани мост.

Ранги рухсори Исрофил аз таби имшаба андак коста бошад ҳам, худаш ба андозае сиҳат ёфта буд, ки метавонист бемалол гаштугузор кунад. Вале азбаски ҳисси ниқор дар дили банда ҳанӯз қонеъ нагашта буд, маҷбураш намудам, ки аз ҳуҷра берун набарояд. Пешхидмати меҳмонхона хӯроки ӯро ба ба ҳамон ҷо овард.

Пас аз наҳорӣ Абдусамадака аз газетаҳои онрӯза як-ду хабари майда хонда дод. Дар газета бештар аз ним саҳифа расми ходимони сирки Хитой чоп шуда буд: яке чамбарақбозӣ мекард, ду нафар табақчаҳоро ба ҳамдигар ғурронида, дар ҳаво дошта мегирифтанд, сеюмӣ аз даҳонаш оташ мебаровард.

Шиддати гармо тадриҷан меафзуд.

То пешин аз тайёра дараке нашуд.

Ин ҷо мамлакати бегона бошад, мо чӣ кор ҳам карда метавонем? Дар Ватани мо барои кумаки тиббӣ расониданба ягон бемор тайёраи махсусро ба садҳо, ҳатто гоҳо ҳазорон километр мефиристанд. Пахтакорон, коргарҳо ё духтурҳо, ё худ артистҳо гурӯҳеро ташкил дода, ба республикаи якдигар рафтанӣ шаванд, даррав тайёраи алоҳида муҳайё. Оби дари хона қадр надорад. Фаровонӣ ва бе малолу миннат ба хизмат омода будани тайёраҳои бисёр як ҳолати одӣ шуда мондааст, ки аз аробаи урфӣ ба ҳар ҳол фарқ доштани тайёраи ҳозиразамон на ҳамеша ба шуури кас мерасад.

Тайёраҳои Судон бошанд, ҳамагӣ аз хориҷа харида шудаанд. Аз чизи харида фаровонӣ сохтан амри маҳол. Агар Исрофил барин ба қуввати дуо эътиқод медоштам, ҳоло аз дилу ҷон ба оллоҳ ибодат бурда, дархост мекар-

дам, ки ба кори давлати ҷавони Судон – ба мамлакати ин мардуми кушодарӯи меҳнатдӯст низ авҷу барор ато кунад, то ки зудтар соҳиби корхонаҳои калону тавоно бишаванд, ки шарти нахустини истиқлоли ҳақиқист.

Чӣ хуш ки на ба дуои ман эҳтиёҷе ҳаст, на ба дуои Исрофил. Халқ соҳиби тақдири худ бошад, ҳатман ба мақсад мерасад. Ана, дар Республикаи Муттаҳидаи Араб ҳоло мушакҳои пурқувват сар медиҳанд, ки қабатҳои болои осмонро тадқиқ мекунад. Бо ёрии мутахассисони мо бузургтарин оббанди ин қитъаро бино мекунанд.

Қориака аз ҳуҷраи худ баромаданд. Аз байни мо панҷ нафар, аз ҷумла каминаро интихоб намуда, гуфтанд, ки ба назди сардори департаменти оид ба корҳои динии Республикаи Судон меравем.

Қабули расмӣ бе ҳеҷ карруфару ҳашамат гузашт. Моро дар рӯи ҳавлии департамент истиқбол гирифта ба ҳузури сардор ворид карданд, дар пеши мизи сардор, ки мардаки тақрибан чилсолаи ришу мӯйлабтарошидаи ҳалиме буд, давра гирифта нишастем. Чанде аз хизматчиёни идора дар канораҳои хона рост истода, ба пеши мо оби мева, сигаретаву гӯгирд мегузоштанд.

Суҳбат асосан байни Қориака ва мизбон мегузашт. Сардори мо ба арабӣ хуб ҳарф мезананд. Умуман одами оқил ва ҷаҳондидаанд. Ҳоло тарзи суханронӣ ва муомилаи ин шахсро дида, дар дилам афсӯс мехӯрдам, ки агар эшон рӯҳонӣ намешуданд, ақаллан ба дараҷаи вазири ягон соҳа, ё олиме ки номаш ба сар то сари Иттифоқ машҳур гаштааст, ходими давлат, ҷамъият мешуданд.

Ходими дин ҳам ба мардум лозим аст, аммо на барои имрӯзу фардои мардум, балки ба хотири эҳтироми дирӯзи гузаштаи онҳо. Аҷиб, ки ҷамъияти инсонӣ ҳам табиат барин нозу карашма ва шӯхиҳо доштааст. Табиати ширинкор, масалан, дар тани одам узвҳое офаридааст, ки ба чӣ лозим будани он маълум нест, аммо ҳамон аъзои бенафъ ҳам гоҳ-гоҳе арзи вуҷд мекунад.

Аз гуфтушуниди арабӣ чизе намефаҳмидам ва ба андешаи худ банд менишастам. Дар Маскав гумон мекар-

дам, ки тарҷумони гурӯҳамон дар ин гуна мавридҳо моро аз мазмуни суҳбат мухтасар бошад ҳам, огоҳ хоҳад кард. Лекин қоидаҳои гурӯҳи рӯҳониён аз дигар навъ мусофирон тафовут доштааст, аз афти кор.

Мизбонон таърифи Темурҷонқориро шунида, аз ӯ хоҳиш карданд, ки каме қуръон тиловат кунад. Вай ин супоришро бо хурсандии том адо кард. Темурҷон, ки овози бақуввату ширадори фораме дорад, ба назарам, ҳамеша ҷӯёи мавриди муносибест, ки санъати худро намоиш бидиҳад. Воқеан, тақозои ҳунарнамоӣ кардан ва тавсифу ҳасанот шунидан касалии он қадар ҳам нодира набудааст.

Даме ки мо бо қабули расмӣ банд будем, дар меҳмонхона мухбири сураткаши рӯзномаи «Ас-савра» мунтазирамон будааст. Ӯ ҳамаи гурӯҳро ба боғчаи меҳмонхона бароварда, қатор гузошт ва Қориакаро дар мобайн монда расм гирифт.

– Ана, – гуфтам ман ба Исрофил, ки ӯро ба ин муносибат худам аз ҳуҷрааш даъват карда овардам. – Акнун номи мутаваллии Уфа дар мамлакатҳои араб ҳам машҳур мешавад.

– Ҳар чи шавад, бо хости худо мешавад, – гуфт ӯ.

– Ҳа, албатта, – гуфтам дар ҷавоби ӯ ва дар дилам илова кардам, ки дар айни ҳол аҳамияти иродаи муҳаррири рӯзнома ё каси дигаре ки суратгирро ба ин ҷо фиристодааст, аз иродаи худованд заррае камтар набудагист.

Намедонам маро дар ботин чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст. Пештар агар бишнавам, ки касе тақдири худ ё кореро ба хости худо ҳавола мекунад, ба ҳоли он шахс муддате дилам месӯхту баъд сухани ӯ ва худи ӯро фаромӯш мекардам. Ҳоло дар ҳар ҷой ки аз ин мавзӯъ ишорае шавад, дилам якбора танг шуда, фишор мехӯрад ва дар вуҷуди худ як хоҳиши рафънопазире ҳис мекунам, ки бо тамоми овоз фарёдкунон бигӯям: «Ҳой бас кунед! Бас аст! То кай бо шаклу шамоили дуппа-дуруст дар лойхонаи худатон кофтагӣ беҳуда даступо мезанед ва ҳол он ки даст ёзонед онро ҳазорон хайрхоҳони шумо бо шодмонӣ мегиранд?!»

Гумон доштам, ки дар сафари ҳаҷ бе таъсири муҳит дилам ба меҳри Парвардигор моил нашавад ҳам, ба онҳое ки ӯро мепарастанд, аз пешина нармтар хоҳад шуд. Ҳайҳот! Баръакси чашмдоштам шуда истодааст. Акнун ҳар дафъа маро зӯру кӯшиши фавқулодае лозим меояд, ки худро даст бигирам, аз додгӯён ба ҳамсафарон муроҷиат кардан худро боздорам.

Ҳозир ҳам сухани ҷӯраи навамро бо овози баланд тас диқ карда, фикри худро дар дилам изҳор мекунам. Ҳм, сафари муборак ба ман риё парварад, аҷиб мешавад-ку. Аммо тадбири дигар нест, ман наметавонам, ки ақидаамро ба мулло Исрофил ошкор гуфта, ин ягона ҳамдаму ҳамсуҳбати мусофириамро низ аз худ дур созам.

Қарибии намози аср дигар аён гардид, ки имрӯз ҳам тайёра намешавад.

Қориака дилтанг шуда, ба сафоратхонаи худамон рафтанд.

Акнун соате дар гирду атроф давр задан мумкин. Исрофил намоз хонда омад ва мо ҳамроҳ ба тамошои боғи ҳайвонот рафтем, ки дар паси Гранд Ҳотел воқеъ гаштааст. Дар ин боғ низ ҳамон ҷонвароне буданд, ки дар боғҳои ҳайвоноти худамон дидаем.Вале ба назари ман онҳо чандон аҷоиб наменамуданд, зеро лаҳзае фаромӯш карда наметавонистам, ки каркадан ва тимсоҳҳои бузург, зарофа ва парандаҳои садранга гарчи дар боғи ҳайвонот истиқомат доранд, дар ватани худ мебошанд. Аз Хартум баромада, чанд фарсах ба ҷануб ё ғарб биравед, дар кӯлу дарё, дашту ҷангалҳои кишвар ҳамаи ин ҷонваронро мебинед. Албатта, ба шарте ки майли дидан дошта бошед, вагарна орзуи рӯ ба рӯ шудан бо тимсоҳ ё каркадан дар дили на ҳар кас ҷӯш мезадагист.

Аммо озодагии боғ ҷолиби диққат буд, хусусан, ки ин боғи ҳайвонот буд. Ҳанӯз ҳангоми мулоқот сафирамон гуфта буд, ки дар Судон бо вуҷуди сафедпӯш будани аксарияти аҳолиаш касеро бубинед, ки гиребонаш чиркин ё ягон ҷои қабояш доғдор аст, бидонед, ки ӯ судонӣ нест, мусофир аст.

Сафир рост гуфта буд. Ман на дар меҳмонхона, на дар кӯчаҳо, ҳатто дар боғи ҳайвонот магасеро надидам. Ҳоҷати гап нест, ки чунин ҳолат ба ходими тиб то чӣ андоза гуворо аст.

Пешинӣ, баъди суратгирӣ дар саҳни меҳмонхона менишастем, ки маъмури он ба назди мо омада, аҳволпурсӣ кард. Қориака ба ӯ аз ризояти аҳли гурӯҳ хабар дода, илова карданд, ки ба мо ва хусусан ба духтури мо набудани магас маъқул афтодааст.

– Не, не, – бо ҳарорат эътироз намуд маъмур. – Магас ҳанӯз бисёр аст: худи ҳозир дар зали калони таомхӯрӣ як магасро дидем, ки ба дошта гирифтанаш қариб як соат вақти чаҳор кас сарф шуд.

Бо Исрофил ба кофтукови дукони наздиктари китобфурӯшӣ рафтем. Ба ман ягон хел дафтарча ё блокнот лозим буд. Дафтару қалами дина дукондори араб ҳадякардаро кассирамон Ҳоҷӣ Абдухалилака дида, хеле таъриф кард ва маро ба ҷуз тухфа кардани он дигар илоҷе намонда буд.

Дукони китобфурӯшӣ гӯшаи дури музей барин бекасу сокит буд. Вай ғайр аз як канораш, ки дар он ҷо ашёи мактабӣ ва авторучкаҳои ҳаррангаи гаронбаҳо мефурӯшанд, аз остона то пешгоҳаш пур аз комиксҳо ва дигар китобҳои ба ҳамин монанд буд, ки онро дар мамлакати мо адабиёти булварӣ меноманд. Ҳатто аз унвон ва расмҳои рӯи муқова маълум шуда меистод, ки дар ин китобҳо ғайр аз тасвири кушокушӣ, рақобати хунин барои мерос ё маъшуқа, барои пешдастӣ дар ғорати фалон миллионер дигар чизе пайдо кардан мушкил аст.

Мо ним соат рафҳо ва лавҳаҳои магазинро тамошо кардем ва ҳамин қадар дар таки дари он истодем, вале дар ҳамаи ин муддат харидореро надидем. Дар дилам баноширони ин адабиёт қоил шудам, ки бо вуҷуди он ки дар як мамлакати дури араб чандпула обрӯй доштани китобҳои дардисаровари худро медонанд, онро бо чунин як исроркорӣ ва матонати шоистаи кори судманд паҳн карданӣ мешаванд.

Исрофил намози шом қазо нашавад гуфта, дилашро мехӯрд ва мо дав-давон ба манзили дарёии худ баргаштем.

Дигарон ҳам дар ин ду соат шаҳрро сайр карда омадаанд. Мулло Абдурозиқҷонака дар саҳни киштии дуюм, ки ҷои анъанавии ҷамъомадҳои мо шуда буд, хариди худро намоиш медод. Вай якта эзори сафеди америкоӣ харидааст.

– Кучҷои ин эзор ба шумо маъқул шуд? – тоқат карда натавониста пурсидам.

– Э, духтурҷон, шумо ғалатӣ-ку! Ба нифааш як зеҳн монед, ба нифааш.

Ба нифаи эзор ду қабат резинкаро болову поён чин-чин карда дӯхта буданд. Лекин ба хотири чини хушнамои нифа барои аз як мамлакат ба мамлакати дигар эзор харида бурдан завқи фавқулода ғалатӣ доштан лозим.

Ба ҳар ҳол ҳамсафари мо чизи нав харида буд ва шарти одоб тақозо менамуд, ки табрикаш кунем:

– Эзор муборак!

Аз ҳоли ҳазрати Наримон хабар гирифта, ба ҳуҷраи худ рафтам. Аммо то соатҳои 10-11 шаб, то тамом бартараф шудани тафси бом дар ҳуҷра истодан азоби нақд аст.

Китобе надорам, ки бихонам. Зотан, ба шахси ба ҳаҷраванда ғайр аз китобҳои динӣ чизи дигар хондан мумкин нест.

Сароидан мумкин нест.

Хандидан мумкин нест.

Латифа ё ҳикояте гуфтану шунидан мумкин нест.

Эҳтимол, радио шунидан манъ набошад. Дар думи киштии мо сартарошхонаи ҳотел ҷой гирифтааст. Сартарош дар он ҷо ҳам кор мекунад, ҳам иқомат дорад. Ба назди ӯ меравам, радиоприёмники хурдаки дастӣ дорад. Вай марди нарммуомила аст ва мисли ҳамаи ҳамкасабаҳояш ба суҳбат мароқи калон дорад. Ин аз пайваста ба гӯш расидани овози ҳалқумии ӯ маълум. Аммо банда забони ӯро намедонам ва ба дарди ӯ даво шуда наметавонам.

Дастаҳои радиоприёмникро ҳарчанд тофтам, ғайр аз тиловати қуръон ва садои дикторҳое ки ахбори одиро аз чӣ сабабе бошад, бо як оҳанги ҷанговарона мехонанд, чизе наёфтам. Приёмникаш, зоҳиран, фақат аз шаҳрҳои гирду пеш мегираду бас. Кош ягон суруди форами арабиро мешунидам. Аз ҳамон сурудҳои зебои батаъсире ки ба туфайли фестивали ҷавонон дар Москва, баъд ба воситаи овози хуши Ботур Зокиров, Рашид Бейбутов ва Лайло Шарифова дар мамлакати мо ҳам паҳн шудааст.

Ба Тавфиқ дар ҳамин асно рашкам меояд, ки дар хонааш албатта радиоприёмники бақуввате доштагист. Хоҳад овози Боку, хоҳад садои Маскавро шунида менишинад.

Мулло Ӯроқака рост гуфта будааст, ки банда ба осмон бароям, аз поям мекашад, ба замин дароям – аз гӯшам. Баъди он ки маро аз кунҷи сартарошхона пайдо кард, ба ростқавлии ӯ дигар шубҳа надорам.

Бо мулло Ӯроқака ба ҳуҷра рафта, як пачка сигарета гирифта додам.

– Не, духтурҷон, ба ман ин қадараш лозим нест. Ман як тамокукаши ҳаваскор-дия, – эътироз кард ӯ. – Хайр, майлаш, шуморо нисфишабӣ ташвиш надиҳам гуфта мегирам. Майлаш, майлаш.

– Ташвиш кашидани ман аҳамият надорад. Шумо ташвиш накашед, шудааст.

– Ҳа-а-а, укаи ширин-е, киноя мегӯед-дия. Духтурҳо бисёр мардуми ҳазлкаш мешудаанд. Хайр, илоҳо дар ду дунё рӯи хориро набинед. Баробари қадатон шох нашиканад. Омин!

Дуоро гирифта, аз тақдири худ дар ҳар ду дунё осуда шудам. Акнун хоб кардан мумкин.

## ҲАБСИ ИХТИЁРӢ

Умед доштем, ки ин саҳар ниҳоят тайёра мешавад ва моро аз хоб бедор карда хушхабар хоҳанд расонид. Аммо ҳама ҷим-ҷит буд.

Боз дар ресторан наҳорӣ хӯрда, дар пешайвони меҳмонхона нишастем. Сокинони дигари ҳотел баъди наҳорӣ ба муассисаҳои шаҳр ба кору бори худ баромада мераванд. Фақат мо ба курсиҳои бофта нишаста, пинак меравем, ё дар ҳар даҳ-понздаҳ дақиқа бо ҳамдигар як-ду калима радду бадал мекунем.

Муллоҳо ва имомҳо-ку ба ин тарзи зиндагонӣ одат кардаанд. Вале ба камина ин хел истироҳати машаққатовар аввалин бор насиб гардидааст. Исрофил тамом сиҳат шуд. Ғайр аз ҳазрати Наримон дигар ҳама бардаму бақувватанд. Ҷин занад! Агар душмане дошта бошеду ӯро азоб додан хоҳед, барои хобу хӯрокаш шароит муҳайё кунеду нагузоред, ки бо касбу кори худ машғул шавад. Ба хаёлам, ин яке аз ҷазоҳои сахттарин хоҳад буд.

Хӯш, ин чӣ ҳодиса: ҳамсафарони ман аз фойеи меҳмонхона даста-даста рӯзнома бардошта меоянд. Ҳа, дар таки коса нимкоса будааст. Дар шумораи имрӯза расми дина гирифтаи суратгир чоп шудаасат. Афсӯс, ки расм хело хира баромадааст. Ба дараҷае хира, ки ҳар кас танҳо тарҳи ҷуссаи худро шинохта метавонаду бас. Ин ҳам ба шарофати он ки одам бо тарҳи қомати худ ба ҳар ҳол каму беш шинос аст.

Ба ҳам инаш ҳам шукр. Дар Судон матбуоти миллӣ нав, матбаа нав, суратгирию суратсозӣ акнун ба мароми муайян даромада истодааст.

Аз рӯзнома ман ҳам барои ёдгорӣ як шумора харидам.

Исрофил ба ҳуҷрааш рафт.

Бо чӣ кор машғул шавам?

Кай тайёра мешуда бошад?

Одатан гузаштани ҳар як рӯз бесамар набошад ҳам, касро то андозае ғамгин мекунад. Дақиқа аз паси дақиқа, соат аз паси соат, рӯз аз паси рӯз мегузарад. Дод гӯед ҳам мегузарад, вой гӯед ҳам. Гоҳо ақли кас аз ин гашти бебозгашт моту мабҳут мешавад. Хайрият, чизҳое ҳастанд, ки одамро таскин медиҳанд, вагарна мурури замон, ки оғозу интиҳое надорад, ба назар чизи одӣ намояд ҳам, дар асл аз чизҳои тасаллиовар нест. Ё ман муболиға мекунам? Ё ин фақат ба назари мо, табибон, ҳамин тавр менамояд, ки аксаран бо дардмандон сару кор дорем?

Рост мегуфтаанд, ки мурури замон ҳам бо хотири ҷамъ бо идрок мерасад. Ҳозир барои ман гӯё чархи соат аз ҳаракат мондааст. Гӯё ҳар соат аз дақиқа неву ҳар дақиқа аз соатҳои дурудароз таркиб ёфтааст.

Дар саҳни поёни киштӣ се-чор нафар хизматгорони меҳмонхона рӯи бӯрёе нишаста қартабозӣ мекунанд. Салом дода, дар паҳлуяшон муддате рост истодам. Бозиашон бароям ношинос буд, чизе нафаҳмидам. Яке аз онҳо чилими найдарозеро оварда тамоку андохт, оташ дод ва ду-се қуллоб кашида, баъди пок намудани нӯки наяш бо домани қабо чилимро ба ман дароз кард. Барои он ки мабодо «аз чилими мо ҳазар мекунад» гуфта фикр накунад, як қуллоб кашидам, вале дуди тези тамокуи арзон синаамро сӯзонд. Бо чашмони пуроб чилимро ба соҳибаш баргардонидам.

Аз саҳни поён ба боло зинапояи танге мебарад, ки дастдораки мисин дорад. Ман акнун ба поғундаи якум қадам гузоштанӣ будам, ки касе аз боло хитоб кард:

– Духтур, набароед.

Дар боло мулло Абдурозиқҷонака меистод ва бо лунҷҳои дӯнг даҳон мечунбонид. Кадом вақте ки ин шахсро набинам, ҳамеша даҳонаш мечунбад. Ҳеҷ набошад, дар лунҷаш обаки дандон ҳаст, ки макида мегардад. Даме таваққуф кардам, то ки даҳони ӯ холӣ шавад. Мулло шаддае банён дар як даст, бо дасти дигар яке аз онҳоро пӯст канда, ба даҳонаш метиққонид.

– Чӣ мегӯед?

– Илоҳо барака ёбед, калиди ҳуҷраи маро оварда диҳед. Дар дасти Оллоҳназарқорӣ мондааст.

– Оллоҳназар дар куҷост?

– Он ҷо, пеши меҳмонхона нишастааст.

Ҳеҷ ба шуурам намерасид, ки чаро мулло Абдурозиқҷонака овардани калиди ҳуҷраашро ба ман мефармояд. Ба хаёлам намерасид, ки ӯ маро дастёри одии худ барин кор фармуданисту бас.

Боло баромадам. Дар рӯ ба рӯяш қарор гирифтам. Ришу мӯйлаби сип-сиёҳи ғуллиаш ба ордаки банён олуда буд. Чашмонаш аз қаноат ёфтани нафс, аз лаззати мева масрурона милтос мезаданд.

– Ҳозир худатон аз ҳамон ҷо омадед-ку?

– Фаромӯш кардаам.

Ҳис кардам, ки дил дар синаам ба ларза даромад. Як тоифа одамон ҳастанд, ки агар бо эшон муомилаи нарм кунед, эҳтиром кунед, хулосае мебароранд, ки шуморо полон зада, савор шаванд ҳам, итоат мекунед. Кошкӣ ӯ ақаллан дар синну сол аз ман калонтар мешуд, ё нотоб мебуд, ё бо кори заруре банд мешуд, ки фармоишаш асосе пайдо мекард.

Ба рӯяш, ба ришу мӯйлаби ордаколуд, ба лабони шираолудаш писхандомез нигоҳ карда истоданамро дида, мардак телба шуд. Шаддаи банёнро ба кисаи халтаосо васеи яктаҳи сафедаш ҷо кард, лабу лунҷи худро бо дастрӯмол пок карду гуфт:

– Агар бемалол бошад-дия, духтурҷон.

Аз кори худ пушаймон шуда истодани мулло Абдурозиқҷонро пай бурда, хандаам гирифт. Ба худам хандаам меомад, ки чанд лаҳза қабл аз ин аз кирдори ҳамин шахс қариб, ки оташин шавам. Магар меарзад?

– Эзори дирӯз харидаатонро пӯшидед? – пурсидам хандаомез.

– Ҳа, чаро напӯшам?

– Пӯшед, насиб кунад, лекин шитоб кардаед.

Аз пешаш гузашта бо роҳрав ба сӯи ҳуҷраи худ равон шудам. Ба дари ҳуҷра расида, ба пас нигоҳ кардам, ки ҳанӯз бо даҳони яла ба сӯи ман нигоҳ карда истодааст.

Дар ҳузури Қориака ҳамаашон худро фариштa метарошанд, бо сари хам, бо қиёфаи зоҳидона ба сухани ҳамдигар гӯш медиҳанд, ҳангоми роҳ рафтан мақоми ҳамдигарро мувофиқи синну сол ва мартаба риоя мекунанд. Сардори худро дур бинанд, дар кӯчаи калон бинӣ мекованд, дар сари дастурхон дегчаи таомро қариб, ки аз дасти якдигар чанг зада бигиранд.

Дар ҳуҷра ғарқи хаёлоти гарон менишастам, ки хабар омад:

– Эҳром бандед, тайёра мунтазир аст!

Ҳама ба чизғундорӣ, шустушӯйкунӣ даромаданд. Ман ҳам аз душ баромада, бо кумаки Исрофил эҳром бастам. Лекин домани «юбкаи» ман гоҳ аз ҳад берун танг мешуду ба қадамгузорӣ халал мерасонид, гоҳ васеъ мешуду ягон ҷои поям намудор мегашт, ки ин ҳам хилофи шариат буд.

Ниҳоят ҷомадон ва сумкаҳоро бардошта, бо азобе бо юбка қадамҳои аввалинро монда, ба сари кӯча баромадам. Баъзе аз одамони маҳаллӣ моро эҳром дар бар дида ким-чиҳо гуфта табрик мекарданд. Баробари дар автобус ҷойгир шудан Ҳоҷӣ Абдухалилака фарёд кашид:

– Лаббайка, оллоҳумма, лаббайк! Ло шарика лака, лаббайк!

Мардум ин калимотро ним соат инҷониб зери лаб ё бо овози паст такрор мекарданд. Акнун ҳама ба фарёд кашидан оғоз карданд.

– ... Иннал ҳамда ван-неъмата вал-мулк! – то овоз дошт бонг мезад Ҳоҷӣ Абдухалил. Ӯ чунон аз таҳти дил фарёд мекашид, ки гӯё сафари минбаъдаи мо, ояндаю истиқболи худаш ва ҳамаи мо маҳз ба қуввати овози ӯ вобаста бошад.

– Ло шарика лак! – баробар дод мегуфт аҳли автобус ва аз ин наъра бому девори оҳании автомобил ҷарангос мезад.

Майдони пеши аэропорт аз марду зани сарлучу эҳромбатан пур буд. Дар байни анбӯҳи ҳоҷиён фақат ягон-ягон ходимони полис ё хизматчиёни аэропорт ба назар мерасиданд, ки бо машаққате ба худ роҳ кушода мегаштанд.

Мо аз автобус фаромада, дар офтоби майнасӯз ҳайрон меистодем. Хайрият, коркунони сафорат ва консулхонаамон пайдо шуданд ва бо мадади маъмурони аэропорт ба мо аз миёни издиҳом роҳ кушоданд. Ҳангоме ки аз як зали калон мегузаштем, тақрибан сесад нафар занони судонӣ, ки он ҷо менишастанд, ба табрики мо баробар даҳон кушоданд. Табрики онҳо барои камина чунон ғайриодиву ногаҳонӣ буд, ки лаҳзаи аввал дар ҷоям шах шуда мондам: ҳамаи занҳо баробар бо овози борику ҷарангосии худ қийғоси гӯшкаркунандае кашида, бо кафи даст ба даҳони худ мезаданд. Дар натиҷа садои фасиладори ваҳмангезе ҳосил мешуд, ки аз афти кор, ба бонги хатари нахустин қабилаҳои одамони ибтидоӣ шабоҳат дошт.

Ҷомадонҳоро ба аробачаҳо бор карда, берун баровараданд. Ним соат, як соат гузашт. Вале ба савор шудан ҳанӯз ишора набуд.

Пас аз ду соат гуфтанд, ки тайёра нест. Ва имрӯз намешавад. Тайёраи Арабистони Саудӣ, ки мебоист моро савор мекард, дигаронро савор карда, ба Ҷаддаи муборака рафтааст. Аз гуфтушуниди атрофиён ҳамин қадар фаҳмидам, ки сафари онрӯзаи мо туъмаи кадом як найранге шудааст.

Бо автобуси дигар маъюсу хомӯш ба ҳуҷраҳои худ баргаштем. Акнун, ба иборае, ҳабси ихтиёрии хонагӣ сар шуд. Баъди бо нияти ҳаҷ бастани эҳром онро кушодан мамнӯъ будааст. Агар касе бо зарурати фавқулодае маҷбур ба кушодан шавад, дар арафаи иди қурбон ба қафораи гуноҳ камаш як гӯсфанди иловагӣ қурбонӣ мекардааст.

Ҳоҷӣ Абдухалилака эҳромашро кушода, ба ҳама эълон кард, ки рӯзи арафа, иншооллоҳ, як гӯсфанди бӯрдоқӣ кушта, гуноҳи худро хоҳад шуст. Эҳром кушодани ӯ

дарвоқеъ зарур буд, зеро вай хазинабон аст ва аз номи мо бо маъмурияти меҳмонхона, аэропорт ва ғайра муомилоти пулӣ дорад, бояд ҳамроҳи сардор дар шаҳр гардад.

Хӯроки нисфирӯзиро ба саҳни киштӣ оварданд. Ба фарши тахтагин дастархон густурда, дар атрофи он аз матрасҳои бекорхобида ҷойгоҳи нарме сохтем ва дузону нишастем. Бо эҳроми юбкашакл дигар хел нишастан мумкин ҳам набуд.

Пас аз таом суҳбати илмӣ сар шуд. Калонсолон ба ҷавонон аз фарзу суннати маросими ҳаҷ нақл мекарданд. То даме ки ҳоҷӣ дар тан эҳром дорад, набояд касеро ранҷонад, ба касе аз бинӣ боло гап занад, ҳатто магасе ё кайкеро куштан, гиёҳе, ҳатто барги дарахтеро ҳам кандан қатъиян мамнӯъ мебошад. Бо эҳтиёт нишасту хез, хуфту хоб кардан низ аз шартҳои муҳимтарин аст, то ки аз ноф то зонуи ҳоҷӣ ҳамеша пӯшида бошад (қаблан бояд эътироф кард, то даме ки эҳром дар танам буд, ғайр аз шарти охирин дигар ҳамаи шароитро дақиқона ба ҷо оварда тавонистам, чунки бо он ҳама эҳтиёткорӣ ва кӯшише ки ба кор бурдам, комилан аз бар кардани санъати юбкапӯшӣ каминаро муяссар нагардид).

Аз Исрофил пурсидам:

– Таърихи расм шудани эҳромбандиро медонӣ?

– Пайғамбарамон Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам фармудаанд. – гуфт ӯ.

Бечора, ходими дин шуда истода, ҳаминро намедонад. Эҳромпӯшӣ ҳазор сол пеш аз пайғамбар расм шуда буд. Ҳанӯз вақтҳое расм шуда буд, ки замину чарогоҳҳои нимҷазираи Арабистон моли ҷамъият, яъне моли қабила ва авлодҳо буд ва ҳар касе аз қабилаи дигар меомад, водор буд, ки либоси махсус – эҳром бандад ва ба ин восита маълум намояд, ки ӯ мусофир аст ва ба худои ин қабила сари таъзим фуруд меорад; оре, эҳром фақат либоси мусофир ё меҳмон буд ва боз барои он лозим буд, ки шахси эҳромпӯш дар замин ё чарогоҳи бегона сайде шикор накунад, дарахтеро наафтонад ба полезе бе иҷозат дохил нашавад ва ғайра ва ҳаказо.

Воқеан, чаро ман мулло Исрофилро таъна мекунам? Кайҳо маълум аст, ки агар аз таърихи дин ва маросимҳои динӣ касе камтар аз ҳама огоҳ бошад, пас он ҳам фақат ходими дин аст, ки аз китобҳои илмии таърих чун борут аз оташ ҳазар мекунад.

Ба мулло Исрофил ақидаи ба гуфти ӯ мухолифро баён кардан ҳам намешавад. Меранҷад. Ҳоло касеро озор додан манъ аст. Пули беҳуда надорам, ки сухани ҳақро гуфта, ба ивази ҳар як ҷумлаи он яктоӣ гӯсфанд ҷарима диҳам.

Бе ҳамдаму надим мондан рӯзи сахт будааст. Аммо дар олам муаммое нест, ки илоҷи ҳаллаш ёфт нашавад? Парерӯз баъди он ки Оллоҳназарқорӣ ба ман сурудхониро манъ карда рафт, бо Искандар суҳбат кардам. Бале, ғоибона бошад ҳам, суҳбат кардам.

– Ин ҷо биё, азизам, – гуфтам ба Искандар.

– Чӣ мегӯӣ? – аввал овозаш ба гӯшам расид ва амин ки чашмонамро пӯшидам, худаш ҳам дар наздам ҳозир шуд.

– Маро сурудхонӣ намемонанд. Чӣ кор кунам?

– Чӣ кор мекардӣ? Тоқат кун, одамон як моҳу 19 рӯз дар уқёнуси бепоён ба гуруснагиву ташнагӣ тоқат карда буданд.

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ?

– Зиганшину Поплавскийро гуфта истодаам. Фаромӯш кардӣ? Масъалаи суруд назар ба ин хеле, хеле саҳл аст. Ҳеҷ нашавад, дар дилат саро.

– Сафсата нагӯй. Дар дил суруда намешавад. «Сер чӣ парвои гурусна дорад». Ту маро ба бало гирифтор кардӣ, худат кайф карда гаштаӣ.

– Ба кадом бало?

– Ҳамин сафар-дия. Агар ҳамон рӯз маро ба Вазорати тандурустӣ кашола карда намебурдӣ, то алҳол намешинохтандам ва ба ин гуна сафарҳо тавсия ҳам намекарданд.

– Воҳима накун, ба сарат санги осиёб нагаштааст.

– Ба ту гап задан осон. Эҳтимол худат ҳозир шиматро то зону барзада, лаб-лаби ягон наҳр шасту қалмоқ бардошта гашта…

Бегоҳӣ фаҳмидем, ки Қориака аз номи ҳоҷиён ба шоҳи Арабистон Аълоҳазрат ибн Сауд барқия (телеграмма) фиристода, аҳволи моро баён кардаанд. Гуфтаанд, ки як гурӯҳ мусулмонони Иттифоқи Советӣ дар ними роҳ эҳром ба тан, ташна ба зиёрати ватани азизи пайғамбар мунтазири тайёра нишастаанд. Аълоҳазрати ҳумоюн, дасти ёрӣ ба сӯи мо дароз кунед.

Ба ғуруби офтоб каме монда буд, ки фотоаппаратро бароварда сурати қурси офтобро гирифтам. Лекин худам намедонам, ки бараои чӣ. Гоҳе аввал ягон кореро мекунеду баъд андеша.

Дар ин диёр ҳаво зуд торик мешудааст. Дар кишвари кӯҳистони мо пеш аз тулӯъ ва баъди ғуруби хуршед камаш як соат ҳаво равшан аст. Душанберо пазмон шудам. Боғчаи озодаи институти тиббӣ, биноҳои ғарқи ниҳолони сарсабзи шаҳрчаи тиббӣ ҳар замон пеши назарам меоянд. Оби шӯху кафколудаи наҳри Душанберо гӯё баръалоина мебинам.

Тахмин дусад метр болотар аз мо киштие омада, ба соҳил ҷафс шуд. Дар атроф ғалмағале барпост. Дар саҳни поён чанд мотори электр кор карда, ба меҳмонхона об мебарорад. Малаххои бисёр дар байни алафзори соҳил руст шуда, бефосила чиррос мезананд. Дар ҳар ҳуҷра дутогӣ вентилятор ғурросзанон давр мезанад ва ҳавои гарми хонаро пеш карда, аз берун ҳавои тоза мекашад. Вале, ҳайҳот, ҳавои берун заррае сернуртар нест. Нафас мекашеду гумон мекунед, ки ҳаворо не, атолаи ширгарми симоб барин вазнину ғафсеро ба дарун мекашед.

Дар Арабистон ҳоламон чӣ мешуда бошад? Агар ҳикояҳои Ҳоҷӣ Абдухалилака рост бошанд, дар регистони тафсони биёбони араб аз имтиҳони ҷаҳаннам хоҳем гузашт.

... Рӯзи дуюми ҳабси ихтиёрии мо даррасид. Ҳама сиҳат саломатанд. Фақат дар пешонаи куҳансолтарин ҳамсафарони мо – қорӣ Мушарраф пуччаке баромадааст.

Ҳамроҳи худ маҳлули гипертоникӣ нагирифтаам. Аз ҳама гуна дорувор кам-кам гиред ҳам, охир, як вагон мешавад. Марҳаме сохта молидам ва аз болояш латтаи часпак часпонидам.

Лекин дар назди худам ду муаммои мушкил пайдо шудааст, ки пагоҳи инҷониб ором намемонад. Яктааш – муаммои дандоншӯяк. Солҳои сол аст, ки аз ордаки дандоншӯяк истифода мебарам. Ҳоло эҳром бастаам. Ба шахси эҳромдор нохун гирифтан, риш ё мӯйсар тарошидан, собун задан мумкин нест.

Аммо дар хусуси дандоншӯяк касе аз уламо чизе нагуфт. Дар маъхазҳои динӣ ҳам аз ин нукта ҳарфе гуфта нашудааст.

Исрофилро ҷеғ зада, аз ӯ савол кардам. Дақиқае сарашро таънаомез ҷунбонида истода, гуфт:

– Нағз не, ҷӯраҷон, ин тавр накун.

– Чӣ нағз не? Чӣ тавр накунам? – ҳайрон шудам ман.

– Ту сафари муборакамонро бояду шояд эҳтиром намекунӣ.

Табъи Исрофил аз чӣ сабабе хира менамуд. Ӯ баъди ҳамон шаби касал шуда, алоӣ гуфтанаш хеле тағйир ёфта буд.

Маҷбур шудам, ки ҳамаи санъати суханпардозиамро ба кор андохта, ҷиддияти саволи худро ба ӯ фаҳмонам. Ниҳоят, ноиб-ур-раисамон гуфт, ки дандоншӯякро ба кунҷи ҷомадонат партофта мон.

Худамро коҳиш мекардам, ки беҷо ба ӯ ин саволро додам. Агар аз рӯи мантиқи қоидаҳои ҳаҷ фикр мекардам, ҷавобро худам ҳам пайдо мекардам. Рост-дия, модоме ки собун задан, нохун гирифтан, риш тарошидан мумкин набошад, тозагии дандону даҳон ба кӣ лозим? Ҳар қадар бештар ба чирку қарқ оғӯшта шавед, ҳамон қадар хуб аст, яъне ба худои таоло ҳамон қадар равшантар аён мешавад, ки шумо ҳатто ҷисму ҷони худро фаромӯш кардаед ва дар каллаатон фақат фикру зикри худованд асту расули барҳаққи ӯ.

Лекин, аз рӯи инсоф гӯем, гуноҳи ман ҳам чандон азим нест. Пешакӣ як аниқ кунам гуфтам-дия. Ҳазрати ибн Ҳанбал[1], масалан, қабл аз он ки тарбуз хӯранд, чанд рӯз ҳадиси пайғамбарро варақ зада, аз уламои дигари олам пурсуҷӯ карда, фаҳмиданӣ шудаанд, ки оё Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи вассалам дар вақташ тарбуз тановул карда буданд ё на. Чун аз ин мева чашидан ё начашидани он ҳазратро муайян карда натавонистанд, яъне дар ин бобат ишораи аниқе пайдо карда натавонистанд (он вақтҳо «Қисас-ул-анбиё» ва «Қобуснома»-ҳо ҳанӯз ба дунё наомада буданд), як умр тарбуз нахӯрда аз олам гузаштанд. Ҳамин хел зоти дақиқкор буданд ҳазрати ибн Ҳанбал. Ман бошам, мехостам, ки мавқеи дандоншӯякро муайян кунам.

Магар ин гуноҳ аст?

Модоме ки саволи якумам боиси озори хотири ҷӯраам шуд, қарор додам, ки саволи дувумам дар дилам пӯсида равад. Акнун мегӯям, ки муаммои дигар дар бораи қатли хомӯшак буд. Саҳарӣ яке аз хомӯшакҳое ки дар соҳили Нил бисёр будааст, дар вақти хобам пешониамро газидааст. Ман онро хоболудона зада куштаам. Пурсиданӣ будам, ки оё ғайри ихтиёр куштани хомӯшак гуноҳ мешавад ва ба ҷаримаи он гӯсфанд куштан зарур аст, ё худ дар хоб буданам ҷинояти маро сабук менамояд?

Бигузор акнун ин муаммо то абад ҳал нашуда монад.

Наҳориамонро дар саҳни киштӣ тановул кардем. Баъзеҳо бо овози паст бо ҳам аз ину он суҳбат мекарданд, куҳансолон дар ҷои нишасташон пинак мерафтанд.

Исрофил аз ман дур нишастааст. Аз афташ, қасдан худро ба канор мегирад. Наход масъалаи дандоншӯяки зормонда ӯро ҳамин қадар ранҷонида бошад? Ё шояд ягон сабаби дигар будагист?

Оллоҳназар дар ҳар панҷ-шаш дақиқа бо овози баланд баногоҳ «алҳамдулиллоҳ!» гуфта пинаки ҳамаро мепар-

---

[1]Аҳмади ибни Ҳанбал – яке аз асосгузорони шариати ислом, соли таваллудаш 780, вафоташ 855-и милодӣ.

ронад. Аммо ба ӯ касе гап намезанад, зеро ба худо ҳамд гуфтан савоб аст, агарчи ҳамчун ҳамаи дигар корҳо бояд маврид ва меъёр дошта бошад.

Моро ғайр аз тамошои Нил ва якта-нимта одамоне ки ба пеши панҷараи соҳил меоянд, дигар коре нест... Киштие ки дина бегоҳӣ омада, аз мо болотар лангар андохта буд, аз они «Ҷамъияти шиноварони ҷумҳурияти Судон» будааст. Қариби пешин аз паҳлуи вай завракчаи моторноке ҷудо шуда ба мобайни дарё роҳ гирифт. Аз паси завракча судонидухтари хушпайкари зебое дар либоси шиноварӣ ресмонеро дошта савори лижаи обӣ рӯй-рӯи дарё медавид.

Аз ман пурсиданд, ки ин чӣ ҳунарест? Дар бораи ин намуди спорт лексиячае хондан лозим омад.

Ҳама аз ҷойҳои худ бархоста сокитона духтаракро тамошо мекарданд. Оре, касе лом намегуфт. Дар рӯи дарё духтари қариб тамом бараҳнаи мусулмон варзиш мекард. Ва ин ҷо «мамлакати мусулмонобод» буд. Дар сари давлат – якбора ду партияи динии ислом.

Зоҳиран, ҳар яке аз ҳамсафарон дар ин дақиқа фикр мекард, ҳоло соли 1963 аст, асри бистум аст.

Бале, мурури замон чизи зӯрест. Вай шамшери пӯлодиро ҳам чунон суда мекунад, ки рафта-рафта дар пеши ресмоне оҷиз монад ё аз он наъл сохта ба пои маркабе бизананд.

Фарроши меҳмонхона як рафиқашро ба пешам овард, ки бубинам ва давое ба ӯ таъйин кунам. Парерӯз худи фаррошро дида будам. Гурдааш иллат доштааст. Ин аз варами пой ва халтачаҳои зери чашмонаш аён буд. Дар ин ҷо на лабораторияе дар ихтиёри ман ҳаст, на ягон асбоби дурусте. Имконияти таҳлили мукаммалтар кардан нест. Ночор ба санҷиши сатҳӣ такя карда, миқдоре аз доруворе ки дорам, ба ӯ додам. Ресепт навиштан суд надорад. Моҳонае ки ӯ мегирад ба ин корҳо чандон мувофиқ нест. Таъйин кардам, ки акнун хӯроки бенамак хӯрад.

Рафиқи фаррош ба замми маишати ноқис чилимкашӣ карда, роҳи нафасашро қариб бастааст. Ба ӯ низ дору додам ва гуфтам, ки агар боз чанд сол зинда мондан хоҳад, аз кайфи чилим гузар кунад. Ҳар ду як соати расо изҳори миннатдорӣ карданд. Ҳатто Абдусамадака аз тарҷумаи калимоти шукронаи онҳо тамом хаста шуда рафт.

Боз муддате онҳо дар ҳуҷраи ман монда, таъзим ва тавозӯъкунон ким-чиҳо мегуфтанд.

– Алҳамдулиллоҳ! Алҳамдулиллоҳ! Тайёраи мо омад! – шунида шуд аз берун садои Оллоҳназар. Шитобон берун баромдам.

– Канӣ тайёраи мо?

– Ҳозир аз болои кӯпрук гузашта, ба тарафи аэропорт нишеб рафт.

– Чӣ хел шинохтед?

– Думаш сурх, азони мо-дия.

– ИЛ – 18?

– Не-е-е. Азони Суудия.

Тавба. Тайёраи Арабистон ба ӯ аллакай «азони худамон» шудааст. Имом-дия. Аҷаб нест, ки Маккаи мукаррама барои вай маркази коинот бошаду Мадинаи мунаввара-нофи замин.

Роҳраву саҳни ду киштиро бо қадам чен мекунам. Поён мефароям, ба Нил чашм медӯзам. Боло мебароям, мардуми дар кӯча гаштаро аз дур тамошо мекунам. Эҳромам имрӯз ба танам нағз часпида истодааст. Чунки аз бекорӣ дар пеши оинаи ҷевон чанд бор кушода, аз сари нав бастам. Дирӯз ҳангоми роҳгардӣ як дастам дар нифа буд. Чист, ки зодаи одам наомӯзад?

Имрӯз дар Ватан – арафаи ид. Пагоҳ – Якуми Май. Ҳар шаби арафаи Якуми Май зану бачаҳоямро гирифта, ба тамошои шаҳр мебаромадам. Шаҳрҳои мо дар арафаи идҳо сайргоҳи афсонавӣ барин мешаванд. Одамон, биноҳо, кӯчаву хиёбонҳо, ҳатто автобусу троллейбусҳо худро мисли арӯсу домод оро медиҳанд.

Дар гурӯҳи мо касе аз Якуми Май даҳон намекушояд. Барои ҳоҷиён арафа пасфардо меояд. Савуми май иди

Қурбон аст, иди он рӯзест, ки ҳазрати Иброҳим писари худ ҳазрати Исмоилро дар роҳи ризоияти худованд сар заданӣ буданд, аммо парвардигори раҳмон ҳазрати Ҷабраилро бифиристод, ки ба Иброҳим бигӯ даст нигоҳ дорад. Садоқати вай ба мо аён шуд. Барои он ки шасташ нагардад, ана ин гӯсфандро бурда бидеҳ ва бигӯ ки ба ҷои фарзандаш бикушад. Мо розӣ ва қонеъ мешавем.

Аз рӯзе ки ман ин қиссаро шунида будам, ба ҳазрати Ҷабраил меҳри махсусе мепарварам. Ҳазрати Ҷабраил масофаеро, ки одамон дар 500 ҳазор сол мебоист мепаймуданд (яъне масофаи замини пургуноҳ ва Арши аълоро) ва худашон ҳам дар мавридҳои дигар дар хеле фурсат тай мекарданд, он рӯз дар як лаҳза тай намуданд ва дар сари вақт расида омада, ба дами корди ҳазрати Иброҳим, ки ба гулуи ҳазрати Исмоил меронданд, бо қаноташон якта фаровարданд ва кордро кунд карданд. Агар ҳазрати Ҷабраил фориғболӣ карда, намеомаданд, чӣ мешуд? Ҳар сол дар рӯзи иди Қурбон писаркушӣ расм мешуд, чунки кореро ки пайғамбаре кардааст, мо, мусулмонон, ҳақ надорем, ки накунем. Он гоҳ арӯсони бедомод, домодон бе бародар, бародарон бе додар мемонданд. Эҳтимол, маро ҳам ҳоло шарафи ҳамроҳӣ кардан ба гурӯҳи ҳоҷиён насиб намегардид, зеро ё маро падарам ба даргоҳи худованди раҳим қурбон месохт, ё инҳоро – падарашон.

Ана аз ҳамин сабаб, ҳар гоҳ ки раги мусулмониам ба ҷунбиш омада намоз хонам, савоби онро нарезонда, начакконда, аввал ба унвони ҳазрати Ҷабраил равона мекунам.

## МОШОЛЛОҲ! МОШОЛЛОҲ!
## БОЗ МОШОЛЛОҲ!

Мо дар Ҷаддаи муборак!

Акнун маълум шудагист, ки чаро ба даргоҳи Худованд беист сано мегӯем? Мо ба ватни пайғамбари охирзамон – Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи вассалам расидаем.

Имрӯз саҳарӣ тайёра шуд ва мо доду фиғони парерӯз дар роҳи аэропорти Хартум кардаамонро бо овози баландтар такрор намуда ба он савор шудем. Дар се соат ба Порт-Судон расидем. Аз Порт-Судон боз парвоз карда ва аз болои баҳри Сурх гузашта дар як соат ба ин ҷо расидем.

Муҳайё шудани тайёраро мӯйсафедони мо аз шарофати барқияи ба аълоҳазрат ибн Сауд фиристодаи Қориака медонанд. Лекин ман пеш аз парвоз ҳанӯз дар Хартум фаҳмидам, ки сафирамон рафиқ Силин ҳам даст болои даст монда, бекор нанишаста будааст. Вай ба воситаи сафоратхонаи дар Хартум будаи Арабистон ба ҳукумати аълоҳазрат баъзе масъалаҳоро фаҳмонида додааст. Дарвоқеъ, охир мамлакати моро-ку мамлакати бединҳо, фалон-беҳмадон гуфта, аз субҳ то шом, балки аладдавом карнай менавозанд. Агар 17 нафар мусулмонони ба нияти ҳаҷ камарбастаи онро бо як духтураш аз ин зиёрат бо баҳонаи тайёра маҳрум созанд, баодобона карда гӯем, кори айб намешавад?

Ҳар чӣ набошад, мо дар Арабистон.

Камина мехостам баробари фуруд омадан ин воқеаро бо дуд кардани як сигарет хотирнишон кунам, вале тамокукаширо низ манъ карданд.

– Эҳром дар тан папирос кашидан мумкин нест! – гуфтанд якбора чанд нафар аз ҳамсафарон.

Хуб, хуб, мумкин набошад, мумкин набудааст. Мо ҳам чандон гӯлу гаранг нестем ва медонем, ки дувоздаҳ аср инҷониб дар олами ислом баъди ибораи «мумкин нест!» чуну чаро намегӯянд.

Аз майдони тафсони аэропорт моро ба зали боҷхона даровარданд. Ҳангоме ки аз роҳрави танги тахтагин мегузаштем, аз ду тарафи он ходимони боҷхона ва полис қатор истода, ба андоми мо чашм давонда, гӯё чи гуна одам будани моро фаҳмиданӣ мешуданд. Зали боҷхона бозорҳои болояш пӯшидаро ба хотир мерасонид. Тафовут дар ин буд, ки дар болои тахтаҳо ба ҷои озуқаву сангу тарозу ҷомадону халтаҳо қатор гузошта шуда буданд ва дар паси тахтаҳо хизматчиёни хашминнигоҳи боҷхона рост истода, даруни ҷомадонҳоро такурӯ карда медиданд.

Баробари дохили зал шудани мо марди солхӯрдаи қаддарозе аз кадом дар пайдо шуда омад. Ӯ курта ва яктаки сафеди дароз пӯшида, ба сараш қарси сафедеро партофта буд. Калонсолони гурӯҳ бо ӯ гарму ҷӯшон вохӯрӣ карданд. Ин мардро Абдуллои Бухороӣ мегуфтанд ва ӯ кайҳо боз яке аз сутунҳои Ҷаддаи муборака будааст.

Абдуллои Бухороӣ дар ин ҷо ҳамчун дар хонаи худ озод ва омирона қадам мегузошт. Бо овози баланди ҷарангосӣ дастёрони худро садо мекард, ба ҷустуҷӯи таксӣ ва одамони даркориаш мефиристод. Аввал ӯ ва Қориака ба каноре баромада пичир-пичиркунон гуфтушунид карданд. Сипас Бухороӣ аз кассир миқдоре пул гирифта, ҳамроҳи яке аз сардорони боҷхона – арабкалони сиёҳчеҳра ба гӯшае ғоиб шуда рафт.

Баъди баргаштани онҳо тафтиши ҷомадонҳо сар шуд. Араби шикамкалон баъзе ҷомадонҳоро ҳатто даст нарасонда, имо кард, ки бардоранд. Аммо дар тафтиши як қисми дигари ҷомадонҳо, аз ҷумла ашёи камина ҳамаи дақиқкории худро намоиш дод. Дорувори маро даст-даст карда, пурсид, ки оё афъюн ё наша надорам? Гуфтам, ки афъюн дорам, вале на бараои истеъмол ба он тарзе ки ӯ дар назар дорад, балки барои инъексия[1] дар мавриди зарурӣ. Ба ӯ ампулаҳои шишагинро нишон додам. Абдусамадака шарҳи маро аз будаш зиёдтар карда тарҷима намуд. Мардак қонеъ шуд.

[1] Ба воситаи сӯзан ба бадан фиристодани дору.

Аз ҷомадони дигарам ҳамон фотоплёнкаҳои коғазпечро бароварда бӯй кард.

Тафтиш тамом шуд. Ба ҳавлии аэропорт баромадем. Биной аэропорт чорошёна будааст. Қабати поёниро дар як самт агентиҳои муваққатии[1] флоти ҳавоии Эрон, Афғонистон, Ироқ, Туркия ва дигар мамлакатҳо иҷора гирифтаанд. Дар сари идораи ҳар агентӣ байрақи миллиаш овезон. Дар самти дигар дуконҳои баззозӣ, чарчинфурӯшӣ. Дар як тараф ошхона ва идораҳои маъмурони аэропорт.

Абдуллои Бухороӣ дар болои сандуқи кадом як мусофир нишаста, аз киса қаламу дафтар баровард ва ба ҳисобу китоб шурӯъ кард. Аз ҳар кадоми мо 50 долларӣ гирифта ба боҷхона месупурдаанд. Ин андози карантин, ҳаққи роҳ ва боҷпулӣ будааст, ки аз ҳар як ҳоҷӣ меситонидаанд ва буджети ватани пайғамбар ҳар сол ана аз ҳамин андоз ташкил меёфтааст.

Пирамард ба рӯйхат кардани мо сар кард. Ҳоҷиҳои мо ба ду гурӯҳ тақсим шуданд: мусулмонони республикаҳои ҷануб тошкандӣ, лақаб гирифтанд, бошандагони шимол ва Озарбойҷон, – қазонӣ. Камина тошкандӣ шудам, Исрофил – қазонӣ.

Абдуллои Бухороӣ менавишту гап мезад, ман аз дастони ӯ чашм намекандам. Каф ва пушти ҳар ду дасташ аз ҷароҳат шудгор буд. Ҳатто аз мағзи докаи печонидааш фасоди хунолуд метаровид. Яқин буд, ки дарди хориш расида, аз ҳад гузашта рафтааст. Қоил ман, яке аз сутунҳои Ҷаддаи муборака ба дарди худ даво наёбад, вой ба ҳоли дигарон.

Қориака аз нигоҳи ман пай бурда, ишора карданд, ки ба ҷароҳати дасти пирамард давое навишта диҳам. Чӣ нависам? Муолиҷаи хориш осон нест, вай моҳҳо, ҳатто солҳои дароз кашол меёбад. Ба ҳар ҳол ба коғазе барои дорухона супориш навишта додам. Хайрият, ки ақаллан забони касбии духтурон ва дорухонаҳои дунё як аст.

[1] Муваққатӣ аз он сабаб ки фақат дар давоми мавсими ҳаҷ кор мекунанд.

Се таксии сурх – сайёраи сабукрави америкоӣ омада, дар саҳни ҳавлӣ қатор шуд. Ман ҳанӯз дар хаёл будам, ки оё ин таксиҳо барои мо бошанд ё на. Аммо ҳамсафарон ба талоши ҷой афтоданд. Ҳар таксӣ ҳафт нафарро мегирад, яке дар паҳлуи ронанда, се нафар дар курсии мобайн, се каси дигар дар курсии охирин, ки рӯ ба қафои мошин сохтаанд.

Исрофил ба мошинаи дигар нишаст. Ҳанӯз худро аз ман дур мегирад. Дили одамизод барин ҷинкӯчаи печ дар печ набудааст-дия дар олам… Хайр, намемурем, ягон рӯз аз ин асрор ҳам воқиф мешудагистем.

Ронандаи сайёраи мо ҷавони сиёҳҷурдаи араб, ки ба сар қарси сафеди шоҳӣ партофта, аз болои он чанбараки сиёҳи зарҳалкорӣ гузоштааст, дар гирди сайёра мунтазири ишораи сардорон қадам мезанад. Вай ба сӯи мо назарбаландона, ҳатто беэътиноёна нигоҳҳо меафканд. Ваҷоҳаташ мисли қассобони давлатманди қадимаест, ки аз бозор як рама гӯсфанд харида ба гӯшае бароварда мондаанду акнун дар гирди рама чарх зада, аз сарвати худ савлате доранд.

Аҷаб муносибате ба меҳмон.

Қиёфаи ӯ ба табъам нафорид. Ман ҳам қиёфаи писхандомезе сохта, кӯшиш кардам, ки муносибати худро ба ин ҷавони ҳавобаланд фаҳмонам. Дид, аз афташ. Бо тамкини ғозона чанд қадами дигар гузошта, ба паси мошин омад ва дари нисфаш шишагини моро яла карда гуфт:

– Таваҷҷуҳ.

Пас кнопкаеро пахш кард. Тиреза поён рафт. Кнопкаи дигарро пахш намуд. Тиреза маҳкам шуд. Ронанда гӯё «дидӣ давлати моро» гӯён аз чашмонаш шарораи ғурур пошида, якта қош парронид. «Оббо, гуфтам дар дилам, зӯр бинои ифтихор доштаӣ. Аз мошинаҳои мамлакати бегона фахр мекунӣ. Мо ҳам кнопкаи чунон мошину аппаратҳоро зер карда ба кор меандозем, ки тағои он сӯи уқёнусиат дар хоби шабаш ҳам надидааст».

– Сайёра Амрико? – гуфтам таваккалкунон.

Саволамаро фаҳмида. Ҳа, амрикоӣ гуфт.

– Мамлакат суфитӣ, – гуфта бо дастам тахмин ба самти офтоббаро ишора кардам, – милён-милён сайёра, тайёра мавҷуд. Кулли сайёра, кулли тайёра суфитӣ.

Гӯё акнун чизе нафаҳмида бошад, китф ба ҳам кашида дур шуд.

Абдусамадака ва як амалдори араб ба сари мошини мо омаданд. Амалдор чизе гуфт ва тарҷумон онро ба ӯзбекӣ гардонд:

– Ин кас мегӯянд, ки агар дар байни шумоён ягон кас коммунист бошад, аз мошин фарояд. Хушӣ ба хушӣ ба ватанаш мефиристем.

Хомӯшии гароне ба миён омад. Аҷаб як саволе. Ин имому қориҳо куҷову коммунизм куҷо? Ё соҳибони мамлакат маро дар назар доранд? О, агар, духтури коммунистро фиристодан лозим мешуд, духтурҳои аз ман даҳчанд зӯртарро монда, маро мефиристоданд? Мантиқ ҳам чизи хуб.

Шунида будам, ки дар масъалаи муносибат ба олами сотсиализм Арабистони Суудӣ филиали таппа-тайёри Штатҳои Муттаҳида аст. Дар ин ҷо бюрои федералии тафтишоти фаъолияти зиддиамерикоӣ набошад ҳам, шаҳбозоне ҳастанд, ки аз мутахассисони он Бюро сари мӯе монданӣ надоранд. Ҳамаи ин гапҳо рост барин менамоянд.

Ба тарҷумон гуфтам:

– Абдусамадака, ба ин ҷаноб боб карда ҷавоб гардонед. Барака ёбед, ба вай фаҳмонед, ки аз сари коммунист тилло резед, ки ба ҷои нохонда қадам намемонад.

– Лозим не, духтур. Мо бояд ҳар чизеро ба дил нагирем. Ин як расмият асту бас.

Баъд тарҷумон ба мансабдор чизе гуфт ва ҳар ду ба сари мошини дигар рафтанд.

Зор монад, қадри тамоку гузашт. Ман-ку аз ин пеш муддатҳо тамоку накашида, тоқат карда будам. Аммо муҳит дигар буд. Ҳар лаҳза бо қиёфа ё таклиф ё саволҳои гоҷи худ ба асабатон расидан гиранд, девона мешавед-ку!

Ниҳоят, Абдуллои Бухороӣ даст бардошта фотиҳа хонд ва мо омингӯён аз ҳавлии чоҳмонанди аэропорт берун шудем.

## АЗ МИЁНАИ АСР БА АСРИ МИЁНА

Дар замони мо ҳам фақат якчанд соат кифоя мекардааст, ки аз миёнаи асри XX ба асри миёна кӯчед.

Сайёраи америкоӣ моро дар кӯчаҳои каҷмакаҷи Ҷаддаи муборака гирифта метозад, ки банда таърифи ин гуна маҳаллаҳо, растаҳои серодами тангу торро фақат аз афсонаҳо шунидаам. Гоҳо аз пеши роҳ хараробае мебарояд ва сайёраи мо ночор аз паси вай мехазад. Гоҳо дар ягон тангкӯча тамбаи аробаю мошинҳоро дида пас мегардад ва мо паснокӣ хеле масофаро тай карда, ба роҳи дигар мебароем.

Дар кӯчае дар таки дарвозаи баҳашамате қарор гирифтем. Ронанда ба ҳавлӣ даромада, чанд дақиқа ғоиб шуд. Сонӣ ҳамроҳи зани чодири сиёҳпӯше баромад. Зан аз курсии якум аз паҳлуи ронанда нишаст, ки он ҷоро қаблан барои ӯ нигоҳ дошта будааст.

Боз чанд гоҳе дар ҷинкӯчаҳо давр зада, ба роҳи асфалтпӯши калонтар баромадем. Ҳукуматдорон ба аҳволи санитарии маҳаллаҳо, зоҳиран, коре надоштаанд. Кӯчаҳо ифлос, дар таки дару дарвозаҳо, дар пеши дуконҳо тӯдатӯда ахлот мехобад. Бӯи ғализи меваю сабзавоти пӯсида нафаси касро кӯрдуд барин танг мекунад. Анбӯҳи тираи магас дар фазо озодона дар сайругашт аст.

Роҳи байни Ҷаддаи муборака ва Маккаи мукаррама аз дашти санглохе мегузаштааст, ки дар ду тарафаш теппаҳои начандон баланди сангӣ вомехӯранд. Ҳамин ки ба роҳи калони аэропорт шоссеи бандари баҳрии Ҷадда ҳамроҳ шуд, ҳаракати сайёраҳо афзуд. Ин гуна мошинаҳои аҷоибу ғароибро дар умрам надида будам, Автомобилҳои боркашро ба мусофиркашонӣ мувофиқ карда, ба ҳар тарафаш барои зинат панҷараҳои кунгуракории оҳанӣ ва тунукаҳои ранго-ранг часпонидаанд ва аз радиатор то чароғи қафои сайёра он қадар рангҳои гуногун

молидаанд, ки автомобили бечора ба хурӯстӯтии ҳазорренгаи Сарандеб шабоҳат пайдо кардааст.

Шояд аз сабаби бисёрии мусофирон ва норасоии нақлиёт бошад, ки ба ҳар кадом автомобил ду-се баробар зиёдтар аз гунҷоиши муқаррарии он ҳоҷиён часпида гирифтаанд. Ҳатто ба боми кабинаи сайёрае ки ҳаҷман ба «ГАЗ-51»-и мо баробар аст, камаш чаҳор кас савор шудааст. Баъзеҳо пойҳои худро бар болои оинаи кабина дароз карда нишастаанд.

Аз канораи роҳ ҳар замон тахтаҳои эълон намудор мешаванд, ки ба забони арабӣ таъми хушу ғизои фаровони кока-кола, пепсикола ва дигар нӯшокиҳои америкоиро таъриф мекунанд.

Дар ҳар чанд километр садде (шлагбаум) аз пеш мебарояд ва ронандаи сайёра шаш адад паспорти хориҷии моро, ки дар аэропорт ба ӯ супурда буданд, ба даст гирифта, ба будкаи полис меравад ва дар он ҷо ба навбат истода, ё агар аз ходимони полис шиносе дошта бошад, бе навбат ҳуҷҷатҳои моро аз қайд мегузаронад ва ба идомаи сафар иҷозат гирифта бармегардад.

Пас аз чоряк соат роҳ гаштан ба садди наве мерасем ва сайёраи мо аз думи қатори дарози сайёраҳо ҷой мегирад. Дар яке аз ин гуна истгоҳҳо дидам, ки одамони эҳромпӯш низ тамоку кашида истодаанд. Пас чаро ман аз ҳамин ягона дилхушии боқимонда даст бикашам? Магар ман аз мусулмонони Покистон ё галаҷазираи Малайя ҳам зиёдтар мусулмонам? Ба ин нуқта ҳатто худам шубҳа дорам-у. Пас гап дар ин ки муллоҳои тақводори мо дар риояи қоида ва қонунҳои шариат мехоҳанд ҳамаро ба як нӯл зананд.

Оллоҳназар сигарета кашидани маро дида, ба рӯям нигоҳи дурударозе дӯхт. Дар нигоҳаш аз ҳисси бародарӣ ва хайрхоҳӣ, ки сафари муборак бояд ба ҳар як ҳоҷӣ талқин мекард, нишонаи чандон фаровон набуд. Ман ба эҳромпӯшони хориҷие ки дар канори роҳ ё дар болои сайёраҳо нишаста тамоку мекашиданд, ишора кардам. Оллоҳназар ночор туфашро фурӯ бурду рӯй аз ман тофт.

Худоё, ҳеҷ умед надоштам, ки дар ин сафари шариф ту маро бо ин қадар мураббиҳои донишманду сахтгир иҳота мекунӣ, ки вазифаи душвори тарбияи бандаро ба дӯши худ гирифтаанд. Лутфу марҳамати ту дар ҳақиқат поён надоштааст.

Аҷаб коре кардам, ки ба ин сафар баромадам. Дар ватан ҳоло ид. Намоиши идона тамом шуд. Одамон байраќу шиору транспарантҳошонро ба мошинҳо бор карда, хандаву бозикунон ба хонаҳои худ ё ҳамдигар ба шабнишинӣ мераванд. Ҳамкасабаҳои ман ҳар сол дар ин рӯз баъди намоиш бо оилаҳои худ ба саҳро мебароянд. Дар ягон ҷои хушманзараи дараи Варзоб ё соҳили Кофарниҳон палос партофта, то бевақтии шаб суҳбат ва дилхушӣ мекунанд. Искандар гуфта буд, ки дар охирҳои апрел ба Душанбе рафта, идро ҳамроҳи бачаву качаҳояш мегузаронад. Агар рафта бошад, ҳозир қадаҳ дар даст ҷоғ зада истодагист: « Хомӯш, бачаҳо! Медонед, ин қадаҳро барои чӣ менӯшем?»... Ман ки нестам, палавро ягон нӯноқи бедаступо пухта, таки ошро ду ангушт манқал кардагист...

Шикам аз гуруснагӣ, чуноне мегӯянд, танбӯр менавозад. Дар ҷомадон қанд ва кулчаҳои ғилдирак дорам. Аммо ҷомадон дар боми сайёра. Нон дар нондон, калидаш дар осмон.

Аз дур манораҳои шаҳр намоён шуд. Ба остонаи Маккаи мукаррама расидем. Ба остонаи шаҳре расидем, ки асрҳои аср лакидарлак мусулмонон орзуи тӯтиё кардани хоки онро дар дил мепарвариданд, вале ин шарафи нодира фақат насиби якта-нимта давлатмандон ё шахсоне мегардид, ки дар матонат ва суботкорӣ ба худ кам андар кам ҳамто доштанд.

Ҳайҳот! Дидори макони Худованд, аз афти кор, ба осонӣ муяссар нахоҳад шуд. Кӯчаҳои Маккаи мукаррама аз сайёраҳо, ҳоҷиёни пиёдаву харсавор ва ғайра чунон пур шудааст, ки гӯё касе бо қасди кӯчаҳоро тамба задан бо домони бузурге ба сари ин манзил мусулмони рӯи оламро оварда рехта бошад.

Касе намедонад, ки роҳ куҷосту пайраҳа кадом аст. Ҳама ҷо пури одам. Пиру ҷавон, марду зан, пиёдаву савора ба маркази шаҳр, ки зиёратгоҳ ва меҳмонхонаҳо дар он ҷо воқеанд, худро зада, бо сару синаву китфу бозу роҳ мекушоянд.

Сайёраи мо гӯё заррачае буд ва дар ин баҳри пурвалвалаи одам беному нишон гум шуда рафт. Полисҳои шаҳр, ки ба тақлиди низомиёни америкоӣ либоси хокиранг пӯшида, таппончаҳошонро аз пеши тасма овехта буданд, дар миёнаи издиҳоми бесару сомони ҳоҷиён оҷизона даступо мезаданд. Садои ҳуштаки онҳоро ба ҷуз худашон касе намешунид. Дар майдончаҳое ки ду-се кӯчаи шаҳр ба ҳам мепайвастанд, автомобилҳои серодам аз ҳар сӯ ба муқобили якдигар расида, гӯсолаҳои гарданшахи ҷангҷӯй барин сар ба сари ҳамдигар гузошта дар ҳамин ҳол шах шуда монда буданд. Сайёраҳои дигар аз паси онҳо ба масофаи чандин километр қатор ва ба пушти якдигар ҷафс шуда, то қувват доштанд, гудок мезаданд ва ба худ роҳ талаб мекарданд.

Сигнали якҷояи садҳо, ҳазорон мошинаҳои гуногунмаркаро тасаввур кардан лозим. Боз инро ба назар гирифтан лозим, ки аксари мошинаҳо сигналҳои ашӯлахон доранд, яъне фақат бо «ғат» ё «ғут» карда садо баровардан қаноат намекунанд. Ҳамин ки ронанда тугмаи сигналро пахш кард, аз карнаи автомобил як порча нағмаи бадҳайбате берун меояд. Сайёраи бузурги сурхи боркашоне ки ҳатто дар боми брезентпӯшаш мусофирони бӯғчаю қаҷовадор часпида менишастанд, аз дунболи сайёраи мо истода беист гудок медод ва карнайҳои вай гӯё ба ҳавои «Чорбоғи боло, чорбоғи боло» ашӯла мекарданд.

Астағфируллоҳ, дар ҳолате ки аз шӯру валвалаи атроф мағзи одам қариб таркам мегӯяд, боз хандаи кас меояд.

Соати аввал маро тамошои чеҳраҳои намояндагони халқҳои се қитъа машғул медошт. Сонӣ ҳис кардам, ки сарамро дарди сахте фаро гирифтааст. Ин дард аз зӯри

ғалмағале буд, ки аз он фазои модари шаҳрҳо ба ларза афтода буд. Доду фиғони роҳгузарони маҳаллӣ, бонгу фарёди ронандагон, гудоки сайёраҳо, чанги кӯча, дуду дудғӯлаи дуконҳои хӯрокпазии атроф… Ёд дорам, ки калонсолон ҳангоми афсона гуфтан чунин ибораеро низ кор мефармуданд: «Фалонӣ ба кӯча баромад ва дид, ки шаҳр дуд мерафт». Дар бачагӣ ин ибораро мешунидаму сарфаҳм намерафтам. Акнун фаҳмидам, ки шаҳри қадимии машриқзамин чи гуна метавонад дуд биравад.

Сокинони Макка ба ин ҳангома, аз афташ, одат кардаанд ва аз доду шавқуни зиёд лаззат мебаранд, ки бо гудоки сайёраҳо қаноат накарда, ба велосипедҳои одӣ ҳам сигнали автомобил шинондаанд.

Аз сумкаи дастиам як дона пирамеин ёфта, беоб фурӯ бурдам. Порчаи пахта гирифта, сахт лӯнда карда ба гӯшҳоям хастам.

Дар ҳар ним соат бо ҷанҷолу ханҷоли зиёди ҷорикунандагони тартибот порчае роҳ яла мегардид ва сайёраи мо чанд қадам пеш мерафт. Ним соати дигар дар ҷоямон меистодем ва баъд чанд қадами дигар ба пеш мехазидем.

Боз мегӯям, ки мурури замон барин муъҷизакоре набудааст. Ду километр масофаи байни канори шаҳр ва меҳмонхонаи «Арафот» то намози шом, ниҳоят тай шуд ва мо ҳамсафарони худро дар он ҷо ёфтем.

Аммо лунҷи ҳамсафарон овезон буд. Дар меҳмонхонаи «Арафот» ҷои холӣ набудааст. Солҳои гузашта ҳоҷиёни аз мамлакати мо омада дар ҳавлии Зайнӣ Кӯшак ном саиди давлатманд манзил мегирифтаанд. Ҳавлии Зайнӣ Кӯшак ба ҳарам, яъне ба қаъбатуллоҳ наздик бошад ҳам, мусофирон аз ҷои хоб, хӯрокиву нӯшокӣ чандон розӣ намешудаанд. Бинобар он сардорони гурӯҳи мо мехостаанд, ки имсол дар ҷои бароҳаттаре манзил бигиранд. Касе аз ошноҳои инҷоинашон ҳанӯз як моҳ муқаддам ба Тошканд, ба идораи динии мусулмонони Осиёи Миёна барқия фиристода, гуфта будааст, ки имсол барои ҳоҷиёни советӣ аз меҳмонхонаи навбунёди «Арафот» ҷой банд карда мемонад.

Соҳибони «Арафот» бошанд, аз рӯи мақоли «ҳозирро ҳузур, ғоибро маъзур», амал кардаанд.

Акнун дар ин деги бузурги одамҷӯшак моро ба ҷуз паноҳ овардан дар зери бомҳои Зайниддини Кӯшак илоҷе нест.

Ҳангоме ки сайёраҳои кирои омодаи роҳ мешуданд, Исрофил ба назди ман омада гуфт:

– Ман ҳамроҳи ту бошам?

Вай гӯё ҳамаи қуввати рӯҳии худро гирдуғун карда, дар чеҳрааш ифодаи таваллоомезе сохта буд.

– Марҳамат. Ман ба ту ҳайрон, Исрофил. Чаро мепурсӣ?

– Не, ман дигар чиз гуфтанӣ будам. Хайр, майлаш.

Ноиб-ур-раиси мо ба як тарзе ки ба унвони баландаш намезебид, гарданашро каҷ карда, бо вазъияти гунаҳкорона ба зери пояш менигарист. Симои Исрофили бечора ҳоло мурғи пару болрехта ва ба замми ин ба об афтодаеро ба хотир мерасонид. Чӣ шуд ба ӯ? Наход мағали мардуму мошинаҳо ва кӯфтагии роҳ ӯро ба ин ҳолат расонида бошанд?

Қариби говгум ба ҳавлии Зайнӣ Кӯшак расидем. Аз байни ду қатор катҳои яккасаи чӯбин, ки эҳpromпӯшони бисёре дар болои онҳо менишастанд, гузашта ба долони торике ворид шудем. Аз долон ба роҳраве ва аз он ҷо ба хонае даровarданд, ки деворҳои аз чирку дуд сиёҳ ва дар се тарафаш нимсуфаи камбаре дошт. Соҳибони ҳавлӣ бо Қориака ва Ҳоҷӣ Халил чун ошноҳои дерина гарм пурсупос мекарданд.

Дар пойгаҳи хона самоворе дудкунон меҷӯшид. Дар онсӯтар примусе варрос мезад ва дар болои он низ дар қумғоне об меҷӯшид. Аз роҳрав, ки дар як гӯшааш таҳоратхонаи ба рӯяш парда кашидашуда воқеъ гашта буд, бухори гарм ва дилбеҳузуркунандаи чиркоба ба димоғ мерасид.

Дар рӯи хона дастурхон партофтанд. Ҳама аз суфачаҳо бархоста, ба гирди дастархон дузону нишастанд. Исрофилро ҳарчанд ба боло кашола мекарданд, ки аз рӯи мар-

табаву ришу фаши худ ҷой бигирад, ӯ аз паҳлуи ман нарафт.

– Агар ҷои истиқоматамон ҳамин бошад, ба ҳоли шумо дилам месӯзад, – гуфтам ба ӯ.

– Чаро фақат ба ҳоли мо? Худат чӣ?

– Чунки ман ба ин бӯю бухор бисёр тобоварам, ягон соати дигар тоқат карда метавонам. Сонӣ бетабиб мемонед.

Исрофил даст ба даҳонаш бурда, хандаи худро пинҳон кард.

Якпиёлагӣ ҷурғот ва нимкосагӣ вермишелшӯрбо оваранд. Фотиҳа хонда бархостем ва берун баромадем. Марди қоқинаи сиёҳандоме ки яктаҳи сиёҳи саидона дар бар карда буд, китобчае дар даст ба пеши қатор гузашт ва ба забони вайрони туркӣ гуфт, ки иншооллоҳ ба тавофи каъба меравем ва ҳарчи ӯ гӯяд, мо бояд такрор кунем.

– Аузу биллоҳи мин-аш-шайтони ар-раҷим! – бонг зад ӯ ва мо, ки баъди ҷурғоту вермишел андаке қуввати тоза ҷамъ карда будем, ин калимотро аз ӯ баландтар такрор кардем. Ӯ роҳрававон дуои духули каъба, дуои нияти тавоф ва ғайраро ҷумла-ҷумла зикр мекард, мо-такрор.

Аз кӯчаи танги каҷмакаҷ мерафтем. Дар ду тараф дуконҳои баққолӣ, нонвоӣ, каллапӯшфурӯшӣ ва ғайра воқеъ гашта буданд. Мардуми зиёди эҳромбаста ба ин сӯву он сӯ ҳаракат мекард ва мо барои роҳгум назадан аз доман ё дасти якдигар дошта, турнақатор пеш мерафтем. Аз кӯчаи танг берун шуда будем, ки издиҳоми одамон зичтар гардид. Акнун садои дуохонии роҳбалад ба охири қатор намерасид ва пасояндагон ҳар чизе ки аз атроф ба забони арабӣ шунида мешуд, бо ҳуши парешон ва сари гиҷ такрор мекарданд. Ҳамин гуна шаддаҳои зиёратгарон аз чапу рост, аз пешу дунболи мо низ ҳаракат мекарданд. Саидҳои мутаввоф (роҳбари тавоф) аз рӯи китобчаҳои дар дасташон буда оятҳоро мехонданд, мардум такрор мекарданд. Автомобилҳо, аробаҳо, харакиҳо бо доду фарёд дар кӯчаву майдон талоши худро барои қадам ба қадам пеш рафтан давом медоданд. Қатори моро чанд

бор мошинҳо бурида, ба ду тараф ҷудо карда гузаштанд ва мо то ҷон доштем номи якдигарро гирифта фарёд мекашидем, ки ҳамдигарро дар ин валвала гум накунем.

На Исрофил, на ман ва на дигар ҳамсафарони ба ин ҷо аввалин бор омадаи мо намедонистем, ки бояд чӣ қадар роҳ паймоем ва кай ба зиёратгоҳ мерасем. Кӯркӯрона, мисли гӯсфандоне ки ба тарафи кашиши ресмон қадам мегузорад, роҳ мепаймудем. Як вақт фармуданд, ки кафшҳои зиёратии худро бикашед. Фақат дар ҳамин асно пай бурдем, ки мо ба хонаи Худо расидем. Ба пеш нигариста, тарҳи аз сурати китобҳои қадима ва аз нақлу ривоятҳо шиноси каъбаро дидем.

Майдони кушоди атрофи каъба аз фонусҳои калони электр мунаввар буд. Дар гирди майдон айвони васеъ ва пурнақшу нигори давра ва дар атрофи он боз як айвони аз он баландтар ва бошукӯҳтари мураббаъ сохта буданд. Мо ба як гӯшаи ана ҳамин иморати айвоншакли берунӣ будем. Як зани ҳиндисимо кафшҳои моро ба рӯи қарси чиркини худ тӯб карда гуфт, ки то омаданамон онҳоро нигоҳбонӣ мекунад.

Аз айвони мармарфарши дохилӣ ба сӯи каъба пайроҳаҳои ҳамин гуна мармарфарш мебарад. Ба замини байни пайроҳаҳо реги сурх рехтаанд. Зери ҳар ду айвон, регистони байни пайроҳаҳо пур аз одам. Таҳмин 10-12 ҳазор кас дар ин ҷо рӯй ба марказ, ба каъба гардонида, дар болои ҷойнамозҳои худ машғули ибодат буданд. Машкобҳои бисёре дар миёни издиҳоми ҳоҷиён гашта ва дар ҷоҳои махсусан тиқилинҷ аз болои китфу сару пушти хамидаи онҳо ҷаҳида гузашта, «Зам-зам! Зам-зам! Ишриб зам-зам!» гӯён фарёд мекашиданд.

Саиди мутаввоф моро дақиқае дар пеши каъба нигоҳ дошта, оятеро такрор кунонид, сонӣ аз дунболи худ ба тавофи хонаи худованд бурд. Баръакси гашти мили соат дар атрофи каъба ба чарх задан даромадем.

Дар гӯшаи рости девори шарқии каъба дари тиллокорие намудор аст. Поёнтар аз остонаи баланди ин дар сӯрохе сохта ҳаҷаруласвад, яъне санги сиёҳи муқаддасро

ба он ҷо гузоштаанд. Сӯрох ба қадрест, ки одам битавонад сари худро даровварда, ба санг наздик барад ва онро бӯса кунад. Аммо дар ин издиҳом ҳадди касе нест, ки дар бораи бӯсидани санги Парвардигор инъомкарда ақаллан орзуе намояд. Фақат пурзӯртарини мардҳоро муяссар мегардад, ки так-таки девори ҷанубии каъба соате яққадамӣ пеш рафта ниҳоят ба сари он сӯрох бирасанд ва дасти худро ақаллан ба ягон гӯшаи он расонида бибӯсанд ва ба чашмонашон бимоланд.

Басе қиссаҳои хунин бо таърихи ин санг вобастаанд. Баъди вафоти пайғамбар низ дар ҳар сад-дусад сол исёнгаре пайдо мешуд ва бо зӯри аслиҳа Маккаи мукаррамаро забт карда, санги сиёҳро аз хонаи худо дур меандохт ва мегуфт, ки ба санги одӣ саҷда кардани бандаи Худо хуб нест. Саркардаҳои Макка, шайххо, саидон (яъне авлодони пайғамбар) мегуфтанд, ки ин санг санги одӣ нест, балки фариштаест, ки як вақтҳо парвардигор аз осмони ҳафтум ба замини пурнуқсони мо роҳӣ карда буд, вале вай дар роҳ сӯхта, ба ҳамин шакл ба ин ҷо афтодааст. Саркардаҳо боз қувват ҷамъ карда, исёнгарон ва ислоҳотчиёнро кофир эълон мекарданд. Дар мобайн хуни бандаҳои бегуноҳ мерехт. Бори охир асри гузашта ваҳҳобиён, яъне аҷдодони шоҳи ҳозираи Арабистон аълоҳазрати Сауд хуруҷ карда, санги муқаддасро бардошта ба замин заданд ва он кимчанд пора шуд. Солҳо гузаштанд. Сангро боз ба ҷояш баргардониданд, ҷоҳои шикаставу кафидаи онро бо чанбаракҳои нуқрагин печонида ва дарбеҳ карда, дар ин сӯрохӣ гузоштанд, то ки ҳоҷиёни аз дуру наздик омада ба рӯи он бӯса зада, таскин ёбанд.

Мо давр мезанем ва ҳар боре ки ба муқобили санги муқаддас мерасем, даст бар ҳаво бардошта ба сӯи санг меафшонем. Гӯё онро аз дур мебӯсем. Ғайр аз дастафшонӣ оятеро аз паси саиди роҳбалад зикр карда, «оллоҳ акбар!» гӯён хитоб мекунем. Таомул чунин будааст.

Азбаски ба девори шарқӣ то дусад нафар ҳоҷиёни махсусан маҳкамэътиқод доимо часпида меистанд, ҳамин тарафи майдон хеле танг гаштааст ва мо ба худ бо зӯр роҳ

кушода, то гузаштан аз ин ҷо дар атрофи тири худ чанд бор чарх мезанем. Гоҳ пой аз замин канда мешавад, гоҳ поёну болои эҳром яла мегардад, меафтем, мехезем ва ниҳоят, пас аз 15-20 қадами пурмашаққат боз ба ҷои кушодтар баромада, ҳамроҳони худро меҷӯем ва гӯш медиҳем, ки мутаввоф кадом калимаҳоро зикр мекунад.

Ба зиёрати каъба ба нияти шифо бисёр шалу калу кӯр ва ҳатто беморони барҷомонда омадаанд. Хизматгорони кироя инҳоро ба занбар андохта ба сари китф бардошта дар гирди каъба давр мезанонанд. Ба кадом сӯе нанигаред, чеҳраҳои заҳир, чашмони шилпуқи фурӯрафта, рӯйҳои ранҷури хушкида, устухонҳои барҷастаро мебинед. Гирифторони дарди трахома аз ҳама бештар. Аҷабо, мегӯям ба худ, чӣ тартибот, чӣ низомест, дар мамлакати онҳо, ки одамони дардмандро ба ин аҳвол ба сафари дури хориҷа, боз ба чунин як деги одамҷӯшак иҷозат медиҳанд, ки агар кас андаке фориғболӣ кунад, дар як рӯз ҳафтоду ҳафт дарди ногаҳонӣ ба доманаш мечаспад?

Мардум оятҳоро ҷаҳркунон такрор намуда, аспи ҷувоз барин ба гирди хонаи Худо чарх мезананд. Занбарсаворон дар болои сари пиёдаҳо алвонҷ хӯрда, низ ҳар кадоме мувофиқи ҳолу тавони худ таомули таввофро баҷо меоранд. Қатори одамоне ки дар таки дари зарринкории каъба ба навбат истодаанд, торафт зичтар, ғафстар мегардад. Фишори сахти дар қафо будагон баъзе заифтаронро аз байн зада мебарорад ва онҳо аз тарси он ки меҳнаташон барбас меравад, ба бозу, эҳром, ҳатто ба риш ё гӯши дар қаторбудагон сахт мечаспанд. Дар қаторбудагон ҷавобан ба ин шахси часпандаро тела дода дуртар меронанд, то ки ӯ онҳоро низ аз паси худ кашола карда набарорад.

Дар остонаи дари тиллокории хонаи Худо ду сарбоз истода, оид ба қоидаҳои бародарӣ дарси аёнӣ медиҳанд: дар дасти ҳар кадоме – яктоӣ дарраи тобдор. Аз боло истода ба каллаву китфи онҳое ки дар пеши остонаи табаррук лаҳзае дертар мондан мехоҳанд бо дарраҳои худ беамон мекӯбанд. Гарчи дарраҳо аз матои пахтагӣ тофта шудаанд, вале аз садои шартошурти ба сару гарданҳои

бараҳна бархӯрдани онҳо маълум аст, ки кори кардаистодаи сарбозон аз навозиши бародарона хелояк тафовут дорад.

– Чанд давр шуд? – мепурсад аз ман Исрофил, ки аз домани эҳромам сахт дошта гирифтааст.

– Акнун сето.

Ду девори нисбатан озодтари каъбаро низ эҳромпӯшон бо либоси худ сафед кардаанд. Як қатори ҳоҷиён дар поён, ба пояи девор диккак нишаста, мармари сайқалзадаи сиёҳро оғӯш мекунанду мебӯсанд. Қатори дуюм аз болои онҳо тани худро ба пеш ёзонида девори аз тасфи офтоби рӯзона ҳанӯз гармро бо оби даҳону дидагони худ тар мекунанд.

Осиё... Қитъаи бузурги ман... – беихтиёр ин калимаҳо аз даҳонам мебароянд. – Як вақтҳо ту барои инсоният оинаи ибрат будӣ, гаҳвораи тамаддун будӣ. Магар якумин алифбо, нахустин килку хома, аввалин мисраъҳои шеър ва нақшаҳои меъморӣ аз парвози фикри фарзандони ту ба дунё наомадаанд? Магар нахустин теғи ҷарроҳӣ, аввалин китоби илми тиб ихтирои писарони ту набуд? Чаро побанди сеҳру ҷоду гаштӣ? Хоби гароне ки асрҳои аср дар оғӯшаш будӣ, ба кӣ лозим буд? Оё доруи хоби ҳазорсолаи туро дар атрофи ана ҳамин деворҳои табаррук ҳам тайёр накардаанд?

Рост, ки айёми хоб гузаштааст, дар рӯи замин субҳи тозае дамида, нисфи ҷаҳонро мунаввар сохтааст, аммо даме тавaҷҷуҳ бикун, ҳанӯз фарзандони ту ба ин ҷо бо талаби давои хобу дуои хоб меоянд.

Муҳаммад Иқбол ҳам фарзанди ту буд, ки хитобан ба ҳамватанонаш, ба ҳамаи мухлисони хоб гуфтааст:

*Номуси азалро ту аминӣ, ту аминӣ,*
*Дорои ҷаҳонро ту ясорӣ, ту яминӣ.*
*Эй бандаи хокӣ, ту замонӣ, ту заминӣ,*
*Саҳбои яқин даркашу аз дайри гумон хез,*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!*
*Аз хоби гарон хез!*

Аммо писарони ту ҳамчунон гаҳвораи хоби гаронро оғӯш мекунанд, агарчи заррае гуноҳ надоранд ва худ туъмаи гуноҳи касонанд, дар ин ҷо аз ин сангу аз он санг талаби омӯрзиш мекунанд.

Осиё… Сарзамини бузурги ман, кишвари куҳан ва ҷафодидаи ман…

– Чанд давр шуд? – боз савол мекунад Исрофил.

– Даври охирин монд, азизам.

Исрофил бо ҳайрат ба рӯям менигарад, то бифаҳмад, ки чаро бо оҳанги риққатомез ӯро «азизам» мегӯям.

Тавофи каъба ба охир расид. Дар муқобили дари заррин мақоми ҳазрати Иброҳим воқеъ гаштааст.

Мақоми Иброҳим чизест монанди минбари воиз, ки дар масҷидҳо мешавад. Вай боз ба зинае шабоҳат дорад, ки дар аэродромҳо барои савор шудани мусофирон ба таки дари ҳавопаймо мебаранд. Дар болои ин зина тахтасанге ҳаст. Дар вақташ ҳазрати Иброҳим ба он пой монда, дар атрофи санги муқаддас девори каъбаро бардоштаанд. Сонӣ ҳамроҳи писари аз қурбонӣ зиндамондаашон ҳазрати Исмоил каъбаи худашон сохтаро нахустин бор тавоф кардаанд. Баъд худованд гуфтааст: аё эй халили мо, яъне ҳой дӯсти самимии мо, ту ва писарат кори сара кардед. Аммо танҳо тавоф карданатон хонаи моро кифоя нест. Дигаронро низ ба тавофи хонаи мо ҷеғ занед. Он гоҳ ҳазрати Иброҳим бар болои ҳамон тахтасанг дубора баромада, ҷор мекашанд, ки ҳой халоиқ, ба Макка бишитобед, ва хонаи парвардигорро зиёрат кунед! Дарҳол аз мағрибу аз машриқ, аз қутби шимолию қутби ҷанубӣ бандагони худо хитоб мекунанд: «Лаббайка, оллоҳумма, лаббайка!».

Яъне ки лаббай, худоё худовандо, лаббай. Ана мо ба хизматат ҳозир шудем.

Иборан «лаббайка, оллоҳума!» аз ҳамон рӯз боқӣ мондааст…

Лақаби Халилуллоҳ, яъне дӯсти самимии оллоҳ ба ҳазрати Иброҳим аз ҳамон айём часпидааст.

Боиси шуҳрати мақоми Иброҳим ана ҳамон воқеаҳоянд.

Мувофиқи қоидаҳои ҳаҷ ду ракъат намоз хондан дар зери пояҳои ин зина фарз аст. Лекин замин кафида ҳоҷӣ баромадааст ва нафақат барои хаму рост шуда саҷда ба сӯи каъба кардан, балки барои як ҷуфт пой ҳам ҷой нест. Хайрият, уламои шариатпаноҳ дар мавриди лозим донистаашон баъзе дигаргуниҳо ҷорӣ мекунанд. Уламо кайҳо фатво додаанд, каи агар барои саҷда ҷой набошад, ба китф ё думбаи ҳамдигар сар монда, ибодат кардан равост. Ҳама чунин мекунанд.

Акнун оби зам-зам хоҳем нӯшид. Дар паҳлуи мақоми ҳазрати Иброҳим кулбае ҳаст, ки низ бо ҳазор ранг ва ҳазор нашқ зебу зинат додаанд. Аз чоҳи таки он кулба бо моторҳои электрӣ об кашида, ба бом мебароранд. Баъди оби шифо аз бом, бо «пои худаш» ба поён ҷорӣ мешавад. Дар беруни кулба ҳам ҷумакҳои бисёре устувор кардаанд. Метавонед аз он ҷо кафи даст ё даҳонатонро дошта шикамсерӣ бинӯшед. Вале дар тавофи аввалин дохили кулба шудан шарт аст.

Ба хонае ки фақат бист кас озодона ба по истода метавонад то 90-100 кас худро андохтааст. Аз баландии суфашакли мудавваре, ки дар мобайни хона аз тахта сохтаанд, ду мард бо рӯдаҳои ғафси резинӣ ба зарфҳои савобталабон, ба даҳону халқуми чӯҷасон ялакардаи онҳо об мерезад. Оби фачи тираранги чоҳро ончунон менӯшанд, ки гӯӣ дар биёбони сӯзон баъди ташнагии камаш якмоҳа ба оби ширини ҷонофарин расида бошанд. Ҳоҷиёни бақувват ва чолоктар нӯки рӯдаро аз ҳаво дошта ва бо зӯрӣ ба сӯи худ кашола карда, ба даҳонашон медоранд. Нафасгардон шуда, аз фарқи сар то нӯки пой ба оби табаррук тар шуда менӯшанд. Аз оби ба роҳи нафас парида сулфакунон суп-сурх мешаванд, чашмонашон қариб аз косахона берун меҷаҳанд, аммо дар ҳамин ҳолат ҳам рӯдаро сар надода оби ҳаёт менӯшанд. Гоҳо обдор оташин шуда, ба

сари ин гуна ҳоҷиёни баднафси густох бо нӯки рӯдаи сахт як-дуто мефарорад. Ҷои шаттахӯрда ба мисли изи тозиёна сурх шуда, дар оне як ангушт баланд мешавад, аммо ҳоҷӣ аз ин сила бештар хурсанд мешавад, чунки ин сила ҳам табаррукист, ин рӯда ҳам табаррукист. Акнун ҳамон ҷои шаттахӯрда ва суп-сурх шуда бардамида низ, бешубҳа, табаррукист.

Саиди роҳбалад ба марди ободор чизе гуфт. Аз афташ, гуфт, ки мо меҳмонони алалхусус муътабарем. Меҳри мизбонии мардак ба ҷӯш омад ва ӯ ҷараёни обро ба сари гурӯҳи мо паҳн карда пошид. Вай хеле вақт об мепошид ва ҳамсафарони ман аз оби зам-зам ва ин бахти кам дар кам саршор гашта, ба ваҷд омаданд ва баланд-баланд шукронагӯён дар зери сели муборак муддаои табъ болиданд.

Банда пачкаи сигарета ва гӯгирдеро, ки дар мағзи чинҳои эҳром пинҳон медоштам, дудаста аз об муҳофизат карда, зӯр мезадам, ки зудтар аз таки фаввора, дур шавам. Аммо Исрофил домангирам буд ва намегузошт, ки аз дигарон тезтар ҳаракат кунам.

Ниҳоят, берун баромада, аз зани ҳиндисимо кафшҳои худро гирифта, ба даст бардоштем. Хазинабонамон як доллар ба ӯ бахшиш дод. Баъдтар донистам, ки дар хонаи худованд садҳо нафар ин гуна зану мардони мусофир ҳастанд, ки бо кафшбонӣ пул ёфта, барои қути лоямут ва роҳкирои худ маблағе меғундоранд.

Аз болои ҷойнамозҳои паҳни ҳоҷиён, аз болои сару пушти онҳо ҷаҳида ба каноре баромадем. Пас ба зери айвони баланди дарозе дохил шудем. Ин ҷо яке аз чаҳор тарафи ҳамон айвони дуошёнаи навбунёд буд. Кӯҳҳои Сафо ва Марва дар таки ҳамин бинои баланданд. Дар як гӯшааш кӯҳи Сафо, дар гӯшаи муқобили он – кӯҳи Марва. Агар он кӯҳҳо низ муқаддас намебуданд, онҳоро сангтеппаи начандон баланд гуфтан мумкин буд.

Сафову Марва ҳам қисса дорад. Касе онро надонад,

нахоҳад донист, ки аз чӣ сабаб ҳазорон нафар ҳоҷиёни нимбараҳна байни ин ду кӯҳ давутоз мекунанд.

Ҳазрати Иброҳим Халилуллоҳ ду зан доштанд. Калониашон ҳазрати Бибӣ Соро, хурдиашон ҳазрати Бибӣ Ҳоҷар. Ҳазрати Бибӣ Соро ҳарчанд қаробати ба оллоҳи таоло доштаи шавҳарашон ва худашонро хуб медонистанд, лекин аз кинаву адоват ба палонҷи соҳибҷамоли худ ба ҳеҷ ваҷҳ халос шуда наметавонистанд. Аждаҳои рашк ба синаи ҳазрат пайваста ҳамлаҳо мекард ва эшон бар сари Халилуллоҳ ҳар шаб ғавғою моҷарои нав мебардоштанд. Бибӣ Соро оқибат дӯсти оллоҳро маҷбур карданд, ки зани дувумашонро ба биёбон пеш кунанд. Халилуллоҳ гардани хорхорон Бибӣ Ҳоҷарро ба биёбон байни Ҳиҷоз бароварда монданд ва гуфтанд:

– Илоҷи дигар надорам, азизам. Бирав, паноҳат ба худо.

Бибӣ Ҳоҷар ҳомила буданд. Баъди сарсониву саргардонии чандрӯза кӯдак таваллуд шуд. Ҳазрати Бибӣ кӯдакро ба матое печонида, ба рӯи замин гузоштанд ва худ ба ҷустуҷӯи об даромаданд. Ба сари кӯҳе баромада диданд, ки об нест, аммо аз тарафи кӯҳи дигар садое ба гӯш мерасад, ки «ана об, дар ин ҷост!» мегӯяд. Пас ба сӯи он кӯҳ давиданд, диданд, ки дар ин ҷо ҳам об нест, аммо ҳамон садои умедбахш акнун аз кӯҳи аввала мерасад. Пас гашта ба он сӯ давиданд, баъд боз ба ин сӯ давиданд…

Аз ривояти маъхазҳои муқаддас маълум намешавад, ки зани навзоидаро маҳз кадом бемағзи бетамиз фиреб дода, ба ин сӯву он сӯ метозонид. Лекин ҳаминаш маълум аст, ки ҳазрати Бибӣ Ҳоҷар ҳафт маротиба ба ин кӯҳу он кӯҳ баромада фаромадаанд. Боз инаш аниқ аст, ки он кӯҳҳо маҳз ҳамин сангтеппаҳои Сафо ва Марва будаанд.

Ҳазрати Бибӣ аз даводавии бефоида шалпар шуда, маъюсу ноумед ба сари кӯдак бармегарданд ва мебинанд, ки аз таки кӯдак об баромадааст. Ҳазрат аввал гумон мекунанд, ки писарашон бори якум эзор тар кардааст. Аммо чун дурусттар зеҳн мемонанд, мефаҳманд, ки аз таки пои

ҳазрати навзод чашмае фаввора мезанад. Аён мешавад, ки кӯдак дар набудани модар бекор нахобида, бо пойчаяхони худ реги дар такаш бударо ин тарафу он тараф пош додааст ва дар натиҷа чоҳе ба вуҷуд омада, аз он баромадааст.[1]

Бале, ана ҳамин оби зам-заме ки ҳоло сар то пои мо аз намии бобаракоти он баҳраманд гаштааст, самараи почакзании ҳазрати Исмоил-пайғамбари нав ба дунё омада будааст.

Саиди роҳбалад оятҳои зиёрати Софову Марваро мехонад, ҳама бо овози гирифта такрор мекунанд. Масофаи байни ду теппа тақрибан сесад метр меояд. Маршрути завҷаи олимақоми пайғамбарро такроркунон ҳафт маротиба ба ин кӯҳу он кӯҳ баромада мефароем. Дар ҷое ки ҳазрати Бибӣ оҳиста гаштаанд, мо низ оҳиста мегардем, дар ҷое ки тохтаанд, метозем ва дар ҷое ки на тохта ва на оҳиста гашта, балки йӯрға кардаанд, мо ҳам йӯрға мекунем.

Ҳоҷиёни дардманди бепоро дар ин ҷо аз занбарҳо фаровварда, ба аробачаҳои дучарха ё сечархаи беморнишин савор кардаанд. Чуноне дар табобатхонаҳо мекунанд, аробачаро пеш андохта меронанд. Хайрият, ки рӯи харсангҳо махсус барои ин аробачаҳо аз тахта пайроҳае сохтаанд, вагарна аз бардорузани рӯи сангҳои ноҳамвор саёҳати шарифи хоҷиёни бемор ба саёҳати вопасин мубаддал мегардид.

Ҳамон байти шоирро, ки дар Хартум мисраи дуюмаш ҳеҷ ба ёдам намерасид, беихтиёр такрор мекунам:

*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,*
*Нохалаф бошам агар ман ба ҷаве нафрӯшам.*

– Қурбон, чӣ мехонӣ? – мепурсад Исрофил.

[1] Баъзе шаккокон мегӯянд, ки ҳамаи пайғамбарони мо аз ҳазрати Одам кашида, то пайғамбари охирзамон Муҳаммад Мустафо ба меҳнати ҷисмонӣ аз паси панҷа менигаристанд. Ин воқеа гувоҳӣ медиҳад, ки шаккокон муболиға мекунанл, чунки на ҳамаи пайғамбарон меҳнатгурез будаанд.

– Оят мехонам.

– Ҳа-а. Ба гӯши ман калимаҳои забони дигар барин расид.

– Гӯшат нағз кор мекунад. Ба забони худам мехонам. Мехоҳӣ, такрор кунам?

– Канӣ, бигӯ.

Байтро такрор кардам.

– Ин чӣ маъно доштааст?

– Баъд тарҷума мекунам. Ба ҳавои яккачорхез давида, оят тарҷума кардан он қадар кори бароҳат нест.

– Урусӣ гап назанед! – касе аз пас бонг зад ба сари мо.

Ин кас Мулло Абдурозиқҷонакаи миҷ-миҷдаҳон буд. Ман дар дилам ба ӯ ин лақабро инъом кардаам. Даҳонаш доимо ҷунбида меистад. Ҳатто дар роҳи Маккаи мукаррама савори таксӣ мерафтему ӯ аз халтааш чизе баровар-да мехоид.

– Урусӣ гап назанед! – такрор намуд ӯ, аз афти кор, барои он ки фармони худро бештар қувват диҳад.

Лаҷоми махсумро ақаллан саҳле кашида мондан хуб мешуд, то ки аз табақ нағеланд. Аммо дар ин ҷо муноқиша кардан мумкин нест. Масҷид ҷои ҳар гуна кори ношоям нест, таъкид мекунад мақоли халқ. Каъбатуллоҳ бошад, масҷиди масҷидҳост. Ғайр аз ин ҳар кас дар мавсими ҳаҷ баҳсу мунозира кунад, ҷарима медиҳад. Ба замми ҳамаи ин – дувоздаҳ аср аст, ки баъди шунидани фармоиши уламо, агар ҷон ширин бошад, чуну чаро намегӯянд.

Бо ҳамин мулоҳизаҳо лом нагуфтем, дӯғи махсумро бардоштем.

Тавофи якум ба поён расид. Мутаввоф дарҳол музди хизмат талабид. Бо ишораи Қориака ҳоҷӣ Абдухалил ба ӯ сӣ доллар дод. Роҳбалад норозиёна сар ҷунбонид ва гуфт, ки ӯ мутаввофи одӣ нест, балки саид аст, яъне аз авлоди пайғамбар аст. Боз чанд доллар додандаш. Саид боз чизе гуфт, ин даъфа дурудароз. Ӯ ба забони вайрони туркӣ ҳарф мезад. Ман ки дар канори давра будам ва фазо аз шӯру валвалаи ҳоҷиён меларзид, аз сухани ӯ чизе

нафаҳмидам. Ниҳоят, бори савум пул гирифта ба киса андохту даст ба дуо бардошт.

Аз дари дигари ҳарам ба кӯча баромадем. Ду тарафи ин кӯча ҳам аз дуконҳои баққолӣ, заргарӣ, баззозӣ пур буд. Дар пеши дуконе чанд курсии холӣ ёфта нишастем. Қориака фармуданд, ки кока-кола биёранд.

Кока-кола нӯшокии бад набудааст. Корчалонҳо рекламаи тарғибкунандаи онро аз ҳар гуна ҳадду ҳудуд гузаронида, ин оби хуштаъмро бадном кардаанд.

Ману Исрофил ҳам оби яктои шишаро аз гулӯяш ба гулуямон рехта холӣ кардем. Кока-кола дар ин ҷо ба ҳамин тариқа менӯшидаанд.

Темурҷонқорӣ ва Оллоҳназарқорӣ оби мева нанӯшиданд.

– Чаро шумо наменӯшед? – пурсид Исрофил.

– Мо зам-зам нӯшидем! – муддаиёна гуфт Оллоҳназарқорӣ. Исрофил оҳанги маломатомези ӯро зуд фаҳмид. Яъне ки мусулмони комил дар ҷое ки зам-зам ҳаст, аз ҳама гуна шарбати дунё рӯй метобад.

Камина ғусса мехӯрдам, ки ба ҳамсафарон зам-замро камтар нӯшед, гуфта наметавонам. Солҳои гузашта аз истеъмоли ин оби муборак бисёр ҳоҷиён аз остонаи Маккаи мукаррама берун нарафта, дар ҳамин ҷо пой дароз мекарданд. Ҳатто бе микроскоп, бо назари одӣ ҳам аз ранги тира ва бӯи начандон хуши он пай бурдан мумкин аст, ки дар ҳар як ҷуръаи он тухми чандин дард ниҳон аст.

… Соҳибони манзил арз карданд, ки барои мо ду хона ҷудо кардаанд: яке ҳамон хонаи бадбӯйи сиёҳ, ки хӯроки шом хӯрда будем, дигаре дар ошёнаи сеюм. Сардор фармуданд, ки ҷавонтарон ба ошёнаи сеюм бароянд, зеро барои мӯйсафедон барову фаро заҳмати изофист.

Хонаи боло дар сохт монанди хонаи поён буд, фарқаш ин ки нимсуфаҳои атрофаш баландтар, ҳавояш тозатар ва дар сақфаш бодбезаке овезон буд.

То баромадани ману Исрофил нимсуфаҳоро шарикон банд карда буданд. Болинҳо ва кӯрпачаҳо низ тақсим шуда буд. Мо дар рӯи хона ҳайрон мондем. Пас аз мудда-

те як дона болин оварданд ва мо ҳар ду ба он сар монда, дар рӯи қолини нимдошти бепат дароз кашидем.

– Дар ин сафари муборак ҳар қадар зиёдтар азоб кашем, ҳамон қадар савоб мегирем, – ману худро таскин медод Исрофил.

«Ин га пҳоро худам ҳам медонам, – гуфтам дар дилам. – Ёд дорам, ки қуръони маҷид мегӯяд: «Зиндагонии ин дунё саргардонии беҳуда, хобу хаёл асту бас, аммо ҳаёти он дунё барои бандагони порсо подоши муносиб хоҳад буд». Ба ин мазмун ояти бисёреро медонам, лекин бо вуҷуди он дилам хиҷил. Чунки қавли уламои мо одатан як асту корашон дигар. Саркардаҳои лашкари ислом вақте ки Осиёи Миёнаи моро забт карда, дини навро ҷорӣ мекарданд, ба гӯши мардум шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта талқин менамуданд: «Ҳой бандаҳои осӣ, бидонед, ки моли ин дунё бақо надорад. Ҳазор боғу бӯстону тахту тоҷу хазинаву анборатон ба як коса шарбати ҳавзи кавсар намеарзад». Аммо вақти баргаштан ҳар чиз ки ба назарашон афтод, мулоим карда гӯем, ба яғмо мебурданд. Саркарда як сӯ истад, ҳар як сарбози қатории араб аз тохтутозҳои динҷорикунӣ андаряк ба маблағи 30 ҳазор динор молу пули ғанимат меовард…

Ин андешаҳоро фақат аз дил гузаронидам, вале ба мулло Исрофил гуфтам:

– Каромат кардӣ, ноиб-ур-раисам!

Пас латтаеро аз мехи девор кашида, лӯнда карда аз болои болин гузоштам. Болин бисёр сахт буд ва сахтии бадани зочаҳоеро ки ба дарунаш аррамайда андохта шибба мекунанд, ба хотир мерасонид.

Ба зудӣ хоб наомад. Искандарро ба суҳбат ҷеғ задам.

– Наздиктар биё, азизам, ту дар куҷоӣ?

– Ана ман, ҷӯраҷон. Чӣ мегӯӣ? Эҳ-ҳа, ба дугтарошӣ омода шудаӣ-ку.

– Намегӯӣ, ки як мусофири дарафтодаро ақаллан бо ид табрик кунам…

– Идат муборак, ҷӯра. Ту балоча. Имрӯзу пагоҳ бароят иди баҳор… Баъд иди худат, яъне иди мубораки Қурбон.

– Иди бобоят, иди момоят.

– Маро овардӣ, ки бо ман ҷангу ҷангол кунӣ?

– Бирав, бихоб!

– Не, акнун намеравам. То ҳамаи гапамро нагӯям, намеравам. Ту ҳозир дар пойтахти дини муборакии мо гаштаӣ. Бояд, ки аз ин мавриди муносиб нағзакак истифода барӣ.

– Чӣ кунам?

– Якта-нимта саволҳо дорам, ки ба онҳо фақат дар Макка ҷавоб ёфтан мумкин.

– Маккаи мукаррама бигӯ.

– Бубахш, Маккаи мукаррама.

– Акнун гап зан.

– Бисёр касон донистан мехоҳанд, ки чӣ тавр шуда ривоятҳои Тавроту Инҷил ба китоби шарифи мо, мусулмонон, кӯчидаанд? Ҳатто номи фариштаҳои осмонӣ, пайғамбарон ва шарику пайравони онҳо кӯчидааст. Масалан, ҳазрати Одаму Ҳавво, Сулаймон, Довуд, Нуҳ, Исо, Мӯсо, Иброҳим, Марям, Исҳоқ, Исмоил, Илёс ва дигарон. Фақат ҳамин қадар тафовут ҳаст, ки насрониҳо ва яҳудиён Соломон мегӯянд, мо – Сулаймон, Марияи онҳо ба мо Бибӣ Марям, Авраам ё Абраами онҳоро мо Иброҳим, Иляро – Илёс, Нойро – Нуҳ, мегӯем ва ғайраҳу.

– Искандар, ба ту чӣ шуд? Мехоҳӣ ки ман аз ин масъала ба касе савол дода, пеш аз муҳлат ба ҳузури Мункару Накир ҳозир шавам? Ба саволат худам ҷавоб медиҳам, чунки дар ин чанд рӯзи бобаракот ба туфайли суҳбатҳои уламо маълумотам дар ин соҳа дучанд боло шудааст. Оё медонӣ, ки бахт гуфтанӣ чиз аксаран номукаммал мешавад? Яъне касе агар аз чанд ҷиҳат хушбахт бошад, аз як-ду ҷиҳати дигар албатта норасоие дорад. Хап исто, ҷои баҳс не, ин ба ҳама маълум. Ана пайғамбари мо ҳам дар вақташ аз бисёр ҷиҳат хушбахт буданд, лашкаркашу нӯкару надимонашон ҳама одамони пухтаю кордида буданд; ҳазрати Алӣ барин домоди зӯр доштанд. Давлату савлаташон табъи дилашон буд. Ҳар духтаре ки ба назарашон хуш расид, дарҳол ба ақди никоҳашон ме-

даромад, ё ин ки… Хулласи калом, аз ҳар ҷиҳат хушбахт буданду аз як тараф норасоӣ доштанд. Дар атрофашон аз тарҷумонҳои забардаст ақаллан ду-се нафар набуд, ки дар аснои тарҷумаи ривоятҳои машҳур он қадар ҳам бандаи ҳарф нашуда, озодтар, ба ибораи дигар гӯем, эҷодкоронатар тарҷума кунанд, то ки баъд касе ин ривоят аз фалон ҷо, ин ҳикоят аз фалону беҳмадон китоб айнан гирифта шудааст, гуфта хурдагарӣ накунад…

– Ё ду-се адиби мумтоз набудааст, ки ба Тавроту Инҷил назаре накарда, ба сари худ ҳикоят ва ривоятҳо бофад.

– Боракалло.

– Пас, чӣ мешавад? Рӯзе расаду мардум аз таърихи пайдоиши ривоятҳои муқаддас пай баранд, чӣ мешавад, мегӯям. Ёд дорӣ, боре гуфта будӣ, ки худованд дар қуръони маҷид нависондааст, ки қиссаи Юсуф ва Зулайхоро мо эҷод кардаем?

– Бале, сураи дувоздаҳуми қуръон аз достони «Юсуф ва Зулайхо» иборат аст, ки аз Таврот айнан бардошта шудааст. Ба Таврот бошад, аз афсонаҳои қадима даромадааст. Аммо дар ояти савуми ин сура гуфта мешавад: «Ин беҳтарини қиссаҳост, ки мо (яъне худованд) дар қуръони худ кашф фармудаем».

– Дар он тарафҳо калимаи лотинии plagium ё плагиат, ки маънояш асардуздист, аз афти кор, маълум нест?

– Ғайр аз қуръони маҷид ва ду – се китоби дигари динӣ асаре набошад, ба асардӯздӣ кӣ кор дорад?

– Хайр, азизам, шабат хуш. Фардо ба кӯҳи Арафот ва рӯзи арасот меравӣ ва туро ҳоло истироҳат лозим аст…

# АРАФАИ АРАФОТ

Қабл аз намози бомдод ба ҳарам рафтем. Атрофи каъба ҳамчунон аз одам лиқ пур буд. Оби зам-зам дар талош. Байни Сафову Марва юриши хоҷиён идома дорад, садои саидон ва ҳоҷиён дар сақфи айвонҳои бузург печ мехӯрад. «Аспи ҷувоз», ки як вақтҳо пайғамбарони серҳавсала ба ҳаракат андохта буданд, ҳамчунон дар гардиш.

Овози муаззин ва имомро ҳангми намоз бо радиодинамикҳои пурқувват транслятсия мекарданд. Динамикҳо дар ҳар ҷои айвонҳои даруну берун, дар манораҳои баланди сари ҳарам устувор карда шудаанд.

Имом оятҳоро бо овози муқаррарӣ мехонад, вале ҳамин ки «оллоҳу акбар» гуфт, муаззин ин ду калимаро аз нав такрор мекунад. Бо овози баланд, ба оҳанги кашишдори кадом як суруди ҳазини туркӣ даровarda такрор мехонад. Бидуни оҳанги маҳзунона ҳам дар ибораи «оллоҳу акбар» эътирофи оҷизонаи қувваи илоҳӣ ифода ёфтааст. Оҳанги кашолу печу гардишдор ва дар анҷом тадриҷан паст шудаwhich муаззин ба ин калимот боз тобиши илтиҷову тавалло, эътирофи то ба дараҷаи ниҳоят нотавону оҷиз будани инсонро илова мекунад.

Дили одам, яқин, бузургтарин зарфест дар олам. Шодӣ ё ҳузнеро, ки гоҳо ба дил мегунҷад, ҳеҷ зарфе ёрои гунҷоиш надорад.

Вақте ки ба манзили худ бармегаштем, дуконҳои тангкӯчаи мо, ба ҷуз дукони нон, баста буданд. Дар ду тарафи тангкӯча катҳои чӯбини яккаса қатор гузошта шуда буданд. Мусофирон адои намоз карда, ба давом додани хоби саҳарашон омода мешуданд.

Ҳамсафарони ман ҳам ҳар яке дар гӯшаи худ дароз кашиданд.

Хоб гурехт. Берун баромадам. Ростӣ, ин ҷоро берун

ҳам гуфтан намешавад. Ҳавлиҳои серошёнаи араб сохти аҷоибе доранд: ҳамин ки аз дарвозаи ҳавлӣ даромадед, рӯи осмонро фақат аз тиреза мебинед. Бо зинаи хокӣ ё хиштӣ боло мебароед, баъди ҳар 4-5 поғунда зина ба дасти рост печ мехӯрад. Дар ҳар печи он ё дари таҳоратхона, ё дари ошхона, ё хонаи истиқомат воқеъ гаштааст. Дар гӯшаи таҳоратхона аз семент хаммае сохта онро аз об пур карда мондаанд. Обро ятимон аз ким-кадом маҳалла аз чоҳи артезианӣ бо кашшак мекашонанд. Ҳамин гуна ҳаммаи об дар пойгаҳи хонаи истиқомат низ ҳаст, вале аз поёни он ҷурмаки обгирӣ шинонидаанд. Оби партов таktаки девор бо ҷӯякҳо ҷорӣ шуда, ба яке аз таҳоратхонаҳо рафта мерезад.

Ба гардишгоҳи зинаи мобайни қабати се ва чаҳорум баромада тамоку кашидам. Дар девор сӯрохе ҳаст, ки хизмати тирезаро адо мекунад ва аз он нисфи шаҳр намоён аст. Дар аксари ҳавлиҳои ин ҷо тиреза нест, ё ҳасту оина надорад. Дар зимистон ҳам сармо намешудааст, бинобар ин ҳоҷат ба тиреза набудааст.

Шаҳри ҳазорсола ҷомаи куҳнаро монанд мешудааст, ки аз порчаҳои матои нав дарбеҳи фаровоне дорад: дар ҷое бинои 6-7 ошёнаи нави сурху сафед қад барафрохтааст ва тарҳаш виллаҳои давлатмандони америкоиро ба ёд меорад. Дар атрофи вай – ҳавлиҳои пастаки яққабата ё болохонадори нимхаробу нимвайрон. Насими пагоҳӣ дар тирезаҳои виллаи боҳашам пардаҳои абрешиминро алвонҷ медиҳад; дар ҳавлии пастак шӯрхоки деворҳои афсударо парешон карда, либосҳои қашшоқонаи ба тор овезонро шамол медиҳад.

Афсонаҳои «Ҳазору як шаб», шаҳрҳои замони Ҳорунаррашид ба ёдам мерасанд. Зоҳиран, зиндагонии мардуми Маккаи мукаррама ҳанӯз ба ҳамон тарзест, ки ҳазор сол қабл аз ин буд. Фақат овози муаззин бо радиодинамикҳои америкоӣ транслятсия мешавад, масҷидҳо ва хонаҳои давлатмандон аз чароғи электр мунаввар. Ба ҷои уштур ва аспу ароба дар кӯчаҳо сайёраҳои америкоӣ дар давутозанд.

Ҳо, ана дар он ҷо ҳавлии фатароте намоён аст, ки осори ҳаёт зоҳир намекунад... «Шоҳзода бедор шуда, худро дар вайронае дид. Дар паҳлуяш, дар кунҷи хона сандуқи зебое меистод. Шоҳзода қулфи сандуқ даршикаст ва дид, ки духтари моҳпайкаре оғӯштаи хоку хун андаруни сандуқ мехобид. Аз ҳар тарафи сандуқ сихҳои пӯлодин халонида, ҷисми латифи духтарро ба деворaҳои он дӯхта буданд. Оре, ин маъшуқаи ӯ буд. Шоҳзода мадҳуш гардид...»

Эҳтимол, ин гуна воқеаҳо дар ин ҷо ҳоло ҳам рӯй диҳанд. Кӣ медонад... Тартиби зиндагонӣ ҳамон аст, дин ҳамон, мазҳаб ҳамон. Ҳатто баръакс ҳамаи ин басо куҳна ва пир шудааст. Иллат дар тани пир бештар мешавад ва умед ба шифои он камтар.

Мулло Ӯроқака бедор шуда омада, сигарет пурсид.

– Хоби шумо вайрон будааст, духтурҷон, – гуфт ӯ як қуллоб дудро аз сӯрохии девор ба берун пуф карда, – ман ҳайрон, духтур шуда истода, тадбири хоби худро намекунед.

– Дар шафати хонаи худо зиндагонӣ мекунем.

– Рост, дар паҳлуи хонаи худо зиндагонӣ мекунем, – такрор намуд мулло Ӯроқака боз бештар рӯҳ гирифта. – Умед ба карами оллоҳи карим мебандему халос. Хайр, биёед, вақти ношто шуд. Имрӯз, иншооллоҳ, ба Арафоти бузург мерафтаем.

Нон, мураббо ва андак тухмбирён оварданд. Ба ҳар касе ки чолоктар буд, тухмбирён расид. Ману Исрофил одоби сари дастурхонро ҳанӯз фаромӯш накарда будем, ночор аз нону чой нафсро як навъ ором сохтем.

Ношто ба охир нарасида, шахси навчаи лоғар ва сиёҳандоме омад. Ба забони вайрони туркӣ худро шиносонид:

– Ман шайхи зам-зам ҳастам. Ҳаҷ муборак!

Табрики ӯро ҷавоб гуфта, худашро бо эҳтиром аз боло нишониданд. Шайхи зам-зам чашми тезбине дошт. Гӯё он чашм на буду як ҷуфт бигиз буд, ки ҳар кас ё чизи ба мадди назараш афтодаро сӯрох карда мегузашт.

Шайх шаф-шафи бисёр нагуфта, зуд ба сари мақсад омад. Вай аз авлоди куҳани шайхҳои асил ва муътабар будааст, ки чашмаи муборaки хонаи худовандро бонӣ мекунад. Бинобар ин ҳар як мусулмони ба зиёратомада бо ҳадяе хурсанд кардани ӯро барои худ ҳам савоб медонистааст, ҳам шараф.

Ҳоҷиён ҷомадонҳои худро яла карда, яке рӯймол, дигаре чанд газ матоъ, савумӣ калӯш ҳадя карда, соҳиби савоб ва шарафманди дуо гардиданд.

Ҷомадонкушоии ҳамсафаронро дида, ба хотирам расид, ки дер боз аз ҳоли доруҳои худ хабар нагирифтаам. Бо ин ният ҷомадонро мекушодам, ки шайхи зам-зам аз пешгоҳ чобукона бархоста, ба унвони банда дуохонон ба сарам расид. Дар ҷомадон яке аз шишачаҳои йод қисман рехта, каме докаро тар карда буд.

– Шумо аз мамлакат ба мо чизе наовардед? – гуфт шайх ба ҷомадони пур аз дорую асбобҳои тиббӣ норозиёна нигоҳе афканда ва дар паҳлуям диккак нишаст.

Шайхеро ба ин дараҷаи густохиву шилқинӣ надида будам. Фикр кардам, ки ин нусхаи нодираи бани одам дар ҳақиқат меарзад, ки чизе инъомаш кунед. Ду пачка қанд ва ду лӯнда чои кабудро, ки барои хӯрокии худ гирифта будам, бароварда ба ӯ додам.

Аммо дуои насиби ман шуда аз дуоҳои ғурру ғафс набуд.

Якта-нимта муҳоҷирон омадан гирифтанд. Инҳо одамоне буданд, ки 35-40 сол муқаддам ё худашон ё падарашон хоки ватанро ҳар кадом ба ҳар тариқа тарк карда, ба Афғонистон, ё Қошғар, ё Эрон рафтанд. Пас аз солҳои дароз шаҳр ба шаҳру деҳа ба деҳа гаштан ба Арабистон омадаанд.

Аз дар даромада салом медиҳанд, бо ҳама аз як сар вохӯрӣ мекунанд. Пас дақиқае таҳаммул карда, мепурсанд, ки оё дар байни мо ҳамшаҳрӣ ё ҳамдиёри онон ҳаст ё не. Андиҷонӣ, бухорой, намангонӣ, қазонӣ, тошкандӣ, хуҷандӣ ва самарқандиҳоро бештар мепурсанд.

Пирамарде омада хуҷандиҳоро пурсид.

– Дар гурӯҳи имсола хуҷандӣ нест, вале камина ва ана ин кас, духтури мо, ҳар ду аз Тоҷикистонем, – моро шиносонид шариксафари ман мулло Тешабой.

Пирамард бо мо гарм пурсупос кард. Номи вай мулло Иброҳими ҳоҷӣ будааст. Мулло Тешабой аз идораи оид ба корҳои динии назди Совети Вазирони Тоҷикистон як даста мактуб оварда буд. Аз он даста мактуберо ҷудо карда ба пирамард дод.

Мо дар як кунҷи хона се кас рӯ ба ҳамдигар менишастем. Дигар ҳамсафарон низ бо муҳоҷирони ҳамдиёрашон ҳамин тавр доирачаҳои хурд сохта, ба сари худ суҳбат мекарданд.

Мулло Иброҳим мактубро бо дасти ларзон гирифта, як ба рӯяш наздик бурд, эҳтимол, мехост онро ба чашмонаш бимолад, аммо бо мулоҳизае аз нияташ гашт, конверти кабудро ба сари синааш пахш намуда, дар ҳамин ҳолат муддате ба замин нигоҳ карда нишаст. Ҳангоме ки мактубро мехонд, оби чашмонаш шашқатор шуданд. Ҳар замон ашки чашмонро бо пушти дастонаш пок карда, мактубро хонда ба поён расонид, боз як маротиба аз назар гузаронид. Сипас аз ҷой бархоста, «Илоҳо барака ёбед, илоҳо барака ёбед» гӯён бадар рафт. Вақти омаданаш пирамард ба назарам ҷисман тануманд, рӯҳан бардам намуда буд. Ҳоло дасту поҳояш аз изтироб меларзиданд, аммо аз кумаки мулло Тешабой, ки мехост аз бағалаш гирифта, ба фаромаданаш аз зинаи дароз ёрмандӣ кунад, даст кашид ва деворро доашта-дошта фаромада рафт.

Роҳбалади дирӯзаи мо дар тавофи каъба омада гуфт, ки ба шахсе ёрии духтур лозим аст. Тарҷумонро ҳамроҳ гирифта, ба поён фаромадам. Марди тахмин 42-43 солае дар таки дарвоза ба рӯи замини тар (соати обкашонии хизматгорон буд) дасту поҳояшро ёзонида, паҳн шуда мехобид. Як ҳамсафараш ба рӯи вай об мепошид. Мард афғон будааст. Абдусамадака дар ин ҷо лозим набудани хизмати тарҷумонии худро пай бурда баргашт.

Аз рӯи нақли ҳамсафараш марди бемор ҳамин ҳоло аз

тавофу каъба баромада, бо пои худ ба ин ҷо расидаасту ногоҳ беҳуш шуда афтодааст.

Набзи мардак қариб тамом гум шуда буд. Қиёфааш ба шахси ҳафтаҳо нонрезае начашида монанд буд. Дарвоқеъ ҳам аз аввали моҳи рамазон инҷониб рӯза медоштааст. Шунида будам, ки мусулмонони маҳкамэътиқод агар нияти ҳаҷ дошта бошанд, аз аввали моҳи рамазон то рӯзи иди қурбон, яъне зиёда аз се моҳ рӯза медоранд.

Баъди кофеин фиристодан ба рагаш набзи бемор андаке аёнтар шуд.

Мутаввофи мо, Саид Абдулкарим, ки яке аз додарони соҳиби хона Саид Зайниддини Кӯшак будааст, гардани хор-хорон фармуд, ки чизу чораҳои беморро аз ошёнаи якум ба яке аз ҳуҷраҳои ошёнаи дуюм кӯчонанд, барои вай зуд хӯроки гарми обакӣ тайёр кунанд. Аз захираҳои худамон ба бемор як қуттича полувитамин оварда додам. Ба Саид Абдулкарим таъкид кардам, ки агар зинда мондани беморро хоҳанд, бояд камаш як ҳафта ӯро бо хӯроки серғизои сабук парво кунанд. Саид ба осмон ишора карда, чизе гуфт ва ба кори худ рафт.

Боло баромадам, ки шахсе маро мунтазир нишастааст.

– Шумо аз Душанбе будаед-дия, гуфт ӯ пас аз салому алек ва пурсупос. – Қорӣ Мирсироҷ гуфтанӣ бародари ман дар ҳамон ҷо зиндагонӣ мекунад. Намешиносед?

– Афсӯс, ки не.

– Баъзеҳо қорӣ Шакар мегӯянд.

– Қорӣ Шакар? Медонам, дар хонаи тағоям ӯро чанд бор дидаам. Дар пеши комбинати газвор истиқомат мекунад?

– Чӣ? Дар куҷо гуфтед?

Ман дарҳол саҳви худро пай бурдам. Ин мардак калимаи «комбинат»-ро аз куҷо донад?

Пас аз саволу ҷавоби зиёде ҳар ду қаноат ҳосил кардем, ки шахсе ки ман медонам, яъне ҳамон қорӣ Шакар бародари зоидаи ӯст. Ва худи одам Қӯлдошхоҷаи ҳалвогар будааст.

– Ҳай-ҳай, чӣ хуб шуд, ки шуморо дидам. Ҳамту не? – ба гап даромада рафт ҳалвогар. – Порсол ҳам аз Душанбе як

кас омада буданд, синнашон аз шумо калонтар, бисёр одами сара, лекин ба ҷиянам, духтари қорӣ Шакар камтар савғотӣ дода фиристонам, якта ҷиҳакро нарасонидаанд, кори хуб накардаанд. Ҳамту не?

– Чиро нарасонидаанд?

– Ҷиҳак, ҷиҳак. Яъне ки шерозӣ барин як чиз мешавад. Ба курта ё пойҷома мешинонанд. Ҳамту не?

– Кори хуб нашудааст. Аммо шояд, ки гум шуда бошад.

– Намедонам. Хайр, ҳеҷ воқеа не. Ҳамту не? Ҳай-ҳай, чӣ хуш, ки шумо омадед. Иншооллоҳ, бо шумо ҳоло бисёр суҳбат мекунем. Ҳамту не? Порсол он касро ба кулбаи фақиронаам таклиф карда будам. Омаданд. Ҳар чи дар бисот буд, баровардам. Шукр Худоро, ба худам тинҷ ҳастам, даст дароз кунам, ба як ҷо мерасад. Аз ширбиринҷу шӯрбо то меваю ҳалвою дигару дигар наво ба пешашон кашидам. Одами хушчақчақ будаанд. Ҳамту не? Локин якта ҷиҳакро нарасонидаанд. Бародарам қорӣ Мирсироҷ, яъне қорӣ Шакар дар мактуби табаррукиашон ҳамту гуфта андохтанд. Бародарам ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯянд. Ҷин зад-мӣ? Эҳтимол, гуфти шумо дуруст бошад, яъне ки гум шудагист. Роҳи дур, охир. Ҳамту не? Акнун моли Маккаи мукаррама – табаррукӣ гуфта фиристодам-дия. Духтарбача, шукр ба дувоздаҳ қадам монд, пага-бега тӯй мешавад, гуфта фиристодам. Бародарам оҳистаяк фотиҳаашро гирифта, пояшро банд карда мондаанд. Ҳамту-не?

Қӯлдошхоҷа тез-тез, охири калмаҳоро хоида гап мезад. Ҳар замон риши сираки мошубиринҷаш, абрувони маҳинашро бо ангуштони борики занонааш молида мемонд.

– Худоро шукр, бандаи фақир ба худам бисёр тинҷ ҳастам. Дар ин ҷо ду ҳавлӣ дорам. Яктааш ҳам кифоя гуфта мегаштам. Лекин як ошноям ба Риёз кӯчида рафт. Ар-Риёз – пойтахти шарифи Суудия аст. Медонед, албатта. Ҳамту не?

– Ҳамту, ҳамту, хабар дорам.

– Як кас ба ана ҳамон шаҳри шариф кӯчида рафт, илтимос кард, ки манзилаш бегона нашавад. Ба сад тилло харидам. Сад динор. Мо динор мегӯем. Пули моро дидаги-

стед. Ҳа бале. Ана аз ҳамон риёл чилтааш як динор мешавад. Ҳамту не? Ба сад динор харидам. Муфт-дия. Дар Тоифи муборак як ҳавлии олампаноҳ дорам. Ҳар сол тобистонро дар он ҷо мегузаронам. Ба Тоифи муборак иншооллоҳ шумо ҳам меравед. Ҳоҷиҳои мамлакат ҳар сол мераванд. Ҳамту не? Ҳай-ҳай, чӣ хуб ки шумо омадед. Иншооллоҳ ба Тоифи муборак меравед, баъд ба Мадинаи мунаввара. Дар Мадина як ҳавлии калон дорам. Акаи миёнаам истиқомат мекунад. Қорӣ Шакар – аз ҳама калонӣ, ман хурдӣ, вай – миёна. Боз як ҳамшира дорем. Дар ҳамин ҷо, дар Маккаи мукаррама. Ҳай-ҳай, чӣ хуш, ки шумо омадед! Агар ягон чиз харидуфурӯш кардан лозим бошад, бандаи фақир ба хизмат тайёр. Ҳамту не?

– Чизе барои фурӯш наовардаам.

– Инту гӯед? Хайр, ягон чиз хариданӣ бошед, ман ёрмандӣ мекунам. Охир мо ин ҷо муқимӣ-дия. Ҳамту не?

– Ҳамту, ҳамту… хуб, боз ҳамдигарро медидагистем?

Қӯлдошхоҷа ҳаракатҳои маро, ки аз ҷой бархостанӣ мешудам, гӯё намедид, ишораҳои маро гӯё намефаҳмид. Дар бораи ҳавлиҳояш, чанд зан дошта, аммо бефарзанд буданаш ҳамчунон бо рағбати том ҳикоят мекард.

Ҳамсафаронам ва муҳоҷирони меҳмон кайҳо ба кӯча рафта буданд. Фақат як нафари муҳоҷирон дар пешгоҳи хона баҳузур нишаста, ду чашм аз мо намеканд. Бештар ба ман зеҳн монда, нигоҳ мекард.

Ниҳоят, он мард омада, дар қарибии мо нишаста ва пайти лаб фурӯ бастани додари қорӣ Шакарро ёфта, савол дод;

– Чаро кам шумоён?

– Кам? Яъне чӣ гуфтан мехоҳед?

– Аз Туркия сӣ ҳазор кас омадааст. Аз Эрон – бисту чор ҳазор. Аз шумо ҳамагӣ ҳаждаҳ нафар.

– Ҳа, агар ин хел муқоиса кунед, мо кам, – гуфтам.

Чӣ гӯям ба ӯ? Сабаби камии шумораи ҳоҷиёнро чӣ гуна фаҳмонам?

– Маскав иҷозат намедиҳад-дия? – пичинг парронид мардак.

Хандаам гирифт. Мард абру чин кард. Худдорӣ карда натавониста, хандидам. Мард бархоста, бо оташинӣ доман афшонида бадар рафт. Мавриди дигар мешуд, аз саволи ӯ қаҳрам меомад. Ақидае ки ӯ дорад, фақат аз ғофилӣ сар мезанаду бас. Агар ин ҷо Арабистон намешуд, ба ӯ навъе карда мефаҳмонам, ки дар мамлакати мо дин озод аст, аммо озоди ба ҳалокат маҳкум. Ҳукумат ба дин ё диндорон коре надорад, баръакс дар мавридаш кумак мерасонад. Масалан, дар ҳар республика, дар Маскав Совети оид ба корҳои динӣ ҳаст, ки ҳуқуқи диндоронро муҳофизат мекунад, робитаи намояндагони динҳои мусулмонӣ, насронӣ, яҳудӣ ва буддоиро бо мамлакатҳои хориҷа, саёҳати онҳоро ба он ҷойҳо ташкил мекунад, ба нашри адабиёти динӣ ёрӣ мерасонад ва ҳоказо. Пас мусулмонони мо ҳам чун гражданини СССР ҳамаи ҳуқуқҳоро доранд, ҳамчун шахси диндор аз имтиёзоти иловагӣ истифода мебаранд.

Аммо гуноҳи касе нест, ки дин рӯз то рӯз аз заминаи худ бештар канда мешавад. Мусобиқаи илм, санъат, техника ва умуман ҳаёти навбунёд аз як тараф ва дину хурофот аз тарафи дигар давом дорад. Гарчанде дар ин мусобиқа тарафҳо баробар ҳаққи вуҷуд доранд, вале қувваҳо нобаробаранд. Охир, инсоф кунед, магар баъди парвози даҳҳо мушакҳои фалакпаймо ва киштиҳои кайҳоннаворд аз афсонаи дин, ки осмонро мисли гунбази пурҳайбати чун тағораи хамир ба сари олам парӯ кардашуда таъриф мекунад, таъсири бисёр боқӣ мемонад? Магар дар пеши муъҷизае ки масалан, мо, духтурҳо ҳар рӯзу ҳар соат ба ҳазорон одамон нишон медиҳем, тӯмору тилисмбанду даму дуои муллои кӯрсавод таъсири худро бетағйир нигоҳ дошта метавонад?

Ҳар мусулмоне ки дар диёри худам ба назди ман меояд, дигар бо ақидаи мустаҳкамшу да ба илми тиб меояд. Вай то ба табобатхона омадан бешубҳа, шабҳои бисёре ба даргоҳи худованд бо талаби шифо илтиҷо бурда буд. Пас эътиқоди ӯ ба ёрии худованду дуои мулло ба якбора суст нашуда бошад ҳам, ақаллан рахнае пайдо кардааст. Мо ӯро дар ду-се моҳ асп барин бақувват карда, ба ҳаёти

мӯътадил бармегардонем. Воқеан, ӯро дида, мулло боз каромот мекунад, ки худо шифо додааст. Духтур фақат сабаб шудаасту бас.

Ана ҳамин гуна мусобиқа қариб ним аср инҷониб давом дорад. Охир, дар бадали даҳҳо сол одам тағйир наёфта намемонад-ку. Одамони мо китобу журнал мехонанд, танбалтаринашон ҳам ақаллан радио гӯш мекунанд.

Мегӯянд, ки дар мамлакати мо 15 миллион мусулмонон ҳаст. Агар ҳамаи ин мардум ба дараҷаи мардуми Туркия ё Арабистон аз дунё бехабар мешуд, албатта, шумораи ҳоҷиҳои мо имрӯз ба 24 ҳазор не, балки ба 30-40 ҳазор ҳам мерасид. Касе ки имрӯз дар шаҳри ман аз масҷид, калисо ё синагога ба кӯча мебарояд, бардавом набошад ҳам, ақаллан чанд дақиқа дар ин замин ва замонаи аҷиб, ки ҳаётро бо суръати бемисоле пеш меронад, худо ноҳинҷор ҳис мекунад.

Агар ҷои дигар мешуд, ҳамаи ин гапҳоро ба он марди бадқавоқ рӯирост мегуфтам. Афсӯс, ки ростгӯӣ на дар ҳама ҷо як хел натиҷа меорад.

... Қариби соати 20 ба намози пешин рафтем. Ҳо, вақту соати Арабистон ба худаш хос аст. Ҳарчанд ки офтоб ба қиём акнун наздик мешавад, ҳарчанд ки соати кишварҳои дар ин хатти тӯл воқеъгашта ҳозир 13 аст, дар Маккаи мукаррама соат 20 шудааст. Ман аҳд кардаам, ки чуну чаро нагӯям.

Ривояте ҳаст, ки нимаи рӯзи 10-уми моҳи муҳаррами соли 61-уми ҳиҷрӣ, яъне рӯзи кушта шудани имом Ҳусайн (писари ҳазрати Алӣ ва Бибӣ Фотима) гӯё 72 соат кашол шуда бошад. Агар ба касе гӯед, ки ҳой мусулмон, ин гап дуруст нест, ҳеҷ гоҳ рӯзу шаб ба муносибати таваллуд ё вафоти касе дарозу кӯтоҳ нашудааст ва намешавад; қонуни айём фақат ба низоми ҳаракати ҷисмҳои коинот мувофиқ аст; ҳамин тавр гӯеду қандатонро занед. Шумо суханатонро ҳанӯз тамом накарда, мебинед, ки кайҳо шуморо кофир эълон карда, сангсор карда куштаанд.

Аммо сангсор шуда мурдан дар нақшаю нияти ман нест. Банда на фақат худамро бояд саломат ба ватан бирасонам,

балки кӯшиш кунам, ки ҳамаи ҳамсафарон низ сиҳат-саломат бо номи баланди ҳоҷӣ ба масҷидҳои худ баргарданд.

Қориака пеш аз дохил шудан ба каъба дуои духули каъбатуллоҳро такрор карданд. Баъд кафшро кашида ба даст гирифтанд. Ҳама чунин карданд.

Қориака гуфтанд:

– Дӯстон, ҳозир иншооллоҳ, боз як муъҷизаи оллоҳи таолоро шоҳид мешавед. Бар сафҳаи осмон нигаред: чӣ қадар мурғони ҳаво дар сайранд. Инҳо ҳама ҷонварҳои табарруки манзили мунаввар мебошанд.

Мо ба осмон нигаристем ва дар ҳақиқат кабӯтар, мусича ва гунҷишкони бисёреро дидем.

– Ҳоло қадам аз остонаи шарафошёнаи ҳарам ба дарун мениҳем, – гуфтанд боз роҳбарамон, – ва шумо, иншооллоҳ, хоҳед дид, ки чӣ гуна ҷонварҳои безабон аз болои хонаи парвардигор худро ба канора кашида мегузаранд. Ҳеҷ ҷонзоде дар болои каъба ҷуръат карда, бол намеафшонад. Ин аз муъҷизаҳои бузурги соҳибамон аст.

Ҳайҳот! Баробари ворид шудан чизи аввалин, ки дар болои каъба дидем, як ҷуфт кабӯтар буд, ки гузашт. Баъд як села гунҷишк, сипас боз як кабӯтари танҳо аз тарафи мо ба он сӯй парида гузашт.

Ман рӯй ба дигар сӯй тофта, худро ба нофаҳмӣ андохтам. Искандар ҷӯраам мегуфт, ки одами баодоб ҳатман он нест, ки ош ё масалан мурабборо ба дастархон нарезонда хӯрад; балки он аст, ки ба дастархон ош резонидани касеро бинаду ӯро хиҷил накунад.

Вақти намоз, ҳангоме ки муаззин ибораи «оллоҳу акбар»-ро ба оҳанги кашоли суруди мотам такрор мекард, ба ман лаҳзае чунин намуд, ки кайҳо мурдааму дар он дунё дар таки дарвозаи ҷаҳаннам ба навбати худ мунтазир истодаам. Ҳазрати Азроил ва Мункару Накир дар таки дарвозаи дӯзах, дар кабинете ки ҷиҳозаш кабинетҳои истинтоқкунии гестапоро ба ёд меорад, кадом як мусулмони бечораро қин мекунад.

– Ҳой нобакор! – бо як овоз баробар дӯғ мезананд Мун-

кар ва Накир. – Оё фаромӯш кардӣ, ки дар айёми зиндагиат, яъне 1111 сол муқаддам, дар намози асри рӯзи душанбе ҳафтаи саввуми моҳи шаъбон ду ракъат камтар аз фарзу суннат намоз хонда будӣ?

– Не, дарду балои саратонро гирам, садқаи ҳамон дастаи гурзи гаронатон шавам, фаромӯш накардаам, – бо овози хиррӣ мегӯяд мусулмони бечора лабҳои бехунашро базӯр ҷунбонида, дар ҳолате ки чашмони ҳаросонашро илтиҷоомез ба гурзи гарони Мункар ва Накир дӯхтааст. – Раҳм кунед, он рӯз ягона фарзанди дилбандам касал ва дар дами марг буд. Бинобар ин…

Ҳазрати Азроил буруташро меҷунбонад. Мункар ва Накир – дукаса гурзи гаронро бардошта ва дар болои сарашон чарх занонида:

– Ана ба ту ҷазою сазои «бинобар ин», маҳмадонои ҳаромӣ! – гӯён ба фарқи сари мусулмон чунон мезананд, ки ҷисми вай гард-гард шуда ва пош хӯрда то ба ҳафт иқлим парешон мешавад. Малоикаҳо заррачаҳои пайкари ӯро дар як он ҷамъ меоваранд, садое аз боло ба гӯш мерасад, мусулмон аз нав ба шакли пештараи худ бармегардад.

Мункар ва Накир саволи худро такрор мекунанд, аммо он мардак ин дафъа ба ҷои посух «Тавба! Тараҳҳум» гӯён ба тарзе ки муаззини каъбатуллоҳ мекунад, ин калимаҳоро ба зарби сусти суруди мотамоҳанге кашол дода месарояд…

Аз гармои тоқатфарсо ва нафаси одами бисёри арақин маро ғанаб бурдааст. Каъбатулло аз фарш то ба нӯги манораҳо ҳама аз санги мармар аст. Дар даққи ҳаво ҳарам ба як воситаи айёнии ривоятҳои оид ба ҷаҳаннам мубаддал мешудааст.

Тағоиям мегуфт, ки дар каъбатуллоҳ санги муаллақ ҳаст. Бо қудрати худо дар миёни замину осмон муаллақ меистад. Пагоҳӣ ҳаҷаруласвад, яъне санги муқаддасро дидам, ки дар тоқч аи худ аз бӯсаи фаровони ҳоҷиён болида, боҳаловат мехобид. Пас, санги муаллақ дар куҷо бошад, гӯён ба чаҳор тараф чашм медавондам. Баъзе мегуфтанд, ки санги муқаддас не, балки худи каъба муаллақ меистад.

Аммо дар ҳайати хонаи худо чизе набуд, ки ин даъворо тасдиқ кунад.

Аз Исрофил пурсидам.

– Худам ҳам зеҳн монда гаштаам, – гуфт ӯ ва дигар чизе напурс гуфтагӣ барин карда, гӯш ба сӯи радио дошт.

Шахсе ним соат ба арабӣ ваъз гуфт. Худи воизро касе намебинад, фақат овозаш бо радио ба саҳни ҳарам ва атрофи он паҳн мешавад. Ҳамсафарони пири мо агарчанде ба ягон ҷумлаи нутқ сарфаҳм намерафтанд, ба риққат омада, мунтазам калла меҷунбониданд ва оби дида мерехтанд.

Баъд муфтии аз Туркия ба ҳаҷ омада ба забони худаш дар бораи вазифаҳои олами ислом маърӯза кард. Овозаш басе ширадор буд, вале аз мантиқи нутқаш бӯи мағор меомад. Ӯ ба ҳамон оҳанг сухан мекард, ки 42-сол муқаддам лашкаркаши ислом Анвар пошшо аввалҳо дар сӯҳбати ҷаддидони шаҳри Бухоро, сонитар дар ҷамъомадҳои контрреволютсияи Бухорои Шарқӣ маърӯзаҳо мекард.

Ман ин нуқтаро ба Исрофил гуфтам.

– Баъд Анвар пошшо чӣ шуд?

– Падару бародарони мо аз дидори амиру пошшоҳо сер шуда буданд. Пошшои нохондаро низ пеш карданд. аммо ӯ нарафт ва дар ҷанг кушта шуд.

Муфтии турк тахмин як соат гап зад. Муллои бошқирд сухани ӯро хуб мефаҳмид, аммо ҳар қадар бештар шунавад, чеҳрааш ҳамон қадар тиратар мегардид ва беқаророна ба ин сӯву он сӯ менигарист, ки ин имтиҳони ғайринавбатӣ кай ба итмом мерасида бошад.

Ба манзил омада, вермишелшӯрбо тановул кардем. Кассир ба дасти ҳар кадомамон панҷ долларӣ пул дода гуфт, ки дар дукони сарроф ба пули Арабистон иваз карда гирем. Исрофил пули худро дар як дукон иваз намуда, дарҳол якта тасбеҳи саддона харид. Ман ба саррофи дигар пул иваз кардам ва ӯ ба ман як риёл зиёдтар дод. Мо фаҳмидем, ки қимати пул ҳам ба инсофи сарроф вобаста будааст.

Ба рӯи ҳамаи пулҳои Арабистон – чи коғазӣ ва чӣ танга

акси дарахти хурмо ва дар заминаи он ду шамшери ба таври чиллик рӯи ҳам гузошташуда нақш ёфта буд, ки ин тамғаи давлат будааст. Дар як давлати хурди тараққӣ нокарда ин қадар нишонаҳои ҳайбату салобати ҷангҷӯёна... Барои тарсонидани одам-ку якта шамшер ҳам кифоя аст. Рост-дия, агар одам буздил набошад, ба рӯи пулатон, байрақатон, дару деворатон расми ҳазор шамшерро кашед ҳам, ақаллан абруяш хам намехӯрад.

– Исрофил, чаро тамғаи инҳо якбора ду шамшер дорад?

– Чаро аз ман мепурсӣ?

– Аз кӣ пурсам? Ту муллоӣ, китобҳои диниро бисёр хондаӣ...

– Ман ба ҳар ҳол граждани СССР ҳастам.

– Тавба, ҳеҷ кас туро фуқарои Португалия ё Иттифоқи Ҷануби Африка нагуфтааст.

– Ту қариб, ки ҳамин тавр гӯӣ.

– Девори намкаш будаӣ.

– Аммо ҳафтафаҳм не.

– Ана халос!

Дар байни растаҳо муддате хомӯш қадам мезадем. Сайёраронҳои ин ҷо аҷаб мардуми бебоканд. Дар кӯчаҳои тангу тори каҷалак, ки аз харобаҳо, велосипедронон, машкобҳо, пиёдаҳои кӯзаву сабад бар сари бепарво рафтуокунанда пуранд, бо суръати камаш 45-50 километр-соат парида мегузаранд. Гоҳо сайёраи сабукрави давлатманде аз пиёлаи чой ё чилими фавво譯занон дуд бароварда истодаи ягон нашъаманд дар масофаи як қади гӯгирд паррон гузашта меравад. Рост, ки гоҳ-гоҳе кӯзаи машкоб пора-пора шуда ҳамроҳи обаш ба рӯи пои кайҳо боз собунро надидаи ӯ мерезад. Ё велосипедроне аз зарбаи ногаҳонии қаноти сайёра худ ба ҷонибе, велосипедаш ба ҷониби дигар парида меравад. Вале шӯру ғалмағали доимии раставу бозор фарёди якта-нимта ба таки сайёра мондаро дарҳол фурӯ бурда, ба рӯи фоҷиа пардаи фаромӯшӣ мекашад.

Баъзе ҳоҷиёни давлатманд бо ҳар чаҳор зани худ омаданд. Мард қоз барин савлаткунон пешопеши онҳо мера-

вад. Зани калонӣ аз бари эҳром ё дасти шавҳар доштааст. Зани дуюм аз як гӯшаи чодири зани калонӣ, савум аз паси дуюм ва чаҳорум дар поёни қатор. Дар Душанбе, дар қарибии хонаи мо пеш артели инвалидҳои нобино буд. Ҳар гоҳ ки онҳо ба кӯча бароянд, ҳамин тавр аз доману дасти якдигар дошта, қатор шуда мегаштанд.

Дарвозаи калонеро дида, Исрофилро ба он сӯ кашола кардам, то бубинам, ки дар он ҷо чи ҳаст. Дар ҳавлии саройшакле чизе ба монанади қаҳвахона ҷойгир шуда будааст. Рӯи сарой, зери ду айвони дароз аз мизҳо ва курсиҳои оҳанӣ пур буд. Ҷои холӣ ёфта нишастем.

Дар як гӯша тақрибан панҷоҳ адад чилим гузошта буданд. Чилимҳои хурду калон, чилимҳои одии аз каду сохташуда ва мисини кунгуракорӣ. Баъзе чилимҳо ба ҷои наи дудкашӣ рӯдаҳои дарози резинӣ доштанд. Ин гуна чилимро оташ дода дар мобайни давра мемонанд ва аҳли суҳбат рӯдаро бо навбат ба даҳон гирифта тамоку мекашанд. Дар ин диёр, ки силу мараз ҳар сол умри мардуми бисёреро хазон мекунад, ин хел чилими даврагӣ бешубҳа, ёрдамчии хуби ҳазрати Азроил будагист.

Мо чой фармудем. Дар Арабистон чои ширини фомил менӯшиданд. Шакарро ба чойник андохта меоранд.

– Ман дида истодаам, ки ба ҳамаи ин чизҳо хуш надорӣ, – ногаҳон ба гап даромад Исрофил. Қошу қавоқи ӯ ҳамчунон овезон буд.

– Ба кадом чизҳо? Ту чиро гуфта истодаӣ?

– Давоми ҳамон гапро. Аз ду шамшер савол дода будӣку.

– Э ака, ту ҳам гапро кашол кардӣ-ку. Думи гурба порсол сӯхту бӯяш имсол омад.

– Не, ука, акнун гӯш мекунӣ. Ҳамин қадар одамро монда, ман домани туро дошта гаштаам. Ту ана ҳаминро ягон бор мулоҳиза кардӣ ё не?

Исрофил пиёлаи дар дасташ бударо ба рӯи миз монда, ба дигар тараф рӯй гардонид.

«Тарошаи дағал! Кундаи гаранг!» – худро дашном ме-

додам ман. Аҳволи оила, ботини пуризтироби ҷӯраамро фаромӯш карда, боз ӯро озор додаам. Дили ин мардаки шӯрбахт аз он ки ман тасаввур мекардам, басе нозуктар будааст.

– Исрофил, бародар, бубахш маро. Ба худо ки равои озоратро надорам. Дар таки девори каъба нишастаем. Бовар кун.

– Хайр, ба гузашта салавот, – гуфт Исрофил пиёларо ба даст гирифта ва хаёле табассумкунон илова намуд: – Ҳарчанд, ки барои ту чӣ қимате доштани девори каъбаро фаҳмида истодаам.

Аз сайри раставу бозор баргашта, қариб ба манзил расида будем, ки ҳамшаҳрии Исрофил аз пасамон ҳарсасзанон омад.

– Андак сабр кунед, – гуфт ӯ. – Шумо ба пули ин ҷо сарфаҳм меравед ё не?

– Кам-кам.

– Маро мевафурӯш фиреб дод, аз афташ. Нигоҳ кунед, ба вай як коғази даҳриёлӣ додам, чор дона афлесун гирифтам. Ана ин қадар бақия гардонид.

Дар дасти мулло Зулфиқор чаҳор риёлу чор куруш[1] пул буд. Ӯро расо ба панҷ риёл фирефтаанд. Дар даст пул дошта бошеду чӣ қурбе доштани онро надонед ҳам, савдои мушкил будааст. Ё шояд саҳв шуда бошад: даҳриёлиро панҷ риёл пиндошта бошанд?

Мудохилаи мо суде наовард. Ҳарчанд бо имову ишора осмон, девору манораҳои каъбаро нишон дода, виҷдони мевафурӯшро ба ҷунбиш овардани мешудем, таъсире набахшид. Баръакс дукондорони дигар ба сарамон ҷамъ омада, баъзеашон ба нодонӣ, баъзе дигар ба туҳматгарӣ айбдор мекарданд.

Дар олами савдо қонуне ҳаст: мол, чек ё бақияи пулатонро аз фурӯшанда дур нарафта шуморед. Вагарна додатонро ба худо гӯед. Ҳоло дукони мевафурӯши муғамбир дар таки дарвозаи каъбатуллоҳ воқеъ гашта бошад ҳам ва арзу

[1] Куруш – пули танга. Бист куруш – як риёл.

эътирози мулло Зулфиқор ба гӯши парвардигор, бешак, расида бошад ҳам, натиҷае ҳосил нашуд.

Ману Исрофил аз ин воқеа сабақ гирифта, ба омӯзиши забони арабӣ, алалхусус шумора ҷиддӣ машғул шудем.

– Воҳид, иснен, салоса, арбаа, хамса, ситта… – гӯён аз як то даҳ такрор мекардем. «Аз худат эҳтиёт бош, ҳамсояро дузд мадор» – мегӯянд мақоли халқ. Ин ҷо шаҳри Уфа ё Душанбе нест. Агар дуздии дуздеро ба субут расонида натавонед, ба ҳолатон маймунҳо хоҳанд хандид.

Дар «хона» маро мулло Иброҳими Ҳоҷӣ мунтазир будааст. Пирамард гуфт, ки имрӯз бегоҳӣ вай низ ба Арафот меравад. Ӯ ҳар сол ҳаҷҷи худро такрор мекунад. Баъди Арафоту Мино сари қадам ба Маккаи мукаррама даромада, пас ба Мадинаи мунаввара бармегардад. Хонааш дар он ҷост. Мо, ки иншооллоҳ ба оромгоҳи пайғамбар рафтем, мулло Иброҳим боз ба суҳбатамон ҳозир хоҳад шуд. Ҳоло илтимос мекунад, ки дар бораи диёраш ба ӯ камтар нақл кунам.

Ман ба Ленинобод ду сол пеш рафта будам. Он чи ки ба хотирам расид, ба мӯйсафед ҳикоят кардам. Маълум буд, ки ба ӯ дар бораи Хуҷанди собиқ ҳар сол ҳоҷиҳои мо нақл мекунанд. Лекин вай аз ҳикоят дар бораи ватани худ ҳеҷ сер намешуд, аз афти кор. Ё шояд дар ягон гӯшаи дилаш шубҳае дошт, ки дар замони ҳокимияти советӣ шаҳрҳои қадим хароб нашуда, балки обод мешуда бошанд. Охир, маълумоте ки муҳоҷирон соли дароз аз радиои «Садои Америко» мегиранд, маҳз ҳамин гуна манзараро тасвир месозанд.

– Бозорҳо манъ карда шудаанд, мегӯянд… – оҳиста савол дод пирамард, то ки ба нафси ман нарасад.

Қаср – бозори нави Панҷшанбеи Ленинобод – яке аз зеботарин, бошукӯҳтарин бозорҳои колхозии Иттифоқи Советиро ба ӯ тасвир кардам. Дар бораи қасри муҳташами колхози «Москва», комбинатҳо, заводҳо, конҳо, театр, табобатхона, институт ва мактабҳои ин шаҳр нақл кардам. Дар бораи шуҳрати ҳамшаҳриёни ӯ – ҷарроҳони ҳунар-

манд Комил Тоҷиев, Зокир Хоҷаев ва духтурони дигар нақл кардам. Гуфтам, ки ҳамшаҳрии ӯ Султон Умаров президенти Академияи фанҳои Тоҷикистон аст. Бобоҷон Ғафуров дар Маскав роҳбари Институти халқҳои Осиё шуда кор мекунад. Китобҳои нависанда Раҳим Ҷалил ба бисёр забонҳои СССР ва хориҷа чоп шудаанд…

Боз оби дидагони мӯйсафед ба рухсори сероҷингаш, ба ришу мӯйлаби сафедаш ҷорӣ гашт. Ин ашки ормон буд, ашки ҳиҷрон, ашки ҷудоӣ аз ватан. Ин қатраҳои талх маҳсули ҳамон хатое буд, ки умрбодислоҳнопазир хоҳад монд. Шахси ҷалои ватаншуда аз ҳар мамлакати дигар метавонад ба ватани худ баргардад. Бо ҳазор азобу уқубат бошад ҳам, илоҷи баргаштан ҳаст. Ҳатто аз Испанияи Франко, аз Иттифоқи Ҷануби Африка бо тадбире баромада, ба ватан баргаштан мумкин. Аммо аз ин ҷо не.

Афсонае ба ёдам мерасад, ки дар бачагӣ падарам гуфта буд. Дар кадом як гӯшаи дунё шаҳре будааст, ки ба он ҷо омадан ҳасту рафтан нест. Зан мурад, шавҳари зиндаашро ҳамроҳ ба қабристон мебаранд, шавҳар мурад, зани зинда мондаашро. Қонуни шаҳр фақат ҳамин қадар раҳм мекунад, ки ба ҳамсари зинда барои чил рӯз озуқа ва об оварда, дар паҳлуи қабри шарикаш мемонанд. Кас агар аз ин диёри шум фирор карданӣ шавад, аъзои баданаш тор кашол шуда рафтан мегирад, то тамому адо шудан. Ана ҳамин дарди ҷонкоҳ қуфлу кишанест дар пои ҳар касе ки аз тақдири мудҳиши худ гурехтан мехоҳад.

Оре, ҳеҷ афсона бидуни асосе, ки дар зиндагонӣ дошта бошад, бофта намешавад. Ҳар муболиғаро дар ҷаҳон оғозе ҳасту анҷомест.

## АРАФОТ

Сумка, термос ва чатрҳоро бардошта, ба автобус савор шудем.

Лаълии сурхи офтоб ба уфуқи серчангу ғубор фурӯ менишаст. Силсилаи бесаруохири ҳамон сайёраҳои рангабаранге, ки парерӯз кӯчаҳои Маккаи мукаррамаро тамба зада буданд, ҳоло чанги роҳҳоро ба осмон бардошта, ба сӯи кӯҳи муқаддаси Арафот мешитобиданд.

Аз дарун ва боми сайёраҳо садои ҳоҷиён ба гӯш мерасид, ки дуоҳои ҳаҷро бо овози баланд зикр мекарданд. Темурҷонқорӣ дар автобуси мо оятеро сурудвор мехонд.

Ҳаво торик шуд. Аз водии Мино мегузарем. Сар то сари водии васеъро чодиру хаймаҳои ҳоҷиён фаро гирифтааст. Ҳазорон чодир, ҳазорон хаймаҳои нақшин ва рангоранг. Ҳоҷиҳо пасфардо ба ин ҷо омада, се шабу се рӯз бо тоату ибодат машғул хоҳанд шуд. Ин хаймаҳоро соҳибони меҳмонхонаҳо, ба ибораи ин ҷо гӯем, соҳибони такяҳо, устувор карда, ба ҳамин тариқа ҷой ишғол карда мондаанд. Хайма назананд, ҷой нест. Ба мо, ки чанд рӯз инҷониб эҳром баста, роли мурдагон ва ба даргоҳи худованд ҳозиршудагонро мебозем, талош барои як порча замин аҷиб менамояд.

Аз канори шаҳрчаи дуюми чодирзор мегузарем, ки ин ҷо кӯҳи муқаддаси Муздалифа аст. Баъди Арафот як шабро бо тоату ибодат дар доманаи ин кӯҳ гузаронидан фарз аст.

Соате дар байни хаймазори шаҳрчаи савум қароргоҳи худро кофтуков мекунем. Одамони Зайнӣ Кӯшак ҷойро бармаҳал ишғол карда бошанд ҳам, то ҳоло фақат ду хайма рост кардаанд халос. Дар хаймаи хурд, ки як тарафаш яла буда, шакли айвонро дорад, сардор бо мӯйсафедон ҷой гирифтаанд. Хаймаи калонтари дувумро меҳмонони ямании Зайнӣ Кӯшак бо занҳошон банд кардаанд.

Мо дар зери осмони кушод ба рӯи як қабат палоси куҳна мехобем. Ба ходае фонуси карасинӣ овехтаанд. Ману Исрофил кулчаҳои аз Маскав овардаамонро бароварда, бо чой хӯрдем. Термоси ман хушрӯи нафис бошад, ҳам фақат чаҳор пиёла чой мебарад. Хайрият, Исрофил термоси дулитрӣ харида будааст. Гӯё медонистааст, ки дар он дунё ҳам эҳтиёткорӣ аз шартҳ ои зарурии рӯзгор аст.

– Имрӯз дувуми май, – гуфтам ман.

– Ҳа, дувуми май, – оҳи сабуке кашида гуфт Исрофил.

– Дар Тоҷикистон дарахтони мева аз гул фаромаданд. Сабзаи дашту саҳро, барги дарахтон зумуррад барин тоза, ботароват.

– Ҳа-а, мад кашида гуфт Исрофил ва тасдиқкунон сар ҷунбонид. – Саҳрову ҷангали диёри ман ҳам ҳозир бисёр дилрабо шудагӣ.

– Чӣ хосияте ҳаст, ки дар ин ҷо бӯи замин ба димоғ намерасад. Дар Душанбе, хусусан баъди борони баҳорон, бӯи замин касро масту махмур мекунад.

– Урусӣ гап назанед! – бонге баланд шуд аз он сӯи палоси мо. Ин овози мулло Абдурозиқҷонака буд.

Исрофил нимхез шуда, зоҳиран, чизе гуфтанӣ буд ва андеша мекард, ки чӣ бигӯяд.

– Ноиб-ур-раиси муҳтарам, – гуфтам ҳамчун ба забони русӣ қасдан ба ҳама шунавонида, – қоидаи ҳаҷро оид ба озор надодани шахси дигар ман чанд рӯз инҷониб риоя мекунам. Аммо баъзе ҳамсафарон риоя намекунанд. Ту бояд чорае биандешӣ.

– Урусӣ гап назанед, мегӯям! – амри худро чуноне ки дар каъбатуллоҳ карда буд, бо иддао ва хашм такрор намуд Махсуми мичмичдаҳон.

Бо ҳамсафарони бошқирд, қазоқ ва тоторам ба русӣ гуфтугӯ накунам, ба даҳонам қулф занам? Таки дари тиллокории худо ҷои баҳс набуд. Аммо ҳоло ба махсум ҷавоб бояд дод. Оё рубоии машҳури ибни Синоро дар бораи до-

ноёни ҷоҳил бихонам?[1] Ғайр аз тотору бошқирдҳо дигар ҳамаи инҳо забони тоҷикиро мефаҳманд, чунки омӯзиши осори шоирони бузурги форсу тоҷик дар программаи мактабҳои динӣ ҳам ҳаст.

Не, нагуфтан беҳтар аст. Духтур шуда истода, асаби ҳамсафаронро вайрон кардан дар ҳақиқат аз инсоф нест.

– Чаро русӣ гап назанем? – аз ҷоям хеста, рӯ ба он тарафи палос оварда пурсидам.

– Намедонед «чаро»?

– Не.

– Забони кофирҳо буданашро намедонед?

– Биступанҷ-сӣ сол пеш ҳамин хел як гапро шунида будам. Фаромӯш шудааст. Дигар донишмандеро ҳам вонахӯрдаам, ки хотиррасон кунад.

– Фаромӯш накардан даркор-дия.

– Имрӯзҳо сарам фақат бо фикру зикри ҳаҷ банд аст. Ҳама андешаҳои дигарро фаромӯш кардаам. Ба ғайр аз як чиз, мулло Абдурозиқҷонака, ба ғайр аз ҳамин ки боз чанд рӯз мегузараду ба Ватани худамон бармегардем. Дар ин ҷо, худоро шукр, Ҳокимияти Советӣ ҳаст, озодӣ гуфтанӣ чиз ҳаст.

Арвоҳ занад, як маънои озодӣ ҳамин ки хоҳед ба забони молдавӣ гап мезанед, хоҳед ба қирғизӣ. Он ҷо миллаттароширо бинои салтанат не, ҷиноят мешуморанд.

Ман торафт оташ гирифта гап мезадам. Исрофил аз домани юбкаам кашида, нишонданӣ мешуд.

– Ҷанобон, – нимхез шуда ба гап ҳамроҳ шуд ҳазрати Наримон, – ҷанобони муҳтарам! Имрӯзҳо баҳсу мунозира кардан гуноҳ аст. Не нагӯед, гуноҳ аст.

– Рост мегӯянд, нағз не, духтурҷон, – луқма партофт Мулло Ӯроқака.

– Ман сар накардаам.

---

[1] Духтур яқин рубоии зерини Абӯалӣ ибни Синоро дар назар дорад:
Бо ин ду-се нодон ки чунон медонанд.
К-аз ҷаҳл донои ҷаҳон эшонанд.
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

– Абдурозиқҷонака, шумо одами қизиқ. Чӣ лозим ҳамин гапҳо? – ба ҳарифи ман рӯй овард Мулло Ӯроқ.

– Акнун ки гап кушода шуд, боз як чизро гуфта монам, – нутқи бемаҳаламро давом медодам ман. – Шумо медонед, ки ман тоҷикам. Забони модариам тоҷикист, забони Рӯдакӣ, ибни Сино, Ҳофиз, Камол, Фирдавсию Хайём аст ва ба он забон даҳҳо миллион мардум ҳарф мезананд. Ман аз ин фахр мекунам, лекин касе дар ҳаққи ҳар як забони дигар бадгӯӣ кунад, бадтарини кофирҳо медонам. Абдурозиқҷонака, ман ба шумо гуфта истодаам, минбаъд ҳам бо ҳар ки хоҳам, ба забони русӣ гап мезанам. Аз ин забон ба кӯрнамактарин инсонҳо ҳам фақат шарофат расидааст, аммо барои фаҳмидани ин ҷасади холӣ кифоя нест.

Махсум кинояро ночор фурӯ бурд ва дам назад. Дигарон низ луқма намепартофтанд, сокит ва ноҷунбон бо сари хам гӯш карда менишастанд. Дар Ватани худамон чӣ қимате доштани миллатфарошӣ хело бамаврид хотиррасон шуда буд. Аз хаймаи сардорон тарҷумон баромада, ба сӯи мо чанд қадам гузошт ва Мулло Абдурозиқро ном гирифта гуфт, ки Қориака ҷеғ мезананд. Ду-се дақиқаи дигар дар хомӯшии гарон гузашт. Баъд Темурҷонқорӣ, Оллоҳназарқорӣ ва ҳазрати Наримон низ хеста ба он сӯй рафтанд.

Сумкаро ба таки сарам монда, дар паҳлуи Исрофил дароз кашидам.

Осмони пурситора хеле наздик менамуд. Гӯё даст ёзонед, якбора ба чанд ситора мерасида бошад. Аммо аз он ки даст ба осмон бирасад, сад бор авлотар аст, ки ба дӯст, ба рафиқи ҳаммаслаке расад.

*Лаънат ба касе ки аз ватан канда шавад,*
*Афтад ба ғарибӣ, ба касе банда шавад.*

– -гуфта мешавад дар як суруди халқӣ. Ба муҳити фосиде афтода, аз ҳар кару кӯру сангу кулӯх гап шунидан аз бандагӣ тафовути бисёр надоштагист.

Агар имкон бошад, кас дар сафари хориҷа ягон нишо-

наи мамлакати худро доимо бардошта гардад. Ҳар махлуқ шуморо дидан замоно фавран ба ёдаш расад, ки шумо аз Иттифоқи Республикаҳои Советӣ ҳастед, 72 миллати Ватанатон бо ҳамаи иқтидори худ, бо мушакҳои ҷаҳонпаймоӣ баллистикиаш пушту паноҳи шумост. Вагарна замин ҳоло басе зотҳоеро бар дӯши худ бардошта давр мезанад, ки забони мантиқ ё сабақҳои таърих дар назари онҳо хас барин қурб надорад; эшон фақат дар пеши неруи аслиҳа ё қудрати ҷисм сари эътироф хам мекунанд.

Ба чӣ гуна ҷамъияте афтодаам?

Эҳтимол, камина аввалин граждани СССР бошам, ки аз ҳайати ҳамсафарони худ фахр намекунам. аҷаб як ҳаққи пешқадамӣ насибам шудааст.

– Қурбон, хафа нашав, пагоҳ ман бо Қориака гуфтугӯ мекунам.

– «Бо Қориака гуфтугӯ мекунам». Худат ҳам сардор-ку! Чаро дам намезанӣ? Агар он ҳомии шариат бори дигар ин фармонашро такрор кунад, худо занад, ки кор ба хушӣ нахоҳад анҷомид!

Аз хаймаи сардор то хеле вақт овози Қориака ба гӯш мерасид, вале чиҳо гуфтани ӯро аз ин ҷо фаҳмидан душвор буд.

Нисфи танам дар рӯи палоси камбар, нисфи дигараш дар рӯи реги саҳро буд. Поҳои худро ба даруntар, ба қабати гармтари рег тиққонида ба хоб рафтам…

Арафаи иди қурбон аз намози бомдод оғоз ёфт. Ҳар рӯз баъди намози аввал ҳоҷиён як-ду соати дигар мехуфтанд. Имрӯз аз саҳар ибодат сар шуд ва бефосила давом мекард.

Курси офтоб баланд шуда буд, ки ба наҳорӣ ҷеғ заданд. Аз ин пеш ба сари дастурхон омада «андак он сӯтар нишинед» гӯён ё чизе нагуфта, худро ба миёни ҳамсафарон тиққонида, ба худ ҷой мегирифтам. Имрӯз баробари намоён шуданам каминаро бе гапу калоча ҷой доданд. Оё таъсири нутқи дишабаам бошад? Ё натиҷаи он ки Қориака Мулло Абдурозиқҷонака ва муллоакаҳои дигарро ба пеши худ оваронида, аз афти кор, ба эшон панду насиҳат хондаанд?

Дар рӯи дастурхон чанд бурида нони обаш гурехта ва дар табақе таоми идона – чизе ба монанади ҳалвои тари маросимии мо буд. Вале азбаски аз ҳалвои тар ба димоғ бӯи равғани чаладоғ мерасид, бо як бурида нон ва як пиёла чои фомил қаноат кардам.

– Духтурҷон, аз таом марҳамат кунед. Савобаш бисёр калон – таклиф кард Мулло Ӯроқака.

– Ташаккур. Хӯрдани чизе савоб аст, ки дил мекашад.

Ба ҳар ҳол, ҳузури камина барои баъзе ҳамсафарон торафт ногувотар мегардид. Дар нигоҳи Абдурозиқҷонака ин пагоҳӣ тобиши адоватангезро баръалоина дидан мумкин буд. Чанди дигар бо чеҳраҳои табассумомез нарм муомила мекарданд, вале аён буд ки дар паси ин нармӣ ва табассумҳо як чизи сохтае ниҳон аст.

– Ҷанобони муҳтарам! – ба сухан даромад ҳазрати Наримон, – бо иҷозаи шумо арз кунам, ки савоби ин таом дар китобҳои маъруф қайд шудааст. Не нагӯед, қайд шудааст. Ҳазрати мукаррамаи Бибӣ Фотима…

Ҳазрати Наримон дар бораи санъати таомпазии завҷаи олимақоми шери худо ботафсил ҳикоя кард. Ривояти машҳури аз қайроқи одии сиёҳ хӯрок пухтани Бибӣ Фотимаро низ гуфта дод ва қайд намуд, ки шалғам аз каромоти ҳазрат ба дунё пайдо шудааст. Не нагӯед, гуфт ҳазрати Наримон, шалғам аз ҳамон ҷо пайдо шудааст.

Ҳазрати Наримон беҳуда исрор мекард, зеро касе ба ӯ эътироз ҳам карданӣ набуд. Ҳамаи ин уламо аз мулло Мушаррафқорӣ кашида, то қории ҷавон Темурҷон заррае шубҳа надоштанд, ки шалғам меваи карамоти Бибӣ Фотима аст. Биринҷро аз дандони пайғамбар сохтаанд. Гандумро ҳазрати Одам аз осмони ҳафтум овардаанд. Муш аз бинии хук ва гурба аз даҳони паланг дар вақти атса задани онҳо баромадаанд…

Соҳибони хона аз куҷое се гӯсфанд овардаанд. Гӯсфандонро ба пули Қориака, кассирамон Абдухалилкака ва намедонам боз кадоме аз мӯйсафедон ха рида овардаанд. Онҳоро ҳозир кушта қурбонӣ хоҳанд кард. Аслан рӯзи қурбонӣ пагоҳ аст. Имрӯз онҳое ки ҳанӯз дар Хартум

эҳроми худро кушода, қоидаи ҳаҷро ночор вайрон карда буданд, ба тариқи ҷарима қурбонӣ медиҳанд.

Хизматгори хонаводаи Зайнӣ Кӯшак – ҳабаши бузургҷуссае пайдо шуда омаду аз гардани яке аз гӯсфандон дошта, дар ҳолате ки пичирросзанон оятеро мехонд, ҷонварро бо як даст ба ҳаво бардошта, ба замин зад ва чаҳор пои гӯсфандро ба зери пои рост гирифта, бо дасташ дар рег ҳавзчае сохту бо як ҳаракати корди калони ялаққосӣ сар аз тани ҷонвар ҷудо намуд. Тахмин дар ним соат ҳабаш ҳар се гӯсфандро аз каллаву поча ва пӯсту рӯда ҷудо карда, ба дасти ошпаз супурд.

Қассоберо ба ин чолокӣ надида будам ва кори ӯро бо мароқ тамошо мекардам. Ӯ аз кӯдакӣ хизматгори зархариди ин хонавода будааст. Умраш дар ғарибӣ бе зану фарзанд, бе хонаву ҷой дар хизмати беподош мегузаштааст. Воқеан, баҳои умре ки ӯ гузаронидаасат, дар мӯи сари ҳанӯз ҷингалаи бармаҳал сафедшудааш, дар чинҳои амиқи пешонӣ ва гирди лаб, дар чашмони фурӯнишастаи маҳзуннигоҳаш акс ёфта буд.

То ба ҳамин наздикиҳо дар Маккаи мукаррама рӯзҳои иди қурбон бозори ғуломфурӯшӣ авҷ мегирифт. Тоҷирони корчаллон аз қабилаҳои мусулмони зангиён, ҳабашҳо ва барбариёни Африқо гумроҳони зиёдеро ба баҳонаи ҳаҷ ба ин ҷо меоварданд. «Хонаи оллоҳро зиёрат кунӣ, аз биҳишт ҷой мегирӣ» гуфта меоварданду ба ягон саиди давлатманд фурӯхта мерафтанд.

Ҳоло ғуломфурӯшию ғуломдорӣ дар рӯи олам расман манъ шудааст ва ҳукумати аълоҳазрат низ тантанавор эълон кардааст, ки ин гуна бешарафӣ дар Арабистон ҷой нахоҳад дошт…

Моро ба зиёрати кӯҳи муқаддаси Арафот бурданд. Роҳбаладамон саид Абдулкарим қуттии холии консерваро ба нӯки ходае бардошта, ба пеши гурӯҳ афтод. Барои он ки мардум дар зиёратгоҳ роҳгум назананд, ҳар як роҳбалад ё чатр, ё рӯймол, ё пӯстакеро байрақвор ба сар бардошта меравад, то ки ҳидоятшавандагон ливои гурӯҳи худро аз дур ҳам дида тавонанд ва бо ҳоҷиёни дигар наёмезанд.

Байрақи гурӯҳи мо қуттии консерваи ананас буд, ки аз Индонезия омадааст.

Нидоҳои «лаббайка, оллоҳумма, лаббайк!» ва дигар калимот дар фазои дашти пурхайма ғулғула меандохт. Аз дур, тақрибан дар масофаи се чақрим силсилаи теппакӯҳе намудор буд. Дар доманаи он теппае буд, ки мо ба сӯи он мерафтем. Мувофиқи нақли донишмандон, як вақтҳо ҳазрати Одам ва завҷаи эшон – ҳазрати Момо Ҳаво баъди чандин ҳазор соли ронда шуданашон аз ҷаннат дар болои ҳамон теппа ба висоли якдигар расидаанд.

Роҳи васеи асфалтпӯш аз равуокунандагон, аз одамони навҳакаши обу арақ пахшкарда ба андозае пур буд, ки дар баъзе қитъаҳо чуноне ки дар атрофи каъба мекардем, китфзанон ва аз дасту домани якдигар кашолакунон ба худ роҳ мекушоем. Бо вуҷуди ин тиқилинҷ мошинҳои ёрии таъҷилии истеҳсоли ШМА, Германияи Ғарбӣ ва ғайра, ки ба ҳоҷиёни Туркия, Покистон ва дигар мамлакатҳо вобаста шудаанд, сигнали воҳимаангези сиренаашонро мунтазам наваохта, анбӯҳи одамонро ба ду тараф пароканда сохта, бо шаст гузашта мераванд. Дар ҳайрат будам, ки онҳо ба куҷо мешитобанд. Охир дар ин ҷо на радиотелефон буд ва на телефони муқаррарӣ ва касе ба кумаки худ ин мошинаҳоро бихонад.

Аз домани теппакӯҳи муқаддас то болои он, то он ҷое ки сутуни сафеди сангин меистод, чашмаҳои сунъӣ, намозгоҳҳои бешуморе воқеъ шудааст. Ҳоҷиён аз ҳар кадоми ин чашмаҳо, ки оби одии чоҳ ҷорӣ буд, ҳатман шикамсерӣ нӯшиданро савоби фавқулода медонистанд. Дар ҳар қадам одамони солхӯрдаи лоғару заифро дидан мумкин буд, ки аз такрор ва бо зӯрӣ нӯшидани оби бисёр бо ранги канда ва сару тани арақшор беҳолона нишастаанд.

Ба Қориака наздик шуда гуфтам, ки ба қадри имкон аз истеъмоли оби ноҷӯшида худдорӣ кардани аҳли гурӯҳ хуб мешуд. Сардор ҳамаро ғун карда гуфтанд, ки андозаи савоб ҳаргиз ба андозаи оби нӯшида вобаста нест. Барои савоб фақат як-ду ҷуръагӣ нӯшидан кифоя бувад. Баъди

фатвои Қориака таъйиноти духтур шакли қонунӣ гирифт ва комилан набошад ҳам қисман риоя карда шуд.

Ҳоҷиён ба харсангҳои тираи кӯҳи Арафот часпида оҳиста-оҳиста ба фарозу нишеб мехазиданд. Онҳое ки ҷисман заифтар буданд, дар роҳи ноҳамвор афтодаву хеста, ғелидаву ҷӯлида, бо дасту поҳои хуншор бармегаштанд.

Аз дидани ин гуна манзараҳо кас одатан изо мекашад, аммо гоҳо алам мекунад, ки асрҳои аср инҷониб олами равшан ба ихтиёри бани одам дода шудаасту ҳанӯз қисми зиёди он ба по нахестааст, дар ким-кадом роҳҳои мавҳум мисли ҷонварҳои нобинои қадима метападу мехазад ва ё ба зону афтода «гавак мекашад». Дар олами равшан истода, гӯё дар мағораи тираву торе бошад, дар кофтукови бaромадгоҳ такопӯе дорад…

Ногоҳ Искандар ба пеши назарам омад.

– Ҳой ҳоҷӣ, чаро ин ҷо баҳузур нишастаӣ? – мепурсид ӯ.

– намебинӣ, бо фикру хаёл бандам?

– Ку, бигӯ, чӣ андеша дорӣ?

– Ту қиссаи аҷдоди аҷдодонатро медонӣ?

– Одаму Ҳавворо?

– Ҳазрати Одам ва ҳазрати Момо Ҳавворо.

– Медонам. Онҳо дар ҷаннат зиндагонӣ мекардаанд. Рӯзе ба гапи шайтони лаин даромада, аз меваи мамнӯъ тановул кардаанд, яъне ду дона гандум хӯрдаанд. Соҳибамон дар ғазаб шуда, ҳар ду бандаи лаҷомгусехтаашро аз биҳишт рондааст.

– Хӯш, давомаш?

– Давом надорад. Ҳамааш ҳамин. Лекин гуфтан лозим, ки парвардигор онҳоро барои ду гандум на аз хасисӣ рондааст, балки барои… ба ту чӣ навъ карда фаҳмонам… ба хотири принсип. Ба касофати нафси бад ва кунҷковии аҷдодон мо ҳам аз ҷаннат маҳрум шудаем. Вагарна ҳоло дар биҳишт кайф карда, хурмову анҷир хӯрда, дар лаби ҷуйҳои салқине ки аз яке шир ва аз дигаре мураббо…

– Шарбат…

– Ҳа, аз дувумӣ шарбат ҷорӣ аст, шиками худро хорида, мехобидем.

– Не, Искандар. Аввал ин ки агар ҳазрати Одаму ҳазрати Ҳавворо аз ҷаннат намеронданд, ту ҳам ба дунё намеомадӣ, чунки дар ҷаннат одам аз одам таваллуд намеёбад. Дар он ҷо мардро аз лой, занро аз қабурғаи мард месозанд. Ҳаминро ҳам бидон, ки мардро худи худованд месохтааст, аммо азбаски занбезори гузаро будааст, сохтани занро ба ҳазрати Ҷабраил мефармудааст.

– Ин тавр бошад, хуб шудааст, ки аз ҷаннат рондаанд. Аз лой бино шудан ба ман он қадар маъқул не. Бе ин ҳам гоҳ-гоҳе ҳис мекунам, ки як гӯшаи мийяи баъзе зотҳо аз лой холӣ нашудааст.

– Хайр, давоми қиссаро шунидан мехоҳӣ ё не?

– Бо ҷону дил. Вақтҳои охир ту чунон маълумотҳои тозаи обнорасида ёфта мегӯӣ, ки ҳуш аз тарки сарам меканад. Боз ту, ношукрро, як бор «имоми поликлиника» гӯям, қаҳрат омада буд.

– Бас кун, лаққӣ. Гӯш андоз. Ҳазрати Одаму ҳазрати Момо Ҳавво аз он қадар масофа, бешубҳа, аз ҳам ҷудо меафтанд ва дар бадали чандин ҳазор сол ҳамдигарро ҷустуҷӯ мекунанд…

– Бечораҳо!

– … ва, ниҳоят ана дар ҳамин кӯҳ ба дидори ҳамдигар мерасанд.

– Хеле гурусна мондагистанд?

– Набошад чӣ? Ба ривояте – 21 ҳазор сол, ба ривояте – 40 ҳазор сол якдигарро меҷустаанд.

– Хуб боҳавсала будаанд. Лекин аз ғояти гуруснагӣ ҳангоми мулоқот барои бӯсу канор ҳам мадор надоштагистанд?

– Эҳтимол. Мегӯянд, ки ҳазрати Одам хеле аз ҳол рафта будаанд, аммо ҳазрати Момо Ҳавво, ки аз вохӯрӣ хазор сол пеш якта мавиз ёфта хӯрдаанд, назар ба шавҳарашон бардамтар будаанд.

– Мавизро аз куҷо ёфтаанд?

– Инашро намедонам, ҷӯра. Шояд аз коми ягон фариштаи даҳоняла афтодагист. Дар ривоятҳои муқаддас бисёр нуктаҳо ҳастанд, ки ба фаҳмиши онҳо қудрати мийяҳои лойолуд намерасад.

– Рост. Ғайр аз ин пайғамбар ҳам фармудаанд, ки бандаи муъминро кунҷковӣ намезебад.

– Не, инро худи парвардигор гуфтааст. Вай дар қуръони маҷид нависондааст: «Бандаҳои муъмин, аз нуктаҳое ки агар ошкор созамашон, нороҳат мешавед, ҳаргиз мапурсед!»…

Саиди роҳбаладиi мо қуттии ананасро дар болои ходаҷӯб ҷарангосзанон аз пешам гузашт ва ман ҳам аз дунболи ҳамсафарон ба роҳ афтодам.

Шаш нафари моро аз хаймаи ҳоҷиёни яманӣ ҷой доданд. Дар хайма ду ҷавони тахмин 24-26 –солаи яманӣ бо занҳои худ ҷой гирифта буданд. Аз миёни хайма тор кашида, нисфи онро бо латтаи рӯйҷомонанд пӯшида, ба ҳарам табдил додаанд.

Яке аз ҷавонон муаллим будааст ва ба забони англисӣ чаланимкола гап мезадааст. Ҳамгап шуда, ному насаб, касбу кор ва диёри ҳамдигарро фаҳмидем. Муаллими яманӣ аз ҳарами худ як шадда банён бароварда дод, ки бихӯрем. Исрофил оини ҳамсоягиро риоя карда, ба ӯ як қуттича ҳалвои пистагӣ дод. Муддате аз паси парда мунозираи ду зану ду шавҳар ба гӯш мерасид. Сипас муаллим ба «нимаи советии» хайма гузашта, қуттичаи ҳалворо нишон дода пурсид:

– Чаро дар ин ҷо расми сагро кашидаанд?

Ба ҳалво ҳанӯз даст нарасонида буданд. Аз қиёфаи ҳамсояамон пай бурда мешуд, ки ӯ аз ороиши зарфи ҳалво чандон хушнуд нест.

– Ин сурати Лайка ном саг аст. Нахустин ҷонваре ки ба осмон…э-э ба коинот парвоз кардааст.

– Ҳо? Лайка? Саги космонавт? – бо хурӯше гуфт ӯ ва дар ҳолате ки ба чеҳрааш як мароқи шодиомези кӯдакона акс ёфта буд, шитобон гӯшаи пардаро бардошта, ба ҳарамаш даромад.

Ҳаво дақиқа ба дақиқа гарм ва дим мешуд. Реги биёбон тасфида ҳаври сӯзоне мебаровард. Аз сақфи хайма низ ҷараёни гармо фурӯ мерехт. Аз радиодинамикаҳои дар ҳар ҷо ба нӯки ходаҳо устувор кардашуда тиловати қуръон шунида мешуд.

Радио хомӯш шуда буд, ки яманӣ ба назди мо баромада, вазифаи муаллимиро ихтиёрӣ ба уҳда бигирифт ва ҳаҷномаро бо овози баланд хонда, фармуд ки ҳама аз паси ӯ такрор кунанд. Ҳама такрор мекарданд. Аз хаймаҳои атроф ҳамин гуна садои ибодат ба гӯш мерасид.

– -... ва оқибати умрро ҳаргиз аз ёд набарем, – мехонд муаллими яманӣ.

– ... ва оқибати умрро ҳаргиз аз ёд набарем, – тӯтивор такрор мекардем мо.

– ... ва пайваста дар ғами имон бошем, – мехонд ӯ,

– ... ва пайваста дар ғами имон бошем, – дод мезадем мо.

Сонӣ аз радио касе дар бораи ҳаҷҷи имсола ваъз гуфт. Маълум шуд, ки ҳаҷҷи имсола ҳаҷҷи одӣ не, ҳаҷҷи акбар, яъне ҳаҷҷи кабир будааст. Дар ҳар чанд сол, ҳамин ки санаи даҳуми моҳи зулҳиҷҷа, яъне рӯзи иди қурбон ба рӯзи ҷумъа рост омад, ҳаҷҷи акбар мешудааст.

Ба Исрофил гуфтам, ки ман дар рӯзи иди қурбон таваллуд ёфтаам. Ба шарафи ид маро Қурбон ном додаанд. Ин хабар ба ҷӯраам таъсири аҷибе бахшид. Ӯ, ки то ҳоло дар паҳлуям нишаста буд, аз ҷо бархоста, аз рӯ ба рӯям ба зону нишаст, муддате табассумкунон ба андомам нигоҳ карда истод, сипас наздиктар омада аз китфҳоям сахт оғӯш кард ва аз хайма баромад. Аз зуҳуроти ногаҳонии меҳри мулло гаранг шуда мондам.

– Ҳой ноиб, – фарёд кардам аз пасаш, – аз саидон бипурс, ки имрӯз хӯроке медиҳанд ё на.

Аммо ӯ нашунид. Банда сахт гурусна будам. Обу араққи сару рӯямро бо як гӯшаи эҳром пок карда, берун баромадам. Агар авлодони пайғамбар моро боз чанд рӯзи дигар ба ин сон парво кунанд, агар қоидаи «ҳар ки чолок бувад, аз ғами нон пок бувад» дар сари дастархони гурӯҳи мо боз

як ҳафтаи дигар ҳукм ронад, «он дунёе» ки мо ҳоло барои савоб муваққатан меҳмонаш шудаем, ба манзили доимиамон табдил хоҳад ёфт.

Дар байни хаймаҳо роҳ ёфта қадам мондан маҳорати махсус талаб мекунад. Хаймаҳо аз ҳамдигар зиёд бошад, ба масофаи ду-се газ рост карда шудаанд. Дар ҳар қадам чандтоӣ мехи чӯбин кӯфта, таноби хаймаҳоро рӯиҳам кашидаанд. Ё аз болои танобҳои ба ҳам печида меҷаҳед, ё даст ба реги сӯзон ғӯтонида чорпоя шуда аз такаш мегузаред. Ин кор аз марди юбкапӯш чолокӣ ва матонате талаб мекунад.

Ҳар як ё ду хайма таҳоратхона ҳам дорад: дар ҳамон як каф замини холимондаи байни хаймаҳо чор ходаро рост карда, матоеро ба гирди онҳо печонидаанд. Барои таҳорат ва эҳтиёҷи дигар паногоҳе ба вуҷуд омадааст, ки одам ба зӯр мегунҷад. Дар ҳавои гарм бӯи таҳоратхонаҳо ба атроф паҳн шуда, ба азоби гармо илова мегардад ва хизмати сад чӯби болои мурдаро адо мекунад.

Қуръони шариф мегӯяд, ки фардо қиёмат, яъне дар рӯзи маҳшар ҳамаи мурдаҳои наву кӯҳна аз бонги шайпури ҳазрати Исрофил як қад парида мехезанд. Азоб ва сарсониву саргардонии рӯзи маҳшар чунон фаровон аст, ки бародар бародарро нахоҳад шинохт, падар писарро ва модар духтарро.

Инак, боз як аломати он дунёро дар сари кӯча мебинам: дар он ҷо мошини систернадоре қарор гирифтааст. Аз ҷурмаки қафои он ба ҳоҷиён об тақсим мекунанд. Садои дашқном, ҷарангосу тақарроси ба ҳам хӯрдани зарфҳои тунука ва мисин ба осмон печидааст. Талоши об дар сари ҳавзи кавсар аз ин зиёд намешудагист.

Каминаро ба хаймаи сардорон даъват мекунанд, ку биравам, чӣ мегӯянд.

– Мулло Қурбон, марҳамат!

– Канӣ, духтурҷон, аз ин сӯ, аз пешгоҳтар гузаред. Аз кабоби гӯсфандҳои қурбонӣ чанд табақ кашида оварданд.

– Шумо бандаи хушбахт будаед, ҷаноб, – гуфт ҳазрати Наримон, – дар рӯзи ҳаҷҷи акбар таваллуд шудаед. Боз ҳаҷҷи акбари дигар дар пешониатон будааст.

Ман, ки ба нозукиҳои солшумории ҳиҷрию шамсӣ ва қамарӣ чандон сарфаҳм намеравам ва аз ин қадар одами табаррукӣ будани худ хабар надоштам, мутаҳайирона ба андоми ҳамсафарон назар мекардам. Ҳама баробар маро табрику таҳният мегуфтанд. Ҳатто дар андоми Махсуми миҷмиҷдаҳон, ки аз ҳама пеш як илики калони сергӯштеро аз табақ бардошта буду ришу мӯйлаби худро ба равған олуда мехоид, лаҳзае як тобиши хайрхоҳона дидам.

– Раҳмат, ташаккур, – мегуфтам дар ҷавоби табрикҳо.

Тафаккури одамизод ба тарзи аҷиб сохта шуда будааст. Як ҳикматро шунида мепиндоред, ки ба маънои он дарҳол сарфаҳм рафтаед. Лекин солҳо мегузаранду як рӯз мебинед, ки он ҳикмат чанд паҳлуи дигаре ҳам доштааст, ки калонтару боақлтар шуда дарк мекунед. Дин афъюн аст, – гуфтанӣ гапро ҳанӯз дар мактаби ҳафтсола аз девори зали мактабамон, аз шиори ба рӯи алвон дӯхтаи духтаракон хонда будам. Баъди чанд соли он шубҳае надоштам, ки ҳамаи ҳикмати ин се калимаро бо тамоми таърихаш фаҳмидаам. Ҳоло мебинам, ки маънои ин гап так надорад. Басе умр дидан, ҷаҳон гаштан, ҳаёти рангоранги мардуми гуногунро муоина кардан лозим будааст, то кас манзараеро бубинад, ки ин ҳикматро ба дунё овардааст.

Ҳоло маро акамуллоҳо табрик мекунанд, мегӯянд, ки банда хушбахтам. Рост мегӯянд. Агар хушбахтӣ худро шинохтан, қарзи инсонии худро донистан ва дар роҳи адои ин қарз кӯшидан бошад, ман хушбахтам. Одам мувофиқи қонуни кулли табиат ба дунё меояд, аз дунё меравад. Оре, фикри мурдан, рӯзе аз рӯзҳо абадӣ ва бебозгашт аз олам чашм пӯшидан аз чизҳои гуворо нест. Ана ҳамин нукта сабаб шуда, афсонаи таскинбахши он дунёро бофта баровардаанд.

Як рӯз ҳаёт дар пеши ҳар кас масъалаеро, чуноне мегӯянд, кӯндаланг мегузорад, ки афсонаи ширинро мехоҳӣ ё ҳақиқати талхро? Ҳақиқати талх ин ки ба ту фақат як умр додаанд. Мард бошӣ, онро сазовори номи инсон мегузаронӣ. Даҳ, бист, сӣ ҳазор сол муқаддам рӯзгор бениҳоят сахт буд. Садҳо наслҳои гузашта барои сабук кар-

дани зиндагонии худ ва ҳаёти ту саҳм гузоштаанд. Ҳам нафси худро ором кардаанд, ҳам ба ту хизмати неке кардаанд. Бале, даҳ ҳазор сол қабл аз ин ҳам аҷдодон ба қадри ҳоли худ ба ту хизмат мекарданд, сад сол пеш ҳам дар байни миллионҳо мардум одамоне буданд, ки умри худро, ҳамаи қувват ва қобилияти худро барои беҳбудии имрӯзаи ту сарф кардаанд. Ту бояд ҳам қарзи авлодӣ, ҳам вазифаи аҷдодиро ба ҷо оварӣ: ҳам барои худ бизиҳӣ, ҳам барои иморати фардо ақаллан хиште бигузорӣ.

Бале, дар ин умри бебозгашти даргузар фирефтаи афсонаи ширин нашудан ҳам бахт аст…

– Духтур, бисёр хаёл мекунед-дия шумо, – гуфт ҳоҷӣ Абдухалилака.

– Ҳа, ба хаёл рафтаам. Ман ҳозир фикр мекардам, ки одамизод аҷиб махлуқест, ки худаш бар зидди худаш хеле чизҳо ихтироъ кардааст.

– Ҳамааш бо хости худованди карим, – луқма партофт яке аз мӯйсафедон.

– Шумо аслиҳаи ҷангро мегӯед? – пурсид дигаре.

– Ҳам онро, ҳам баъзе чизҳои дигарро. Масалан, шароб ва афъюнро. Ҳарчанд кас медонад, ки зарар дорад, ба ивази чанд лаҳза сайр кардани олами хаёлот ба истеъмолаш ризо мешавад. Хусусан афъюнро мегӯям, ки навъҳои ҳалокатовар дорад.

Мусоҳибон ризомандона сар ҷунбониданд.

… Аз биёбон дигар ҳамчун аз танӯри тафсон ҳаври оташин бармехост. Ҳаракати ҳоҷиён дар роҳҳои байни кӯҳи Арафот ва водии хаймазор сиректар гардид. Акнун бештар сайёраҳои ёрии таъҷилӣ давутоз мекарданд. Аз шавқуни дилхароши сиренаи онҳо касе ақаллан як дам пинак рафта наметавонист. Қарибии бегоҳӣ фаҳмидам, ки давутози онҳо бо вазифаи аслиашон заррае муносибат надоштааст: сайёраҳои ёрии таъҷилӣ хизмати таксиро ба ҷо оварда, пул кор мекардаанд.

Муаллими яманӣ дуои арафотро ба мо бори саввум такрор кунонида, ба ҳарамаш даромад. Пойҳои худро ба ҳар тараф ёзонида – азбаски девори хайма такягоҳ шуда

наметавонад – ба пушти арақшори ҳамдигар такя карда менишастем. Нафаскашии аксари мо ба нафасгирии мурғони ташналаби дар офтоби дақ аз ҳолрафта шабоҳат дошт.

Гадое аз даромадгоҳи хайма сар халонида, ба забони арабӣ дуои дурударозе кард ва садақа пурсид. Исрофил тангае дод. Муаллими яманӣ аз паси пардааш даст бароварда, ду дона банён дод. Аз саҳар инҷониб тахмин шастҳафтод нафар гадо омада буд. Садақа мегирифту мерафт. Ин зот бошад, то даме ки ҳама як чиз садақа накарданд, вазъияти худро тағйир надода ва бо навбат ба ҳар кадоми мо чашми талаб дӯхта истод. Ба ман, ки ду куруш дода, акнун хотирҷамъона сигарета мекашидам, ишора намуд, ки ба ӯ низ сигарета бидиҳам. Диккак нишаста сигаретаро оташ гиронид ва як қуллоб дудро рост ба рӯи ҳамсафарони ман пуф карда, чизе гуфт. Мо нафаҳмидем. Саволашро такрор намуд. Муаллими яманӣ аз паси парда ҷавоб гардонид ва ман аз байни як ҷумла фақат калимаи «Русия»-ро фаҳмидам.

Гадо чун ҷавоби ӯ бишунид, бо ғазаб аз ҷо бархоста, нафратолуд ба сӯи мо доман афшонд. Мо даҳонҳои худро яла карда мондем.

– Русия? – ришхандомез гуфт гадо ҳамаи моро бо даст нишон дода.

– Русия! – хитоб кард Исрофил ҳам ба иддао ба ӯ рӯй оварда.

– Русия, – такрор намуд гадо ва ба худ қиёфаи турши ҳазаромезе гирифта, сигаретаро ба ҳаво бардошта ба замин зад ва бо ҳаракати асабонии пойҳо онро лагадмол намуд.

– Гум шав! – фарёд кашид Исрофил дар ҳолате ки аз ҳаяҷон меларзид. – Дафъ шав-е дар… – мутаваллии масҷидҳо дашноме дод, ки аз даҳони ӯ шунидани чунин ҳақорати чаҳорошёнаи пардознокро ҳаргиз чашм надоштам.

Гадо тамасхуромез хандид ва ба дӯғу даранаги Исрофил эътиборе надода, бо имову ишора тасвир намуд, ки Русия

як чизи ҷангҷӯй аст ва милтиқ дар даст дораду ба ҳар тараф тир меандозад.

– Русия, – мегуфт ӯ, – пах-пах-пах! Русия – ганда.

– Аҳмақ! – гуфт ба ӯ Исрофил ва гӯё бо вай гадо неву бо мо баҳс карда бошад, ба мо рӯй оварда дод гуфт: – Русия – такягоҳи сулҳ Русия – ватани бародарӣ ва баробарист!

Дар ин асно муаллими яманӣ аз ҳарамаш баромада, гадоро ба берун тела дода баровард ва аз пасаш як лагад фаровард. Гадои таҷовузкор ба мобайни меху танобҳои бисёре дароз кашида, ба зудӣ ба по хеста натавонист. Бародарони Зайнӣ Кӯшак, ки фарёди Исрофил ва гадоро шунида омада буданд, ӯро зада-зада пеш карданд. Пас аз фурсате Кӯшаки миёна – Саид Абдулло ба хаймаи мо даромада, ба забони вайрони туркиаш гуфт, ки чаро бо девона баҳс мекунем?

– Бу киши ноқисулақл – мегуфт ӯ. – Бу дивана бизники маҳаллада. Биласиз-мӣ?[1]

Чанд дақиқа дар хомӯшӣ гузашт. Исрофил ҳамчунон сахт-сахт нафас мегирифт. Изтиробаш ҳанӯз пасанда нашуда буд.

Ногоҳ хандаам гирифт. Азбаски баланд хандидан мумкин набуд, сар ба домани эҳром печонида, нафасгардон шуда механдидам.

– Чӣ механдӣ? – ба сарам наъра кашид Исрофил. – Маймун пасашро ба ту тамошо дод?

– Ҳай дареғо! – гуфтам, – ҷӯраи ман дар мамлакати бегона як бор баҳс кушод, маълум шуд, ки мубоҳисаш ҷиннӣ будааст.

Исрофил ҳам аз ғазаб фаромада хандид.

---

[1] Ин одам аз ақл бегона аст. Ин девона аз маҳаллаи мост. Мефаҳмед?

## ТАБИБИ ЛАНГ

Баъди намози аср радио хомӯш шуд. Соҳибхонаҳо ба хаймағундорӣ, ҳоҷиён ба тараддуди роҳ афтоданд.

Мо акнун то кӯҳи Муздалифа пиёда рафта, шабро дар он ҷо хоҳем гузаронид. Ним соат бо ҳазрати Наримон кашокаш карда, оқибат эшонро розӣ кунонидем, ки ҳамроҳи соҳиби хона мошинсавор бираванд.

– Ҷанобон! – гуфтанд ҳазрат қомати баланди худро рост гирифта ва мӯйлабҳояшонро тоб дода. – Ҷанобони муҳтарам. Ман барои пиёда рафтан ва соҳиби савоби азим гардидан, шукр оллоҳро, қуввати кофӣ дорам. Не нагӯед, дорам. Лекин мебинам, ки таклифи ҷаноби духтур аз хайрхоҳӣ ва накукорист. Бинобар ин, ҷанобон, қабул мекунам. Не нагӯед, қабул мекунам.

Ҳар се роҳи асфалтпӯши ба ҳам мутавозӣ сохташуда аз қатори мошинҳо ва қитъаҳои байни роҳҳо аз ҳоҷиёни пиёда ва хару уштурсавор пур буд. Вале касе ҳаракат намекард. Ба мо шарҳ доданд, ки сари қофиларо сарбозон нигоҳ дошта истодаанд. Ҳамин ки вақту соати юриши муборак даррасид, тӯпҳо баробар тир холӣ карда, шиллик медиҳанд. Он гоҳ қофила ба ҳаракат хоҳад омад.

Ба сари роҳ баромада, аз дунболи як гурӯҳ ҳоҷиёни ҳиндисимо қарор гирифтем. Исрофил ҳамаро ғун карда, шуморид ва эълон кард, ки як кас намерасад. Яке аз қориҳои пирамон гум шуда буд. Ҷои мулоқотро таъйин карда, муддате ба ҳар сӯ пароканда шуда, қорӣ Мушаррафро ҷустуҷӯ кардем. Дар издиҳоми садҳо ҳазор ҳоҷиёне ки ҳама сарлучанд ва як хел либос пӯшидаанд, каси гумшударо ёфтан осон набудааст. Аммо пирамард ёфт шуд. Бечора аз мӯл истеъмол кардани кабоби имрӯза ба дарди шикам гирифтор шудааст. Ҳамдиёри ман мулло Тешабой ӯро аз паси як бӯчкаи партови зангзада ёфта овард.

Ба дарди шикам, воқеан, нисфи гурӯҳ гирифтор шуда буд ва банда ҳар замон сумкаро кушода, ба хоҳишмандон синтомисину фталазол тақсим мекардам.

Ё садои тӯп дар ин валвала ба гӯши мо нарасид, ё тӯпчиён кайҳо роҳи Муздалифаро пеш гирифта буданд, ба ҳар ҳол садои шилликро нашунида, ишора ба ҳаракат доданд.

Қориака даст бардошта дуо карданд:

– Илоҳо, номаи омоли маро қабул фармой! Парвардигоро, дар қатори сиддиқон, шаҳидон охирати моро низ обод кун! Омин!

– Омин, оллоҳу акбар.

Шӯре буд, ки дар водии Арафот барпо шуд. Ҳамаи сайёраҳо ба замми ғурроси гӯшкаркунандаи моторҳошон бо тамоми қувват гудок мезаданд, ҳамаи хару уштурсаворон дар талаби роҳ фарёд мекашиданд.

Дар водии Арафот фаҳмидам, ки миллион нафар одам ин қадар бисёр мешудааст. Абри сиёҳи чангу ғубори биёбони регистон дар як зум рӯи осмонро пӯшонид. Сафҳаи осмон ба дараҷае пӯшида шуд, ки дар кадомин тараф будани офтобро ҳатто тахминӣ пай бурдан ҳам мушкил буд.

Эҳтимол, дар ин мусобиқаи девонавори сайёраҳо, саворҳо ва пиёдаҳо ягон ҷиҳати савоб будагист, хаёл мекардам ба худ. Вагарна ин масофаро оромтар ҳам тай кардан мумкин. На ронанда аз пахш кардани пирамрдони нотавон андешае дошту на пиёдаи ҳаросон аз хавфи чалпак шудан дар зери чархҳои гарони автомобил.

Бачаҳои хурдсол дар пушти модарҳошон, модарон аз паси шавҳарони худ аз канори роҳҳо, аз регзори байни роҳҳо афтону хезон медавиданд. Харҳо, уштурҳои зангӯладори ҷулу полонҳошон ҳошиянок аз ин ҳангомаю дордор маст шуда, кафк аз даҳон пошида лӯк-лӯккунону чорхезгирон метохтанд.

Хусусан автобусҳои дабанг ва автомобилҳои калон калони боркаши Туркия бо ғурришу тақарроси баланде ва бо шасти зиёд гузашта мерафтанд. Ба боми автобус, паҳлуҳои сайёраҳои боркаш аз се-чаҳор то ҳафт-ҳаштогӣ бӯчкаҳои оҳани обу бензин баста буданд. Ба пешу паси ак-

сари автобусҳои Туркия бо ҳарфҳои лотинӣ ва арабӣ «Раис оғлу» навишта мондаанд. Яқин, ҷаноби Раис оғлу дар он ҷо соҳиби ягон ширкати калони нақлиёт будааст.

Аз болои рег, аз байни буттаҳои явшону янтоқ қадам мондан душвор аст, бинобар ин Исрофил ҳар замон ба канори роҳ мебарояд ва ман ӯро аз бероҳа пас мекашам.

– Ҷӯраҷон, аз нуқтаи назари тиб, ба таки пои уштуре мондан авлотар аст, назар ба туъмаи чархи автомобил шудан. Ҳарчанд, ки автомобил моли оғои олинасаб Раис оғлуст.

– Рост мегӯӣ, ҳоҷӣ. Ба хона зинда баргаштан аз ҳама афзалтар аст.

Ҳаво торик шуд, осмон аз паси пардаи ғафси ғубор ҳамчунон ба назар наменамуд. Ба дарае расидем ва ҳамаи саворахо пиёда шуданд ва дар саҳрои торик пароканда гардиданд. Ба мо низ гуфтанд, ки барои маросими фардоина сангча бичинед. Дар Минои муборак се ҳайкали шайтони лаин ҳаст. Аз рӯи қонуни ҳаҷ ҳоҷиён аз ҳамин дара ҳар кадоме 63 донагӣ сангча чида, дар давоми се рӯзи дар Мино буданашон бо он сангчаҳо ба сари иблис мекӯбанд.

Дар торикӣ заминро палмоскунон сангча мечидам, ки садои Искандар ба гӯшам расид.

– Ҳой духтури хизматнишондода, иҷозат диҳед аз шумо як чиз бипурсам.

– Марҳамат, эй гӯшанишини хонаҳои торики рентген! Эй донишманди беназири устухонҳо ва эй тадқиқотчии бузурги санги масонаву сангчаи ҷигарҳо! Марҳамат, бипурсед.

– Лутфан, бигӯед, ки дар ин торикӣ чаро бо бинии муборaки худ ба замин хат мекашед?

– Хат накашидаам, олими арҷманд, заминро палмос мекунам. Камина бояд аз ин санглох 63 дона сангча бичинам, то ки пагоҳ, фардо ва пасфардо онро ба сари шайтони маълун бизанам.

– Пас чаро сустӣ мекунед? Магар аз ин замини серсанг як каф сангча бардоштан ин қадар душвор аст?

– Донишманди соҳибистеъдоди қабурғаҳо! Чанд рӯз аст, ки камина диққати шуморо ба нозукиҳои просесси ҳаҷ ҷалб мекунам. Маълум мешавад, ки меҳнати банда барабас меравад.

– Умедворам, ки гуноҳи каминаро бубахшед. Номи баланди ҳоҷӣ, агар саҳв накунам, шуморо минбаъд бо омурзиши кӯтоҳиҳои одамон, хусусан рафиқонатон, аз пешина бештар уҳдадор мекунад.

– Чӣ илоҷ? Бахшидам. Пас دониста бошед, ки ба маросими муборaки сангпартоӣ ба шайтон на ҳар гуна санг муносиб аст. Муҷтаҳидон, яъне заковатмандтарини уламои ислом, инчунин азизон ва авлиёҳои муътабари гузашта ва ҳозира фармудаанд, ки сангча набояд аз нахӯд хурдтар ва аз донаки хурмо калонтар бошад. Бинобар ин коре ки ҳоло камина мекунам, эҳтиёт ва дақиқкории фавқулодаро талаб мекунад. Шод бошед!

– Ба коратон барор мехоҳам. Агар имкон бошад, аз номи рафиқи дурафтодаатон низ якчанд сангчаи иловагӣ бигиред ва фардо ба фарқи сари фитнакори иблис бизанед, ки нороҳатиҳои банда аз васвасаи ӯст.

– Осуда бошед, агар хоҳед, ҳамаи 63 дона сангро барои интиқоми шумо ба каллаи иблис хоҳам зад.

– Муташаккирам. Бори дигар эътимод ҳосил мекунам, ки тухми одамони накукор ҳам дар рӯи олам хеле паҳн шуда будааст…

Исрофил, ки дар паҳлуям хокро бод мекард, ба оринҷам даст расонида, пурсид:

– Ба ман чизе гуфтӣ?

– Не.

– Ба хаёлам ғурунг-ғурунг мекардӣ.

– Дуо мехондам.

– Ҳа-а.

Пас аз дақиқае боз пурсид:

– Чида шудӣ?

– Чидам, вале нашумурдаам.

– Бишумор.

– Кам ё зиёд бошад, намешавад?

– Намешавад.

Сангчаҳоро ба домани эҳром баста, ба роҳ даромадем.

Нисфи шаб водии Муздалифа намоён шуд. Ин ҷо ҳам мисли водии Арафот чароғон буд. Ҳоҷиён дар рӯи палосҳо нишаста, хӯроки ба таъхир афтодаи шомро мехӯрданд ва бо тоату ибодат машғул мешуданд.

Дар даромадгоҳи лагери навамон дар роҳи санглох қалтис по монда, буҷулаки пои чапамро лат додам. Бо азобе худро лангон-лангон ба ҷои интихобкардаи Саид Абдулкарим расонидам.

Аҳволи Мулло Ӯроқака пас аз юриши дуру дароз дар роҳи ноҳамвори торик аз ҳоли ман беҳтар набуд. Вай ки марди фарбеҳ асту ба пиёдагардӣ одат накардааст, дар нимаи роҳ мисли занҳои ҳомилаи рӯзашон бадшуда қадам мемонд. Лингҳои фарбеҳаш аз совиш пӯст партофта, суп-сурх шудааст. Ба вай қадре маргансовка додам, ки ба об ҳал карда, ба лингаш молад. Худам аз вазелинҳо марҳаме сохта ба поям бастам.

Якпорагӣ нон тақсим карданд. Ҳар кас ки дар термосаш чой ё об монда буд, нӯшид.

Дарди пои гӯшташ дарида варамкардаам ва ташнагӣ азият медод. Бар болои ин имшаб ҷои хоби дуруст ҳам надоштем. Ба ҳабдаҳ нафар ҳоҷӣ ва роҳбалад фақат якта шоли камбари куҳна буд. Аз ин хобгоҳ каминаро танҳо ба андозае ки гурбаи начандон калон мегунҷид, ҷой расид. Баъди атрофро дар ҷустуҷӯи оби нӯшоӣ давр зада омаданам, аз ҳамон як каф ҷой ҳам маҳрум шудам.

Аз ду тарафи қароргоҳи мо автомобили боркаши Ироқ ва сайёраи сабукрави ёрии таъҷилии Сомалӣ меистод.[1] Пуштамро ба сайёраи сабукрав такя дода, фикр мекардам, ки дар болои санглохи луч бо пои дардманд чӣ гуна бихобам. Хайр, мегуфтам боз худ ба худ, хоб ғалаба кунад, ба рӯи санг бо тани бараҳна ҳам мебарад, ва ҳол он ки ман дар тан як қабат эҳром дорам.

---

[1] Дар паҳлу ё паси аксари автомобилҳои ба Арабистон омада, номи ширкат ё соҳиби хусусии онҳоро бо ранг ё бӯр навишта буданд.

Дасти касе ба мӯи сарам расид. Шофёри сайёраи сабукрав, ки дар боми он мехобид, маро бо имову ишора ба пеши худ таклиф мекард.

Дар даруни мошин ду зани фарбеҳи сомалӣ мехобиданд. Эҳтимол, эшон аз оилаҳои обрӯманди кишвари худ буданд. Ман он шабро дар боми сайёра дар паҳлуи шофёри раҳмдили сомалӣ гузаронидам. Пеш аз хоб ӯ аз куҷо будани маро пурсид ва чун «суфитӣ» буданамро фаҳмид, аз боми автомобил фаромада, дар байни мардум ғоиб шуда рафт ва пас аз ним соат ба ман болишти резинӣ, ки бо пуф дам мекунанд ва ним шиша кока-кола овард.

*Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,*
*Ки эзид дар биёбонат диҳад боз.*

– гуфтааст шоир.

Ҳамватанони ман дар республикаи Сомалӣ госпиталҳо, иншоотҳои обӣ ва корхонаҳо месозанд. Мардуми сомалӣ ба одамони советӣ барои ёрии беғаразу беминнат, барои дастгирӣ кардани муборизаи онҳо дар роҳи истиқлол ва тараққиёт ҳусни таваҷҷуҳ доранд. Инак, аз эҳсосоти миннатдоронаи онҳо дар ин ҷо, дар биёбони кишвари тамоман дигар камина баҳра мебарам.

Айёми аҷоибест асри бистум. Сокинони дурдасттарин гӯшаҳои дунё ҳам акнун дарк кардаанд, ки тақдири онҳо ба тақдири ҳамаи аҳли олам вобаста аст. Одамон дар қаъри ҷангал ва биёбонҳои фарох, дар болои кӯҳҳои осмонбӯс асрҳои аср бехабар аз олам ва аз ҳамдигар умр ба сар мебурданд. Акнун муносибат ва муомилоти онҳо аз доираи танги пешина ба арсаи муаззами шаш қитъаи ҷаҳон баромадааст.

Субҳидам ҳамсафарон намози бомдодро аз ҳама пеш хонданд. Хонда шуданду аз домани кӯҳи Муздалифа, аз паси манораи масҷид садои тӯп баромад. Маълум шуд, ки намозро барвақт хонда будаанд. Бори дигар, дар қатори ҳама намоз хондан лозим омад.

Оре, муллоҳои кишвари мо дар риояи расму оини

мазҳаб чунон саъю кӯшиш ба кор мебаранд, ки баъзан аз пешқадамтарин тақводорон ҳам пеш меравананд.

Водии Муздалифа ба ҷунбиш омад. Ҳама ҷулу пӯстаки худро бардошта, ба сӯи водии Мино раҳсипор мешуданд. Мо мунтазири автобус менишастем. Саид Зайниддини Кӯшак мувофиқи ваъда мебоист ба мо автобус мефиристод. Ронандаи сайёраи сомалӣ таклиф намуд, ки маро то ба Мино барад. Вале ман розӣ шуда наметавонистам. Бошишгоҳи ҳамсафаронамро дар қароргоҳи бесарунӯки ин қадар мусофирон чӣ гуна пайдо мекунам? Чуноне ки дар Арафот буд, дар водии Мино ҳам кӯчаи муайян, маҳаллаи ному нишондори аниқе нахоҳад буд.

Муздалифа аз одам холӣ шуд. Яке аз нӯкарони Зайнӣ Кӯшак хабар овард, ки автобус намешавад, зеро дар роҳҳои Мино сайёраҳо тамба задаанд ва то гашта пешин илоҷи роҳ рафтани автомобил нахоҳад шуд.

Исрофил аз ҳуқуқи ноиб-ур-раисаш истифода бурда, ҷомадони доруворро ба яке аз қориҳои ҷавон бор кард. Аз куҷое ба ман навдаи хушки хурморо оварда дод, ки асо созам. Сумкаи маро ҳам ба китфи худ партофт ва аз бағалам гирифта, табиби бемаврид лангшударо ба роҳ андохт.

## ШАЙТОНИ РАҶИМ

Чоштгоҳи калон ба Минои муборак расида, дар айвони бӯрёпӯши яке аз чойхонаҳо дам гирифтем. Сардор гуфтанд, ки духтур ин ҷо монда истироҳат кунанд, дигарон ба бозор рафта, гӯсфанд мехаранд ва оини қурбониро ба ҷо оварда, ба шайтонкӯбӣ мераванд. Қориака яке аз хизматгорони мизбонро хоҳанд фармуд, ки омада гилемкуҳнаро бардорад ва маро ба бошишгоҳи инҷоии Зайнӣ Кӯшак ҳидоят кунад.

Ҳама рафтанд, вале фурсате нагузашта Исрофил пас омад.

– Чаро баргаштӣ?

– Сонитар меравам, – гуфт ӯ рӯй ба дигар сӯй тофта. Зоҳиран, аз танҳо гузоштанаш маро пушаймон шуда аз роҳ баргаштааст.

– Раҳмат, ҷӯра. Лекин ба маросими қурбонӣ мабодо дер монӣ.

– Не. Дарди поят саҳл ором гирад, ҳамроҳ меравем. Бозори чорво ва ҷои қурбонӣ наздик будааст, аз дур нишон доданд.

Дар кӯча сайёраҳо ҳамчунон ноҷунбон меистоданд. Дар ҳар 20-21 дақиқа қатори онҳо панҷоҳ-шаст қадам ба пеш мехазид ва боз таққӣ меистод. Ронандагон бо ғурриши гӯшкаркунандаи сигналҳо қаноат накарда, сари худро аз дарҳои мошин бароварда, ким-киҳоро, ки гӯё сабабгори банд шудани роҳ гаштаанд, сахт дашном медоданд.

Дар ду тарафи кӯча – қатори дуконҳои муваққатӣ. Дуконҳои ошпазӣ, заргарӣ, баққолӣ, чарчинфурӯшӣ, баззозӣ, саррофӣ, чойхона, обфурӯшӣ дунболу паҳлуи ҳамдигар воқеъ гашта, машғули савдо буданд. Фурӯшандагоне ки қудрати дукон кушодан надоштанд, дар ҷоҳои холии васати дуконҳо чатре бар болои сар бардошта ва бисоташонро ба рӯи коғазе ё матое паҳн карда менишастанд.

Дар пахлуи мо писарбачаи даҳ-дувоздаҳсолаи араб оби мева мефурӯхт. Дар онсӯтар пирамарде дар кӯзаи мисин, ки болои оташдони сайёр гузошта буд, ҳалвои тар мепухт.

– Ишриб борид![1] – дод мегуфт писарча бо овози ҷарангосиаш, вале роҳгузарон ба фарёди ӯ эътибор намедоданд.

– Кукола, персикола, маринда! – номи обҳои мевагиро қатор карда, фарёд мекашид бача.

– Ҳой писар, – бо забони бошқирдиаш ба ӯ хитоб кард Исрофил. Бача нигоҳ кард. – Маҳ як риёл, персикола бидеҳ.

Ҳангоме ки аз дасти бача нимшишаҳои даҳонаш яла кардашударо мегирифт, пурсид:

– Исм?

– Иброҳим! – гуфт писарак бо оҳанге ки гӯё номи худро не, балки сарлашкари машҳур будани падарашро медод.

Исрофил боз савол дод:

– Мактаб?

Писарак китф дарҳам кашида нишон дод, ки нафаҳмидааст.

– Мадраса? Таҳсил? – такрор намуд Исрофил.

Бача боз нафаҳмид. Ҳарчанд ин калимаҳо арабӣ буданд, эътимол талаффузашон чандон бурро набуд. Он гоҳ Исрофил кафи дасташро ба ҳам ҷафс карда, ба китобхонӣ тақлид кард, пас ҳаракати хатнависиро нишон дод.

Писарак мақсадро фаҳмид ва «ло» гуфта, бепарвоёна ҷавоб гардонид ва ҷавоб додан замоно ба кӯча рӯй оварда, аз пештара ҳам баландтар дод гуфт:

– Маринда, маринда, маринда! Ишриб борид!

Зоҳиран, дар майдони назди бозор қурбонӣ дар авҷ буд. Ҳоҷиёни нодоро ва камбағалони маҳаллӣ аз он тараф гӯсфандҳои кушта ва ҳанӯз пӯстнокандаро кашолаву пушторакунон меомаданд. Аксари одамон сон ё дасти серлаҳми гӯсфандро дар ҳолаате ки аз он ҳанӯз хуноба мета-

---

[1] Оби хунук нӯшед!

ровид, бардошта мебурданд. Баъзеҳо чашмгуруснагӣ карда гӯсфанди бутунро то ними роҳ меоварданд, вале дар офтоби сӯзон ва издиҳоми одамон аз кори худ пушаймон шуда, аз ғанимати бардоштаашон фақат ду сонро бурида мегирифтанд ва боқимондаи онро ба паси ягон дукон, ё худ дар сари роҳ, ё ба таки ягон сайёраи азроҳмонда партофта мерафтанд.

Ин манзара хаёламро ба ким-куҷоҳо бурд. Дар кадом як китоби таърихи дунёи қадим сурати одами ибтидоии ҳамин гуна нимбараҳнаро дида будам, ки як пои ҳайвони калонеро бо чашмони аз шодӣ дурахшон рӯй-рӯи замин кашола карда мебурд. Кас дар дунёи васеъ гардад, чӣ воқеаҳо, чӣ одат ва анъанаҳоеро намедидааст!

Исрофил бо бари эҳромаш ба сари синаи худ шамол зада менишаст.

– Акнун оҳиста-оҳиста равем мешавад, – гуфтам.

Исрофил ба пушти чойхона гузашта пас аз муддате ба ман асои нав овард. Асои нав дарозу бақувваттар менамуд ва ба он вазни пои лангро беибо партофтан мумкин буд.

Гилемкуҳнаи Зайнӣ Кӯшак ва сумкаву термосҳоро дар пеши чойхоначӣ гузошта, ба сӯи бозор равон шудем. Дар бозори гӯсфанд аз бисёрии мол ва харидор ҳатто барои одами сиҳат роҳ рафтан душвор буд. Исрофил танҳо рафт. Чатрамро ба сар гирифта, дар гӯшае нишастам.

Ҳоҷиён аз бозор гӯсфанд харида, кашолакунон ба ин ҷо, ба майдони қурбонӣ меоварданд. Дар майдон паҳлуи ҳам чанд хандақи дароз ва чуқур кофта шуда буд. Қассобони махсус таъйинкардаи маъмурияти идгоҳ дар лаби хандақҳо рост истода, гӯсфанди ҳоҷиёнро бо навбат қабул карда мегирифтанд ва ба ивази назре ки ба ҳиммати ҳоҷӣ вобаста аст, гӯсфандро сар зада ба як тараф мепартофтанд. Ба ҳар кас гӯшт лозим бошад, аз тӯдаи гӯсфандҳои сарзадашуда ба миқдори дилхоҳаш бардошта мерафт.

Талабгорони гӯшти қурбонӣ дар нимаи аввали рӯз бисёр буданд, аммо ҳоло ҳама сер шуда буданд ва теппаҳои назди қассобон дар андак фурсат баланд мешуд ва онҳо чанд қадам дуртар, ба ҷои холӣ рафта, аз гӯсфандҳои навхарид теппаҳои нав месохтанд.

Ҳамин ки сар то сари замини назди хандақ аз пуштаҳои моли кушта пур мешуд, қассобон ба хандақи дигар мегузаштанд ва он гоҳ чанд булдозери зарди америкоӣ, ки дар каноре моторҳои худро хомӯш накарда, мунтазири кор меистоданд, ба ҳаракат медаромаданд ва аз як лаби хандақ теппаҳои гӯштро ба поён тела дода, аз канори дигараш бар болои он хок мерехтанд.

Ба қавли китобҳои муқаддас, ҷонварҳои қурбоншуда фардо қиёмат ба соҳибонашон хизмати хубе хоҳанд кард. Ҳар кадоми онҳо шахси қурбонкардаро аз байни лаки дар лак мусулмонони ба даргоҳи парвардигор ҳозиршуда шинохта мегирад. Сонӣ соҳибашро савор карда, аз пули сирот, аз болои оташи дӯзах ба тарафи ҷаннат гирифта метозад.

Пули сирот аз қил борику аз дами шамшер тезу аз оташ сӯзонтар будааст. Дар чунин шароит қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳияи ҷонвари саворӣ роли муҳимме бояд бозад. Зеро ба замми он ки роҳ борику хатарнок аст ва дар поён дар қаъри ҷаҳаннам миллионҳо мору каждуму аждарҳо даҳони худро мунтазири луқмаҳои болаззат кушода бетоқатона ин сӯву он сӯ мехазанд, ба замми ин роҳ бениҳоят дароз аст: мусулмони аз гурзи Мункар ва Накир, аз шаттаву шаллоқи ҳазорон малоикаҳо халосхӯрда бояд акнун даҳ ҳазор сол бо пули сирот рӯ ба фарозӣ роҳ паймояд, баъд даҳ ҳазор сол рост биравад ва даҳ ҳазор соли дигар рӯй ба нишебӣ фарояд.

Дар «Меъроҷнома»-дар ин достони саргузашти пайғамбар ва азобу уқубати рӯзи маҳшар гуфта мешавад, ки ҳар як рӯзи он дунё ба ҳазор соли ин дунё баробар аст.

Ман бо чӯбчае ба замин хат кашида, ин 30 ҳазор сол,

яъне ҳамаи муддати гӯсфандсавориро ба ҳисоби рӯзу моҳи он дунё гардондам. Мусулмони бечора аз болои пули сирот савори гӯсфанд 3.996.750.000.000. рӯз роҳ мепаймудааст. Се триллиарду нуҳсаду наваду шаш миллиарду ҳафтсаду панҷоҳ миллион рӯзи роҷеъулнақд!

Кайф кайфи одами бесавод ё чаласавод, ки чӣ будани ин рақамро намедонад. Агар ӯ медонист, ки дар ин дунё заррае гуноҳ содир накунад ҳам, дар он дунё ҳатман даҳ миллиарду нуҳсаду панҷоҳ миллион сол гӯсфандсаворӣ мекунад, ҳанӯз ба олами равшан наомада, аз дидори ҳар ду дунё безор мешуд.

Исрофил омад, пурсидам:

– Гӯсфанди харидаат бақувватакак буд?

– Беҷо не. Тахмин ду пуд гӯшту равған дошт.

– Ҳа, дуруст будааст.

– Чаро мепурсӣ?

– Ҳеҷ, ҳамин тавр.

Тамбаи сайёраҳо гашти пешин барҳам хӯрд. Акнун баръало дидан мумкин буд, ки роҳҳои асфалтӣ ва канораҳои онон, паскӯчаҳое ки ду кӯчаи калони ба ҳам мутавозии Миноро ба ҳам мепайвастанд, аз пӯсту каллаву рӯдаву шикамбаи чорво пур шудааст. Гоҳо сайёрае рӯдаву шикамбаи пури гӯсфандро пахш мекард ва ахлоти даруни он ба сару либоси роҳгузарон пош хӯрда, боиси ошӯб мегардид. Аз ин пасмондаҳо бӯи ғализи гароне ба ҳаво бархоста, шушу дили одамро гӯё аз ҳаракат бозмедошт. Аммо барои тоза кардани кӯчаҳо касе ақаллан нохун ба нохун намезад. Фақат гоҳ-гоҳе ходимони маъмуриятро дидан мумкин буд, ки як аппарати минометшакли серғавғои дудандозро ба китф бардошта, ба мобайни издиҳоми одамон, ба даруни дуконҳои таомпазӣ дуди дезинфексия сар дода мегаштанд. Аён буд, ки ин гуна дезинфексияи сатҳӣ бисёр нафъ кунад, фақат тасаллои хотир шуда метавонисту бас.

Манзараи шайтонкӯбӣ лавҳаи ҳузнангезе буд. Эҳтимол, ба дили кас дар асnoи шунидани ҳарза ва дидани ҳара-

катҳои берабти ягон шиноси наздикаш, ки нохост ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудааст, ана ҳамин гуна эҳсосот роҳ ёбад.

Атрофи санги сафедеро, ки ҳайкали шайтон будааст, бо қалъачаи мудавваре иҳота карда буданд. Дар гирди девор тахмин панҷсад каси эҳромпӯш ҷамъ омада, аз паҳлу ва болои сари ҳамдигар ба сӯи ҳайкали иблис сангча меғурронианд. Як қисми ҳоҷиён ҳафт дона сангро ғурронда, оромона ба сӯи ҳайкали дувуми шайтон мерафтанд. Як қисми дигар ҳангоми шайтонкӯбӣ монанди дуохонҳои девонаавзоъ ба шӯр омада, сару китфу бозувони худро ба як тарзи ҷунуномез ҷунбонида, сангчаҳои дар зери по парешон шуда хобидаро мушт-мушт бардошта, ба ҳайкал меандохтанд ва агар бо ин ҳам ҳисси интиқомашон қонеъ нагардад, кафшҳои худро кашида, ба сари қалъа меғурронианд.

Онҳое ки дар сафи пеш буданд, ба девори қалъа бо дасту пой, ҳатто бо калла ва оринҷҳошон мезаданд ва дар айни замон ҳар чизе ки аз дашному ҳақорат дар бисоташон буд, бо ҷӯшу хурӯши тамом ба кор меандохтанд. Бо ишораи сарбозе ки дар баландӣ, дар паҳлуи ҳайкали иблис рӯи суфачаи тахтагине дар зери сели сангча рост меистод, аз канори издиҳом як-ду сарбози дигар омада, одамони ҷунунашон авҷгирифта ва дасту пою сару гарданашон хуншоршударо бо зӯр кашола карда ба гӯшае мебаровариданд.

Даруни қалъа аз сангча пур шуда, аз лаби деворҳояш мешорид ва дар таки пои одамон пош мехӯрд. Ҳоҷиён сангчаҳои рехтаро дубора бардошта, ба сари қалъа мезаданд. Аз ҳар кунҷи теппаи сангчазор кафшҳои резинии сурху кабуду сабзу сафеди ҳоҷиён намудор шуда меистод.

Тахмин панҷоҳ қадам дуртар аз ҳайкали якум ҳайкали дувуми шайтон ва боз дар ҳамин қадар масофа ҳайкали савум воқеъ гашта буд. Қалъаҳои дувуму савум шакли секунҷа ва мураббаъ доштанд, вале издиҳоми дар атрофи

онҳо ғуншуда, ғавғою талотум ва доду фиғони ҳоҷиён айнан ҳамон гуна буд.

Дар замони зиндагии ҳазрати Иброҳим дар ин ҷо на ҳайкали шайтон буду на қалъаи он. Китобҳои муқаддас ривоят мекунанд, ки дар он айём худи шайтон дар ин ҷойҳо, чуноне мегӯянд, фаъолияти худро равнақу ривоҷ дода мегашт.

Ҳазрати Иброҳим Халилуллоҳ зани ҷавонашон Бибӣ Ҳоҷарро ба биёбони сӯзон пеш карда бошанд ҳам, ӯро тамом аз ёд набароварда буданд. Ҳар сари чанд гоҳ аз ҳазрати Бибӣ Соро рустӣ ба биёбон баромада, бо модари ҳазрати Исмоил камтар чақ-чақу дилхушӣ карда бармегаштанд. Дӯсти худованд бошанд ҳам, одамизод-дия.

Рӯзе аз рӯзҳо аз осмон садо омад, ки:

– Аё Халили мо, бигӯ, ки фарзанди дилбандат кадом аст? Исҳоқ аст, ё Исмоил, ё дигараш?

– Исмоил, – ҷавоб доданд, дӯсти меҳрубони худованд.

– Пас ӯро барои мо қурбон мекунӣ.

– Ба ҷону дил, ин хизмат аз мо бошад, – гуфтанд ҳазрат ва зуд Исмоили дувоздаҳсоларо пайдо карда, ба водии Мино, маҳз ба ана ҳамон ҷое ки ҳоло хандаққҳои бузургро аз гӯшти чорво пур карда истодаанд, кашола карданд.

Ҳазрати ҷавон аз нияти падар воқиф гашта, бениҳоят хурсанд шуданд. Магар ин бахти каму андак аст, ки ҷавони наврасро падараш ба роҳи худованди карим сар мезанад?

Лекин шайтони бекафшу маҳсӣ аз куҷое пайдо шуда омаду ба сурати одам даромада, ҳазрати ҷавонро аз роҳ заданӣ шуд.

– Дада, – гуфтанд ҳазрати ҷавон ба Халилуллоҳ, – ана ин мардака бинед, ба ман «аҳмақӣ накун, зудтар гурез аз ин ҷо, набошад муфт мурда меравӣ» гуфта истодааст.

– Гӯш накун, – насиҳат карданд Халилуллоҳ.

Аммо шайтон шайтониашро мекард. Ӯ дар се ҷой се маротиба пайдо шуда, ҳазрати Исмоилро аз роҳ баровар-

данӣ шуд. Ҳазрати ҷавон иблисро бо санг зада пеш мекарданд.

Оқибат Халилуллоҳ писарашро ба майдоне оварда, хобониданд ва кордро ба гулӯяш ронданд. Корд набурид. Чунки дар ин вақт ҳазрати Ҷабраил номаълум омада ва ба дами корд бо қаноти худ зада, онро аллакай кунд карда буданд. Халилуллоҳ се бор корд ронданд, на бурид, охир оташин шуда, онро ба замин бардошта заданд.

– Ту мегӯӣ ки бибур. Худо мегӯяд, ки набур! – дар хашм шуда гуфт корд. Аз хашм қариб монда буд, ки корди бечора дод занад: «Каллаи маро гаранг кардед-ку!» Аммо аз мақоми баланди ҳар ду фармондеҳ андеша карда, ғазаби худро фурӯ нишонид.[1]

Ана барои ҳамин ҳоло қассобони мусулмон ҷонвареро куштанӣ шаванд, аввал кордро бо гулуи он се бор молида мегиранд, фақат баъди ин дами кордро дурусттар пахш мекунанд. Барои ҳамин ҳам дар ин ҷо дар водии муборакиМино дар се ҷой ҳайкали шайтони лаинро сохта мондаанд, то ки мусулмонон ҳар сол як бор ҷамъ шуда, се рӯз интиқоми Халилуллоҳ ва писари он ҳазратро биситонанд.

Муаррихон мегӯянд, ки одати сангпартоӣ ба шайтон беҳуда расм нашудааст. Ин анъана ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоии инсон буд. Он вақтҳо шайтону деву ҷинро бо сангу кулӯх, ҳатто ба саргин зада пеш мекардаанд. Чунончи, зани араб баъди вафоти шавҳараш як сол азо медошт, яъне одати ифтидодро бар ҷо меовард. Пас аз як сол аз таги дари хонааш истода ба самти офтобфаро саргин меғурронид. Бале, он вақтҳо охир китоб набуд, илм набуд, бевазани бечора гумон мекард, ки дар гирди чайлааш арвоҳи шавҳар ҳанӯз парвоз карда гаштааст ва ӯро рондан лозим, то ки ба шавҳари нав ё худи ӯ офате нарасонад.

---

[1] Хонандаи муҳтарам гумон мекунад, ки корди сухандон меваи хаёлоти духтур аст. Не. Ин воқеа дар асари олими машҳури асри XlV ислом ҳазрати Рабғозӣ «Қисас-ул-анбиё» айнан ҳамин тавр баён шудааст.

Камина шодам, ки бо мурури замон мо, одамон, баъзе урфу одатҳои куҳнаро ба ҳар ҳол фаромӯш мекунем. Як вақтҳо дар қабилаҳои қадимӣ барои ҷавонони наврас имтиҳони балоғат гуфтанӣ одат буд. Ҷавони наврасро аввал хатна мекарданд, баъд се-чор адад дандонашро зада мешикастанд, то бифаҳманд, ки марди болиғ шудааст ё не, ба дарди ҷонкоҳ мардона тоқат карда метавонад ё не.

Мо, мусулмонон, ва яҳудиён ба одати хатна маҳкам часпида, онро то алҳол эҳтиёт карда омадем. Лекин одати дандоншиканӣ, худоро шукр, фаромӯш шуда рафт. Уҳ, ӯҳ, тасаввур кунед, ки он оин ҳоло ҳам зинда ва барқарор бошад.

Шояд духтурҳо ва техникҳои дандон аз мурда рафтани он одат маъюс бошанд. Аммо банда ҳаргиз хафа нестам.

... Исрофил тасбеҳи саддонаашаро гардонида, ба сари синааш чашм дӯхта сокитона роҳ мерафт. Аз ӯ пурсидам, ки чаро ба ду ҳайкали аввали иблис санг партофта, ба савумаш кордор нашуд. Ҷавоб надод. Саволамро, аз афташ нашунид, гуфта дубора пурсидам.

– Ҳозир аз ман ҳеҷ чиз напурс, азизам, – маҳзунона гуфт Исрофил узрхоҳона ба рӯям чашм дӯхта.

Ночор то манзили навамон, ки дар доманаи кӯҳ воқеъ гашта буд, хомӯш омадем.

Аз хайманишинӣ халос шудем. Як хонаро бо айвонаш барои гурӯҳи мо ҷудо кардаанд. Дар хонаҳои дигари ҳавлӣ низ меҳмонони Зайнӣ Кӯшак мезистанд.

Ҳамсафарон бо мӯйсартарошӣ, ғусл, эҳромкушоӣ ва либоспӯшӣ машғул буданд. Ҳазрати Наримон, аз ҳама пеш тағйири либос карда, ба танаш куртаи дарози арабӣ пӯшида буд.

– Ҷаноби муҳтарам, – баробари маро диданаш наздик омада, аҳволпурсӣ кард ҳазрат ва аз рӯи одат ба нутқ даромад: – Аз ман хавотир нашавед, ҷаноб, аҳволам басо хуб аст. Медонед, ҷаноб, падари ман хоҷа Қаҳрамон то дами вопасинаш аз ҳамин дӯхт курта мепӯшид. Не нагӯед,

мепӯшид. Илоҳо, ҷояш ҷаннат шуда бошад, савоби ин курта, ҷаноб, махсус аст. Шумо ҳам якта гиред, ҷаноб. Ҳамагӣ бисту панҷ риёл.

– Раҳмат. Мебинем. Шояд мо ҳам бигирем. Одамизод пешомадашро намедонад.

– Бале, ҷаноб, намедонад. Не нагӯед, намедонад.

Ҳангоми риштарошӣ дар чаккаам чанд тора мӯи сафед дидам, ки пеш набуд. Дар синни сивупанҷсолагӣ як тора ҳам мӯи сафед надоштани ман боиси рашки ҳамсолонам буд. Акнун онҳо ҳам ором мешаванд.

Навбати об ба мо расид ва ману Исрофил ба сари якдигар об рехта, чангу ғубори муборакии Арафотро аз баданҳо дур кардем.

Баргашта либоси одамиёнаи ин дунёро пӯшидан гӯё як мукофоти ногаҳонӣ буд.

## КАСБИ ТОЗА

Субҳидами панҷуми май маро Саид Абдуллоҳи Кӯшак бедор карда гуфт, ки дарав хезед, беморе ҷон меканад.

Аз ҳавлии манзил гирифтаи мо то сари кӯча хаймаҳои рангоранг рост карда буданд. Дар даромадгоҳи яке аз ин хаймаҳо марде рӯи бӯрё мехобид. Зани чодарпӯше дар сари мард нишаста, фиқ-фиқ гиря мекард. Дили бемор кайҳо аз кор монда буд. Зуд аз сари бемор бархостани моро дида занак фарёди дилхароше баровард. Дар сукунати саҳаргоҳ фарёди ӯ басо даҳшатангез буд.

– Чӣ шудааст? Чӣ тавр аҳволаш? – пурсид Саид Абдулло.

– Дер шудааст.

– Худо раҳмат кунад.

Аҳволи қорӣ Мушарраф дина чандон сабук набуд. Дарди шикам дар ду рӯзи гузашта ӯро тамом бемадор карда буд. Ман аз марги ҳоҷии бегона ба ташвиш афтода, ба сари болини ҳамсафари пир шитофтам. Хайрият, имрӯз чеҳрааш равшантар менамуд. Аз таоми нобоб парҳез карданашро такроран таъкид намудам. Бо Саид Абдуллои Кӯшак низ суҳбати дуру дарозе карда, ӯро ба пазондани хӯроки алоҳида барои бемор розӣ кунонидам.

Мо акнун бо либоси худ мегаштем ва ҳоҷиёни дигар моро аз тӯппиҳоямон шинохта, ҳамгап мешуданд. Ҳамроҳи Исрофил дар растаи тоҷирон сайругашт мекардем, ки яке аз ҳамватанони собиқ салом дода, пурсупос кард ва ҳардуямонро ба гӯшае кашола карда гуфт:

– Якта соат харидам, ҳаминро як медидед…

– Мо соатсоз нестем-ку, – ҳайрон шудем мо.

– Соатсоз будан шарт не, ҳамту бинед мешавад.

Мард аз бағалкисааш соати тиллои мардонаро бароварда, ба дасти мо дод. Исрофил ба ҳар тарафи он зеҳн мемонд.

– Соати хуб, писари ман ҳамин хел соат дорад. Бисёр нағз мегардад, – гуфт ӯ ва чуноне ки қабл аз ин ҳам писари худро ба ёд оварда, хотираш парешон мешуд, чеҳрааш тира ва нигоҳаш андӯҳгин гардид.

– Нағз гаштанашро худам ҳам дида истодаам. Шумо гӯед, ки тиллои асил аст ё не. Ана ин ҳарфҳои майдаи фарангиро мо хонда наметавонем.

Соат аз маркаи «Полёт» буд. Ба мардак фаҳмондем, ки онро заводи соатсози Маскав баровардааст, тиллои ҳақиқист, хотирҷамъ бошад.

Гурӯҳи моро яке аз собиқ муҳоҷирон Абдулло Фатҳии намангонӣ ба меҳмонӣ даъват кард. Ба хаймаи ӯ рафтем. Дастурхон кушода, обу мева, нону чой оварданд. Абдулло Фатҳӣ додар ва бародаронашро шиносонид. Қориака ҳар яки моро ба мизбонон алоҳида-алоҳида шинос карданд. Бародари мизбон, ки дар паҳлуи ман менишаст, бо ифтихор гуфт, ки писари калони ӯ тайёрарон аст, писари хурдиаш Абдулазиз омӯзишгоҳи полисро ҳамин сол тамом мекунад. Ман гуфтам, ки падари чунин фарзандони қобил бояд хушбахт бошад.

– Алҳамдулиллоҳ, шукри бешумор ба даргоҳаш! – гуфт ӯ ва каме таваққуф карда бидуни робитае бо он чи ки қабл аз ин гуфта мешуд, пурсид:

– Хӯш, дар мамлакати шумо мубориза бар муқобили хурофот чӣ тавр аст?

– Бад нест. Дар ҷое ки иморати нав месозанд, боқимондаҳои иморати фарсударо одатан рӯфта мепартоянд.

– Ашъори Низомию Бедил ва Саъдию Навоӣ чизи нодаркор нест-ку?

– Бубахшед, вале ин гапи шумо ҳам нав нест. Кӣ гуфт, ки осори Саъдию Навоӣ ва дигар бузургони гузаштаи мо боқимондаи нолозимест? Кӣ гуфт, ки ашъори онҳо хурофот аст?

– Дар мамлакати шумо ҳамин тавр мепиндоштаанд…

– Тоҷикон мақоле доранд: «Ман аз осиёб омадам, ту мегӯӣ ки дӯл холӣ». Фирефтаи дурӯғ шудани кас мумкин,

аммо наход, ки даҳҳо сол гузараду дар бораи ҳаёти собиқ ватани худ ҳақиқатро фаҳмидан ин қадар душвор бошад?

Саволи мизбонро ба Қориака такрор кардам. Азбаски дар ин суҳбат ҳама мулло буду ман духтур, мехостам, ки ин мардака аз забони шахсе ҷавоб бигирад, ки бечуну чаро муътабараш медонад. Қориака табассумкунон гуфтанд, ки оре, хондани осори шоирони бузурги гузаштаро касе манъ накардааст, баръакс, омӯхтани онҳо ба программаи таълими ҳатмӣ ҳам дохил шудааст.

Сонӣ ман илова кардам, ки девонҳо, куллиётҳои шоирон ва мутафаккирони гузаштаро нашриётҳои боиқтидор ҳар дафъа ҳазорон-ҳазор нусха нашр мекунанд ва дар дуконҳои китобфурӯшӣ ба забони бисёр миллатҳои мамлакат бо нархи арзон мефурӯшанд.

Воқеан акнун ба ёдам расид, ки қисми серташвиштари ҳаҷ дина баробари эҳромкушоӣ хотима ёфта буд. Ҳоҷиён ва мизбонони онон барои суҳбату нақлу ривоят акнун фурсати озод пайдо карда буданд. Ба ҳамсафарони ман, ки эшонро аз каллапӯшҳошон дарҳол мешиносанд, дар кӯчаву бозор ҳамгап шуда, ҳар гуна саволҳо медоданд, ҳар хел чизҳо нақл мекарданд.

Ба Темурҷонқорӣ, масалан, дина бегоҳӣ савол доданд:

– Дар мамлакати шумо занҳо умумӣ будаанд. Йигитҳои мусулмон ба ин аҳвол чӣ гуна тоқат мекунанд?

Қории ҷавон ин воқеаро нақл карда мегуфт, ки ба дарафтоданаш ба он марди даҳонбефаровез саҳл монда буд. Баъд бо мулоҳизаи он ки пурсанда он саволи аблаҳонаро аз кадом як манбаи беруна дарк кардааст, аз ғазаб фаромада, оромона ҷавоб додааст.

Ба ҳоҷии дигари мо хабар додаанд, ки гӯё мо аз деги умумии маҳалла хӯрок мехӯрдаем, яъне рӯзе ду маротиба табақу косаҳои худро бардошта, ба сари деги маҳалла метохтем, ки дар он ҷо ҳукумати шӯро барои ҳамаи аҳли гузар карамшӯрбо мепӯхтааст.

Камина медонам, ки сарчашмаи ҳамаи ин овозаҳо радиои «Садои Америка», «Европаи озод» ва ғайра аст. Аз ин гапҳо бӯи мағор ва чанги шӯрахоки кулбаи фарсудаи

ташвиқоти зиддисоветӣ меояд. Чанде пеш дар Москва протоколҳои комитети адлияи сенати ШМА нашр шуда буд. Ҳанӯз моҳҳои февралу марти соли 1919 адиби тараққипарвар Ҷон Рид, зани ӯ Луиза Брайант, Раймонд Робис ва дигар америкоиҳои ба Россияи советӣ сафаркардаро дар зери истинтоқ маҷбур мекарданд, ки ба газета ва радио баромад карда бигӯянд, ки дар Мамлакати Советҳо занҳо умумӣ шудаанд, ҳама аз як дег ош мехӯранд, дар таки як кӯрпа мехобанд ва ғайра ва ҳоказо.

Оре, ин гапҳо ҳамагӣ куҳнаву мағорзадаанд, лекин ҳаминаш алам мекунад, ки «Садои Америка» дар барномаҳои русиаш ин қабил хабарҳои ошкоро аблаҳонаро кайҳо боз намешунавонад, аммо ба забони форсӣ ҳамчунон ҷор мекашад ва чуноне ки аз ин дурӯза суҳбатҳо маълум мегардад, ба забони арабӣ ҳам мешунавонидааст.

Дар бозгашт аз хаймаи Абдуллои Фатҳӣ ману Исрофил боз ҳаками заршинос шудем. Шахсе як ҷуфт дастпонаи тиллои занонаро, ки бо нигинҳои ёқут ва алмосаш тақрибан ҳафтод-ҳаштод грамм вазн дошт, ба мо нишон дода, илтимос кард, ки ҳарфу рақамҳои маҳаки онро хонда, чӣ гуна тилло буданашро гуфта диҳем. Исрофил ин вазифаро ба хубӣ иҷро намуд ва соҳиби дастпона аз харидаш хотирҷамъ шуда, моро дуогӯён дур шуд.

Ҳангоми хӯроки пешинӣ дар сари дастархон аз савобу вубол сухан мерафт, ки гуфтам:

– Ману домулло Исрофил ҳам ду рӯз инҷониб аз савоб баҳравар мешавем. Ба бозори Минои муборак аз «Ювилерторг»-и мо соату дастпонаҳо ба фурӯш омадааст. Мо ба харидорон тиллои асил будани ин чизҳоро таъкид карда, хотирашонро ҷамъ мекунем.

– Хӯш, савоби ин дар куҷояш будааст? – пурсид яке аз қориҳо.

– Магар ба тиҷорати ҳамсафар кумак кардан худаш савоб нест?

Дигар касе ҳарфе нагуфт. Ҳама чашм аз сафҳаи дастархон наканда, луқмаҳои ба даҳон гирифтаашонро хомӯшона мехоиданд. Албатта, на ҳамаи ҳамсафарони

ман ба бозори ин ҷо тилло овардаанд, аммо аксарашон, ба назарам, аз сирри шарикони бо як тир ду нишон зада воқиф буданд.

Ба тоҷирони пинҳонкор чӣ ҳам мегӯед? «Изои муъмин ҳаром» гуфтаанд, хусусан ки мо ҳамагӣ пеш аз парвоз дар аэропорти Шереметево ба варақаҳои расмии боҷхонаи советӣ имзо карда, тантанавор қавл дода будем, ки заррае пули тилло, ё қоғазӣ, ё ашёи гаронбаҳоро ҳамроҳи худ аз сарҳад берун намебарем. Бале, савганди тантананок ёд карда будем, ки мо фақат ҳоҷиёнем, на контробандист.

Дами камина ба дарун афтодааст. Ба ин ҳодиса то андозае худам гунаҳгорам. Мани худбин иззати нафсам коҳид гуфта, ба ходими боҷхона чӣ тавр фарёд карда будам? Вай фотоплёнкаҳои коғазпечро санҷида, вазифаи муқаррарии худро адо менамуд, ман бошам, инро ба қадру қимати худ таҳқир дониста, ба сараш дод задам, ки ман духтури советӣ ҳастам. Гӯё чӣ дараҷа советӣ будани одамро дар пешониаш нақш кардан мумкин бошад.

Агар дар аэропорт ба он тариқа маҳмадонӣ намекардам, шояд халтаву ҷомадон ё кисаву кафшу маҳсиҳои васеу боҳаловати баъзе ҳамсафаронро дурусттар медиданд. Арвоҳ занад анъанаҳои шахшудамондаро, охир бе ин ҳам ходимони милитсия, адлия ва дигар муассисаҳои ба ин монанди мо ба хотири иззати эътиқоди динии мардум ба ходимони мо ба назари аз ҳад зиёд эҳтиромкорона нигоҳ мекунанд: «дин масъалаи бисёр нозук» гуфта, дуруст фикр намекунанд, ки ходими он то чӣ андоза бо масъалаи нозукаш машғул асту чӣ андоза бо масъалаҳои дигар.

Хайр, муште ки баъди ҷанг ба ёд омад, бояд ба сари худ зад. Ҳамаи ин аз камтаҷрибагист... Ҳм, одамизод, аз афташ, то дами вопасин аз камтаҷрибагӣ нолад ҳам, айб нест. Шоире гуфта будааст, ки:

*Аз машомам наравад одати тифлӣ ҳаргиз,*
*Гар ба тобут равам, ҷунбиши гаҳвора кунам...*

Ба тамошои шайтонкӯбӣ рафтам. Издиҳоми атрофи қалъаҳои шайтон ҳеҷ кам намешудааст. Ҳоҷиён 21 – донагӣ сангчаи ба ин рӯз пасандоз кардаашонро се тақсим карда, ба сари сангҳои безабон мезаданд. Онҳое ки таҳқири ба унвони Халилуллоҳ ва писари он ҳазрат кардаи иблисро ба дилҳои мутаассири худ басо наздик гирифта буданд, мисли дирӯза бо фарёду фиғон ва дашномҳои болохонадор қалъаи шайтонро мушту лагадкорӣ карда, интиқоми пайғамбаронро мегирифтанд.

Аз тӯдаи атрофи қалъаи охирин ногоҳ ду марди араб ҷудо шуда баромада, ба ҳам дарафтоданд. Аз сару либосашон маълум буд, ки ҳар ду аз хонаводаҳои давлатманди ҳамин кишвар ҳастанд. Яке лоғари навча, дигаре – миёнқади пуррабадан. Аввалӣ – марди миёнасол, дувумӣ – ҷавони ҳаждаҳ-нуздаҳсола. Тарафайн то ҷон доштанд, ҳамдигарро мушткорӣ мекарданд. Ниҳоят, ҳар ду ба замин афтоданд ва бо навбат ба синаи якдигар савор шуда, ҳарифи худро лагадкорӣ кардан гирифтанд.

Ҳайкали иблис агар ҷон медошт, бешубҳа дар қиёфаи ӯ аломати хушнудӣ дидан мумкин буд. Оре, шайтон шайтониашро мекард: мусулмонони се қитъа ду рӯз боз ба сари ӯ бо сангу кафш, бо мушту лагад мекӯфтанд, то ки дигар васвасаро бас кунад ва одоб омӯзад ва бандагони муъминро аз роҳи рост каҷ накунад, вале он нобакор аз қабоҳат даст намекашид.

Аз гирдомадагон ба ҷудо кардани он ду нафар касе накӯшид. Пойҳоям як-ду маротиба маро беихтиёр ба сари он ҳангома наздик бурданӣ шуданд, вале худро бо зӯр нигоҳ доштам. Қориака чанд бор таъйин карда буданд, ки дар ин гуна мавридҳо зинҳор ба ҷанҷоли мардум дахл накунем. Таъйиноти сардорамон ба назарам маълум менамуд. Дар ин мамлакат ягон нафар намояндаи дипломатӣ, ё тиҷоратӣ, ё ягон хели дигар вакили давлати мо нест. Рафту ба ҷанҷоле биёмезӣ, касе намедонад, ки оқибат чӣ хоҳад шуд. Он гоҳ ба наҷоти ҳаками бегуноҳ, ки дар байни ду кас фақат сулҳ оварданӣ мешуд, кӣ хоҳад кӯшид?

Ҳатто аз тартиби зоҳирии ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки аз тасодуф ба моҷарое биёмезӣ, додат, ҳайҳот, ба ҷое нахоҳад расид.

Якумин бор дар умрам ҷидоли ду нафарро аз дур назора мекардам. Хайрият, сарбозон пайдо шуда омада, марди навчаро ба як сӯ ва ҷавони ҷангҷӯро ба сӯи дигар пеш карданд. Обкашҳо, ҳамолон ва дукондорони гирду пеш сару либоси хоколуд ва пошудаи асилзодаҳои ҷангараро бо тамасхур тамошо карда, байни худ лабхандкунон суҳбат мекарданд.

Дар роҳи манзил як ҷавони тақрибан биступанҷсолаи хеле ботамкин бо ман ҳамгап шуд.

– Шумо аз мамлакати тоҷикон омадед? – пурсид ӯ.

– Бале, аз Тоҷикистон.

– Оё рост аст, ки сардори гурӯҳатон Қориака ҳастанд?

– Рост.

– Дирӯз як ғуломам мактуб овард. Кадоме аз ҳамшаҳриҳо додааст. Ду рӯз боз ҷои истатонро мековам.

– Мо меҳмони Зайнӣ Кӯшакем.

– Маро ҳамроҳатон мебаред.

«Маро ҳамроҳатон мебаред». Ҳукми қатъӣ ва эроднопазир. Аз оҳанги илтимос ному нишоне нест. Бо гӯшаи чашм ба андомаш нигаристам. Ҳо, аз қабили Оллоҳназар ва Махсум миҷ-миҷдаҳони мо. Меваи нодиратаъми худи ҳамон муҳит, ҳамон одоб. Ғулом доштанашро беибо мегӯяд. Давлатмандони ин ҷо асрҳои миёна ва айёми аз он пеш барин ғулому канизҳо доранд. аммо на ҳар кадомашон инро ошкорро ба гардан мегиранд, чунки давлаташон расман эълон кардааст, ки аз ин пастӣ дар мулки онҳо осоре намондааст. Ҳоло барои ин ҷавонмард аз хӯрдани ғами обрӯи байналхалқии давлаташ дида, таърифи савлату сарвати худаш авлотар аст. Ӯ эътимоди кулл дорад, ки соҳиби ғулом буданашро гуфта, эътибори худро дар назари як мусофир чанд зина баландтар бардоштааст.

Ҳамроҳи нав номи маро пурсид, ман ҳам аслу насаби ӯро пурсидам. Вай Исохоҷа тоҷир будааст. Оилаи ӯ пас аз Револютсияи Октябр ба Кошғар фирор карда будааст.

– Баъди он ки дар Хитой коммунистҳо хӯҷаин шуданд, мо ба ин сӯ омадем, – нақл мекард Исохоҷа.

«Оқилона кор кардед, – гуфтам дар дилам. – Хайрият, ки аз Хитой ба Ветнам ё Куба нагурехтаед, вагарна боз як бор кӯч бардоштанатон лозим меомад».

Исохоҷа дар Маккаи мукаррама, дар Тоифи муборак дуконҳои баззозӣ ва баққолӣ доштааст. Соҳиби кимчандто автомобил, ғулом ва ҳавлиҳо будааст.

– Дар мамлакати шумо як амакзодаам мондааст, – гуфт Исохоҷа. – Мехоҳам ба ӯ сайёра туҳфа кунам.

– Нияти хуб.

– Агар пулашро аз ин ҷо диҳам, ба ӯ аз он ҷо сайёра медиҳанд?

– Дар масъалаҳои савдо балад нестам. Хуб мешуд, ки ин чизро аз Қориака, ё тарҷумони мо Абдусамадака бипурсед.

Саволу ҷавоб тамом шуд. Исохоҷа боз қиёфаи пештараашро гирифт. Қиёфаи аз вироқу салабот саршори шахсе ки ҳатто бо одами ҳаммартаба ҳарфе гуфтанро ор медонад. Қиёфаи одамоне ки қоматашонро ҳамеша рост дошта, чун ҳайкали ифтихор қадам мезананд ва агар дар умри худ боре табассум кунанд, гумон мекунанд, ки навъи башар аз илтифоти онҳо бояд акнун то абад миннатпазир бошад.

Дар назди даромадгоҳи манзили Зайнӣ Кӯшак ӯ абруи худро саҳле ҷунбонида, бо ҳамин ишорат хайрухуш кард.

– Кист ин амиралмуъминин? – пурсид Исрофил, ки дар болои зинаи манзилгоҳамон маро мунтазир менишаст.

– Исохоҷа, собиқ ҳамватани мо, ки ҳоло дукон, автомобил, зан ва ғуломи бисёре доштааст.

– Ҳа-а. Ин хел по партофтанаш беҳуда набудааст-ку.

Дар сояи иморат даме нишастем. Аз тарафи кӯча Қориака, се пирамард ва аз ҳама қафо тарҷумону Оллоҳназарқорӣ намоён шуданд. Сарвазир амир Файсал ду рӯз боз дар Минои муборак будааст ва инҳо ба қабули ӯ рафта будаанд.

Оллоҳназар дар пеши мо каме таваққуф карда, аз маросими қабул ҳикоят кард.

– Амири аъзам бо дигарон ду-се дақиқагӣ суҳбат мекарданд. Аммо ба мо дувоздаҳ дақиқа бахшиданд, – гуфт ӯ. Аз чашмони қорӣ барқи шодӣ бармеҷаст.

Дар сари пайроҳа акнун ҷуссаи гарони мулло Ӯроқака намоён шуд.

– Қурбон, – гуфт Исрофил, – мехоҳӣ як пешгӯӣ кунам?

– Ку, бубинам.

– Мулло Ӯроқака баъди як дақиқа ба назди мо мерасад ва аввалин чизе ки хоҳад гуфт, ин аст: «Духтурҷон, якта дуд кунем...» Ана мебинӣ! Хоҳӣ, гарав мебандем.

– Бе гарав ҳам маълум.

– Пас чаро гап намезанӣ?

– Мехоҳам бифаҳмам, ки оё рафта-рафта худаш бас мекунад ё не.

– Сода. Ту гап назанӣ, ман мегӯям.

Мулло Ӯроқака ба пояи зина расида буд ва якта-якта қадам монда, тӯши бузурги арақшорашро бо азобе аз поғундаҳои зина боло мекашид. Росташро гӯям, дар ин даҳ рӯзи сафар ба сигаретаи ман шарик шудани ӯ он қадар маъқул набуд. Лекин ба гуфтан рӯям намешуд. Ба ҳар ҳол, мулло аст, синнаш ҳам аз ман калон. Аз ҷомадонам барои чаҳор рӯзи Арафоту Мино аз эҳтиёт ҳашт пачка сигарета гирифта будам, дина бегоҳӣ тамом шуд. Ҳоло аз ночорӣ сигаретаи қиматбаҳои «Кент» мекашам, ки нархи як пачкааш ба разиши ду кило қанд ё биринҷ баробар аст. Аз пуле, ки барои обу мева медоданд, сарфа карда, сигаретаи гаронбаҳои америкоӣ мехаридам.

Мулло Ӯроқака як даста ҷуроби мардона, рӯймол, як қолинчаи девории италиёӣ бардошта меомад. Харидашро ба гӯшае гузошта, аз паҳлуи мо нишаст ва арақи сару рӯяшро пок карда гуфт:

– Духтурҷон, якта нашъа кунем.

Исрофил пиққӣ карда хандид.

– Додарам, ба чӣ механдед?

– Ҳамту, як воқеа ба ёдам расид.

– Мо ҳам шунавем, охир.

Исрофил ҳикоят кард. Носкаше будааст, ки як умр аз

носкадуи дигарон нос мекашидааст. Боре як шиноси навашро дида мегӯяд:

– Э, ассалому алайкум, нағз ҳастед, бардам ҳастед, аҳли байт, хешу табор – ҳама бардам-бақувватанд? Канӣ, як кадуя гиред.

Шиносаш носкадуро бароварда медиҳад. Фардои он рӯз он шахсро дидан замоно боз мегӯяд:

– Э, ассалому алайкум, нағз ҳастед, бардам ҳастед, аҳли байт, хешу табор – ҳама бардам-бақувватанд? Канӣ, як кадуя гиред.

Шиносаш носкадуро медиҳад. Лекин дафъаи савум, ҳангоми мулоқот он шахс ҳанӯз ба саломи калом даҳон боз накарда, соҳиби носкаду мегӯяд:

– Ваалайкум ассалом. Нағз ҳастам, бардам ҳастам, аҳли байт, хешу табор – ҳама бардам – бақувватанд. Лекин агар нос хоҳед…

Соҳиби носкаду чизеро илова мекунад, ки ба такрор кардани он эҳтиёҷ нест.

Мулло Ӯроқака сурх шуд, баъд «Ё тавба, ё алҳазар» гӯён гиребони худро дошту сипас хандида фиристод. Шиками бузурги худро ларзонида, бо завқи тамом механдид. Ниҳоят, аз ханда сер шуда гуфт:

– Ё тавба, дар дунё одамҳои ғалатӣ бисёр-дия. Як гап мегӯянд, ки… Ё тавба, ё алҳазар.

## ҲАҶ МУБОРАК!

Аз кӯчаҳои нимхолии Мино гузашта, ба сӯи Маккаи мукаррама меравем. Мизбонони мо ба ҳисобу китоби хароҷот ва ситонидани доллару риёл устухон надошта бошанд ҳам, кор ба сари хизмат расад, ҳаҷар мемондаанд. Худамон пиёда автобус меҷӯем. Хайрият, пои ман сиҳат шуд ва бе асо гашта метавонам.

Савдогарон дукону хайма ва чатру палосҳошонро ғундоштаанд. Акнун ба тамошои ҳусни идгоҳ чизе халал намерасонад. Ҳама ҷо, ҳар пораи замин, ки ба madди назар мерасад, пур аз пӯсту калла-поча, шикамбаву рӯдаи пӯсида ва тӯда-тӯда устухони ҳайвонот. Паскӯча ва пайраҳаҳои байни ду кӯчаи калони мутавозии Минои муборак пур аз наҷосат. Эҳтиёт нашуда қадам гузоштан хатарнок аст ва кас маҷбур мешавад бо як даст латтае ба бинии худ дошта, пайваста ба пеши по чашм дӯхта, чида-чида пой монад. Азбаски дасти дигар бо чатру сумка ва абри магас дар болои сар мунтазам ғуввос мезанад, кас водор мешавад, ки дар айни замон каллаи худро ба ҳар сӯ афшонда ва такон дода роҳ паймояд.

Шайтонкӯбии савум ва охирин сардакак гузашт. Зоҳиран, мазҳакаи маросим акнун ба идроки мардум, ниҳоят, расида буд.

Ба таъйиноти боисрор нигоҳ накарда, яке аз қориҳои пир машкоби кӯчагиро нигоҳ дошта, об нӯшиданист. Дар Минои муборак ҳам се рӯз боз таъкид мекунам, ки аз кӯча оби хом нанӯшанд, чой ё кока-кола бинӯшанд. Ҳо, камина тарғиботчии кока-кола шудаам. Агар соҳибони ширкати кока-кола рӯзе аз ин кори ман огоҳ шаванд, эҳтимол, дар ягон гӯша ба номи табиби советӣ ҳам лавҳаи миннат гузоранд.

Пои пиёда сайёра меҷӯем. Дар ҳар ҷо автобусҳои холӣ вомехӯранд, вале онҳоро вакилони гурӯҳҳои дигар банд кардаанд. Саид Абдулкарим ҳамроҳи мо меравад ва ҳар

замон таскин медиҳад, ки иншооллоҳ ҳозир автобус ёфт мешавад.

Дар канори роҳ боғчае намудор шуд, ки се-чор дарахти хурмо дошт ва заминашро пал кашида, пиёзу шивит ва як чизи кохумонанде кошта буданд. Мӯйсафедони мо гуфтанд, ки дигар пиёда гашта наметавонанд, бигузор Саид Абдулкарим пеш рафта, сайёрае пайдо намоянд.

Саид гардани хор-хорон бирафт. Мо аз офтоби майнасӯз ба сояи кулбаи анори боғча паноҳ бурдем. Мусофирони дигар набототи бо оби чоҳ сабзонидаи соҳиби боғро помол карда, аз сояи дарахтон ҷой гирифтанӣ мешуданд. Боғбон аз паси онҳо бо калтаки дарозе давида, ба кӯча пеш мекард. Аз даҳони ӯ лаҳзае дашному ҳақорат канда намешуд.

– Ҳоҷӣ, – гуфт Исрофил. – Хушбахтиатро фаҳмида истодаӣ?

– Аз кадом ҷиҳат?

– Аз он ҷиҳат, ки забони арабиро намедонӣ. Намедонӣ, ки соҳиби боғ ҳоло, ба зану бачаи ин мусофирон чӣ сифатҳоеро раво мебинад.

– Ҳа, гап ин бошад, дар воқеъ хушбахт будаам.

Саид Абдулкарим автобус наёфта омад. Боз пиёда ба роҳ даромадем. Пешопеши мо гурӯҳи калонтари ҳоҷиёни дигар кишвар мерафт. Баъди муддате як автобуси холӣ пайдо гардид. Ҳама баробар худро ба дари автобус андохтанд. Ҳоҷиёни кишвари ҳамсоя бисёртар буданд, ба замми ин аҳлона амал мекарданд ва ба автобус аз ҳамсафарони мо пештар савор шуданд. Ману Исрофил қасдан аз ҳама қафо савор шудем. Лекин дар даруни сайёра талош барои нишастгоҳҳои бароҳаттар ҳанӯз давом дошт. Сумкаи термосдори худро дар роҳрави танги салон ба сари китф бардошта, ба думи мошин равон будам, ки нохост таёқе омада ба сари термосам бархӯрд ва шишаи нозуки он чинга-чинга шуда, ба даруни пӯстлохи маҷақшудааш рехт. Маълум шуд, ки зарбаи таёқро яке аз ҳоҷиёни кишвари ҳамсоя аслан ба сари Махсуми миҷ-миҷдаҳон равона карда будааст, ки бо ӯ дар болои ҷой кашмакаше до-

штааст. Термоси баланд бардоштаи ман монеъ шудааст, ки зарбаи таёқ ба ҳадафи аслиаш бирасад.

Димоғи Исрофил сӯхт. Ӯ на ба ман ва на ба каси дигар нигоҳ мекард, на гап мезад. Камтар бошад ҳам феъли ӯро омӯхтаам. Аз чизе хашмгин шавад, ба касе наменигарад, ба нуқтаҳои гуногуни осмон ё сақфи хона ғазаболуд нигоҳҳо афканда паст-паст сулфа мекунад. Ҳоло ӯ ба ғайр аз сақфи салон ба чанд курсие ки дар қаторҳои паси автобуси дароз холӣ монда буд, нигоҳҳои хашмомез мепартофт.

Ҳазрати Наримон аз ҷои нишасташ рӯ ба қафо тофта, изҳори ҳамдардӣ намуд.

– Ҷанобони муҳтарам, термоси хушрӯ ҳайф шуд-дия. Не нагӯед, ҳайф шуд.

– Баръакс хуб шуд, ҳазрат. Аз таъмири сари кафида термоси нав харидан камташвиштар аст, ҳазрат.

– Ин гап ҳам маъқул, ҷаноб. Не нагӯед, ҷаноб, маъқул.

Исрофил гуфтугӯи моро шунида, табассум кард, чеҳрааш яла шуд ва термоси пачақро аз сумкаи ман бароварда ба канори роҳ ғурронид.

– Афсӯс серҳавсала нестам.

– Мешудӣ, чӣ мекардӣ? – пурсид Исрофил.

– Термоси пачақро ба Маккаи мукаррама бурда, дар ягон гӯша ба намоиш мемондам. Бигузор чун муҷассамаи «бародарии» ҳоҷиён меистод, ки ба якдигар ин қадар бо ҷӯшу хурӯш зоҳир мекунанд.

– Монданд, ки ту дар Маккаи мукаррама лавҳагузорӣ кунӣ. Ин ҷо қишлоқи тағоят нест.

Намонанд, ба масҷиди ҷомеи Душанбе бурда мемонам.

Исрофил китф ҷунбонида чизе нагуфт.

Баробари расидан ба Маккаи мукаррама ба тавоф-алвидоъ, яъне тавофи видоии хонаи худо шитобидем. Қисми асосии ҳаҷ бо ҳамин ба анҷом расид. Ҳама якдигарро бо унвони баланди ҳоҷӣ табрик мекарданд. «Ҳаҷ муборак!», «Номи баланд муборак!» Мӯйсафедон ҳатто ба оғӯши ҳамдигар афтода, як-ду қатрагӣ ашки шодӣ ва шукрона рехтанд.

Мувофиқи барнома акнун ба шаҳри мубораки Тоиф

рафта, масҷид ва мавзеъҳои муқаддаси он ҷоро мебинем, сипас ба Мадинаи мунаввара сафар карда, мақбараи пайғамбари охирзамон ва ҷойҳои муқаддаси онро зиёрат мекунем. Бе ин ҳам ҳоло мо ҳоҷии комил шудаем, вале баъди зиёратҳои фардоина ба замми он ки аз гуноҳҳои собиқ пок шудаем, боз соҳиби савоби изофӣ хоҳем гардид.

Ҳамсафарон дар каъба аз оби зам-зам то ҷон доштанд, нӯшиданд. Яке аз қориҳои пирро, ки аз оби шифо шикамаш дам карда, ёрои ҷунбидан надошт, аз бағал бардошта, ба манзил расонидем.

Раставу бозорро давр зада, дар як ҷой кабоби аҷиберо дидам. Тахмин як пуд гӯшти лаҳмро ба сихи калоне зич карда гузаронида, дар наздикии оташдони дарозрӯя рост монда буданд. Бузургӣ ва шакли гӯшт бӯчкаи чӯбини дупудиро ба хотир мерасонид. Кабобпаз барои ҳар як харидор мувофиқи пулаш аз тарафи оташхӯрдаи гӯш бурида, дар тарозу бармекашиду ба мағзи нон монда медод ва тарафи навбуридаи гӯштро ба оташдон мегардонид.

Сайри худро давом дода, ба канори ғарбии шаҳр баромадам. Ба хаёлам, аз ин пеш нагуфта будам, ки маркази Маккаи мукаррама дар пастхамии ҳавзмонанде воқеъ гардидааст ва каъбатуллоҳ дар миёнаи ҳамин ҳавза буда, аз гирди он кӯчаву тангкӯчаҳои бисёре ба ҳар тараф хазида мебароянд. Камина аз баландӣ ба поён, ба каъба нигоҳ карда, баногоҳ асрори «санги муаллақро» фаҳмидам. Аз омаданамон ин ҷониб дар ҳар тавоф ба ҳаҷаруласвад ва худи хонаи чаҳоркунҷаи каъба бо диққат менигаристам, вале чизе намедидам, ки аз муаллақ истодани ягон узви он шаҳодат диҳад.

Каъба бинои чаҳоркунҷаи сангин буда, ҳар яке аз тарафҳои баробараш тақрибан шаш метр ва баландиаш ҳафт метр меомад. Бар болои ин бинои мукаабшакл аз матои сиёҳи абрешимин чодаре партофта буданд, ки аз лаби бом қариб то ба таҳкурсӣ мерасид ва ба ҷуз дари каъба, ки сарбоз дар остонаи он истода, хоҳишмандони оғӯш кардани санги муқаддасро бо дарра мекӯфтанд, дигар ҳама ҷои онро мепӯшиданд. Ин чодарро кисва меномидаанд ва ҳар

сол дар арафаи иди Қурбон нав мекардаанд. Кисваи куҳнаи рангпаридаро ба савобталабон тақсим карда медодаанд, ки ҳар порчаи тӯморбобаш ба нархи як-ду гӯсфанд паррон мерафтааст.

Якуним метр поёнтар аз лаби бом тахмин ба паҳнoии як газ гирдогирди ҷомаи сиёҳи каъбаро ба шакли лента аз оятҳое пур карда буданд, ки бо зарҳал ва хатти шикастаи арабӣ зич навишта шуда буд. Ҳоло дар ҳавои гарми пешинӣ, дар зери шуои офтоби дурахшон ана ҳамин лентаи зарҳалкории якгазӣ бо нури офтоб ба ҳам омехта буд, ва аз ин масофа агар чашмонатонро нимпӯш карда нигаред, ба назар чунон мерасид, ки гӯё ҳамин ҷои чодари сиёҳ фазои холист ва боми каъба гӯё муаллақ истодааст…

Агар чашматонро нимкоф карда нигаред…

Хӯш, агар бо чашми боз нигаред? Ё бо сабзайнак нигоҳ кунед? Ё аз наздиктар рафта бубинед? Ё пеш аз тулӯи офтоб, ё баъд аз ғуруби он нигаред? Ҳайҳот! Дар ин сурат аз муоинаи «муъҷизаи муборак» маҳрум мемонед.

Дар хона ҳамсафарон машғули суҳбат менишастанд. Акнун ҳама дар як хонача истиқомат мекардем. Мӯйсафедон аз хонаи алоҳидаи бадбӯи ошёнаи якум ҳанӯз пагоҳии арафа даст кашида, чизу чораи худро ба боло кашонда буданд.

Қориҳои куҳансол аз ҳазрати Наримон илтимос мекарданд, ки рубоии дар хаймаи Арафот хондаашонро бори дигар такрор кунанд. Ҳазрат нозкунон нархи худро боло мебардоштанд. Чун таклифи куҳансолонро Қориака тарафдорӣ намуданд, ҳазрат мулом шуда, сатрҳои зеринро хонданд:

*Ҷаҳон ҷому фалак соқӣ, аҷал май,*
*Халоиқ боданӯши маҷлиси вай.*
*Халосӣ нест дар дунё касеро*
*Аз ин ҷому аз ин соқӣ, аз ин май.*

Ба хоҷаи асил офаринҳо гуфтанд. Муддате бо таъсири шеър хомӯш монда, ба андеша рафтанд.

Дар ин асно Махсуми миҷ-миҷдаҳон даромада омад, ва дар кафшкани хона истода, баланд оруғ дод. Дар дасти ӯ нимта тарбуз буд. Аз афти кор, нимтаи дигарашро тоқат накарда, дар ҷои харидааш хӯрдааст. Махсум тарбузро дар болои ҷевон гузошта, рӯяшро бо миёнбанди худ пӯшонда, баъд ба пойгаҳи хона гузашта, ба ҷобаҷокунии чизҳои харидааш машғул шуд. Инро дида, дигарон низ илҳом гирифтанд ва ба ҷобаҷокунии ашёҳои худ даромаданд. Ин кор ҳар рӯз аз тарафи ҳар як ҳоҷӣ камаш се-чор бор такрор мешуд, зеро ба қадри тӯл кашидани сафари муборак миқдори савғотии онҳо меафзуд. Аксари ҳамсафарон, ки бо дутоӣ ҷомадон омада буданд, аз Маккаи мукаррама низ як-дутоӣ ҷомадонҳои нав харидаанд.

Кори банда имрӯз барор кард: барои худ ҷойгаҳи алоҳида сохтам, ки имконият медиҳад аз оқибати талоши ҳаршабаи ҳамсафарон дар болои ҷои хоб эмин бошам. Пештоқи васеи тирезаро ки ба тангкӯча яла мешавад, ҳоҷиён бо ҷомадону халтаву сумкаҳои худ банд карда буданд. Ман зарфҳои рӯи мизи дар кафшкани хона истодаро бар болои ҷевон чидам, ҷомадонҳои дар пештоқи тиреза бударо ба рӯи миз кӯчонидам. Акнун дар як тарафи пештоқ фақат пулсандуқи оҳании Саид Абдулло монд, ки онро ба ҷое кӯчонидан маҳол буд. Бо вуҷуди ин ба пештоқ рӯболо дароз кашида пойҳоро ба болои пулсандуқ гузорам, ҷойгаҳи начандон бароҳат, аммо нисбатан тинҷтаре пайдо мешавад. Чӣ илоҷ? Дар касалхонаҳо беморони пояшон гаҷбаста дар ин ҳолат ҳафтаҳои дароз мехобанд.

Лекин дар ҷойгаҳи нави ман ба шарте хобидан мумкин, ки дар хоб ҳам фавқулода ҳушёр бошед. Чорчӯбаҳои беоинаи тиреза гӯё аз замони халифа Ҳоруннаррашид боқӣ монда бошанд, чунон куҳнаву фарсуда буданд, ки андаке шамол вазад, ё Мулло Ӯроқака, ё худ ҳазрати Наримон дар рӯи хона вазнинтар қадам партоянд, ба ҳазор мақом шақарросу шиқиррос мезаданд. Агар ҳангоми хоб ба тарафи чап саҳле биғелам, ҳамроҳи чорчӯба то ба фарши тангкӯча бе ҳеҷ мамониат парвоз хоҳам кард.

Ба ҳар ҳол аз кордонии худ хурсандам. Дар хонае ки

майдони истиқоматбобаш бештар аз понздаҳ мурабаъметр нест ва дар он бояд ҳаждаҳ нафар ҳоҷии хушқадубаст ҷой бигиранд, гӯшаи алоҳида доштан ғояти некбахтист.

Ҷойгаҳи банда боз як афзалият дорад, ки бояд махсус қайд карда шавад. Ҳамин хонаи танг ба ҷуз мо, ҳаждаҳ нафар ҳоҷиён, аз субҳи содиқ то як-ду поси шаб панҷоҳ-шаст нафар меҳмонони моро бо навбат гунҷоиш медиҳад, ки як-дутоӣ, ё гурӯҳ-гурӯҳ омада, муддаои таъбашон суҳбат карда мешинанд. Аксари меҳмонон муҳоҷирони собиқ ҳастанд, ки ё аз саргузаштҳои худ нақл мекунанд, ё чӣ гуна дар Иттифоқи Советӣ фақат бо карамшӯрбо зиндагонӣ кардани моро пурсида фаҳмиданӣ мешаванд. Мувофиқи қонунҳои нонавиштаи одоб, мо бояд иззати меҳмонро бар ҷо оварда ва аз пеши ӯ наҷунбида, гӯш ба даҳону чашм ба андоми ӯ дӯхта нишинем, то ки хотираш озор наёбад. Ҷойгаҳи навам имкон медиҳад, ки рӯзе ақал-лан чанд дақиқагӣ аз давраи меҳмонон баромада, поҳои худро аз шиканҷаи расму оин дам диҳам.

Қориака мегӯянд, ки авлоди саид Зайниддини Кӯшак бо нисфи муҳоҷирон дар болои биноҳои вақф қозибозӣ кар-да, ногап шудааст. Хӯш, мегӯям ба худам, агар Кӯшак бо ҳамдиёрону хешу табори худ аҳлона мезист, шумораи зиёратгарони мо ба чанд кас мерасид ва аз ҳамон се-чаҳор соате ки ҳоло барои истироҳатамон боқӣ мемонад, боз чӣ қадараш сарфи мусоҳибаҳои мароқангез мегардид. Аз ин хулосае мебарояд, ки низоу нифоқ ҳам гоҳо судманд мешудааст.

Ошнои ҳалвогарам Қӯлдошхоҷа омада, дарҳол ба қис-сагӯӣ даромад: «баъди қулоқ шудан» гурехта дар Каркӣ чанд сол бо ҳалвопазӣ рӯз гузарониданаш, пас соли 1934 чӣ гуна аз СССР фирор карданаш, чӣ тавр бо либоси жан-да, дар сурати ҳезумкаши қашшоқ ба шаҳри мазори Ша-риф[1] расиданашро нақл кард.

– Як андак тилло буд, мулло, – ҳикоят мекард ӯ. – То даме ки дар хоки мамлакат будам, онро қисм-қисм ба ни-

[1] Шаҳре дар шимоли Афғонистон.

фаи шалвор, ба миёнаи куртаи так боб карда дӯхта будам. Ҳамту не? Ана сонӣ, ки аз сарҳад гузаштан лозим шуд, ба дилам гуфтам: «Эҳтиёт шав, Қӯлдошхоҷа, мийяро нағзакак кор фармо, ки агар аз баданат тилло ёбанд, корат чатоқ». Ҳамту не? Одами дилпур мешудагии аз сарҳад мегузаронидагӣ ҳам ёфт шуд. Ана сонӣ аз кунҷи корвонсарой як полони ҷиғда-чиғдаро ёфта, кафонда, тиллоро ба мағзаш ҷой кардам… Хайр, ин ҳама қиссаҳои кухна. Ҳамту не? Ҳай-ҳай, чӣ хуш, ки шумо омадед, мулло. Камина бисёр хурсанд, бисёр сарфароз. Шуморо дида, бародарамро дидагӣ барин шудам. Ҳамту не?

Ҳалвогар вақти рафтанаш Қориака, Темурҷон қорӣ ва маро ба хонааш таклиф кард.

– Иншооллоҳ пагоҳ меравем, – гуфтанд Қориака. – Қӯлдошхоҷа таклиф мекардаанду чаро наравем? Чӣ гуфтед, Мулло Қурбон?

– Албатта, албатта.

… Дар пештоқи тиреза нишаста, ба мардуми тангкӯча назора мекунам. Нисфи шаб шуда бошад ҳам, дуконҳои баққолӣ ҳанӯз яла. Ду нафар аз ҳамсафарони мо дар сари кӯча рост истода, бо шавқ бинӣ мекованд ва роҳгузаронро тамошо мекунанд. Аз рӯзе ки аз Хартум баромадем, ба биниковии онҳо дигар касе кор надорад. Дар ин ҷо ҳама бинӣ мекованд, дар кӯчаву бозор пижама пӯшида мегардад, ҳатто пижама дар тан ба идораи ҳаҷ, идораи полис даробаро мекунанд. Дар сари роҳи калон дар пеши назари мардуми бисёре диккак нишаста таҳорат кардан ҷоиз аст. Мулло Ӯроқака дар Муздалифа паногоҳи дурусте наёфта, ба таки кузови автомобили Ироқ даромада таҳорат карда буд. Дар атроф зану кӯдакон ҳам кам набуданд.

Дар пеши тиреза дар зеҳи девор се кабӯтар мехобад. Ман онҳоро шаби пеш аз Арафот ҳам дида будам.

Ғалмағали бемаҳалли мардум ба кабӯтарон халал мерасонад ва онҳо ғур-ғуркунон ба ҳамдигар ким-чиҳо мегӯянд, гоҳе бол афшонда, ҳамдигарро тела дода, ҷой иваз мекунанд.

Зиндагоние ки чанд рӯз инҷониб мебинам, ба назарам афсона барин менамояд ва ҳар гуна афсонаҳоро ба хотирам мерасонад. Гоҳо ба қаҳрамони афсона рашк мебарам. Агар ман ҳам қаҳрамони ягон матал мешудам, яке аз ин кабӯтарон бо забони одамӣ ба ман мурочиат арда, хизмати худро таклиф менамуд. Мактубе навишта ба вай медодам, ки ба ватанам бибарад. Аз оила ва дӯстонам пайғоме биоварад…

Дар ошёнаи дувум пирамарде сахт сулфа мекунад. Вай сартарош аст ва аз саҳар то шом ба ҷуз он дақиқаҳое ки чилим мекашад ё намоз мехонад, бо адои касби худ машғул аст. Аксари ҳоҷиён ба ҳамин тариқа ҳаҷ мекунанд. Баъзеҳо, ки касбу ҳунари муайяне надоранд, дар мамлакатҳои бегона солҳои сол ҳамолӣ карда, пул мегундоранд, то ки дар роҳи хонаи худо тӯшае ва роҳкирое дошта бошанд. Гаронии музди мусофират дар тайёра, киштӣ ва сайёраҳо яке аз сабабҳои машаққати ҳаҷ аст. Ба маблағе ки сайёраҳои ин ҷо барои 10-12 чақрим меситонданд, дар мамлакати мо аз шаҳре ба шаҳр сафар кардан мумкин.

Пашшаҳои хомӯшак хобиданӣ намемонанд. Ҷонварҳои ғаддор! Хомӯшаки боғот ё саҳрои мо ғингосзанон омада, ақаллан аз наздик шуданаш хабар медод. Аз овозаш ҷои нишасташро тахмин карда, як шаппотӣ фароред, аз хориш халос мешудед. Пашшаи ин ҷо аз худатон сер шуда мераваду фақат баъди он ҷои газидаашро мефаҳмед.

Аламам меояд, ки ду ҳафтаи умрам ба ин тариқа гузашт. Агар ба ман месупориданд, ки афсонаи ҷаннату ҷаҳаннамро ту бибоф, ба ҷои тарозуи гуноҳбаркашӣ тарозуи рӯзбаркаширо ихтироъ мекардам. Вақти беҳуда гузаронида ва умри ба нафъи коре сарфкардаи одамонро алоҳида-алоҳида бармекашиданд. Ва андозаи ҷазою мукофот ҳам мувофиқи ҳамин таъйин карда мешуд.

Дар ҷогаҳи нави худ дуқат шуда, акнун хобидан мехостам, ки Искандар ба суҳбат ҳозир шуд.

– Ҳоҷӣ, – гуфт ӯ. – Имрӯзҳо ҳавоят баланд шудааст. Чаро ба суҳбат ҷеғ намезанӣ?

– Ҳар кор вақту соат дорад.

– Ӯҳӯ, тароша барин дағал шуда истодаӣ-ку. Дӯғ назан, ҷӯраҷон. Ба тақдират тан деҳу кори савоб кун.

– Боз чӣ кор?

– Аз бозе ки ту дар бораи гӯру қиёмат, Одаму Ҳавво лексия мехонӣ, мароқи ман ба ин масъалаҳо меафзояд. Илтимос, боз ягон чиз нақл кун.

– Аз дӯзах ҳикоят кунам?

– Сар кун.

– Дар ҷаҳаннам дарае ҳаст, ки 70.000 бино дорад, дар ҳар бино 70.000 ҳуҷра ҳаст, дар ҳар ҳуҷра 70.000 мори сиёҳ мунтазири ману ту ҳалқа зада нишастааст. Дар шиками ҳар як мор 70.000 хум заҳри қотил ҳаст.

– Ҳай-ҳай-ҳай! Бай-бай-бай!

– Ҷаҳаннам боз 40 гӯша дорад, дар ҳар гӯша 40 мор, дар шиками ҳар мор 330 каждум ва дар неши ҳар каждум он қадар заҳри ҳалоҳил ҳаст, ки 330 хум пур мешаваду боз якчанд тағора мемонад. Либоси ҷаҳаннамиҳо аз миси гудохта аст, дар поҳошон кишани оташин. Мағзи сарашон билиқ-билиқ меҷӯшад. Худованди ғамхор Маликшоҳ ном малоикаашро сардори ҷаҳаннам таъйин карда мондааст. Ҳар мусулмони гунаҳгор об гӯяд, Маликшоҳ косаи оташианро аз хуну фасод пур карда медиҳад... Калонии ҳар як зарраи оташ дар ҷаҳаннам вертолёт барин аст ва гунаҳгорро ки ба оғӯши ин оташ андохтанд, устухонаш таркида, мисли орди дубеза нарм мешавад, аммо худованди раҳим онҳоро боз ҷамъ оварда, ҷон мебахшад ва аз сари нав ба коми мору аждаҳою оташу санг меандозад...

– Қоил ман!

– Ба кӣ? Ба парвардигор ё ба ҳазрати Маликшоҳ?

– Ба ҳар сеяшон: ба парвардигор, ба Маликшоҳ ва ба он касе ки хаёл ва тафаккури одамӣ барин як муъҷизаи беназири табиатро ба ихтирои ҳамин гапҳо сарф кардааст.

– Хайр, қонеъ шудӣ?

– Як дараҷа.

– Боз чӣ мехоҳӣ?

– Саволе дорам.

– Ку, парто.

– Гӯё, гуфта бошанд, ки ба ихтиёри ҳар марде ки ба ҷаннат дохил шуд, 75 ҳазор паридухтар ва 75 ҳазор париписар дода мешавад.

– «Гӯё гуфта бошанд» нагӯ минбаъд. Ин ваъда дар «Нодир-ал-мероҷ» аниқу равшан навишта шудааст.

– Боз хубтар, лекин чӣ гуна иҷро шудани ҳамин ваъда ба каллаи ман надаромада истодааст.

– Пас ҷои ту дӯзах аст.

– Сабр кун, азизам. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки барои чӣ дода шудани паридухтарҳо маълум. Хайр, писарбачаҳоро ҳам ба магазин барои папиросу гӯгирд, ё масалан барои овардани рӯзномаи нав мефиристонӣ. Ё мефармоӣ, ки зуд рӯдаи водопроводро кашола карда, ба фалону фалон кӯчаҳо об пошанд. Хулоса, онҳо низ даркор мешаванд.

– Хӯш?

– Ман фаҳмидан мехоҳам, ки 150 ҳазор духтари соҳибҷамол ва писарҳои хизматгоронрро якбора вобаста карда метавонанд, ё ба қадри пир шуданашон нав карда меистанд?

– Ҳафтафаҳм, дар ҷаннат касе пир намешавад.

– Пас, якбора оварда месупорандат?

– Инашро яқин намедонам.

– Ана ҳамин нуқтаро аниқтар фаҳм. Мувофиқи шунидам, калонтарин донишмандони ин масъалаҳо дар Макка ҷа…

– Маккаи мукаррама!

– …ҳа, дар Маккаи мукаррама ҷамъ шуданд. Ту, азизам, саҳл нагир. Аз кор таъмин кардани 150 ҳазор малоика кори ҳазл нест. Ҳа! Аз таҷриба медонам-дия. Дар хотир дорӣ, боре ба пахтачинӣ рафта будем ва маро якрӯза сардори шумоён таъйин карданд? Ҳамон рӯз шумо, ноаслҳо, шири аз модар хӯрдаамро ба даҳонам оварда будед…

## САЁҲАТ ДАР БОМИ «ФОРД»

Ҳамсояи Қӯлдошхоҷаи ҳалвогар, марди бадқавоқи тирарӯе бо сайёраи сабукраваш саҳарӣ омада, моро савор карда ба меҳмонӣ бурд. Дар роҳ аз кӯчаи серодаме мегузаштем, ки ронанда ба суст кардани суръати гашт водор шуд ва аз ин ҳолат хеле оташин гардид. Иттифоқо ҳоҷие ба зери дасти ронанда афтод ва ӯ алами Исоро аз Мӯсо гирифт: марди заифе, ки аз андом ва шумурда қадам гузоштанаш дардмандиаш баръало ҳувайдо буд, сигналҳои такрори ӯро нашунид. Ҳангоме ки сайёра, ниҳоят, домани ӯро лесида пештар гузашт ва пайкари хамидаи он мард ба тирезаи ронанда рост омад, ӯ мобайни шонаҳои ҳоҷии мусофирро нишон гирифта, му́шт фаровард. Мусофир ба замин парӯ шуд.

Банда ба ғайри ихтиёр ба сӯи ронанда даст ёзонида сайёраро нигоҳ доронданӣ будам, ки Қориака аз остинам маҳкам доштанд. «Вазнин шавед, духтур, – мегуфт нигоҳи маломатомези сардорамон – мудохила ба корубори ин мардум аз вазифаҳои мо нест».

Аз тирезаи пас ба роҳ нигаристам, ки марди дардманд ҳамчунон дароз кашида мехобид ва мардуми атроф шитобон ба сари он бечора ҷамъ мешуданд.

Аҷаб, маро чи қадар муддат лозим аст, ки ба мусофирии худ одат кунам ва пайваста дар ёд дошта бошам, ки ин ҷо Арабистони Суудист ва дар ин ҷо қоида ва қонунҳои хосси он кишвар ҷорианд?

Ҳалвогар ҳамаи ҳунар ва сарвати худро дар рӯи дастархонаш намоиш дода буд. Аммо аз гулуи ман чизе намегузашт. Мизбон аз барори касбу кор, аз ҳавлиҳои қатор, дукон ва занҳои худ беист мелаққид.

– Муллоҷон, – вақти гусел ба ман гуфт ҳалвогар. – Як

бонка оби зам-зам ва як қолинчаи ҷойнамоз медиҳам, иншоолоҳ ба акаам мебаред-дия. Ҳамту-не?

– Майлаш, мебарам. Лекин ҷойнамозатон беҷиҳак-а?

– Беҷиҳак, беҷиҳак… Э шумо воқеаи порсолая гуфта истодаед? Ба гузашта салавот, мулло, ҳамту не?

Агарчанде аз масофаи дувоздаҳ ҳазор километр аз касе ба касе об кашонидан аз нуқтаи назари Аэрофлоти мо ғояти савоб нест, ваъда додам, ки савғотии ҳалвогарро ба Қорӣ Шакар мебарам.

Баъди аср дар таки дари Зайнӣ Кӯшак автобусчаи форд пайдо шуд. Азбаски дигарон бо эҳтиёт кардани лашулуш ва қулф кардани ҷомадонҳошон банд буданд, ману Исрофил ба сайёра аз ҳама пеш савор шудем. Аз боми сайёра, аз болои панҷараи боғоҷмонаки он ҷой гирифтем, то ки баъди чанд рӯзи дар гармо пухтанамон аз шамоли роҳ қадаре баҳра бардорем.

Роҳи Тоифи муборак аз идгоҳҳои дирӯза мегузаштааст. Дар Мино, Муздалифа ва Арафот акнун ҷонзоте набуд. Бод коғазу латтапораҳоро аз замин бардошта, дар осмони фарох сайр мекунонид.

Тоиф дар болои суфакӯҳе, ду ҳазору чаҳорсад фут баландтар аз сатҳи баҳр воқеъ гаштааст. То баромадан аз роҳи кӯҳии морпеч ду маротиба паспортҳо ва иҷозатномаҳоро тафтиш карданд. Дар Тоифи муборак яке аз лагерҳои ҳарбӣ мавҷуд будааст ва қисмҳои ҳавоӣ ва қӯшунҳои заминӣ дар таҳти назорати инструкторони ҳамаҷоҳозираи америкоӣ машқ мекардаанд.

Кӯҳсори Тоиф ҷо-ҷо қуллаҳои паст дошту дара надошт. Чунин менамуд, ки як вақтҳо кӯҳсори ҳақиқӣ будаасту баъд онро то нисфаш регу хок пахш кардааст ва акнун фақат нӯки қуллаҳо аз хок берун баромада истодаанд.

Як виллиси ҳарбӣ аз рӯ ба рӯ омада, дар баробари сайёраи мо қарор гирифт. Дар паҳлӯи шофёри виллис марде дар либоси низомӣ менишаст. Вай бо як даст пайкари чилими бузургеро нигоҳ дошта, бо дасти дигар ҳар замон мили резинии онро ба даҳон мебурд ва як-ду қуллоб дудро ба ҳаво сар дода, ронандаи сайёраи моро саволборон мекард.

Ниҳоят, аз ҷавобҳои муфассали ӯ ки фақат калимаи Зайнӣ Кӯшак ба ман шинос буд, қонеъ шуда, ба роҳи худ рафт.

Аз меҳмонхонаи «Доруссалом» ҷой гирифтем, ки ҷои дурусти хуфтухоб дошт. Маъмури меҳмонхона Ҷӯрақорӣ ном марди 32-солаи забондон будааст: туркӣ, форсӣ, арабӣ ва англисиро хуб медонистааст.

Қабл аз хоб ба долони меҳмонхона барои тамокукашӣ баромадам. Ҷӯрақорӣ маро аз пеши мизи кориаш нишонида, ба забони тозаи тоҷикӣ гуфт:

– Ҳуҷҷатҳоятонро қайд мекардам, тоҷик буданатонро фаҳмида хурсанд шудам. Аз мулоқот басо мамнунам. Камина мухлиси адабиёти форсу тоҷик ҳастам. Алалхусус Фирдавсиро дӯст медорам. Дар ёд доред:

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор,*
*Арабро ба ҷое расидаст кор,*
*Ки тахти каёнро кунад орзу,*
*Туфу бар ту, эй чархи гардун, туфу!*

Оре, дар «Шоҳнома» дар мактуби Рустам ба Саъдӣ Ваққос – ба лашкаркаши бо нияти истило ба Эрон омадаи араб ин мисраъҳо ҳастанд. Лекин ман ҳайрон шудам, ки чаро ин мухлиси Фирдавсӣ аз саду бист ҳазор мисраи «Шоҳнома» маҳз ҳамин ду байтро мехонад? Охир дар мамлакатҳои араб ягона чизе ки ҳар касе мехост аз осори шоир ихтисор кунад, маҳз ҳамин мисраъҳоянд.

Мубоҳисаҳои ғаразнок ба дилам зада буданд. Нигоҳҳои шубҳаомез, муомилаи сарди гоҳо кинаварона, гоҳо таҳқирангез ба мусофири бегуноҳ бас набуд, ки ҳар сари чанд касе аз масъалаҳои сиёсӣ, ё иқтисодӣ, ё адабӣ мунозира кушода, кӯшиш мекард, ки ягон ҷиҳати зиндагонии моро наҳ занад ва ба он лаккае расонад.

Аз таърих ҳар чиз дар ёд доштам, ба кор андохта, гуфтам, ки шоири ватандӯст ба халқи араб кина ё адовате надошт. Боиси эътирози ӯро аз зулми халифаҳо ва он харобию мусибатҳое бояд донист, ки лашкаркашони онвақтаи араб ба сари дигар кишварҳо меоварданд.

Шарҳи ман ба Ҷӯрақорӣ таъсире набахшид. Ҳазрати Алӣ, Амир Ҳамза, Саъдӣ Ваққос ва дигар лашкаркашони ислом дар назари ӯ муаззамтарин симоҳои таърих буданд ва фақат кори хайр мекарданд.

Пагоҳӣ шаҳрро давр задем. Шаҳрчаи Тоиф барои сармоядорони кишвар хизмати манзили истироҳатро адо мекардааст. Аз ҳамаи гӯшаҳои мамлакат дороён, ҳатто хонаводаи шоҳ ба ин ҷо омада, моҳҳои гармои тоқатфарсоро мегузаронидаанд. Муносиби ҳамин аҳолии шаҳр ҳам фақат аз бой ва хизматгор иборат буд.

Исохоҷаи тоҷир моро аз кӯчае дошта, ба хонааш ба меҳмонӣ бурд. Меҳмондории ӯ аз як силсила намоиш иборат буд: хизматгорони қатори даст пеши сина ба тавозӯъ хамида, ду автомобили ялаққосии дар таки дарвоза гузошташуда, рангубори алобулои ҳавлии дуошёна, курсиҳои кунгурадор ва зарҳалкории сохти асри XVll, ки аз таҳтӯлаи кадом як герсог ё барони шикастхӯрдаи Европа ба ин ҷо омадааст, зарҳали асбобҳои рӯзгор ва ҳатто кафшҳои соҳиби хона ва ниҳоят, қиёфаи пурғурури худи мизбон – ҳамагӣ ба ҳам омехта, гӯё аз якдигар пештар барҷаста, бо забони ҳол фарёд мекарданд, ки ҳой мусофирон, бидонед ва огоҳ бошед, ки бахту иқбол, давлат ва салват ин хел мешавад!

Аз бозиҳои хаёлоти одамӣ гардам… Гоҳе аз одами дуппа-дуруст зоча сохта онро чунон масту масрур мекунанд, ки худро муҷассамаи саодат мепиндорад. Зоте аз шӯхиҳои вай ғофил монда, дар кӯлмакчаи лойқа даступо мезанаду гумон мекунанд, ки дар баҳри муаззами мусаффо ҷастухезе, бо мавҷҳои муқтадир ситезе дорад. Дигаре дар банди ҷаҳл асир мондаасту худро сарвари оқилон медонад. Савумӣ тугмаи тирезаи сайёраеро пахш карда, онро болову поин мекунад ва эътимод дорад, ки чархи гардун ҳамин аст ва бо ишорати ӯ давр мезанад.

Ҳам эъҷозкори тавоно, ҳам бозингари ширинкор ва ҳам рақиби бешафқате будааст хаёли одамӣ…

Масҷиди ҳазрати Аббосро зиёрат карда, ба бозгаштан ба Маккаи мукаррама омода шудем. Ҳама мехостанд, ки

то тахт шудани ҳуҷҷатҳо ва иҷозатномаи сафари Мадинаи мунаввара ду-се рӯзи интизориро дар ин шаҳрчаи обу ҳавояш нисбатан сабук гузаронанд. Аммо хабар расид, ки ба Маккаи мукаррама худи ҳамин рӯз баргаштан зарур аст. Дар ин ҷо бегоҳӣ конгресси олами ислом барпо мешудааст ва Қориака, Исрофил ва яке аз мӯйсафедон дар он иштирок мекардаанд. Чуноне ки дар Ватикан анҷуманҳои умумиҷаҳонии католикҳо, дар Лҳаса[1] ҷамъомади буддоиҳо барпо мешавад, дар Маккаи мукаррама низ ин гуна анҷуманҳои олами ислом мешудаанд.

Қориака аз таърихи Тоифи муборак ҳикояте гуфтаанд.

Дар вақташ пайғамбари худо аз таъқиби қурайшиҳо ва соири куффор гурехта, ба ин ҷо паноҳ оварда будаанд. Лекин дере нагузашта, касе ҳазратро шинохтааст. Он гоҳ кофирон бачаҳо ва девонаҳоро фармудаанд, ки расули худоро сангсор кунед.Пайғамбар аз сели сангу кулӯх гурехта ба мағзи ҳо ана он кӯҳ пинҳон шудаанд. Худованд ногоҳ аз тамошои бетарафона дилгир шуда, ҳазрати Ҷабраилро ба кумаки ҳабиби худ фиристодааст.

– Ё ҳабиби парвардигор! – гуфтаанд ҳазрати Ҷабраил дар як он аз Арши Аъло ба кӯҳсори Тоиф расида, – маро халлоқи олам фиристод ва фармуд, ки бо маслиҳати ту кор кунам: агар изн диҳӣ, ҳоло ин кӯҳҳои баландро ба фалак бардошта, ба сари ин қатлабонони қадрношинос биандозам ва димор аз рӯзгорашон дароварам.

– Лозим нест, эй сарвари малоикаҳо ва эй ҳусни беназири Арши Аъло, – ҷавоб додаанд пайғамбар ва ба дарунтари мағораи интихобкардаашон даромада, нағзтар пинҳон шудаанд.

Қориака нақл мекарданду мӯйсафедон роҳравон (мо дар ин асно дар кӯчаҳои Тоифи муборак мегаштем) ашки риққат мерехтанд ва ба даргоҳи худованди карим шукрона мегуфтанд. Банда ҳам ба олиҳимматии он ҳазрат таҳсин мегуфтам, ки боиси бутун мондани ин мавзеъ гардидааст. Дарвоқеъ ҳам агар ҳазрати Ҷабраил ба нозукии қанотҳои

[1] Лҳаса – шаҳри муқаддаси буддоиҳо дар Тибет.

худ нигоҳ накарда, ҳамаи ин кӯҳсори азимро аз бехаш канда ва бардошта, аз баландии якчанд лак фарсах партофта мефиристоданд, Арабистон аз ҳамин ягона гӯшаи серунаш ҳам маҳрум мегардид.

Оре, Ҳазрати Ҷабраил ба камина бисёр маъқуланд. Кас ҷӯра дошта бошад, ана ҳамин ҷӯраи ҳамаи пайғамбарон барин ғамхору вафодор бошад. Ба пайғамбаре мадад лозим шавад, ҳазрати Ҷабраил дарҳол ба хизмат тайёр. Рӯзе ки Муҳаммад мустафо саллалоҳу алайҳи васаллам наберадор шуданд, ҳазрати Ҷабраил аз боло ҳатто момодоя оварданд. Фикру андеша карда нанишастанд, ки охир фариштаҳо ҳама духтарони чаҳордаҳсолаи бокираанд ва ба пеши Бибӣ Фотимаи навзоида ба сифати момодоя овардани онҳо чандон аз рӯи одоб намешавад. Аз қаноти яктааш маҳкам доштанду ба тарафи Мадинаи мунаввара кашола карданд. Рост, ки фариштаро касе надидааст, ва маъхазҳои муқаддас мегӯянд, ки ҳузури акушеркаи осмонӣ ҳамеша ба як тарзи бисёр нозук ҳис карда мешуд.

Ҳазрати Ҷабраил агар ҳавсала кунанд, барои адо кардани якта-нимта хизматҳои майда-чуйда ҳам роҳи 500-соларо баъзан дар чанд соат, баъзан дар як зум тай карда омадан мегирифтанд. Масалан, боре лӯнгии кадом як пайғамбарамонро ҳангоми хобашон шамол кушода, ба як сӯ афкандааст. Ҳазрати Ҷабраил аз осмон махсус фаромада, лӯнгиро баста ва аъзои маҳрами пайғамбарро аз назарҳо пӯшида рафтанд. Гоҳҳо яке аз занҳои пайғамбари охирзамон ба куҷо мондани сӯзану ангуштпонаро фаромӯш карда, онро муддате бенатиҷа кофтуков мекард. Ҳазрати Ҷабраил дарҳол аз осмон фаромада, мушкилро осон мекарданд.

Аз Исрофил ҷӯраи ман ба кас гоҳо зарар мерасад. Вай дина шабона ба ҳамсафарон саёҳати болои боми сайёраро таъриф кардааст. Имрӯз ҷои моро Махсуми миҷмиҷдаҳон, мулло Ӯроқака ва қориҳои ҷавон банд кардаанд. Нисфи ҳамсафарон ҳанӯз дар меҳмонхона буданду онҳо боми автобусҷаро пешакӣ ишғол карда менишастанд.

Аз роҳи морпечи суфакӯҳи Тоиф ба водӣ фаромада будем, ки ҳаво вайрон шуд. Шамоле бархосту осмон тира

гардид. Дар ҳар ҷои биёбон сутунҳои бузурги гирдбод ба рақси девонавор даромад ва хомаҳои регро қабат-қабат бардошта, буттаҳои явшону янтоқро аз бунашон барканда ба осмон мебурд.

Автобусча аз ҳаракат монд. Роҳро аз бероҳа фарқ кардан мумкин набуд. Пайкари «Форд» аз ҳамлаҳои бод меларзид. Сангрезаҳои калонтар ба тиреза ва девораҳои он бархӯрда ҷарагосзанон садо мебароварданд.

Ронанда қарсашро ба сару рӯяш печонида берун баромад ва ҳамсафарони дар болои бом умба шуда хобидаи моро як-як фароварда ба автобусча тиққонид.

– Духтурҷон, ҷои шуморо гирифтем, ҷаддатон доштдия, – гуфт мулло Ӯроқака лои кунҷи лаб ва чашмони худро бо рӯймол пок карда истода. – Хайр, хуб шуд, укаи ширин, дар шамоли бом тамоку кашида намешудааст. Канӣ, аз ҳамон зарҳалдораш бароред, дафъи савдо кунем.

Чанде аз шарикон калима мегардониданд ва дар талаби тараҳҳум ва омурзиш ибодат мекарданд.

Муддате ба ҳамин минвол гузашт. Баъд сутунҳои сиёҳи гирдбод чархзанон ба самти ғарбии биёбон, ба сӯи Маккаи мукаррама дур шудан гирифтанд ва мо дар миёни хокборон аз дунболи онҳо ба роҳ даромадем.

## ДАР ВАСФИ ПУЛ

10-уми май нисфи шаб бедор карда гуфтанд, ки хезед, сайёра муҳайёст, иншооллоҳ, ба Мадинаи мунаввара меравем.

Автобуси «студобеккер» дар сари кӯча мунтазир буд. Дар нуҳ курсии дукасаи қатори чап 27 нафар судониҳо зич менишастанд. Дар ҳамин қадар курсиҳои камбари яккасаи тарафи рост мо дукасӣ ҷой гирифтем. Дар ду паҳлуи ронанда ду зани кӯдакдори чодирпӯш ба фарш шолча партофта нишастанд.

Ба сафари Мадинаи мунаввара се рӯз инҷониб омода будем. Алалхусус имрӯз. Ҳамсафарон ҳанӯз гашти пешин ҷомадонҳоеро ки дар хонаи Зайнӣ Кӯшак бояд амонат монда мерафтанд, гаштаю баргашта такурӯ карданд. Қулфҳоро санҷида диданд. Сардорон бо соҳибони хона барои меҳмондории даҳрӯза дар Макка, Мино ва Арафот ҳисобӣ карданд. Барои ҳамон вермишелшӯрбо ва наҳориҳои ҳастак-нестак, барои ҷои хоб ва хаймаҳои Арафот мизбонон он қадар пул гирифтанд, ки агар аз рӯи инсоф гӯем, ба маблағи якрӯзаи гирифтаи онҳо дар меҳмонхона ва ресторанҳои беҳтарини мо камаш як ҳафта зистан мумкин буд. Аммо аз қиёфати тарҷумон ва кассир ҳангоми ҳисобу китоб аён буд, ки ба мизбонони мо ҳазор далелу бурҳон як зарра таъсир надорад.

Аз ҳисобӣ дере нагузашта дар ҳамаи хонача ва ошхонаҳои бинои чаҳорошёна, ки оилаҳои Зайнӣ Кӯшак ва бародараш Абдулло ва Абдукарим зиндагонӣ мекарданд, қиёмате барпо шуд. Аз доду фарёди занону кӯдакон ва дашному ҳақорати мардон шӯрхоки деворҳо мерехт. Аз тарҷумон боиси ин шӯри ногаҳониро пурсидем, мухтасар ҷавоб дод:

– Музди хизмат тақсим мекунанд.

Шариат аз хона берун шудани овози зану духтаронро манъ мекард. Аммо дар ин ҷо ба таъйиноти китобҳои

муқаддас бо чунин ҳарорати тасвирнопазир таҳрир медароварданд.

Ману Исрофил ба кӯча фирор кардем, то ки даме гӯшамон осуда бошад. Пас аз ду соат баргаштем, ки мубоҳисаи молиявӣ ҳанӯз ба поён нарасидааст. Боз ночор ба саёҳат рафтем. Фақат баъди намози хуфтан норозиён ба тақдир тан доданд ва оромӣ аз нав барқарор гардид…

Дар автобус ҷойгир шудем, соҳибони хона ба гусел баромаданд. Танҳо роҳбаладн доимии мо саид Абдулкарим ба хайрухуш набаромад. Аз пули барои шустагар додаам аз ӯ ҳанӯз ҳашт риёл бақия нагирифта будам. Бечора се рӯз инҷониб мегуфт, ки коғази даҳриёлиро майда карда諸 наметавонад.

Мизбонон дуо карда, ба сафар фотиҳа доданд. Студобеккер аз кӯчаҳои каҷалаки торики Маккаи мукаррама баромада, ба роҳи манзили охирини пайғамбари охирзамон афтод.

– Хайр, умм-ал-қуроъ, модари шаҳрҳо» – гуфтам дар дилам. – Агар бори дигар дидани ту насибам бошад, дар рӯзи некат бубинам. Мақоли қадимаи араб мегӯянд, ки кулли явмин бадтар, яъне аҳволи бани одам рӯз аз рӯз бадтар мешавад, ки беҳтар не. Таърихи куҳан шоҳид аст, ки ин гап дуруст нест. Пас рӯзҳои неки ту ҳам дар пешанд…

Ҳаво торафт серун мегардид. Либосҳои гармтарамонро дар Хартум монда омадаем. Хунук хӯрдам. Духтури ланг як боби саргузашт буд. Акнун ҳамин намерасид, ки шамол хӯрда, касали рӯибистарӣ шавам.

Исрофил ду порча эҳромашро аз сафархалтаи худ бароварда, якеро ба ман дод, ки чорқат карда ба китфам партоям:

– Ба ҳазор даро, Исрофил. Кошкӣ ҳамаи бародарон ту барин меҳрубон мешуданд!

– Хайр, хуб, бихоб.

– Бигӯ, ки ин порча кадом қисми эҳром аст: он ки юбкаат буд, ё он ки ба китф мепартофтӣ?

– Чӣ фарқ дорад? Шустанамро худат дида будӣ – ку!

– Воқеан, акнун ба ёдам расид. Бубахш маро.

Дар Минои муборак гуфта буданд, ки эҳромро кушода, ба камбағале бахшидан савоб бувад. Ман ин маслиҳатро бар ҷо оварда будам. Вале сонитар диам, ки худи маслиҳатгарон, ҳатто Исрофил ҳам эҳромҳошонро ба ҷомадонҳо ҷой кардаанд.

Мулло Ӯроқака шаҳр дода гуфт:

– Эҳроми ҳоҷӣ як чизи табаррук аст, укаи ширин. Ба ватан бурда, каф баринашро ба чаҳор кас тақсим карда диҳед, тӯмор дӯхта сараш ба осмон мерасид. Ба худи ҳоҷӣ бошад, ҳам савоб мерасад, ҳам як чиз… уҳм, уҳм… яъне ки назру ниёз мерасад.

Искандар ҷӯраам бесабаб нагуфта будааст, ки агар хоҳӣ, аз ҳаҷ омада миллионер мешавӣ. Мартабаи ҳоҷиро баланд гуфта таъриф кардан – чизе нагуфтан аст. Дар ҳар қадамат соҳибэътиқодон – дошта бошанд, зару зевар, надошта бошанд, – ҷони худро нисор мекунанд. Як мулло соли баъд аз ҷанг аз ҳаҷ як шиша оби зам-зам оварда буд. Вай то ба ҳамин қарибиҳо ба ихлосмандон оби шифо ҳадя мекарду назр мегирифт.

Дар аэропорти Душанбе иззату икроми ҳоҷишавандаро бо чашми худ дида будам. Ман дар интизории соати парвоз дар гӯшае бо илова ва рафиқонам менишастам. Ба гусел кардани ҳамсафарам мулло Тешабой қариб панҷоҳ нафар мардҳо баромада буданд. Як қисми гуселкунандагони ӯро мешинохтам, ки нонвой, сартарош, фурӯшанда шуда кор мекунанд ё дар бозор аз номи колхоз ва колхозчиҳо бо харидуфурӯш машғул буданд. Тағои ман, ки бо аксари онҳо ҷӯра ва ба мулло Тешабой мурид барин як ихлосманд буд, дар байни ин ду гурӯҳ мокувор рафта меомад.

– Савобталабон ба мулло Тешабой даста-даста пул инъом карда истодаанд, – хам шуда ба гӯшам пичиррос зад ӯ.

– Чаро?

– «Чаро» мегӯяд-а! Таомул ҳамин-дия. Ба шахси ба ҳаҷраванда ҳар кас мувофиқи қудраташ инъоме медиҳад, ки ба шарофати вай ба савоб дохил шавад.

– Ҳа-а-а.

– «Ҳа-а» мегӯяд-а! Агар ту ҳам одами дуруст мешудӣ, ба масҷид даро-баро карда меистодӣ, ҳозир кордат болои равған буд. Ҷӯраҳои ту ҳама ҳо вай Искандар барин маҳмадоноҳои бебизоат. Дар киса як тин несту такаббур бар осмон…

Ситораи тағоиям бо Искандар рост наомада буд. Боре ҳардуи онҳоро дар хона танҳо монда, чанд дақиқа ба кӯча баромада будам. Гашта омадам, ки тағоиям калӯшу маҳсиашро пӯшида, аз зина фаромада истодааст.

– Ҳа, таға, чӣ шуд? Чаро хестед?

– Э, мон-е, боз «чӣ шуд?» мегӯяд-а! Як одам катӣ мана ҳамгап кардӣ, ки… О вай кофири таппа-тайёр будааст-ку!

– Шумо қизиқ, таға, – гуфтам ба ӯ. – То кофиршудани вай чанд муаллим хуни ҷигар шудагию шумо…

Тағоям барои ин эзоҳот бо ман ҳам як ҳафта ногап шуда гашт.

Аммо дар аэропорт ӯ дар бораи фоидаи масҷидравӣ рост гуфта буд. Қориака пеш аз сафар ҳамин ҳоҷиҳоро ба зиёрати масҷиди Маскав бурда буданд. Исрофил кашола кард, ман ҳам аз дунболашон рафтам. То даме, ки биноҳои масҷид, туҳфаҳои ба масҷид додаи доктор Сукарно, Ҷамол Абдуносирро тамошо кардем, ба намози пешин мардуми бисёре ҷамъ шуд. Баъди намоз имоми масҷид эълон кард, ки як гурӯҳ ба ҳаҷравандагон имрӯз меҳмони мо мебошанд.

Бо овози бақуввати таъсирнок ва талаффузи тозаи арабӣ қуръон тиловат кардани Темурҷонқорӣ дар болои бори тавсиф сарбонӣ шуда, шуҳрати гурӯҳи моро то ба афлок бардошта буд. Дар рӯи ҳавлӣ моро қавми масҷид иҳота карда гирифтанд. Як гурӯҳ мӯйсафедон бехабар аз он ки ман дар байни ҳабдаҳ ходими дин ягона хизматгори илм ҳастам, дастонамро бо навбат мефушурданд, ба сару рӯям бо навозиш даст мерасониданд, ба китфҳоям аз ҳар сӯ меҳрубонона даст зада, хайрияти сафар ва роҳи сафед металабиданд. Ва дар айни замон кисаҳои худро кофта, пул дароз мекарданд. ман ба исроҷи онҳо нигоҳ накарда,

пулро намегирифтам. Бо вуҷуди ин вақте ки худро бо азобе аз миёни издиҳом вораҳонида, ба дарвозаи масҷид расонидам, аз кисаҳои паҳлуии пиджакам 22 сӯм ёфтам.

Ба ман пули муфт ҳаргиз намефорад. Ин хурофот нест, гапи хушку холӣ ҳам нест. Ин хулосаест аз таҷрибаи бисёрсола. Агар даҳ тини аз кӯча ёфтаамро ба киса андозам, ҳатман аз сӣ тини ҳалоли худ ҷудо мешавам. Боре дар айёми студентӣ дар вақти таътили тобистонӣ барои камтар пул кор кардан аз тарафи стансияи санитарӣ-эпидемиологӣ ба район ба командировка рафта будам. Вақти ҳисобӣ бухгалтери стансия дар қисми хароҷот барои нақлиёт 25 сӯм (бо пули кӯҳна) зиёд навишт. Зор монад, ё пул ширинӣ кард, ё ба чӣ хаёле рафтаму хап истодам. Рӯзи дигар фотоаппарати ҳаваскории 180-сӯмаам (бо пули кӯҳна), ки он солҳо боиси ифтихорам буд, туъмаи дарё шуд.

Бинобар ин 22 сӯми садақа гирифтаамро ба коғаз печонида, ба киса наандохта, то бе гоҳ дар муштам фушурда гаштам ва ҳамин ки бегоҳӣ Искандар аз кораш баромад ва мо дар ошхона вохӯрдем, пулро ба пеши ӯ монда маслиҳат пурсидам.

– Барои чӣ гирифтӣ? – ба истинтоқ даромад ӯ. – Ман аминам, ки ҳамаи ин пули нафақа ё музди меҳнати ҳалол аст.

– Ман нагирифтаам. Худашон ба кисаам андохтаанд. Тиқилинҷ буд, нафаҳмида мондам.

– Каллаат дар куҷо буд? Ба кисаат ягон чизи дигар ҳам андозанд, «нафаҳмидаам» гуфта, бардошта мегардӣ?

– Э, бисёр оқсаққолӣ накун, лаққӣ! «Ман омадам ба дилхушӣ». Тавонӣ, ягон маслиҳат бидеҳ, натавонӣ аз фикри худам намонам!

Искандар як дашноми ду-се кулочиро гуфту пулро гирифта ба сӯи буфет рафт ва як даста билети лотерея харида омад.

– Ин чӣ мақомат?

– Корат набошад. Ба таки девори каъба ки расидӣ, нағзакак ибодат карда, аз худо илтимос кун, ки ба ин лотереяҳо бурдҳои калон-калон барорад. Баъди баргаштанат бозӣ мешавад. Сонӣ мебинӣ чӣ кор мекунам.

Дар таки девори каъба аз худо дархост кардани бурди лотерея аз ёдам рафтааст. Дар он ҷо камина дар ғами ҷони худам будам, ки мабодо, дар таки пои ҳоҷиёни ба хурӯшомада монда, ба зиёрати боргоҳи осмонии парвардигор ин қадар бармаҳал мушарраф нашавам.

... Чашми рӯз кафид ва мо дар истгоҳе қарор гирифтем. Чойхонаи истгоҳ ҳанӯз кор намекард, вале чойхоначӣ бедор буд. Чанде аз ҳамсафарон аз айвони чойхона офтобаҳои тунукагиро бардошта, ба сари чойхоначӣ рафтанд, ки барои таҳорат об бигиранд. Ман ҳам наздик рафтам. Чуноне ки дар Хартум, дар атрофи ронандаи таксӣ шуда буд, ҳоҷиён дар гирди чойхоначӣ давра гирифта, баҳс мекарданд. Чойхоначӣ обро бепул додан намехост, инҳо ба ӯ дар бораи савоб ва шарофати накукорӣ ваъз мегуфтанд. Ӯ гӯш мекарду не мегуфт. Банда хиҷил шуда, як риёл аз киса бароварда додам ва мунозира ба охир расид ва шаш офтоба аз об пур шуд, ки ба ҳама расид ва зиёдатӣ ҳам кард.

Баъзе хароҷоти майда-чуйдаро гуфта нишастан, албатта, он қадар кори зебанда нест. Хусусан, ки дуним фунти судонии ба кирои таксӣ, ҳафт-ҳашт доллари аз сигареткашии ҳамсафарон барзиёд харҷ кардаам, маблағи казоӣ нест. Аммо ҳарчанд кӯшидам, ки ба сарфакории баъзе ҳамсафаронам аҳамият надиҳам, – боз нашуд. Ғайри ихтиёрам ба ёд мерасад, ки пули сафари инҳоро то як тини охиринаш идораҳои динии Осиёи Миёна, Қазоқистон, Озарбойҷон ва Тористону Бошқирдистон додаанд. Камина ягона аъзои гурӯҳам, ки ба хароҷоти сафар пули меҳнати худро низ ҳамроҳ кардаам. Он маблағе ҳам, ки Вазорати тандурустӣ додааст, пули масҷид нест. Ғайр аз ин, охир, ман ягона касам, ки дар ин ҷо бекор нагаштаам, ба инҳо ба қадри ҳол хизмат мекунам, то ки чамадонҳои дучанд афзуну гаронгаштаи худро сиҳат-саломат ба хона бирасонанд.

Дар истгоҳи дигар моҳибирён харида, бе нон таҳтӯл кардем. Роҳи Мадинаи мунаввара дар як қитъа аз наздикии соҳили шарқии баҳри Сурх мегузаштааст. Аз тирезаи автобус гоҳ-гоҳе халиҷҳои ба домани биёбон сардаровар-да, якта-нимта заврақҳои ба соҳил чаппа карда мондашуда

ё бодбони қаиқҳои дури моҳигирон ба назар мерасид ва зуд ғоиб мегардид.

Автобуси мо бағоят тез мегашт. Ҳар замон аз ягон форд, кадиллак ё мерседеси сабукрав[1] пеш мегузашт. Дар хусуси автобусҳои дигар бошад, ҳоҷати гап набуд. Мо аз онҳо чун ҳавопаймои реактивӣ аз тайёраҳои одии винтумоторӣ гузашта мерафтем.

Зани ду кӯдакдори аз тарафи чапи ронанда ва зани як кӯдакдори аз дасти рости ӯ нишаста – ҳар ду занҳои вай будаанд. Зани тарафи рост ҷавонтар менамуд ва ҳар соат чашмбанди худро боло карда папирос мекашид ва ба шавҳараш низ папирос дуд кунонида медод.

Темурҷонқорӣ суруди арабиро дар бораи чор ёри пайғамбар бо овози баланд замзама мекард. Махсуми миҷмиҷдаҳон якта моҳии аз ношто изофӣ мондаро ба рӯи зонуяш рӯмол паҳн карда хӯрд ва акнун халтачаи ҳалворо бароварда, «обаки дандон» мемакид. Ошнои ҳалвогарам дина «дар сафар мехӯред» гӯён аз ҳалвоҳои турши даҳончаспаки корхонаи худ як халтачаи селофанӣ ҳадя оварда буд. Махсум «бори духтурамонро сабук кунем» гуфт, ҳамон халтачаро ҳамроҳаш бардошта мегашт.

Роҳи асфалт ба самти ғарб майл кард. Биёбони ҳамвор тамом шуда, аз ду тараф кӯҳсори паст сар шуд. Кӯҳҳои ин ҷо ҳамагӣ ҳамин хел паст-пасти теппамонанд будаанд. Бо аксари теппаҳо ё дараҳои хурди сари роҳ нақле ё ривояте алоқаманд будааст. Абдухалилакаи ду карат ҳоҷӣ ба сифати донишманди таърихи ин мавзеъҳо ҳар дам диққати моро ба ягон харсанги аҷоиб ё хоктеппае равона карда, аз ҳадиси пайғамбар ё саргузашти ҳазрати Алӣ, ё худ Амир Ҳамза, ё аз душмани ашадии онҳо Мусайлимаи кофири каззоб[2] ривоятҳое мегуфт.

---

[1] Номи мошинҳои сабукрави хориҷа.

[2] Ҳанӯз дар айёми зиндагии пайғамбар Муҳаммад ибни Абдуллоҳ сардорони чанд қавми дигар низ аз ӯ ибрат гирифта, худро пайғамбар эълон карда буданд. Асвадудайн Мусайлима, Талайҳа бин Холид ва Саҷаҳ ном зани араб аз ҷумлаи онҳоянд. Даъвогарони дигар ва лашкари онҳо дар муҳорибаҳо бо қӯшунҳои Муҳаммад шикаст хӯрда буданд.

– Ҳӯ-ӯ ана ба он харсанг нигоҳ кунед, – мегуфт ҳоҷӣ Абдухалилака ягон харсанги азими дар канори роҳ эҳтимол миллионҳо сол ин ҷониб ғелида хобидаро бо ангушт нишон дода. – Ана ҳамин сангро ҳазрати Алӣ – шери худо аз кӯҳи Қоф истода, ба фалахмони худ андохта, ба сари кофирҳо ғурронидаанд…

– Ана ин ҳавзе ки мебинед, изи суми Дул-дули шуҷоъ мебошад…

– Ҳо-о мана вай кӯҳро Амир Ҳамза бо шамшер зада қалам кардаанд…

Одатан баъди ҳар намоз ё худи Қориака, ё Темурҷонқорӣ, ё касе аз қориҳои куҳансол муддате қуръон тиловат мекунанд. Имрӯз бомдод ҳангоми тиловат қорӣ Зулфиқор реги пеши ҷойнамозашро бо ангушт тит мекард, ки гӯшмоҳие баромад. Пас аз фотиҳа ӯ гӯшмоҳиро ба ҳоҷӣ Абдухалилака нишон дод. Ду карат ҳоҷии мо ривояте гуфтанд, ки мувофиқи он дар ҳамин ҷои намозхондаи мо ҳазору чаҳорсад сол муқаддам дар байни лашкари пайғамбар ва Мусайлимаи баддину бадкешу бадниҳод ҷанги хунине шуда будааст. Кофирон бисёр будаанд ва шикасти мусулмонон наздик расида будааст. Баногоҳ бо амри худо ба лашкари пайғамбар мадад расидааст. Осмон аз уфуқ то уфуқ тира гардида, моҳиёни дарёҳои ҳафт иқлим бол бароварда, ба майдони ҷанг парида омадаанд. Моҳиёни шуҷоъ бо қаноту думу фукҳояшон ба чашми кофирони ғаддор ва уштурони лаънатии онҳо зада, дар як зум ҳамаро кӯр кардаанд. Лашкари ислом ҳамаи кофиронро аз дами теғи адолат гузаронидааст. Инак, гӯшмоҳие ки қорӣ Зулфиқор аз мағзи рег кофта баровард, нишонаи мубораке будааст аз корнамоии селаҳои моҳиёни паррончак, ки аз ҳамон вақт ба дуои расули худо мушарраф шуда будаанд.

– Ҳоҷӣ! Ҳой Ҳоҷӣ!

Ин овози Искандар аст, ки маро аз биёбони хаёлот берун меафканад.

– Ҳа, азизам, чӣ мегӯӣ?

– Ду-се рӯз шуд, ки ба суҳбати шарифат даъват накардаӣ.

*Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт?*
*Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?*

– Ӯҳу, шеър мехонӣ, димоғат чоқ менамояд-ку?

– Алҳамдулиллоҳ. Умедворам ту ҳам хуш ва аз сарнавишт розӣ ҳастӣ?

– Чунон розиам, ки забон аз тасвири андозаи ризоиятам оҷиз аст. Дар сари ҳар намоз туро дуо мекунам, ки некии ба ман кардаат аз худованд ё ҳеҷ набошад, аз ягон фаришта баргардад.

– Хайр, бас! Дуоҳои туро медонам. Нақл кун, се рӯзи охир дар куҷо будӣ, чӣ корҳо кардӣ?

– Дар Маккаи мукаррама будам. Коре накардаам. Ҳамаи ҳамсафарон дар амонӣ ва офияте буданд. Гоҳ-гоҳе беморони дигар наздам меомаданд, дида даво мекардам. Ҷомадони дорувор ним шуд, сабук шуд.

– Боракалло! Боз чӣ корҳо кардӣ? Наход дар ин се рӯз дар Макка….

– Маккаи мукаррама!

– … ҳа, дар Маккаи мукаррама ягон кори ба назар намоён накарда бошӣ?

– Кори намоёнамон ин буд, ки бахшиш медодем.

– Бахшиш? Ба кӣ?

– Ба калоншавандаҳои идоратулҳаҷ, яъне идораи ҳаҷ, барои гирифтани рухсатномаи сафар. Ҳар рӯзи худо кассир, тарҷумон ҳамроҳи яке аз саидон ба он идора мерафтанд. Баргашта мегуфтанд, ки дар идоратулҳаҷ кадом як чархи аппарати ба рухсатнома муҳр мезадагиашон давр назада мондааст. Барои равған молида ба кор андохтани ана ҳамон чарх ба маъмурон сари ҳар мусофир даҳриёлӣ бахшиш додан зарур аст. Азбаски кассаамон умумист ин нуктаро барои маълумотамон хабар медоданд, то ки баъд ведомости хароҷотро дида, ин пул ба куҷо рафт, гуфта напурсем. Демократия-да.

– Ҳа, фаҳмидам. Демократия бошад, маълум.

– Баъд бегоҳӣ низ баргашта мегуфтанд, ки равғанпулӣ нарасидааст. Боз бахшиш додан лозим, вале ин дафъа – ҳафтриёлӣ. Таомул ҳамин бошад, чӣ чора? Розӣ мешудем. Дар хотират бошад, гуфта будам, ки ҳанӯз дар Ҷаддаи муборака гурӯҳи мо ба ду тақсим шуда буд: ба тошкандиҳо ва қазониҳо. Мо, тошкандиҳо, дар бадали ду рӯз чаҳор маротиба бахшиш дода, сиҳат-саломат рухсатнома гирифтем. Аммо шаш нафар қазониҳо рӯзи савум ҳам боз сериёлӣ бахшиш доданд.

– Ин имтиёз ба чӣ вобаста будааст: ба табиати қазониҳо, ё фазилати маъмуроне ки ба онҳо вобаста шудаанд?

– Ба хаёлам, ин аз ҳамон асрори нозукест, ки вақти соати кашфаш нарасидааст.

– Шояд. Хайр Ҳоҷӣ, исто ки дар Арабистони Суудӣ будани худро дигар фаромӯш накардӣ?

– Ду бор фаромӯш шуд. Сабил монад, аз фаромӯшхотириам қариб буд, ки фоҷиае сар занад, Калоншавандаҳо аз Тоифи муборак омада, ба конгресси олами ислом рафтанд. Дигарон – ба сайри кӯчаву бозор. Банда сигаретаро оташ дода, ба зина баромадам ва дар ҳамон ҷои мурии тамокукашии ману мулло Ӯроқака рост истодам. Ногоҳ шарфаи пой ба гӯшам расид. Ба боло нигаристам, ки ҷавонзане аз қабати чаҳорум мефарояд. Классикҳо дар шеърҳояшон дилбарони сарвқомату симинтан, моҳпайкару оҳучашмро таъриф кардаанд-ку… Худи ана ҳамон ҷавонзани нозанин буд. Ман, ки бо хаёли Ватан, оила ва ёру дӯстонам банд будам, дар куҷо буданамро лаҳзае фаромӯш кардаам. Охир дар мамлакатамон ягон духтар ё зани соҳибҷамолро бубинӣ, чуноне ки ба асри зебои санъат ё ягон манзараи хушрӯи табиат бе ҳеҷ ғараз, бо ҳусни таваҷҷуҳ менигарӣ, аз тамошои вай даме баҳра мебарӣ, барои ин туро касе маломат намекунад.

– Ғайр аз янгаҳо гуфтанӣ ҳастӣ, албатта.

– Албатта, янгаҳо истисно… Банда, ки ҳанӯз дар қайди парешонӣ будам, беихтиёр ба ҷавонзан салом додаам. Ӯ бо ишораи сар алек гирифт. Аммо алек гирифтан замоно ба

худ омад ва рӯи худро ба чодираш панаҳ карда «қиф» гӯён ба сарам дод гуфт. «Қиф» ё «қаф» гӯён дод мезаду ба поғундаи зинаи хокӣ пой мекӯфт. Фақат баъди ҳамин ҳушам ба ҷояш омад ва нимсӯхтаи сигаретаро аз телбагӣ ба киса андохта, чолокона ба хона даромадам. Ба фарёди ҷавонзан аз болову поён ду-се зани дигар тозон омаданд. Муддате ба қабри бобою модаркалонам хишт кашонида пароканда шуданд.

– Хайр, ҳеҷ воқеа нашудааст-ку.

– «Ҳеҷ воқеа нашудааст». Агар дар ҳамон асно ягон шариатшинос пайдо мешуд, ҷӯраи туро аз хона кашон-кашон бароварда сангсор мекарданд. Ё агар раҳм кунанд, ба зиндони адолаташон меандохтанд, ки бинобар таърифҳои ошнои ҳалвогарам, – -Ту бояд ҳафто нон ё як шиша коняк худоӣ кунӣ, – мегуфт Искандар.

– Рӯзи дигар дар каъбатуллоҳ ҳазрати Наримон вақти намози пешин ба саҷда рафта, дигар сар набардоштанд. Худат медонӣ, ки намози пешин даҳ ракъат мешавад, аҳволи ҳазратро дар Шереметево дида будӣ. Азбаски ба саломатии ҳар як ҳоҷӣ бо сари худ ҷавобгар шудаам, ночор намозро вайрон карда, ҳайкали думетрии ҳазратро аз болои реги тафсон бо азобе ба сояи айвон кашола кардам. Намоз ба охир расида-норасида атрофамро ҳомиёни шариат печониданд ва ба дашному дағдаға даромаданд. Ҳазрати Наримон беҳолона ба сутун такя карда менишастанд ва маҷоли ҳарфе гуфтан надоштанд. Банда калимаҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва арабиро ба ҳам омехта, фаҳмонданӣ мешудам, ки мо аз зарурат тарки намоз кардаем. Ман табиб ҳастам, ин мард гарчи хоҷаи асил аст, қалбаш заиф ва худ мариз аст ва ғайра ва ҳоказо. Суде набуд. Гирдомадагон ҳамчунон дашном медоданд, ҳатто як араби пири кӯса, ки офтобаи чӯяние дар даст дошт, мушти қоқ ва офтобаи гаронашро дар ҳаво таҳдидкорона алвонҷ медод ва гоҳ-гоҳе мушташро гӯё банохост ба сари китфу бозувонам мерасонид. Хоҷаи асилро бошад, дар айни замон бо лагад мезад. Хайрият, як ҳамшаҳрии муҳоҷирам, ки ба хонаи Зайнӣ Кӯшак

омада мерафт, аз кучоe пайдо шуд ва ба мобайн даромада, ҳақиқати ҳолро ба бародарони барошуфтаи мо фаҳмонида дод.

Аз бағали ҳазрати бемор дошта, сӯи манзил мерафтаму ҳикоятҳои туро дар бораи сели кӯҳистон ба ёд меовардам. Ту мегӯфтӣ, ки солҳои пеш ба деҳаи ту ҳар баҳор сел меомадааст ва боғу майдону хонаҳои ба сари роҳаш вохӯрдаро хароб карда мерафтааст. Чуноне ки як вақтҳо худат дида будӣ, гаҳвора, самовор ва болорҳои дар рӯи мавҷҳои кафкин лаппас задаравандаро ман ҳам гӯё дар пеши назар дидам.

– Боз ҳафт нони дигар худоӣ мекунӣ. Таомул ҳамин аст, ҳоҷӣ, худат хуб медонӣ…

## АЛ-МАДИНАТ-УЛ-МУНАВВАРА

Ин шаҳри чилҳазорнафарӣ сарфи назар аз хурдиаш, сермасҷидтарин шаҳри олам аст, аз афти кор. Чунин менамояд, ки аз мӯрии ошхона дида, манору гунбази масҷид зиёдтар аст.

Яке аз хизматгорони Маҳмуд Султони самарқандӣ, дар истгоҳи автобус моро пешвоз гирифта, бору бунамонро ба харароба бор карда, худ ба пеш даромад. Мо дар ин шаҳр дар хонаи хӯҷаини ӯ хоҳем зист. Вақте ки ҳанӯз дар Маккаи мукаррама будем ва ба иди қурбон тайёрӣ мерафт, Маҳмуд Султон ба хонаи Зайнӣ Кӯшак сар халонида бо Қориака дар хусуси истиқоматгоҳи инҷоии мо аҳду паймон баста буд.

Маҳмуд Султон писари яке аз рӯҳониёни давлатманди Самарқанд – Эшони Султонхони машҳур будааст. Падараш дар арафаи револютсия вафот кардааст. Писари зирак аз рафти шамол пай бурда рамаҳои чорво, молу мулки нақдина ва ҳашт ҳазор таноб[1] киштзори падарро, ки дар сари роҳи Панҷакент, байни Пули Муғоб ва Боғи Зоғон воқеъ будааст, «ихтиёрӣ» ба ҳукумати нав супурда, бадар кандааст. Баъди сарсонию саргардониҳои дусола оқибат дар Озарбойҷон аз сарҳад гузашта, аввал ба Эрону Туркия, сонӣ ба Арабистон омадааст.

Камина дар ватан гоҳо ба одамоне вомехӯрдам, ки мардум ба тавсифи онҳо ибораи «аз таки дор гурехта» – ро кор мефармуданд. Он ибора ба ҳар ҳол маҷозан истеъмол мешуд. Акнун шахси аз таки дори ҳақиқӣ гурехтаро бо чашми худ медидам.

Маҳмуд Султон мардаки 70-солаи қадпасти бақувват ва хело серҳаракату сергап будааст. Он рӯзҳо вай 800 нафар ҳоҷиёни Эрону Афғонистонро дар ҳавлиҳои худ ҷойгир

[1] Бист ҳазор гектар.

кунонида, онҳоро аз хӯрок, ҷои хоб ва нақлиёт таъмин менамуд. Шабу рӯз садои ҷарангосии мӯйсафед гоҳ аз кӯчаву гоҳ аз рӯи ҳавлиҳои даруну берунаш шунида мешуд, ки чаҳор зан, се писар ва хизматгорони сершумори худро як нафас ором нагузошта, кор мефармуд.

Мо дар ҳавлии беруни ӯ ба се хонаи хурди алоҳидаи ҳамшафат ҷо гирифтем. Дар хонаҳои дигари ошёнаи якум ва болохона ҳоҷиёни афғон ва эронӣ мезистанд. Баъди сафари роҳи панҷсадкилометрӣ ақаллан андаке нафас рост накарда, ба зиёрати масҷиди набӣ, яъне пайғамбар шитофтем, ки оромгоҳи ҳазрат низ он ҷо будааст. Дар кӯчаҳо – ҳоҷиёни се қитъаи олам. Ҳамон шавқуну сурон, ҳамон тиқилинҷ ва ҳамон доду валвалае, ки дар Маккаи мукаррама буд.

Масҷиди пайғамбар басо калон будааст ва бо саҳни беруниаш тақрибан се ҳазор касро мегунҷонидааст. Бинои масҷидро аз хишти пухта беҳтарин намунаҳои санъати меъмории шарқро истифода бурда сохтаанд. Фарши масҷид ва суфаҳои онро бо мармари тоза пӯшида, ба рӯяш қолинҳо густурдаанд.

Моро ба гӯшаи ҷанубу шарқии масҷид бурданд. Ин ҷо мақбараи дару деворҳояш қуббакорӣ, кошинкорӣ ва зарҳалкорӣ кардашуда ва аз нақшу навиштаҷоти гуногун фаровони пайғамбар воқеъ гашта буд.

Маҳмуд Султон роҳбалад буд. Ӯ ба дари якуми мақбара рӯй оварда бо овози баланд гуфт:

– Ассалому вас-салот, эй нури пок!

Ҳама дар паси ӯ истода такрор карданд:

– Ассалому вас-салот, эй нури пок!

– Ассалому вас-салот, эй ҳабибуллоҳ!

– Ассалому вас-салот, эй валиюлазим!

– Ассалому вас-салот, эй раисалуламо! – ва ғайра ва ғайруҳу.

Маҳмуд Султон дуое хонд, ҳама омин гуфтанд. Ҳоҷиҳои қабл аз мо омада, ба муқобили дари дигар гузаштанд ва мо ҷои онҳоро гирифтем. Дар рӯ ба рӯи ҳар як

дар «Ассалому вас-салот», дуохонӣ, фотиҳа ва омингӯӣ такрор мешуд.

Мутаввоф аз наздикии суфаи табарруке ки дар вақташ расули худо бо саҳобагони худ нишаста, намоз мехонданд ва тақдири қабилаҳои мусулмоншудаву ношударо аз ҳамин ҷо бо як имои бурут ҳал мекарданд, ҷой холӣ карда дод. Сипас худ аз паи кораш рафт, то ки гурӯҳи дигари ҳоҷиёнро дохили савоб бинамояд. Дар интизории намози шом қориҳо зери лаб пичирросзанон ба муроқиба рафтанд. Камина ороиши бои мсҷидро тамошо мекардам.

Дар китобе дар зимни сухан гуфта мешуд, ки дини насронӣ дар таърихи дуҳазорсолааш ба инсоният нафъ ҳам овардааст, яъне Рафаэл, Ҷорҷоне, Микеланҷело, Андрей Рублёв ва дигар устодони бузурги айёми таҷаддудро ба эҷод кардани асарҳои ҷовидонии санъат дар мавзӯъҳои динӣ илҳом бахшидааст. Ман масҷиди бузурги ҳазрати Аббосро дар Тоиф, масҷиди қаъба ва ана ин масҷиди пайғамбарро дида, ба хулосае омадам, ки ҳамон фоидаи гӯё ба санъат овардаи дин ҳам баргашта ба худаш хизмат кардааст. Касе ки ба ривояти эҳёи ҳазрати Исо, ба ҳикояти дар шаш рӯз коинотро сохтани парвардигор ақаллан андаке бовар мекунад, баъди тамошои он шоҳасарҳои санъати тасвирӣ ё муддате ибодат кардан дар калисоҳои ҳашаматнок – монанди калисоҳои муҳташами Париж, Маскав, Рим, Киев ё Лондон – дар эътиқоди динии худ боз устувортар мегардад.

Касе ки ба ривояти дар як шамшер задан сари 200 касро аз тан ҷудо кардани ҳазрати Алӣ – шери худо бовар мекунад, маҳобати масҷидҳои бузург ба ӯ айнан ҳамин гуна таъсир мебахшад.

Ҳофизони тоҷику ӯзбек пештар савти Муноҷотро бо шеърҳои ба худову расулу «дунёи охират» бахшидашуда месароиданд. Дар оҳанги муъҷизакори Муноҷот, ҳамчун дар осори Иоҳанн Бах[1], он қадар ҷозиба ва маъниҳои

[1] Иоҳанн Себастян Бах (1685-1750) – бастакор ва арғунуннавози машҳури немис, ки асарҳои ӯро дар калисоҳои насронӣ бисёр иҷро мекунанд.

амиқи шӯрангез ва риққатомез ҳаст, ки агар онро ҳатто шахси дудилашуда ҳам мешунид, тавбагӯён худро баргашта ба пояи минбари воиз меандохт.

Аз шахсе ки ривоятҳои диниро бе лабханди ҳаҷвомез гӯш карда наметавонад, савол кунед: оё дар масҷид ё калисоҳои калон будӣ ва агар буда бошӣ, чӣ гуна ҳиссиёте дар дилат пайдо шуд? Шахси ростқавл бошад, хоҳад гуфт, ки ба риққат омадам. Оре, санъати меъмории ҳайратангези биної масҷиду калисоҳои калон, оҳанги пурасрори мусиқӣ, ё хониш, ё тиловат, низоми ботамкини маросими ибодат – ҳамаи ин санъат аст, нури хиради худи ҳамон инсони эъҷозкори заминист, ки бехабар аз қудрати беинтиҳои худ ба кадом як қуввати мавҳум саҷда мебарад…

Садои кашокашу фарёди зане пинаки ҳамаро парронд. Ҳоҷиён аз муроқиба сар бардошта, ба пеш нигоҳ карданд, ки як тӯда одамон дар таки минбари нақшини воиз мунокишае барпо кардаанд. Ду зани чодирпӯш номаълум дохили масҷид шуда, то ба минбар расидаанд, ки дар тарафи ғарбии мақбара, тахмин даҳ қадам дуртар аз он сохта шудааст. Занҳо зоҳиран ният карда будаанд, ки пайғамбари худоро аз наздиктар парастиш ва сӯгворӣ кунанд, дар таки минбари муборак намози шом бихонанд. Аммо хизматгорони масҷид аз ин сӯиқасди азим дар вақташ огоҳ шуда, занҳои густохро тела дода-тела дода аз ҳарам пеш мекарданд. Занҳо муқобилат нишон медоданд, дар бораи савоб, раҳму шафқат ҳар чизи донистаашонро мегуфтанд, вале чаҳор марди тануманд бар ду зани муштипар ба осонӣ ғалаба карданд.

Пайғамбарамон аҷаб як тинати мураккабе доштаанд-дия. Ҳазрат кам не, зиёд ҳам не бисту ду нафар зану каниз доштанд, то охири умр аз хизмати зану канизакҳои сершумор розӣ буданд, бо вуҷуди ин дар қонун ва қоидаҳои кашф кардаашон назар ба ҷонвари одии хонагӣ қадре баландтар гузоштани мартаба ва қадру қимати занҳоро ҷоиз надонистаанд. Худи ҳазрат ҳам аз модар таваллуд ёфтаанд, аммо дар қуръони шариф бо хати заррин навиштаанд, ки «зан аз ҷинси паст буда, дар назди илоҳӣ қурбу манзалате надорад».

Ё шояд мо, ворисони дури ҳикматҳои он ҳазрат хато мекунем? Шояд андозаи ранҷу озоре ки пайғамбар аз ҷинс ба эшон расидааст, камтар набуд? Дар воқеъ, агар қуръони маҷид ва ривоятҳои муқаддасро бодиққаттар мутолиа кунед, хоҳед дид, ки занҳо ва ҳатто арӯсони пайғамбар ба сари ҳазрат басо нороҳатӣ ва ташвишҳо овардаанд.

Боре ҳазрат дар либоси мурассаи домодӣ ба яке аз хонаҳои сершумори худ мерафтанд. Роҳравон риши худро бо панҷаҳо масрурона шона мезаданд. Риши ҳазрат он вақт аз мошубиринҷӣ гузашта, ба биринҷи сапсафеди ягон-ягон мош омехта монанд шуда буд. Ҳазрат қадамзанон фикр мекарданд, ки ҳозир арӯси навашон, ки духтари яке аз муқаррабон буд, чӣ гуна эшонро бо навозиши латифи дилбарона пешвоз хоҳад гирифт.

Ба хонаи арӯс ворид шуда диданд, ки дар ҳақиқат ҳам дар муқобилашон духтари нозанине ба по рост истодааст. Аммо аз таъзиму тавозӯъ дараке нест. Аз чашмони арӯс нури меҳру садоқат не, балки оташи кинаву адоват меборад. Чуноне ки ҳазрат мепиндоштанд, духтарак кабӯтари маъсума не, модашери ғурроне буд.

– Чаро омадӣ? Зуд баро, тез бирав, ки суммоти шуматро набинам! – ин буд аввалин калимоте ки ҳазрат аз забони арӯси ошӯбгари худ ба ҷои навозиш шуниданд. Ҳазрати солҳои охир ба нусратҳо одаткардаамон аз ин муомила шах шуда монданд.

– Ба риши сафеди худ боре назарат наафтод? Кайҳо наберадор шуданатро аз ёд бурдӣ? – ҳамчунон дӯғу дағдаға мекард арӯси исёнгар ва дод мегуфт: – Оҳ, фалак! Ба ин қабоҳату ин разолат то кай тоқат мекунӣ?!

Ҳазрат шитобон аз хона баромада, бо хотири парешон ба назди саҳобагони худ равон шуданд, ки ҷумла дар ин ҷо дар рӯи ана ин суфаи табаррукӣ менишастанд.

– Ҳазратам парешон менамоянд, – боодобона изҳори андеша кард яке аз саҳобагон. – Магар арӯс маъқул наафтод?

– Арӯс беҷо нест, – гуфтанд ҳазрат аз пешгоҳи суфа нишаста. – Моро бисёр хуш пазироӣ намуд ва изҳори муҳаббат кард. Аммо дӯстам Ҷабраил аз Арши Аъло ҳукми ол-

лоҳи таолоро расониданд. Соҳибамон фармудааст, ки расули мо бо ин оҷиза, ҳарчанд ки аз хонаводаи поку наҷиб аст, набояд омезад. Амри худованд ҳатто барои мо, ки ҳабибаш ҳастем, воҷиб бувад.

– Ҳаққо, ки амри оллоҳ воҷиб аст!

– Оллоҳу акбар, оллоҳу акбар! – аз ҳар сӯ баланд шуд овозҳо.

– Кироммиам Абӯбакр, – рӯй оварданд пайғамбар ба яке аз саҳобагони худ, ки баъд аз сари ҳазрат халифаи нахустин шуда буд. – Хоҳиши мо ин аст, ки шумо он духтарро ба хонаи падараш бирасонед.

Дарвозаи шаҳрро бастан мумкину даҳони мардуми кунҷковро не. Пас аз чанд рӯз асли воқеа дар Мадинаи мунаввара овоза шуд ва одамон он духтарро ба номи Арӯси ошӯбгар шуҳрат доданд, ки бо ҳамин унвон ӯ ба ривоятҳо даромада, овозааш то ба рӯзҳои мо расидааст.

Бале, ин гуна воқеаҳо дар умри муборaки пайғамбар хеле такрор шудаанд. Қиссаи завҷаи ҳазрат Биби Оишаро намегӯед? Духтари Абӯбакр, яъне духтари яке аз чор ёри босафои пайғамбар ва зани никоҳии расули худо шуда истода, ба Сафвон ном ғуломи ҳамсинии худ дил дода буд! Ишқварзии Бибӣ Оиша ва Сафвон аввалҳо аз чашми мардум пинҳон буд. Лекин баъди он ки ошиқу маъшуқ аз корвони уштурҳо дар биёбони самти ҷануби Мадина ҷудо шуда, як шабонарӯз дар кадом гӯшаи дашт гум шуда рафтанд ва сарбозони бисёре ба ковтукови онҳо баромаданд, ин қисса дигар ба даҳони мардум афтод.

Пайғамбарамон дар газаб шуда, пои худро аз хонаи Оиша канданд. Ҳама гумон карданд, ки акнун кор тамом, ҳабиби худо Оишаро бароварда пеш мекунанд, сари ҳазрати Абӯбакр ба замин хам мешавад. Аммо Бибӣ Оиша зани соҳибҷамол буд. Пас аз ним моҳи ин ҷанҷол як саҳарӣ одамон аз хонаи Бибӣ Оиша баромадани пайғамбарро диданд. Ин хабар ҳам зуд дар шаҳр паҳн шуд. Ҳамон рӯз ҳабиби худо ҳангоми суҳбати пешинӣ нигоҳҳои саволомезу қадаре норозиёнаи муқаррабонашонро пай бурда гуфтанд:

– Дина сарвари малоикаҳо ба назди мо омада буданд. Оллоҳи таоло ба Ҷабраил фармудааст: Бибӣ Оиша гуноҳ надорад ва ба ароз карда гаштани ҳабиби мо дигар эҳтиёҷ нест.

Эзоҳоти пайғамбарро шунида, ҳама нидоҳои таҳсин ва тақвият баланд карданд:

– Ҳамди бешумор бар оллоҳи акбар!

– Сано ба соҳиби раҳмону раҳими мо!

– Ҳаққо ки хости худованд воҷиб аст!

Баъд пайғамбар ҳамин воқеаро бо шаҳру баёнаш, ба дувоздаҳ оят даровarда, ба қуръони маҷид дохил карданд, то ки ҳам даҳони бадгӯён баста шавад, ҳам ба наслҳои оянда сабақ гардад. Сабақ ба он маънӣ, ки шавҳарон минбаъд аз занҳо талаб кунанд, ки аз ҳамаи мардҳои номаҳрам рӯяшонро пӯшида доранд. Чодар, фаранҷӣ, парда, чапонча, чашмбанд ва ғайра аз фармоишоти ана ҳамон оятҳо ба дунё омада, ба расму оини занҳои мусулмон дохил шудаанд ва аввал хотири пайғамбар, пас хотири мардони дигарро аз қасди бади Сафвонҳо, аз ишқ ва муҳаббат барин чизҳо андаке ҷамъ сохтаанд...

Дар паҳлуи қабри Муҳаммад намози шомро хонда, ба хонаи Маҳмуд Султон баргаштем.

Ҳоҷӣ Иброҳими хуҷандӣ ва ҳоҷӣ Исмоили қазонӣ ба дидани мо омаданд. Ҳоҷӣ Исмоил марди навчаи қоқбадан ва бузриш буд. Вай мисли арабҳо либос пӯшида, ранги пӯсташ ҳам аз боду афтоби гарми Арабистон монанди арабҳо сиёҳгун шуда буд. Ҳоҷӣ Исмоил дар идораи чоҳҳои оби Мадинаи мунаввара нозир шуда кор мекардааст. Вай аз ҳамсафарони тотору бошқирди мо дар бораи Тотористон, Қазон, зисту зиндагонии ҳамдиёронаш пурсуҷӯ мекард.

Ҳоҷӣ Иброҳим бошад, аз дидани мо шод будани худро изҳор дошту бо ҳамин хомӯш шуд. Пирамард аз қабили одамоне будааст, ки онҳоро савол дода, ба гап меандозед. Аз саргузашташ пурсидам. Гуфт, ки соли 1932 аз ватан баргашта, шаш сол адр Афғонистон зиндагӣ кардааст. 25 сол инҷониб дар Мадинаи мунаввара мебошад. Фикри ду-

бора хонадор шудан ҳеҷ гоҳ ба сараш наомадааст, зеро ёди зану фарзанд ва хешу ақрабояш як дам ӯро тарк намекунад. Дар растаи баззозони Мадинаи мунаввара бисту ду сол дукондорӣ мекард. Аммо се сол муқаддам тарки касбу кор карда, ҳоло вақти худро дар ҳарам бо тоату ибодат мегузаронад….

Аз кӯфтагии роҳ барвақт хобидам. Ҳамаи шаб хобҳои берабти гоҷ медидам. Гӯё дар рӯ ба рӯи институти тиббӣ, дар сари кӯчаи ба номи Ленин – дар паҳлуи дукони сабзавот ман ҳам дуконе кушода, кока-кола ва персикола мефурӯхтаам. Искандар ба ман дастёрӣ мекардааст. Лекин падарқусур ҳам кумак мерасонидаасту ҳам вақте ки харидоре аз ҷумлаи духтурон ё студентони шинос биёяд, чашми маро хато карда, номаълум ба гӯши онҳо: «Ана аҳволи ҳамкасбатонро тамошо кунед» гуфта масхара мекардааст.

Ман бошам, барои ҷалб кардани одамон қасдан ба забони арабӣ фарёд мекашидаам:

– Ишриб борид! Кӯкола! Кӯкола! Маринда!...

Пагоҳии рӯзи дуюм ба автобусе савор шуда бо роҳнамоии эшони Маҳмуд Султон ба зиёрати мавзеъҳои муқаддаси Мадинаи мунаввара рафтем. Автобус аввал дар пеши devори пастаке қарор гирифт. Ин ҷо қабристони машҳури ин диёр Ҷаннатулбақия будааст. Дар таки девори похсагин тақрибан чил нафар ҳоҷизанон худро ба чодирҳошон печонида менишастанд. Онҳо то даме ки пои мардҳои зиёратгар канда нашавад, дар ин ҷо навбати худро мунтазир менишастанд.

Қабрҳои муқаррабон ва ворисони пайғамбарро як-як зиёрат кардем. Дар сари қабри халифаи савум ҳазрати Усмон ва духтари пайғамбар ҳазрати Бибӣ Фотима дуою фотиҳа махсусан қуюқ шуд. Аз таъсири муҳит ва нақлҳои эшони Маҳмуд Султон ва ҳикоятҳои Қориака ҳамаи ҳамсафарон зор-зор мегиристанд. Дар болои қабри ҳазрати Бибӣ Фотима, ки модари имом Ҳусайн ва имом Ҳасан мебошанд, як гурӯҳ эрониҳо мӯйканону рӯйканон мегиристанд ва хоки қабристонро ба сар пошида, баланд навҳа мекарданд. Камина худро дар дилам коҳиш мекардам, ки

ин қадар сангдил ҳастам ва дар чунин як мавзеи муборак аз чашмонам заррае ашк намерезад.

Қориака дар сари яке аз қабрҳо таваққуф карда гуфтанд:

– Дар ин ҷо зани шарифае мадфун аст, ки меҳри пайғамбарамон Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам ба ӯ тамоюли махсусе дошт.

Қориака дар ин ҷо низ дуою фотиҳа хонданду аммо номи он зани шарифаро ба забон нагирифтанд. Гап, дар бораи Зайнаб мерафт: одатан падарони рӯҳонӣ аз ин нукта сухан оғоз шавад, ба суҳбат чандон бо рағбат ширкат намекунанд ва ҳол он ки қиссаи Зайнаб мароқангез аст ва аз ин сабаб дар қуръони маҷид низ дар чанд калима акс ёфтааст.

Гап дар ин ки боре пайғамбарамон ба хаймаи писархондашон Зайд аз чӣ сабаб бошад, қаблан овоз набароварда дохил шуданд ва диданд, ки келинашон Зайнаб оббозӣ мекунад. Ҳазрат ҷавонзанеро ба ин соҳибҷамолӣ ва боз бараҳна дида, дақиқае гаранг шуда монданд. Сипас ҳуши парокандашудаи худро бо машаққате гирдуғун карда, ба худованд мурочиат карданд:

– Ҳазор аҳсан ба ту, эй офаридгор, ки махлуқеро ба ин гуна зебоӣ ва фаттонӣ халқ кардаӣ. Ба чунин муъҷиза фақат худат қодирӣ.

Дере нагузашта, пайғамбар писархонди худро розӣ кунониданд, ки ба Зайнаб талоқ диҳад ва ӯро ба ақди никоҳи муборакы худ дароварданд.[1]

Ба кӯҳи Уҳуд рафтем. Дар ин ҷо мақбараи 73 шуҳадо, яъне 73 нафар шаҳидон воқеъ гаштааст. Дар вақташ 120 нафар пайравони пайғамбар дар ин мавзеъ бо лашкари ҳазору дусаднафарии кофирон рӯ ба рӯ омада, 73 нафарашон шаҳид шуда бошанд ҳам, оқибат ғалаба кардаанд. Шамшери муъҷизаноки ҳазрати Алӣ – Зулфиқор ба ёдам

[1] Дар нақле гуфта мешавад, ки пайғамбар писари худро ба ин иқдом маҷбур намудаанд. Ин ривоят ба ҳақиқат бештар мувофиқ бошад ҳам, оҳанги он аз одоби мусулмонӣ дур аст.

расид: вай дар ғилоф бошад, ҳамагӣ ду газ дарозӣ дошта-аст ва агар шери худо онро аз наём баркашанд ва ба сари душманон ҷавлон диҳанд, то дусад газ бузург мешудааст ва дар ҳар зарба каллаи дусад кофирро аз тан ҷудо карда, ҷони онҳоро рост ба ҷаҳаннам ба командировкаи доимӣ мефиристодааст. Аспи ҳазрати Алӣ Дул-дули забондони хирадманд ва шердил ба хотирам расид, ки лозим шавад, масофаи байни Шому Чинро, яъне байни уқёнуси Ором ва Баҳри Миёназаминро дар як мижа задан тай мекардааст. Агар худо накарда аҳволи лашкари ислом ба танг ояд, ташаббусро ба дасту пойҳои худ гирифта, худро ба фавҷи куффор мезадааст ва аз куштаҳои онон пуштаҳо месохтаает…

Дар гӯшаву канораҳои ҳар як зиёратгоҳ саррофон менишастанд. Мо риёлҳоро ба онҳо дода, танга мегирифтем. Дар ҳар зиёратгоҳ то сад нафар садақаталабон буданд, ки аз як гурӯҳи ҳоҷиён ба гурӯҳи дигар давида ва онро ҳалқасон печонида, то ҳамаи қурушҳоро наситонанд, ҳоҷиёнро ба ҳоли худ, ё ба тоату ибодат намемонанд. Пули майда аз кисаи бахшишталабон боз ба косаи мисини сарроф мерехт ва риёлҳои коғазӣ ба кӯлворчаи садақагирандагон. Аз садои «бахшиш! Ҳаҷҷӣ, бахшиш!» гӯши ҳоҷӣ як дақиқа ором намешуд. Аз ин анъана ҳама судманд буданд: ҳам саррофон, ҳам бахшишталабон, ҳам ҳоҷиёне ки бори кисаҳошон сабук гардад ҳам, боғи имонашон аз меваҳои таскиновар пурбор мешуд.

Дар паҳлуи кӯҳи Уҳуд ду-се дукони баққолӣ буд. Махсуми миҷ-миҷдаҳон аз он сӯ як чизи кадушаклеро ба сари синааш пахш карда, ҳар дам бо кačкорди худ аз он чиз як қаламӣ бурида, хӯрдаравон меомад. Чизе ки ӯ мехӯрд, тарра будааст ва таъми бодирингро доштааст.

Исрофил инро дида, низ ба дукон рафта, як мушт резинкаи америкоӣ харида омад. Пас аз дақиқае нисфи гурӯҳи мо резинка мехоид. Ин чиз ба ман маъқул афтод: ҳангоме ки ҷоғатон меҷунбад, ҳар гуна фикрҳо аз сар дур ва дил аз ғусса озод мешудааст. Резинхоӣ фақат ҳамин қадар ҷиҳати номатлуб дошт, ки аз чеҳраи шахси кавша-

кунанда нури хосси қиёфаи инсон андак дуртар мегурехтааст.

Қориака дар болои қабри Ваҳшӣ Мерган ривояте гуфтанд. Ваҳшии кофир мергани басо моҳир будааст. Ба тавсифи ӯ ҳамин қадар гуфтан кифоя будааст, ки масалан аз Мадинаи мунаввара истода, чашми чап ё рости мӯрчаеро ки дар кӯҳсори Тоиф аст, бехато мезадааст. Як кофирзане, ки писари ӯро сарлашкари ислом Амир Ҳамза кушта будаанд, ба Ваҳшӣ Мерган инъоми бисёре дода, хоҳиш кардааст, ки сарлашкарро кушта ҷигари ӯро ба ӯ гирифта диҳад. Ваҳшӣ Мерган ҳамин тавр кардааст. Кофирзанак ҷигари Амир Ҳамзаро хом хӯрда, дили қасосталабашро таскин додааст.

Чашмони қориҳои ҷавони мо ҳангоми шунидани ин ҳикоят аз барқу шуълаҳои ҷанговарона медурахшиданд ва худи қориҳои ҷавон дар ҷои истодаашон беқаророна пой мекӯфтанд. Агар дар он лаҳза дар ҳамин қарибиҳо лашкари куффор мешуд, аминам, ки ба набудани Зулфиқор ва Дул-дул нигоҳ накарда худро ба майдони корзор меандохтанд.

Он рӯз инчунин панҷ масҷидчаи ба ҷои аввалин намозгоҳҳои пайғамбар паҳлуи ҳамдигар сохташуда ва масҷиди Қуборо зиёрат кардем. Қабл аз ворид шудан ба масҷиди Қубо Қориака таъкид карданд, ки мартабаи ин мавзеи муборак басо баланд аст ва онро фақат баъди каъбатуллоҳ дар ҷои дувум номбар кардан лозим аст.

Дар пеши меҳроби масҷид ду ракъат намоз хонда шуд. Ҷӯраи ман Мулло Исрофил қуръон тиловат кард. Баробари аз ҷой бархостан имоми масҷид давон омада гуфт, ки бахшише бояд бидиҳед, то ки ҳаҷҷатон қабул гардад. Азбаски риёл тамом шуда буд, ҳоҷӣ Абдухалилака ба ӯ чанд доллар дод. Дуо гирифтем.

Пас ходими дигари масҷид омад. Гуфт, ки ӯ мутаваллист. Ӯ низ чанд доллар гирифта, дуои ғафсе кард.

Ҳангоме ки аз зинаи Қубо мефаромадем, боз як ходими масҷид пеши роҳамонро гирифт ва гуфт, ки ба хотири қуръони шариф бахшиш бидиҳед. Далели ӯ басо зӯр буд ва

ҳамёни умумии гурӯҳамон боз андак сабуктар гардид. Хайрият, пешсафони гурӯҳ қадаммониашонро тезониданд, вагарна шумораи мансабҳо ва чизҳои муқаддасе ки сазовори бахшиш бошанд, дарвоқеъ ҳам аз пули дар кассаи мо монда калонтар буд.

Вале ҳуҷуми ҳақиқии бахшишталабон дар пеш будааст. Тақрибан 60 нафари онҳо ки аксарашон бачаҳои 12-13 сола буданд, ба гирди ҳоҷиён баробар тақсим шуда, ҳаққи худро талаб мекарданд. Агар пули тангаи пешакӣ тайёр кардаамон тамом шавад ва «қуруш мафӣ», яъне қуруш нест гӯем, онҳо ба ҳоламон нагузошта, ба сӯи сарроф кашола мекарданд.

Дар ин ҷойҳо олами капиталро «олами озод» меноманд. Дар олами озод Арабистони Саудӣ аз ҷиҳати сарват дар поёни рӯихат нест. Вай дар захираи нафт ҷои дувумро мегирад. Ҳар сол ширкати Арамко[1] то 80-90 миллион тонна нафти ин кишварро кашида, бо қубурҳое ки аз ҷанубу шарқи нимҷазираи Арабистон то ба соҳили баҳри Миёназамин тӯл мекашанд, ба бандарҳои баҳрии Лубнон мекашонад ва аз он ҷо ба киштиҳо бор карда, ба Европа бурда мефурӯшад. Як қисми пули нафт ба ҳамёни муборакӣ шоҳ меравад, қисми зиёдаш ба кисаи амакҳои аз он сӯи уқёнусомада. Бесабаб ҳам шоҳ Сауд пас аз миллиардерҳои ШМА дар номгӯи давлатмандтарин сармоядорони «олами озод» ҷои чаҳорумро намегирад. Аммо мегӯянд, ки ба аълоҳазрати шоҳ ҳам осон дониста намешавад. Дар хонаводаи ӯ фақат аз шоҳзодаҳои асил 350 нафар ҳастанд, ки агар шумораи автомобилҳои сабукрави ҳар кадоми онҳо, худо нокарда, аз даҳ адад кам шавад, рӯзи ҳамаро бо ҷанҷолу хархаша сиёҳ мекунанд.

Пагоҳӣ дар чорраҳаи марказии шаҳр ғалтаки тахтагини кабели электрро дида, ҳамин чизҳо ба ёдам расида буд. Ғалтаки кабелро, ки дар мамлакати мо одатан шикаста ҳезум мекунанд, дар ин ҷо ба миёнаи чорраҳа рост монда,

[1] Аз ихтисори калимаҳои «Арабико-Амирекэн компания» – Ширкати нефти Арабистону Америка.

дар болояш чатреро устувор карда буданд. Ғалтаки кӯҳна мебоист вазифаи истгоҳи полис ва зинати маркази чорраҳаро адо мекард.

Акнун лавҳаи бахшишталабиро дида, боз ҳамон рақамҳои иқтисодӣ ба хотирам омаданд.

Дар байни бахшишталабон мардҳои якдаста дида мешуданд, ки остинҳои холиашаонро дар шамол алвонҷ дода, аз тӯдае ба тӯдае медавиданд. Инҳо барои дуздӣ аз даст маҳрум шудаанд. Дар ин ҷо кас ба андозаи чоряк динор (даҳ риёл) чизе бидуздад, кифоя аст, ки як дасташро бибурранд. Қуръони маҷид, агар фаромӯш накарда бошам, дар ояти чилудувуми сураи панҷумаш фармудааст:

«Дасти дуздро, хоҳ марду хоҳ зан, аз оринҷ боло буридан шояд, то ки мо (яъне аз худованди раҳим) ба ӯ панде бирасад».

Агар дуздӣ такрор шавад, пандро ҳам такрор мекунанд, дасти дигарро низ мебурранд. Касе намепурсад, ки чаро дуздидӣ, чӣ шуд, ки ба ин ҳоли табоҳ расидӣ? Қонун чу фӯлод сахт ва ҳамчу алмос тез аст:

– Меваи дуздидаат чанд риёл арзиш дошт?

– Даҳуним риёл, ҷаноб.

– Пас, дастатро ана ба ин ҷо, ба рӯи кунда бигузор. Ана ҳамту, ҳа, боракалло…

Солҳои пеш зиёда аз нисфи бенавоёне ки ба ин тариқа дарси тарбият мегирифтанд, ҳалок мешуданд. Ҷаллод дастро мебурриду ба он тарафаш коре надошт. Ё аз шоридани хуни бисёр гунаҳгор ҷон ба ҳақ таслим менамуд, ё ба ҷароҳати тоза чирке расида, боиси вайрон шудани хун ва ҳалокати серазоб мегардид.

Акнун бо маслиҳат ва кумаки бародарони америкоӣ духтурон ба иҷрои ҳукм назорат мекардаанд. Дар як тарафи кундаи қассобӣ ҷаллод истода даст мебуррад, дар тарафи дигар духтур истода йод мемолад ва ҷароҳатро медӯзад. Ин навигарӣ бори нахуст дар қаламрави ширкати «Арамко» таҷриба шуда буд, ки аксари бародарони америкоӣ дар ҳамон ҷо гирд омадаанд. Аз он ҷо ба дигар шаҳрҳои кишвар ҷорӣ шуда рафт.

Эҳтимол, ягон рӯз намояндаи Штатҳои Муттаҳида аз минбари Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида ё ягон минбари баланди дигар баромада талаб кунад, ки ин некии онҳо низ дар феҳрасти накукориҳои ба халқҳои шарқ кардаашон ба оби тилло қайд карда шавад. Аҷаб нест. Олами ҳодис, гуфтаанд…

Хаставу гурусна ба манзил баргаштем. Чӣ хуш ки шӯрбои сергӯшти болаззате тайёр будааст. Аммо дар ин ҷо воқеае рӯй дод, ки дергоҳе аз лавҳи хотирам намерафт. Бо мо, шаш нафар сокинони ҳуҷраи савум, шаш коса шӯрбо оварданд. Лекин хизматгори ҷавон овардани қошуқро фаромӯш карда буд. Се нафар ҳамсафарони мо дарҳол нонро шикаста, бо оби шӯрбо тар карда хӯрдан гирифтанд. Нон тар карда мехӯрданду дам ба дам косаро бардошта, шӯрборо пуф мекарданд, то ки зудтар хунук шавад ва аз лаби коса ҳурт кашида тавонанд. Вале шӯрбо гарм буд ва лабу даҳони ҳоҷиёнро месӯзонид. Он гоҳ косаро хашмгинона ба ҷояш мемонанд ва бесаброна ба дари ҳуҷра нигоҳ мекарданд, ки хизматгор кай қошуқ меоварда бошад. Хизматгори гаранг ҳам гӯё қасдан мекарда бошад, ба зудӣ наомад. Ниҳоят, вай пайдо шуд ва як даста қошуқро ба рӯи дастархон ҳаво дод. Се ҳоҷӣ қошуқҳоро бар ҳаво чунон устокорона дошта гирифтанд, ки яктояш ба замин наафтид. Хизматгор аз ин саҳна завқ карда, қоҳ-қоҳ хандид ва хандакунон бадар рафт.

Исрофил аввал бо сараш ба сӯи онҳо ишора карда, ба ман табассум намуд «Ҳунарро дидӣ?» мегуфт ӯ гӯё. Сонӣ чеҳрааш тира шуд, қошу қавоқаш овезон гардид. Ба нону шӯрбо даст нарасонида, муддате ба шифти хона нигоҳ карда паст-паст сулфакунон нишаст.

– Марҳамат карда бигӯед, ки, – оқибат ба сухан даромад Исрофил якбора ба ҳар сеи ҳоҷиҳои чобукдаст муроҷиат карда, – пеш аз сафар ба мо чиҳо таъйин карда буданд? Ин чӣ коре буд, ки ҳозир кардед? Оё фикр накардед, ки вай бача дар ҳаққи мо чӣ мегӯяд?

Ҳоҷиҳо ба нутқи бағоят адабӣ ва боадабонаи ноиб-ураиси худ бо сари хам гӯш дода, хӯрданро давом медо-

данд. Фақат Мулло Тешабой, ки яке аз он се нафар буд, лаҳзае аз болои коса сар бардошта, ба Исрофил бо тааҷҷуб нигарист ва дарҳол хам шуда, ба кори худ машғул гардид.

Исрофил баромада рафт.

То ба ҳамин қарибиҳо дар болои хӯрок, ҷои нишаст ё хоб кӯдакона талош кардани ҳамсафарон, ё дар сари дастархону кӯчаи серодам баҳузур бинӣ кофта нишастани онҳоро дида ғусса мехӯрдам. Чанд бор мудохила кардам. Суханам гӯё таъсир мебахшид ва авзои шунавандагон тағйир меёфт, аммо баъди соате медидам, ки боз ҳамон Аҳмади порина. Боз Махсуми миҷ-миҷдаҳон ё Мулло Тешабой яктагӣ офтобаро ба таки болинашон руст карда мехобиданд, то ки бомдод аз ҳама пештар таҳорат кунанд. Боз ягон кас ё дар кӯча, ё дар хона консерви ананас ё нимшишаи кока-коларо аз дасти шарикаш ҳанӯз ӯ ҳаққи худро нахӯрда, қариб чанг зада мегирифт…

Акнун ин гуна ҳодисаҳоро бинам, худро нодида вонамуд мекунам. Қориака раиси гурӯҳанд. Исрофил – ноиб-ур-раис. Ба ғайр аз ин, ҳар кадоме аз ин қориҳо дар диёри худ, дар музофоте, ё масҷиде худро омӯзгори одоб шуморида мегардад. Хайрият, ки дар байни мардум мақоли «Гуфтаи муллоро куну кардаашро накун» нағз паҳн шудааст. Дар бораи муллою эшонҳо боз ҳазорон мақоли дигар ҳаст. Агар аз сад як ҳиссаи ин зарбулмасалу мақолу ҳикмату латифаҳо ба ҳамкасабаҳои ман дахл медошт, то ҳоло аз нангу ғусса мекафидам. Сарашону равғанашон. Ҳамватанони ман дар Ватананд.

Бо ҳамин гуна мулоҳизаҳо мисли Исрофил ба аломати эътироз аз шӯрбо даст накашидам. Шӯрборо хӯрда берун баромадам. Исрофил дар рӯи ҳавлӣ наменамуд. Вай дар чойхонаи назди ҳавлии Маҳмуд Султон ба гӯшае нишаста, чою нон мехӯрд. Ба пешаш рафта нишастам. Фармуд, ки боз як пиёла биёранд. Муддате сокит будем.

– Бачаҳоятро ҳоло хурдсол гуфтӣ-а? – ниҳоят пурсид Исрофил.

– Ҳа, калониаш дар синфи чорум мехонад. Охир ту аз ман шаш сол калон, боз барвақт ҳам хонадор шудаӣ.

– Писари ман иншоллоҳ олими калон мешавад. Аҷаб не ки аллкай олими калон ҳам шуда бошад. Намегӯяд-дия. Мумкин набудааст, – Исрофил дақиқае ба андеша рафт. Кадом як чизи гувороеро ба ёдаш оварда, худ ба худ табассум кард. Мӯйлаби маллатобашро хушҳолона сила карда монд ва гуфт: – Ҳамин қадар медонам, ки аз ким-чӣ хел як алангаи ҳарорataш бисёр баланд қувваи электр ҳосил карда, онро дар мушакҳои кайҳоннаворд истифода мекардаанд. Ту ҳамин хел як чизро шунидаӣ?

– Айнан ин хелашро не. Ман шунидаам, ки аз алангаи сӯзишвории махсуси баландҳарорат ҷараёни электрро гузаронида, ба ин васила як навъ электромотори навро ба ҳаракат медароранд.

– Шояд ҳамон бошад. Ман аз ин гуна масъалаҳо кам воқифам… Худоро шукр, пагоҳ ба Ҷаддаи муборака меравем, аз он ҷо ба Хартум, – банохост оҳи сабуке кашида гуфт Исрофил.

Оре, зиёрати Мадина ба поён расид, пагоҳ ба Ҷаддаи муборака меравем.

Ҳамсафарон ба ҳарам рафтанд. ман дар ҳавлӣ мондам. Зарур бошад, намозро дар ҳамин ҷо ҳам хондан мумкин.

Дар сояи дарахти баланди хурмо, ки дар миёни ҳавлӣ расидааст, як мӯйсафеди афғон ба такаш дуто хишти хом гузошта, чашмони аз биниш мондаи худро бо кафи даст пӯшида нишастааст. Вай дар болохона истиқомат мекунад ва дар зарфи ин ду рӯз чанд бор дидам, ки аз зинаи начандон дароз палмоскунон то се-чаҳор маротиба дам гирифта мебарояд. Бечора диққи нафас доштааст. Ҳангоми зинабароӣ хиш-хиши гулуяш то ба ҳавлиҳои ҳамсоя мерасад. Бо ҳамин аҳвол чандин ҳазор километр масофаро тай карда, ба ҳаҷ омадааст.

Як рӯз бо телевизор занеро аз зали суд нишон дода буданд. Вай ба мазҳаби Панҷоҳрӯзиёни дини насронӣ ихлосманд шудаасту бо иродаи сардори рӯҳонии мазҳаб писарчаи дусолаи худро ба қурбонӣ додааст. Ҳар дафъа, ки банда ин қабил одамонро мебинам, фикр мекунам, ки агар садоқати устувори ба ҳар гуна ғояҳои мавҳум доштаи бани

одамро дар як муддати кӯтоҳ ба ҷараёни дигар – ба ҷараёни барои ҳаёти имрӯза ва фардоинаи рӯизаминӣ судманд андохтан мумкин мешуд, ҳамаи оламро дар як ҳафта ба гулистони Ирам табдил додан мумкин буд. Аммо, ҳайҳот, зиндагонӣ як тӯда зиддият асту бас.

Ҳоҷиёни афғону эронӣ дар рӯи ҳавлӣ ҷунбуҷӯле доранд. Офтобаҳоро аз чалак ва хумҳо пур карда, ба кунҷҳои ҳавлӣ, ба паси деворҳо меравaнд ва таҳорат карда омада, ба хонаҳо медароянд. Ҳама гӯё дарди ҷонкоҳе пайваста озорашон медода бошад, бо рӯйҳои турш, қавоқҳои овезон ба сари сина чашм дӯхта ва поҳои худро гӯё базӯр кашолакунон мегарданд.

Кӯчаҳо ва майдонҳо, ҳавлиҳо ва растаҳо аз одам пур, вале аз ягон гӯшае садои ханда, ҳазлу мутоиба, ҳатто ашӯла баланд намешавад.

– Лабан! Лабан! Лабан! – фарёд мекашад чуғротфурӯше дар кӯча. Аз онсӯтар ба ӯ фурӯшгори дигаре ҷӯр мешавад, ки низ моли худро таъриф мекунад.

## ВАЪДА БА ФАРДО

Пагоҳии 13 май вакилони мо ҳамроҳи Маҳмуд Султон ба идоратулҳаҷ рафтанд, ки барои сафари Ҷаддаи муборака иҷозат бигиранд. Вале иҷозат набудааст. Сабабашро ҳам нагуфтаанд. Ваъда ба фардо додаанд.

Акнун ба ҷуз соатшуморӣ дигар коре нест.

Чоштгоҳ ҳоҷӣ Иброҳим омад. Як ҳамшаҳриашро ки дукони китобфурӯшӣ доштааст, ба назди Мулло Тешабой овард. Китобфурӯш барои хешовандонаш савғотӣ овардааст: як қуттичаи пур аз дастпона, ангуштарин, бозубанди нуқра ва марҷон. Вай аз Мулло Тешабой илтимос мекард, ки ин чизро ба ватан бурда ба Ленинобод ба хеши ӯ бирасонад. Баъд ҳар ду дар бораи ҳусну кубҳи нашрҳои чопӣ ва дастнависҳои гуногуни Қуръони маҷид суҳбат сар карданд. Ману ҳоҷӣ Иброҳим ба чойхонаи назди ҳавлӣ баромада, соате чой нӯшида нишастем. Пирамард бағоят камгап бошад ҳам, бароям беҳтарини ҳамсуҳбатон буд, ки дар ин кишвар дучор кардаам: ӯ ягона касе буд, ки меҳри ба ватан доштаашро, пушаймонии худро аз ғарибии ихтиёркардааш пинҳон намедошт; дар бораи ватани собиқи худ бадгӯӣ намекард. Равшан буд, ки ба ивази хатои содиркардааш аз он ки мувофиқи адлу инсоф ҷазо медиҳанд, сад маротиба зиёдтар азоб кашидааст.

... Дар хонаи сақфбаланди деворҳояш аз дуд ва гузашти замон сиёҳшуда, ки рӯзона ҳам гӯр барин торик аст, танҳо менишинам. Дар Судон ба сайри кӯча баромада, бо мардуми ношинос, вале кушодарӯю меҳрубони он ҷо ҳамсуҳбат шудан ба кас нашъае мебахшид. Дар ин ҷо ба кӯча бароед, ғуссамаргатон мекунанд. Ба мусофирон нописандона муносибат мекунанд. Зоҳиран, ҳамеша дар ёд доранд, ки шашяки аҳли дунё мусулмон аст, Маккаву Мадинаи онҳо маркази олами ислом ва худашон пояҳои он мебо-

шанд. Ба ҳоҷиёни беруна ҳамчун ба саҳроиёни гӯлу гумроҳ беэътиноёна нигоҳ мекунанд. Ба ин гуна муомила тоқат овардан мумкин, аммо саволҳои бемаънои буҳтонмезашон ҳар навъ косаи сабрро ҳам лабрез мекунанд:

– Чаро шуморо маҷбур мекунанд, ки гӯшти хук хӯред?

– Чаро кас агар каллапӯши айвончадор напӯшад, ба кор қабул намекунанд?

Ва ҳоказо.

То ҷавоб дода, ҳақиқатро ба мийяи пурсанда ҷой мекунед, ки хуни ҷигар мешавед.

Баъзе пурсандаҳо баинсофтаранд. Аз саволи тухматомез ба ҳаяҷон омада гап заданатонро дида, аз кори худ пушаймон мешаванд ва сулҳҷӯёна узрхоҳӣ карда, аз дилатон баровараднӣ мешаванд. Дина як баққол пурсид, ки чаро дар СССР динро манъ кардаанд. Расо ним соат ҷоғ зада фаҳмонидам, ки манъ накардаанд, ҳар кас хоҳад ба масҷид меравад, хоҳад дар хонааш тоату ибодат мекунад. Динҳои мусулмонӣ, насронӣ, яҳудӣ, буддоӣ ҳама баробар озоданд ва ҳар кадом ба сари худ вуҷуд дорад. Баққол мутаассирона гӯш карда истоду дар анҷоми суҳбат сарашро ба қаҳр ҷунбонида хитоб кард:

– Амрико хабис!

Ду рӯз боз ҳис мекунам, ки дар Мадинаи мунаввара аз паси аъзоёни гурӯҳи мо чанд кас назорат карда мегардад. Шояд дар Маккаи мукаррама ва Тоифи муборак ҳам назорат мекарданд, вале камина пай намебурдам. Як кас ҳанӯз дар Макка гуфта буд ки ҳар сол баъди ҳаҷ ва ба ватан баргаштани ҳоҷиён ҳукуматдорон ҳар шахсеро ки бо ҳоҷиёни мо ақаллан як бор ҳамсуҳбат шудааст, чанд маротибагӣ ба идораҳои худ ҷеғ зада, истинтоқ мекунанд: «Ту чӣ гуфтӣ?», «Вай чӣ гуфт?» – гӯён пурсуков мекунанд. Баъзеҳоро, то се-чор моҳ ба ин сӯву он сӯ кашола карда, овора менамоянд.

Аҷабо, ба чӣ асос аз ҳоҷиҳои мо шубҳа мекунанд? Агар аз ман мепурсиданд, хотирашонро ҷамъ карда мемондам.

Мегуфтам, ки хавотиратон беҳуда аст. Баръакс бояд шодию сарфарозӣ кунед, чунки ҳамаи ин бародарон дӯстони шумоянд. Агар аз ин ҳам ошкортар гӯем, гумоштаҳои идеологии шумоянд. Оё касе ки дар кишвари худ ғояҳои шуморо паҳн карда мегардад, оятҳои қуръон ва ривоятҳои ғароибро тарғиб мекунад, дӯсти бегумони шумо нест?

Аз шахси ман шубҳа кунед, гапи дигар. Афту андоми ман ба нозирон равшантар далолат мекунад, ки шахси камэътиқод ҳастам. Хусусан, ки баъди тамошои манзараи Арафот, қурбонӣ ва сангандозӣ ба шайтон дигар худро ба намозхонӣ бо кӯшиши зиёде маҷбур мекунам. Яке аз сабабҳои аз ин хонаи торик наҷунбиданам низ ҳамин аст.

Аммо дар кунҷи нимторики хона ҳам аз назорат бебаҳра намондаам. Пешинӣ дафтарчаамро бароварда, доруҳои сарфшударо рӯйхат мекардам. Охир қисми зиёди таблетка ва ампулаҳо ба табобати дардмандони дигар мамлакатҳо сарф шуд. Бухгалтерҳои мо одамони хуб бошанд ҳам, ба ҳар ҳол бухгалтерия-дия. Ақаллан аз кадом кишвар ва вилоят будани беморони берунаро ба ҳар эҳтимол қайд карда мемонам, то ки агар рафту лозим шавад, рӯйхати дурусттари расмии ҷадвалу хоначадор сохта, ба ҳисоботи худ илова кунам. Ана бо ҳамин кор банд будам, ки яке аз хизматгорони эшони Маҳмуд Султон омада ба наздам нишаст.

– Духтур, ин қадар навис-нависатон мӯл? – гуфт ӯ ва камина фаҳмидам, ки кайҳо боз ба кору бори ман мароқ зоҳир мекардааст. Метавонистам ба ӯ чӣ навиштанамро бигӯям, ё хонда, ё нишон диҳам, ки агар тавонад, худаш хонда осуда шавад. Лекин қиёфаи чоплусона, дурахши маккоронашро дидаму гарданғафсиам даст дод ва қасдан гуфтам:

– Баъзе маълумотҳои муҳимро қайд карда мемонам, ки аз ёдам набарояд.

– Ҳа, ҳа, нағз, – гуфт ӯ сарашро тез-тез ҷунбонида ва дар

айни ҳол чизеро фикр карда. Ба мийяаш, аз афти кор, ягон саволи нави бамаънӣ наомад, ки хайр, гӯён баромада рафт.

Мани хомхаёл ба Арабистон фотоаппарат ҳам бардошта омадаам. Хайрият, ки онро аз кунҷи ҷомадон наҷунбондаам.

Ба хонаи ҳамшафат ҳамсафарон омаданд. Пештар ин ду хонаи ҳамсоя аз мобайн даре доштааст. Ҳоло ба ҷои дар зич тахта зада монданд. Матрасеро ба такам партофта, аз матраси дигар болине сохта ба замин ёзидам ва аз бекорӣ ба суҳбати калосонсолон гӯш додам:

– Қорӣ, сақанқур харидед?

– Як бонка гирифтам. Лекин сабилмонда заҳри мор барин қимат будааст-дия.

– Канӣ, як бинам... Ӯҳ, ҷудо бадафт мешудааст-ку. Беҳтар ин ки кас талқонаашро харад.

– Эшони Маҳмуд Султон гуфтанд-ку: нокӯфтааш тоза. Ба талқонаш ноаслҳо орд ҳамроҳ мекардаанд.

– Ҳа, дар воқеъ, ҳамту гуфта буданд.

Мароқи ҳоҷиёни солхӯрдаи мо ба сақанқур ҳосили суҳбати дишабаи эшони Маҳмуд Султон аст. Дишаб соҳиби хона ба суҳбати ҳамсафарони мо омада, аз саргузаштҳои худ шаммае нақл карда буд. Вай баъди супурдани молу мулки падар дар арзи ду сол дар сар то сари Россия бо се паспорти харида овардагӣ карда, хеле воқеаҳоро аз сар гузаронидааст.

Дар Аштархон ба духтаре ошиқ шудааст. Тоторкампири миёнарав ҳамёни ӯро қариб холӣ кардааст. Ниҳоят, баъди азобу шиканҷаи думоҳа эшонзода ба висоли маҳбуба расидааст.

Эшони Маҳмуд Султон изтироби дар он шаби якум дар лаҳзаи вохӯрӣ бо маъшуқа аз сар гузаронидааш, ҳусни латифи духтарро аз миёни борик ва кокулҳои дарози муаттар то ба майда-чуйдаҳои дигар хеле батафсил ҳикоят кард. Сомеон бо нидоҳои тақдиркунанда нақли ӯро қувват медоданд.

Эшонзода аз бӯсу канор тамом сармаст шудааст. Дар он

дақиқа ҳатто ба хаёлаш ҳам намеомадааст, ки бахти аз ин бузургтаре насиби ягон зодаи инсон шуда метавониста бошад. Аммо маъшуқа бо итоб гуфтааст:

– Дар бисти шумо ғайр аз бӯсу канор ягон чизи дигар ҳаст ё не? Чаққон бошед, ки кор дорам.

Эшонзодаи камтаҷриба акнун фаҳмидааст, ки духтарро «фариштаи очааш муччӣ накардагӣ» гуфта таъриф кардани кампири далла фиреб будааст, фаришта қабл аз афтодан ба оғӯши ӯ камаш ба чиҳил гӯлах оташ монда будааст.

Дар ин ҷои ҳикоя садои ханда баланд шуд. Чанде аз сомеон дар кучо будани худро фаромӯш карда, қоҳ-қоҳ механдиданд. Қориака онҳоро хомӯш карданд.

– Хайр, охир, дигар фиреб нахӯрдед-мӣ, эшонак? – пастпаст хандакунон пурсид яке аз шунавандаҳо.

– Кӯр асояшро як бор гум мекунад.

Ва ба исботи он ки кӯр асояшро дигар гум накардааст, эшон боз як қиссаро нақл кард.

Пас аз он ки даму дуои мушкилкушои эшон дар байни аҳолии Мадинаи мунаввара ва мавзеъҳои атрофи он шуҳрат пайдо мекунад, як саррофи пири давлатманд ӯро ба хонааш даъват карда, илтимос менамояд, ки зани бемори ӯро аз шарофати дуои худ баҳравар гардонад.

Зани ҷавони сарроф дар мобани хона рӯи ҷогаҳ мехобидааст. Эшон Маҳмуд дар паҳлуи ӯ нишаста дуо мехонад. Дуохонон бо гӯшаи чашм мебинанд, ки аз таки пардаи сафеде ки ба рӯи зани бемор партофта шудааст, дасти сапсафеду зебои ӯ намудор мешавад. Эшон овози худро баландтар карда, бо ҷаҳди дучандон хондан мегирад. Ҳангоме ки дасти нозуки ҷавонзан то соид аз таки парда берун меояд, ҳазрати эшон дигар тобу тоқатро аз даст дода, чобук аз ҷо барҷаста, аз тарқиши дар ба даҳлез ва аз тиреза ба рӯи ҳавлӣ назаре меандозад. Ва тозон ба сари болини бемор баргашта, пардаро аз рӯи ҷавонзан бармедорад ва дастони он соҳибҷамолро бӯсида хитоб мекунад:

– Эй ҳури биҳиштӣ, ман қомати камони шавҳаратро дидан замон фаҳмидам, ки дарди ту чӣ дардест. Савганд ба номи офаридгор, ки то туро аз чанголи дард наҷот надиҳам, фикру хаёли дигаре ҳаромам бод!

«Муоличаи» зани сарроф шаш моҳ давом мекунад. Дар ин муддат ҷавонзан аз дарди рӯҳӣ ва дигар касалиҳо, ки бефарзандӣ яке аз онҳо будааст, низ раҳоӣ меёбад.

Сомеон дар поёни қисса гӯяндаи онро бо нидоҳои таҳсинкунанда тақдир намуданд. То ин дам ҳамхонаҳои камина ҳам, ғайр аз Исрофил, ки зери лаб заҳрханда карда менишаст, як-як ба он хона гузаштанд. Акнун сомеон мизбони хушчақчақро саволборон мекарданд:

– Эшонака, чанд фарзанд доред?

– Дар ҳавлии худам шаш нафар, худоро шукр, сетоаш дастёр шудааст.

– Аз аёлҳо?

– Чорта. Алҳамдуллилоҳ, чорта. Афсӯс ки ин ҷо зан қимат аст. Пеш нағз буд. Дар Миср ҳукумат дигар буд ва дар ҳар сафарам мӯл равад бист – биступанҷ динор харҷ карда, як духтари олиҷаноб меовардам. Келини хурдиатон ҳабашдухтар аст. Арзон афтода буд. Арзон бе иллат несту қимат бе ҳикмат, мегуфтанд, дурӯғ будааст. Ё ғуломатон бандаи бобахт будаам, ки арзон бошад ҳам, моли бебаҳо баромад.

Ва ҳазрати эшон аз гармии мизоҷи зани хурдии сиёҳпӯсташ ва аз корҳое ки бо ӯ дар бистари заношӯӣ мекунад, ба ҳикоят даромад.

Худоё, мегуфтам худ ба худ ба кӯча баромада, бандаҳои бешуморатро гардам. Одамони гуногунро дида, нақлу ҳикоятҳои рангорангро шунида, то ҳоло надидаам, ки марде чунин нуктаҳоро дар борai зани худ дар пеши одамони бегона бо лаззати тамом нақл карда нишинад. Зотҳое ҳастанд, ки ягона тасаллои хотирашон рӯйхати занҳои фирефтаашон аст. Номус ё шараф барин чизҳо барои онон сухани пучу садои холист. Аммо ҳамон махлуқҳо ҳам то ба ин дараҷа намерасанд.

Чӣ қуввае ҳазрати эшонро водор мекунад, ки ин чизҳоро ҳикоя кунад? Хоҳиши шунидани таърифи ҳамкасабаҳо? Ё оҷизии ақл, ки дар ин синну сол номаълум ба вуҷуди баъзе касон реша медавонад? Ё оҷизии тан, ки эшонро ба лаққигии фоҳиш тела медиҳад ва ба ҷои он ки ба ивази қуввати ҷисмонӣ ҳусни рӯҳонӣ бахшад, ба рӯи онҳо, ба чашмони онҳо як тобиши ғиҷиноваре нақш мекунад?

Ба хона баргаштам. Суҳбати ҳоҷиён ҳамчунон дар авҷ буд. Эшони мушкилкушо акнун ба қисми ресептдиҳӣ, яъне маслиҳат гузашта буд ва муъҷизаҳои сақанқурро таъриф мекард. Сақанқур як навъи калтакалоси биёбонӣ будааст. Онро кушта хушк мекардаанд, сонӣ кӯфта, талқонашро мехӯрдаанд. Ҳамчунон доруе ки шаҳвати одамро меафзудааст ва ба пирон гӯё ҷавонии дубора мебахшидааст.

… Шабона Маҳмуд Султон дар рӯи ҳавлӣ бо хизматгоронаш давуғеҷ дошт. Аз ҳавлии дарун овози гиряи писари хурдии эшон ба гӯш мерасид. Кӯдаки панҷсола ба дарди трахома гирифтор буд.

Сигарета дуд кунонида ба рӯи ҳавлӣ баромадам. Аз болохона оҳу воҳи ҳоҷиёни пири дардманд шунида мешуд. Гоҳ-гоҳе аз дуру наздик ҳангоси харе ё аккоси саге ба гӯш мерасид.

Ситораҳои осмони паст ва сип-сиёҳи Арабистон фориғболона чашмак мезананд. Дар адл миёнаи гумбази осмон – галаситораи Ҳафтдодарон. Ситораи Тарозу гӯё ба навдаи дарахти хурмо ҳамел шуда меистод. Ҳазрати парвардигор сохтмони коинотро ҳатман дар шаш рӯз ба анҷом расонам гуфта, шитобкунон ҳамаи мувозинатро ба ҷисмҳои осмонӣ бахшидааст. Тарозуро ҳам ба осмон овехта мондааст. Ба Мадинаи мунаввара аз он фақат нури хираи сарде мерасаду бас.

Маҳмуд Султон ба пеши ман омад.

– Уф-ф, расо шалпар шудам-дия. Канӣ, духтур, шумо қатӣ якта тамоку кашем, – гуфт-ӯ.

Албатта, ҳаштсад ҳоҷиро бо ҷои хобу хӯроку автобус таъмин кардан ва ба гурӯҳҳо тақсим карда, ба зиёратгоҳҳо

бурдан кори осон нест. Алалхусус имрӯзҳо ки давраи серҷанҷоли ҳисобу китоб расидааст.

Имрӯз пагоҳӣ дар ин ҳавлӣ ғавғое барпо шуда буд, ки аз он то чӣ андоза осон набудани пулкоркунии ҳазрати эшон равшан мегардид. Як гурӯҳ афғонҳое ки дар кадом як ҳавлии дигари эшон истиқомат доштаанд, ба сараш додгӯён омаданд, ки чаро онҳоро чанд рӯз инҷониб дар ин ҷо беҳуда нигоҳ медорад.

Эшон гуфт, ки иҷозаи сафар ба идоратулҳаҷ вобаста аст. Ҳоҷиёни афғон талаб мекарданд, ки мизбон бозгашти онҳоро ба ҳар навъ ки набошад, бояд тезонад, чунки онҳо барои истироҳат карда гаштан пули изофӣ надоранд. Эшон далели худро такрор мекард. Ҳалқаи афғонҳо дар рӯи ҳавлӣ дар атрофи эшони танҳо торафт тангтар ва садои баҳсу мунозираи дашномомез торафт баландтар мегардид. Агар ҳазрати эшон устокорӣ карда, фарқи байни худ ва издиҳомро дар мавриди муносиб таъкид намекард, ба гумон буд, ки мубоҳисаи ӯ бо меҳмонони ба шӯр омадааш ба хушӣ анҷомад. Вай лаҳзае фикр карда истода, ба қиёфаи муҳосиракунандагонаш зеҳн монду яке аз онҳоро, ки назар ба дигарон пурошӯбтар изҳори ғазаб ва эътироз мекард, интихоб намуда, ба сараш бонг зад:

– Ҳой, хар! Чашмонатро ин қадар калон накун, ки касе наметарсад. Ин ҷо Арабистони Суудист!

Чӣ гуна мардуми боғурур ва нотарс будани афғонҳо маълум аст. Аммо калимаҳои сеҳрдор кори худро карданд. Ҳоҷиёни афғон гӯё дар паси ҳазрати эшон лашкари бекарон ё фариштаҳои ба хизмат омадаи Ҷабраилу Азроилро дида бошанд, дигар ҳарфе нагуфта пароканда шуданд…

Эшони Маҳмуд дар муқобили ман истода тамоку мекашид ва низ ба осмон менигарист. Аз ноуҳдабароёна тамоку кашиданаш аён буд, ки ин корро чун кафшери суҳбат ихтиёр кардааст.

– Духтур, ба ман гуфтанд, ки ҳикояти маро аз он хона шумо ҳам шунидаед.

– Қиссаҳои аҷоибатонро ҳама гӯш мекарданд, ман ҳам.

– Айб намекунед-дия.

Ман китф ба ҳам кашида, чизе нагуфтам. Эшон як оҳ кашид.

– Дину диёнат футур рафтааст. Чӣ гуфтед?

– Шумо, эшон амак, одами ҷаҳондида ва ботаҷрибаед. Ин гуна нуктаҳо ба шумо аёнтаранд.

Аз суханҳои эшон аз худтанқидкунӣ дида, бештар бӯи кунҷковӣ меомад. Кирдори хизматгорони ҷосуснамояш ба ёдам расид, ки се рӯз боз ҳар як қадами аъзоёни гурӯҳи моро таъқиб мекарданд.

Қориака Маҳмуд Султонро фарёд карданд. Ягона бодбезаки электрӣ, ки дар ҳуҷраи он кас буд, вайрон шудааст. Ҳаво бағоят дим буд. Махсусан ҳавои беҳаракати ҳуҷраҳо.

Хурроки марғуладору ҳуштакомези ҳазрати Наримон аз ҳуҷраи мобайнӣ баромада, дар фазои ҳавлӣ паҳн мешуд. Оллоҳназарқориро хоб намебурд магар, ки ҳар дам бо овози баланд «Алҳамдуллилоҳ!» гуфта мемонд. Ё шояд ӯ ҳамди парвардигорро дар хоб ҳам тарк намекард.

## БОЗ ВАЪДА БА ФАРДО

Бале, субҳи рӯзи чаҳорум низ вакилони ба идоратулҳаҷ рафтани мо бо чеҳраҳои ғамгин баргаштанд.

Касе намедонист, ки аз чӣ сабаб моро дар ин ҷо нигоҳ медоранд. Ҳамсафароне, ки аксари вақти худро дар кӯчаву бозори шаҳри шариф мегузарониданд, мегуфтанд, ки ба сӯи Ҷаддаи муборака рафтани қатор-қатор автобус ва таксиҳоро бо чашми худ дидаанд.

Қориака ҳамаро ба назди худ хонда, коҳишомез мегуфтанд, ки аз таъхир ёфтани сафар ғамгин шудани мо айб аст. Ҳар як соат ва рӯзе, ки мо дар ин диёри муътабар зиёда аз реҷа мегузаронем, аломати меҳрубонии худованди карим аст. Нафас кашидан аз ҳавои мубораки мавзеъҳои муқаддас насиби фақат ҳамон бандаҳои парвардигор мешавад, ки кадом як кор ё хислаташон ба ҳақтаоло хуш омадааст, гуфтанд Қориака.

Баъди ин суҳбати тасаллибахш дар ҳуҷра фикр карда менишастам, ки маҳз кадом хислати камина ба офаридгори ҳаждаҳ ҳазори олам форида бошад?

Ҳазрати Наримон дар хонаи ҳамшафат нутқ эрод карда, таъкид менамуданд, ки ба хона бо савғотию туҳфаҳои нағз баргаштан чӣ гуна аҳамияти бузург дорад. Ва дар айни замон, зоҳиран, савғотиҳои барои занашон харидаро намоиш медоданд.

– Ҳа, ҷанобон, – мегуфтанд ҳазрат, – дили зан бо ҳадяву туҳфа зинда аст. Гӯш кунед, ҷанобон, ки шоир чӣ гуфтааст:

*Хоҳӣ, ки дили дилбари ту нарм шавад,*
*Аз парда бурун ояду бешарм шавад,*
*Зорӣ макуну зӯр мазан, зар бидеҳ,*
*Зар бар сари фӯлод ниҳӣ, нарм шавад.*

– Не, нагӯед, ҷанобон, нарм шавад.

Исрофил омада аз паҳлуям нишаст. Пай бурдам, ки чизе гуфтанист.

– Қурбон, ту ҳамшаҳрӣ буданатро ба соҳиби хона нагуфтӣ? – оқибат пурсид ӯ.

– Не. Магар ин шарт будааст?

– Надонам. Хайр, охир мегуфтӣ ҳам ҳеҷ зарар надошт-ку.

– Паспортҳои ҳамаамон дар дасти эшон. Худаш медонад, ки кадоме аз куҷоем.

Исрофил, бешубҳа, суҳбатеро шунидааст, ки дар бораи ман сухан рафтааст. Лекин бо андешае намегуфт. Ҷин занад, аз ғусса хуни дил хӯрда нишастанам бас набуд, ки эшони ҳамшаҳрӣ дар атрофи ман ким-чӣ гуна торҳое танида гаштааст.

– Ин мардака ба ту маъқул аст? – пурсидам аз Исрофил.

– Ман тарафдори ту, парво накун, – самимона табассумкунон гуфт ноиб-ур-раис ва навозишкорона ба китфам зада монд.

– Ёд дорӣ, ҳанӯз дар Маккаи мукаррама будем, эшон ба хонаи Зайнӣ Кӯшак омада буд?

– Ҳа, ба ёдам ҳаст.

– Медонӣ, маро ба гӯшае кашида чӣ гуфт? «Ягон дору диҳед, духтурҷон, ришам сиёҳ шавад». Ба чанд даромадед, гуфтам. «Ба ҳафтод қадам мондам, лекин нигаҳам ҷавон аст. Боз ягон чаҳордаҳсолаашро гирам-мӣ гуфта гаштаам».

– Медонам, Қурбон, охир, дина қиссаҳояшро ба ҳама гуфт-ку.

– Чӣ кор кунам? Ҳамшаҳрӣ агар одами хуб бошад, аз сараш гардӣ, меарзад. Лекин аз ҳазрати эшон дар мулоқоти якум дилам монда буд.

– Ман бо ту ҳамфикрам, Қурбон. Ғам нахӯр.

– «Тарафдори ту», «ҳамфикри ту».. Имрӯз тӯтӣ шудӣ магар?

– Хайр, азизам, мон ин гапҳоро. Зор монад, зиндагонӣ ҳазл нест. Ма, сақичи америкоӣ хой. Дар як дам ғаму ғусса фаромӯш мешавад.

Ду кас ба сақичхоӣ сар кардем.

Тарҷумон хабар овард, ки Қориака ба унвони

аълоҳазрати шоҳ барқия фиристода, илтимос кардаанд, ки ба тезонидани бозгашти мо лутфи мадад кунанд. Дарвоқеъ, мо бояд панҷ рӯзи охирини сафарро дар Республикаи Муттаҳидаи Араб гузаронем. Иҷозат ба зиёрати панҷрӯза дар паспортҳои хориҷиамон аз фалон то фалон рӯзи муайян бо муҳру штампи сафоратхонаҳо қайд карда шудааст ва ин муҳлатро риоя кардан шарт аст.

Аз Абдусамадака илтимос кардем, ки аз рӯзномаи Мадинаи мунаввара камтар хонда, тарҷума кунад.

Мавсими муборакм ҳаҷҷи акбар ба хубӣ анҷом меёбад, хабар дода мешуд дар рӯзнома. Ҳукуматдорон ва дигар ашхоси ба ин маърака масъул бо як тартиби аълои беназир ҷараён кардани зиёрати садҳо ҳазор ҳоҷиёни расмӣ ва ғайрирасмӣ омадаро таъмин карданд.

Дар хабари дигар гуфта мешуд, ки имрӯзҳо қӯшунҳои Арабистон ва Штатҳои Мутаҳидаи Америка машқи якҷояи ҳарбӣ мегузаронанд. Дар машқҳо 70 тайёраи ҳарбии реактивии Арабистон ширкат дорад.

Ин хабар, эҳтимол, дар дили ҳоҷиёни мусофир мебоист ҳисси амиқи эҳтиром ба давлати марказии исломия ва бародари тавонои онсӯиуқёнусии вай бедор мекард.

Исрофилу тарҷумон рафтанд. Дар хонаи нимторик танҳо мондам.

Дар Ватан ҳозир айни вақти консерти нисфирӯзии радио. Ба ягонта суруд зор шудам. Хоҳарам, Барно! Хоҳаронам Ҳанифа, Лайло…

Ба шунидани овози рӯҳнавози шумо муштоқам. Кош савте аз шумо ба ин ҷо мерасид ва ин гӯри нимторикро андаке мунаввар месохт.

Гоҳе ки кас мусиқии дӯстдоштаашро мешунавад, гумон мекунад, ки ӯро бардошта ба осмонҳо мебаранд, гӯё вай як ҷисми бузургу тавоноест, ба андозае бузургу тавоно, ки он аз ҳадду имконияти инсонӣ берун аст. Гӯё ҳамаи зебоӣ ва нафосати олам ҷамъ шуда ва сурати навоеро гирифта, ба вуҷуди ӯ дохил мешавад.

Дар хона савтҳои дилхоҳамро ба магнитофон навишта мондаам. «Гӯрӯғлӣ», операи дилпазири Ӯзаир Ҳоҷибеков аз

он ҷумла. Дар охирҳои ин опера уфари шӯхи шӯрангез ҳаст, ки бо назокати худ ҳар касро тасхир мекунад. Уфари шӯх номаълум ба суруди муассири форсӣ гузашта меравад. Савтҳои ботамкини бомалоҳат гоҳо алмоспораҳои баҳампайваста барин паси ҳам баромада оламро аз ҷилою дурахши форам пур мекунанд. Гоҳ дар пеши назаратон осмони софи аз шафақи субҳ андаке лолагун пайдо мешавад, ки дар қаъри он турнаҳо болзанон ба сӯи ватани худ мераванд. Нохост атроф, замину осмон, ҳамаи коинот аз хитоби шоир пур мешавад:

*Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо!*
*Мутриб, бигӯ ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо!*

Оре, ин маҳз хитоб аст, хитобе ки дар он ҳам тантанаи дили озод, ҳам машаққатҳои ба хотири он кашидаи шоир ифода ёфтаанд.

*Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем*
*Эй бехабар зи лаззати шурби мудоми мо!*

Эй бехабар зи лаззати шурби мудоми мо… Шурби мудоми мо…

Касе сахт сулфа кард. Ин Исрофил будааст, ки қасдан бараои ҷалб кардани диққати ман сулфа мекард. Исрофил дар болои сарам рост меистод. Дар таки дари ҳуҷра хизматгори ҷосуснамои эшони Маҳмуд Султон, диккак нишаста заҳрханда мекард. Аз паси тиреза Мулло Ӯроқаака, Темурҷонқорӣ ва Мулло Тешабой бо ҳайрат ба камина менигаристанд.

Худро фаромӯш карда, сурудро бо овози баланд хондаам. Арвоҳ занад ин маҳбусиро, ба асабҳоям таъсири ногуворе расонидааст.

Араҷи сару рӯямро пок карда, ба чойхонаи сари кӯча баромадам. Чой нӯшида, ба девори дағар-буғури сиёҳи чойхона менигарам, то ки хаёлам парешон шавад. Сақич мешуд, мехоидам, хаёлҳои азиятовар аз сарам даме дуртар мерафт.

Ҳоло аз баққол як киса сақичи америкоӣ хоҳам харид. Аз афти кор, то ба ватан расидан бисёр лозим мешавад.

Дар кунҷи нимторики чойхона ду маради заҳирранг нишаста, чилим мекашанд. Тамокуро ба сархона тар карда меандозанд, баъд то алав гирифта дуд баровардани он расо ним соат бо навбат қур-қуркунон боди пур аз захрро мекашанд.

Хизматгори ҷосуснамо ин воқеаро ба хӯҷаинаш бешубҳа, бо шодмонӣ хабар хоҳад дод.

– Ҳоҷӣ магар дар Мадинаи мунаввара ашӯла мехонад? – бо ҳарорат хоҳад гуфт нӯкари ҷосус. –Дар ин ҷо, лошак, гапе ҳаст.

Бале, гапе ҳаст. Банда дар хонаи худ баъзан магнитофон, радиоприёмник ва репродуктор ба ҳам васл карда, дар се гӯшаи хона мемонам. Пас худам дар мобайн нишаста, ягон мусиқии дӯстдоштаамро гӯш мекунам. Гарчанде аз ин хел мусиқишунавӣ аксаран дилам обу абгор мешуд, баъди рӯзи кор, ки чандин беморро дар поликлиника ва табобатхона дида муолиҷа мекардам ва хаста шуда ба хона меомадам, ин тадбир аз беҳтарин навъҳои истироҳат буд.

Боре Искандар ба хона омада, маро дар ин ҳолат дида, қариб як соат дар паси сарам сокит нишастааст.

– Хайр, сер шудӣ охир? – гуфтани ӯ маро ба худ овард. – Ба омада, дар ин ҷо нишастанам як сол шуд.

– Бубахш нафаҳмидаам.

– Ҳеҷ девонаеро надидаам, ки ба ин минвол мусиқӣ шунавад.

– Варианти девонаҳо низ бешумор аст. Ҳазорон барги як дарахт, ё сангрезаҳои зери як дарё барин.

– Ман пагоҳ ба Ализода мегӯям.

Ализода ҳамкасби мост. Духтури асаб. Дар ҳақиқат. Искандар ба ӯ манзараи дидаашро накл кардааст.

– Вай, баръакс, туро таъриф карда, маро коҳиш кард. Ба хизмат – туҳмат, – бо лунҷи овезон хабар дод рӯзи дигар Искандар.

– Хуб шудааст. Сазои сари хабаркаш ҳамин.

## «САФАР МАФӢ»

Субҳи рӯзи панҷум овоза шуд, ки дар аэропорти Ҷаддаи муборака парерӯз, яъне 13 май панҷоҳ нафар ҳоҷӣ мурдааст. Ҳамин қадар мусофирон дар бандари баҳрӣ низ шаҳид шудаанд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки вабо омадааст ва бечораҳо аз он балои ногаҳонӣ мурдаанд. Дигарон мегуфтанд, ки офтоб куштааст: одамони ба тайёра ва киштиҳо мунтазир чунон бисёр буданд, ки аз офтоби майнасӯз саарпаноҳе ёфта наметавонистаанд.

Дар андоми ҳамсафарон аломати мотам сикка зад. Болои сӯхта намакоб, ҳоҷӣ Абдухалилкака нақл мекард, ки солҳои пеш дар маросими ҳаҷ ҳазорон-ҳазор ҳоҷиён ба ҳар гуна дардҳо гирифтор шуда ё офтоб зада мемурданд.

Дар Минои муборак ҳар рӯз хабари фавти чанд ҳоҷиро мешунидем. Он гоҳ ҳамсафарон мегуфтанд, ки «одами мурдагӣ батолеъ будааст. Дар остонаи Маккаи мукаррама ё Мадинаи мунаввара мурдан ғояти хушбахтист». Ҳоло ин овоза боиси хурсандӣ нашуд. Аз афташ, бародарон акнун ба шаҳид шудан чандон шитоб намекарданд.

Эшони Маҳмуд Султон шахсан омада маро таклиф намуд, ки ҳамроҳаш ба идоратулҳаҷ биравам.

– Кӯчаҳоро тамошо карда меоед. Дар кунҷи хона зиқ шуда мешинед-мӣ? – гуфт эшон.

Ман Исрофилро кашола кардам ва секаса ба кӯча баромадем. Аз саволи дирӯзаи Исрофил ба дилам ташвиш афтода буд. Мабодо, мегуфтам, дар зери косаи илтифоти ҳазрати эшон нимкосае бошад.

Эшон пешопеши мо чобукона қадам партофта, номи маҳаллаҳо, масҷидҳои сари роҳро гуфта мерафт. Дар хиёбончае ки ниҳолҳои ду-сесолаи нимпажмурда дошт[1] ва алафи зери ниҳолҳоро мусофирон дар талоши соя поймол карда буданд, ҳазрати эшонро як гурӯҳ ҳоҷиёни Эрон миёнагир

---

[1] Боғҳо ва полезҳои Мадина, ҳамчун дигар мавзеъҳои Арабистон, бо оби кашондани чоҳ сабз мешаванд.

карданд. Ҳамаи онҳо баробар аз тамом шудани кисахарҷи худ шикоят карда, зудтар ба сафар иҷозат гирифтани эшонро талаб мекарданд. Эшон бо ваъдаи фаровон домани худро аз дасти мусофирон вораҳонида, боз ба роҳи худ давом намуд.

Бинои дуқабатаи идоратулҳаҷ аз одам лиқ пур буд. Дар мобайни роҳрави ашёнаи дуюм марди бузургҷуссае истода, ба атрофиёнаш якзайл ҷавоб медод – ба онҳое ки аз рӯзу соати сафар мепурсиданд:

– Сафар мафӣ, бас! – мегуфт.

Ба онҳое ки оё ягон хабари тоза ҳаст, гуфта савол медоданд:

– Хабар мафӣ, бас! – мегуфт.

Ҷавобгирифтагон аз пеши мансабдор навмедона дур мешуданд, ҷои онҳоро зуд навомадагон ишғол мекарданд. Мансабдор ҳам рӯи худро гоҳ ба ину гоҳ ба он сӯ гардонида, тӯтивор такрор мекард:

– Сафар мафӣ, бас!

– Хабар мафӣ, бас!

Ҳазрати эшон аз идоратулҳаҷ баромада, бо як тантана гуфт:

– Ман ҳозир шуморо ба як ҷо мебарам, ки кайф мекунед. Он ҷоро «Аз-зуҳур-ал-кузино», яъне кузинои нав мегӯянд.

Кузинои[1] навашон боғчае будааст, ки аз сатҳи кӯча тақрибан се метр пасттар воқеъ гашта буду камтар аз ним таноб вусъат дошт. Дар як самти боғча айвоне пӯшида шуда буд ва дар як гӯшаи айвон мизи паҳни пинг-понг (тенниси рӯимизӣ) меистод. Эшон ба ин миз ишора карда, бо ифтихоре гуфт, ки шабонгоҳ дар ин кузино ҷавонон ҷамъ омада, гоҳ-гоҳе пинг-понгбозӣ мекунанд.

Ин ягона бозии мадании спортӣ буд, ки дар бадали дуним ҳафтаи мусофират дар ин кишвар медидам. Дар мамлакате ки театр ё қасри маданият он сӯ истад, ақаллан ягонта кинотеатри майдаяке надошт, мизи пинг-пинг дар ҳақиқат нишонае аз олами аҷоибот буд. Ҳанӯз дар Маккаи

[1] Аз калимаи франсавии казино, ки як навъ клуб ё қиморхона, ё ҷои истироҳат ва ҳар гуна бозиҳоро ифода мекунад.

мукаррама як духтури дандон нақл карда буд, ки ду сол қабл аз ин додари аълоҳазрати шоҳ – шоҳзода Файсал, ки назар ба бародараш қадре тарафдори ҷорӣ гаштани маданияти нави ғарб будааст, аҳд кардааст, ки дар пойтахти Арабистон якта кинотеатр кушояд. Шайхҳо ва саркардаҳои қавму қабилаҳо аз нияти шоҳзода воқиф гашта, ошӯб бардоштаанд. Онҳо шоҳ Саудро вакилу номаборон карда гуфтаанд, ки агар нияти шоҳзода оид ба сохтмони «қадамгоҳи иблис» рост ва ҷиддӣ бошад, пас дар ин сарзамини маҳбуби оллоҳи таоло ё Файсал бимонад ё онҳо.

Маълум ки амир Файсал аз сохтмони ягона кинотеатр ҳам даст кашидааст.

Дар зери айвони «Аз-зуҳр-ал-кузино» фурсате нишаста дам гирифтем. Ба ҷуз мо ва як хизматгор касе набуд. Вай ба зарфе яхоб овард.

Дар бозгашт эшон моро бо роҳи дигар мебурд ва аз таърихи Мадинаи мунаввара ҳикоят мекард. Ногоҳ қадами худро сусттар карда, аз ман пурсид, ки дар кадом маҳаллаи Самарқанд таваллуд ёфтаам, падарам чӣ ном ва касбу ҳунар дошт. Гуфтам, ки дар маҳаллаи Яланбек таваллуд ёфтаам, касбу кори падарам, ҳатто аслу насаби бобоямро низ баён кардам.

– Яланбек… Яланбек… – хаёломез такрор намуд ҳазрати эшон. – Ҳамин хел маҳалла ҳам будааст-дия?

– Ҳаст, дар сари роҳи Панҷакент. Аз як тарафаш гузари Мирзопӯлод, аз дигараш – Дари Занҷир, аз савумаш – Фақеҳ Абӯлайс...

– Ҳа, ҳа, акнун ба ёдам омад. Ҷои нағз будааст. Худатон ҳам фарзанди одамони дуруст будаед, духтур. Илоҳо, ба камол расед, ҳаловати фарзандонатонро бинед, – дуо кард эшон ва даст ба рӯй кашид. Исрофил низ омин гуфт. Ман ҳам даст ба рӯй кашида, дар айни замон ба чеҳраи эшон назаре афкандам. Аз қиёфаи ӯ ба ҷуз ифодаи некхоҳӣ ва самимият дигар чизе хонда намешуд.

Эшон ману Исрофилро дар чойхонае нишонида, худ «ҳозир меоям» гӯён ба кучае ғоиб гардид. Дар пеши чойхона истгоҳи таксиҳои сабукрав будааст. Дар байни сайёраҳои бисёре «Волга»-и худамонро дида, ба наздаш рафтам.

Беихтиёр ба қанотҳо, дару тирезаҳояш даст расонида, дар гирдаш давр мезадам, ки соҳибаш маро мусофири ба ягон ҷойраванда пиндошта, давида омад. Пас аз саломуалек пурсидам, ки сайёра чӣ тавр аст, оё ба ӯ маъқул аст?

– Маъқул, ҳовва, кувайис сайёра, кувайис! – гуфт ронанда бо чеҳраи кушод. Вай ҳам ба кузов навозишкорона даст расонида ким-чиҳо мегуфт, зоҳиран, пурдоштӣ ва дар ҳавои гарми биёбонҳои ин ҷо бенозунуз ва хуб кор кардани онро таъриф мекард.

Аз соҳибаш иҷозат гирифта, ба даруни сайёра даромадам. Пас аз лаҳзае Исрофил низ омада, аз паҳлуям нишаст.

– Хонаро бисёр пазмон шудам, – гуфт ӯ.

Муддате ҳар кадомамон бо хаёли худ машғул нишастем. Бачаҳои ман ҳозир аз мактаб омадаанд. Эҳтимол, портфелҳои худро аз таки дар ба миёнаи хона ғурронида, дар рӯи ҳавлӣ ба даводаву суросур даромада бошанд. Модарашон гоҳ аз тирезаи ошхона, гоҳ аз лаби айвон сар бароварда онҳоро ҳар замон ба хона даъват мекунад, аммо бачаҳо «ҳозир» «худи ҳозир, бибиҷон» гуфта суросури худро ҳамчунон давом медиҳанд.

Дар поликлиника чӣ гапҳо, чӣ навигариҳо бошад? Шумораи идонаи газетаи девориро чӣ хел бароварда бошанд? Зор монад, худситоӣ шавад ҳам, гуфтан даркор, ки ману Искандар набошем, газетаи деворӣ шавқовар намебарояд. Ягон кас аз газетаҳои республикавӣ сармақола ва як-ду шеъри дарозро гирифта, ба машинка чоп мекунаду мечаспонад, мемонад.

Искандар, яқин дар Маскав аст. Ҳоло муҳлати таҷрибаомӯзиаш дар институти рентгенология ва радиология ба охир нарасидааст. Ҳозир, эҳтимол дар ягон кабинети торик нишаста, аз байни тарҳи хира ва фақат ба рентгенчиён равшани сутунмуҳра, ё устухони кос ҷои иллатнокро меҷӯяд. Ё акси гурда, ё ҷигари бемореро аз назар гузаронида «ҳм, ҳм, хӯш, хӯш» гуфта худ ба худ гап мезанад.

Дар пеши чойхона пайкари майдаяку симобвор серҳаракати ҳазрати эшон намоён гардид. Ману Исрофил аз «Волга»-амон баромада, аз дунболи ӯ равон шудем.

## БАРОДАРИ ҚИЁМАТӢ

Қариби хуфтан ба сафари мо иҷозат доданд. Маросими хайрбод бо эшон Маҳмуд Султон басо риққатангез гузашт. Ғайр аз камина дигар ҳама ҳамсафарони пиру ҷавон, ҳатто Исрофил ҷӯраи ман ҳазратро ба оғӯш кашида, хайрухуш ва изҳори миннатдорӣ карданд ва гуфтанд, ки онҳо акнун бо ҳамдигар бародарони қиёматианд. Қориҳои пир оби дидаи дар ин гуна мавридҳо тайёри худро пок мекарданд.

Дарвоқеъ, меҳмонон аз мизбонии ҳазрати эшон гилае надоштанд. Пас аз ду ҳафтаи зиндагонии нимсеру нимгурусна дар хонаю хаймаҳои Зайнӣ Кӯшак дар ин ҷо рӯзашон бад намегузашт: хӯрокҳои рангоранги болаззат дар вақташ муҳайё буд, ҷои хоб васеъ ва бароҳаттар; ҳатто зиёда аз он ки чашмдор буданд, рӯзе ду-се маротиба шарбати мева, нӯшокии қадимии миллии худамон – гулоби ширин ва хуштаъм медоданд. Соатҳои барои суҳбат боқимондаи ин чаҳор рӯзи гузаштаро ҳазрати эшон бо нақли корномаҳои дар ҳарами худ ва аз они дигарон кардашон зинат медоданд.

Дар хуни банда, аз афти кор, аз иштичаҳои якраҳагию зӯъмӣ бисёр будааст, ки бо ин ҳама меҳрубониҳо худро маҷбур карда натавонистам, ки ҳазратро ба оғӯш кашида видоъ гӯям ва бародар ё падари қиёматӣ хонам.

… Автобуси мо бошаст медавид. Дар ҳар ду соат ронанда дар назди ягон чойхонаи сари роҳ қарор мегирифт. Дар зери айвон ва гирду пеши ҳар як чойхона катҳои чӯбини яккасаи бисёре холӣ меистод, ки дар болои он дароз кашида, аз бардорузани роҳ дам гирифтан мумкин буд, аммо чойхоначиҳо то як риёл музди истироҳат надиҳед, ба кат наздик шуданӣ намемонданд.

Исрофил аз ин муомила дилтанг шуда, ба яке аз онҳо гуфт:

– Аз худо наметарсед, аз бандааш шарм намекунед? Ба ҳар чиз риёл, риёл, риёл гуфта манаҳ мезанед!

Исрофил ба забони бошқирдиаш гап мезад, аммо араб фаҳмид ва:

– Ҳовва, риёл! Риёл! Риёл! – гуфта изтеҳзоомез хандида дур шуд.

Ин дафъа ҳам сайёраи мо аз автобус ва сабукравҳои дигар бошаст пеш гузашта мерафт. Гӯё ронандаҳои мо қасдан шитоб мекарданд, гӯё ба онҳо касе қаблан таъйин карда буд, ки то метавонӣ тезтар бирон, зеро ин тоифа гарчи ҳоҷиҳову қориҳоанд, аз ватани нахустин мушакҳои фалакпаймо омадаанд.

Баробари тулӯи офтоб ба аэропорти Ҷадда расидем. Пас аз фурсате аз шогирдпешаҳои Абдуллои Бухороӣ – ҷавони қадбаланди араб пайдо шуд ва дарҳол ҳамаи моро ба як ҷо ғун карда таъкид намуд:

– Зинҳор ба касе нагӯед, ки аз Иттифоқи Советӣ ҳастед. Агар пурсанд, бигӯед, ки аз Суудон омадаед ва ба Суудон равонаед.

Ҳм, қоил ман. Дар ҳамаи олами араб одами советиро бинанд, ягон азизу авлиёро дидагӣ барин шодмонӣ мекунанд. Аммо дар ин ҷо, яқин, амаки америкоӣ бо расму оину феълу хӯяш нағзакак реша давонидааст. Рост мегӯяд мақоле: ту ба ман бигӯ, ки ҳамтабақонат кист, ман ба ту бигӯям, ки худат кистӣ.

Кадом як файласуфи дунёи қадим, ба хаёлам, Диогени юнонӣ, аз инкишофи маданияту аз дигаргуниҳои олам ба танг омада, қарор додааст, к и ба аломати эътироз ба даруни хуме даромада зиндагонӣ кунад. Муддати дарозе ҳамин тавр ҳам кардааст. Як тоифа ходимони давлат будаанд, ки дар асри бистум ҳам хумро манзил кардаанд, вагарна ба ин дараҷа ғофил намемонданд, дунё дигар шудааст, дар ин замона ба ҷуз ҳамзистии осоишта дигар илоҷи зиндагонӣ нест.

Дар аэропорт гӯё замин кафида одам баромада буд. Бинои чаҳорошёнаи аэропорт, рӯи ҳавлӣ ва кӯчаву майдонҳои атрофи он пур аз мусофирон. Дар ҳар хонаи бети-

резаи пешкушоди бино то 60-70 нафар ҳоҷиёни марду зан мунтазири навбати худ менишастанд, ё ба рӯи фарши бетонӣ чаппаву роста, пой бар сару сар ба пойи ҳамдигар ғелида мехобиданд. Дар таки девори роҳравҳо ҷӯяки оби партов сохта шуда буд. Ҳоҷиён дар сари ҷӯйчаҳо нишаста таҳорат мекарданд. Онҳое ки примус ё карасинка доштанд, дегчаеро монда, дар ҷои нишасти худ атола ё шӯрбо мепухтанд. Бӯи арақи бадан, бухори дегу дегчаҳо, пӯстлохи ба пӯсидан сар кардаи меваҳо ҳама якҷоя шуда дар ҳавои тафсони ноҷунбон нафаси касро танг мекард.

Дар қабати якум, ки аз дуконҳо, ошхонаҳо, идораи агентиҳои ҳавопаймоӣ иборат буд, савдо дар авҷ. Аз ҳар сӯ радиодинамикҳои серғавғо фарёд кашида, рӯйхати мусофирон ё омаду рафти тайёраҳоро эълон мекунанд.

Ҷомадонҳоро оварда доданд. Онҳоро Абдуллои Бухороӣ аз Макка оваронида монда будааст. Даруни ҷомадонҳоро дар ғайби мо такурӯ карда, чизеро кофтаанд. Банди коғазини қуттичаҳои дору канда ва аз нав ширеш карда шуда буд. Чатри худро аз ҷомадон гирифта, ба кӯча баромадам. Дар кӯча ба ҳар ҳол мағал камтар, ҳавои тоза бисёртар буд.

Кай рафтанамон маълум нест. Дар ин аэропорт, аз афти кор, график ё ҷадвал гуфтанӣ чизе нест. Ҳар гоҳе ки ходимони ширкат хостанд, ҳамон вақт тайёра ҷудо мекунанд. Аз рӯзу соати сафар пурсед, амалдори идоратулҳаҷҷи Мадина барин, якта ҷавобро сад маротиба такрор кардан мегиранд:

– Сабур, сабур! Иншооллоҳ мешавад.

Ҳамсафарон аз ошёнаи савуми бинои тафсон ба рӯи ҳавлӣ фаромаданд. Аз ҷои соярав порчае заминро ишғол карда, бо навбат ба рӯи ҷомадонҳо мешинанд. Дигарон рост меистанд. Дар як гӯшаи ҳавлӣ суфаи баланди сангин ҳаст. Ҳамсафарон аҳд кардаанд, ки оҳиста-оҳиста, ба қадри холӣ шудани ҷой ба тарафи суфа ҷунбида, онро ишғол намоянд.

Аз сару рӯи ҳама арақ мешорад. Ҳоҷиён ба боқимондаи риёлҳои худ оби зам-зам мехаранд. Оби зам-замро тунука-

созони Маккаи мукаррама ба бонкаҳо андохта кафшер кардаанд. Ҳоло нархи зам-зам арзон шудааст. Рӯзҳои аввали тавофи каъба ду бонкачааш як риёл буд, акнун ба як риёл то шаш бонка медиҳанд.

Хӯрокро дар ошхона мехӯрем. Ҳар кас кӯшиш мекунад, ки ба гуруснагӣ нигоҳ накарда, сусттар даҳон ҷунбонад ва муддати хӯрокхӯриро ҳар чӣ бештар кашол диҳад, чунки дар ҳар ҷои зали ошхона ҳафт-ҳашт вентилятори бақувват мондаанд, ки шаклашон прожекторҳои калони театр ё киностудияро ба хотир мерасонад. Ҳамин ки таоме фармудед, хизматгор яке аз вентиляторҳоро ба кор андохта, ба тарафи шумо менигаронад. Баробари ҳисобӣ кардан вентиляторашро хомӯш мекунад. Яъне ҳаққатон тамом шуд, ҷойро холӣ кунед. Касе агар ин ишораро нафаҳмад ё худро ба нофаҳмӣ занад, аз зери бағалаш гирифта, то ба таки дар гуселаш мекунанд.

Онҳое ки ҳамёнашон ғафстар аст, дар ҳамин ҷой ҳам кайф мекунанд. Турки фарбеҳи сурхмӯе бо аҳли оилааш яке аз мизҳои калони ошхонаро аз пагоҳӣ инҷониб банд карда пинак меравад.

Хизматгори ошхона ду вентиляторро то тафсиданаш бо навбат ба кор андохта, ҷараёни шамоли форамро ба сӯи мизи ӯ равона мекунад.

То намози шом ҳамсафарони ман нисфи суфаи сангиро ишғол карданд.

Аз тайёра имрӯз умедро кандан мумкин.

Дар кӯчаи пеши аэропорт бегоҳӣ бозори қолин барпо гардид. Фурӯшандагон ба қисми пиёдагарди кӯча қолинҳои туркӣ, эронӣ, ироқии худро паҳн карданд. Ҳарчанд аз харидор дараке набуд, ҳар кадоме моли худро таърифкунон ҷор мезад.

Баъд кӯча аз фавҷи сайёраҳои сабукрав пур шуд. Ҷанобони давлатманд хизмати рӯзонаро анҷом дода, ба виллаҳошон мерафтанд. Андом ва синну солашон ҳар хел бошад ҳам, қиёфаи ҳамаашон якзайл ҷиддӣ, ҳатто қадаре андӯҳгин менамуд. Гӯё дар кишвари онҳо фалокате сар зада бошад, ё вазъияти доимии ҳарбӣ эълон карда бошанд.

Дар як қисми сайёраҳои серкарруфар америкоиён саворанд. Онҳо дар бандарҳои баҳрӣ ва ҳавоии Ҷадда, дар заводи кока-кола ва ғайра хизмат мекунанд. Онҳо фақат дар ҳудуди ширкати «Арамко», дар пойтахт ва Ҷадда ҳуқуқи истиқомат доранд. Лекин аз ин маҳдудият, ки барои ҳамаи номусулмонон умумист, ба назарам, чандон озурдахотир наменамоянд, чун ки хуб медонанд, ки долларҳояшон ва феълу хӯяшон то ба Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара роҳ ёфтааст.

Шабона нисфи ҳамсафарон дар болои суфаи сангин, боқимондагон ба ҳар ҷои ростомада дароз кашида ба хоб рафтанд. ман аз пеши дӯконе тои симпечеро саҳле инсӯтар ғелонида, муддате бар болояш нишастам.

Чун дидам, ки ба худсариям касе чизе нагуфт, ба рӯи той дароз кашидам. аммо дар болои тои кулӯла хобидан аз корҳои бароҳат набудааст. Гиреҳҳои сим ва таноб ба бадан мехалиданд. Зиёда аз ним соат ба як ҳолат хобед, буғумҳои сутунмуҳра ба дард медароянд. Ба замми ин доду фарёди радиодинамикҳо, ки аз рӯзона ҳам баландтар шуда буд ва садои мотори тайёраҳои фурудояндаву парвозкунанда ба чашм пӯшидан имкон намедод.

«Сабур! – мегуфтам ба худ, – сабур. Дар мусофират кӣ азоб накашидааст?».

Пагоҳӣ калоншавандаи аэропорт ба вакили мо ҳамон ҷавоби дирӯзаро такрор кард:

– Сабур, сабур, иншооллоҳ мешавад.

Бо афзоиши ҳарорат бӯю тафи нафасгардони ҳавлӣ боз шиддат мегирифт ва ман чатри худро бардошта аз ҳавлии серғавғо берун рафтам.

Дар ин ҷо ҳам соат аз дақиқа не, дақиқа гӯё аз соатҳои дароз таркиб ёфтааст. Рӯз мисли шабҳои ялдои зимистон кашол меёбад.

– Духтур, биёед, Қориака чеғ мезананд, – хабар овар Оллоҳназар.

– Чӣ шудааст? Ҳама сиҳат-саломатанд?

– Аз Мадинаи мунаввара ҳазрати эшон омадаанд ва ба шумо кор доштаанд.

Пас, бародари қиёматиамон эшони Маҳмуд Султонро парерӯз бармаҳал видоъ гуфта будаем.

Ҳазрати эшон дар пеши суфа бо ҳамсафарони ман рост истода суҳбат мекард. Маро дида, сардакак ҳолпурсӣ намуд.

Қориака гуфтанд, ки зани миёнаи ҳазрат баногоҳ касал шуда мондааст ва эшон ба Ҷаддаи муборака ба хонаи як табиби ошнояшон омадаанд.

Фарз кардем, ки ба ин ривоят бовар кардем, гуфтам дар дилам. Чаро ҳамин қадар солҳо ҳазрати эшон бо хизмати табиби шаҳри худ қаноат мекарданду имрӯз панҷсад километр роҳро барои маслиҳати табиби инҷоӣ тай карданд. Хӯш, боз чӣ?

– Иттифоқо дар ин ҷо ду нафар ҳамгузари шуморо дида мондам, – гуфт эшони Маҳмуд Султон ба гап ҳамроҳ шуда. – Онҳо ҳоло дар кӯчаанд ва ба дидани шумо омадаанд.

Дар зери соябони дуконе ду марди тақрибан панҷоҳсолаи мисли арабҳои давлатманд либоспӯшида моро мунтазир буд. Пас аз салому алек эшон моро шиносонид.

– Ин кас ҳоҷӣ Саъдулло, ин кас ҳоҷӣ Шукрулло – писарони мулло Муҳсини аттор, – гуфт эшон бародаронро якяк нишон дода ва ба рӯям маънидор назаре афканда илова намуд: – Аз гузари Яланбеки шаҳри Самарқанд.

Бародарон бо қиёфаи ҷиддӣ ва бо назари ошкоро синчакорона афту андоми маро тамошо мекарданд.

– Ҳамгузарӣ будаед-дия, – гуфт яке аз онҳо.

– Ҳа, ман дар Яланбек таваллуд ёфтаам, лекин дар шонздаҳсолагиам аз он ҷо рафта будам.

– Падари моро намешиносед?

– Не. Соле ки падаратон вафот карданд, ман хеле хурд будам.

– Ба чанд даромадед ?

– Сиюпанҷ.

– Ҳа, ин тавр бошанд ҳақиқатан ёш будаед.

Ман то ин лаҳза дигар равшан фаҳмида будам, ки ин суҳбат дар сари кӯча, дар пеши дукони баққолӣ барпо

шуда бошад ҳам, монанди пурсиши шоҳидон дар маҳкамаи давлатӣ як навъ истинтоқи расмист. Бинобар ин ман бояд гарданшахӣ ва фаориғболии худро як сӯ гузошта, исбот кунам, ки ман худи манаму каси дигар не.

Ҳоло сухан дар бораи обрӯю эътибори гражданини мамлакати ман мерафт, ки ҳазрати эшон мехост, агар даст ёбад, ба номи вай доғе бигузорад.

– Ҳавлии моро медонед? – пурсид бародари калонӣ, ки ба ришу мӯйлабаш тораҳои сафед бештар афтода буд.

– Ҳо. Вай дар паскӯчаи маҳалла, дар ҳудуди маҳаллаи мо ва гузари Дари Занҷир воқеъ гаштааст, – гуфтам ва қаноатмандона табассум кардани бародаронро дида илова кардам: – Ман бо хоҳари хурдии шумоён дар як мактаб мехондам. Дар як синф, дар як мактаб. Номаш Кубаро буд.

Дар воқеъ, ман номи хоҳари инҳоро фаромӯш накарда будам, зеро ӯ хушхаттарини толибаҳои мактабамон буд ва дафтарҳои ӯро ба хонаи пионерон, ба намоишгоҳҳои ҳарсолаи шуъбаи маорифи халқ бурда мемонданд.

Чеҳраи бародарон тамоман яла шуд. Хусусан калонии онҳо ба эшон Маҳмуд Султон нигоҳи таънаомез афканда, ба аломати тасдиқи суханҳои ман тез-тез сар ҷунбонида меистод. Бародарон аз аҳволи зиндагонӣ, касбу кори ҳозира ва ҷои истиқомати ҳамгузарон боз чанд саволи дигар доданд. Саволҳо аксаран ба бойҳои собиқи маҳалла дахл доштанд, ки дар вақташ корхонаҳои калони хусусии чармгарӣ, бофандагӣ, ҳалвогарӣ ва ғайра доштанд. Сонитар барои гардан нафаровардан ба тартиботи нав бадарға шуданду пас аз чанд соли дигар ба ватан баргашта, бо меҳнати худ рӯз мегузарондагӣ шуданд. Дар бораи ин одамон ҳар чиз шунида будам, ба ҳоҷӣ Саъдулло ва ҳоҷӣ Шукрулло гуфтам.

То вақти хайрухуш қиёфаи бародарони ҳоҷӣ тамом дигар шуда буд. Бародарон роҳи сафед талабида, изҳори таассуф карданд, ки барои меҳмон шудан фурсат надорам. Аз гуфтори онҳо, хусусан аз сухани бародари калонӣ як оҳанги узрхоҳона пай бурда мешуд.

Эшони Маҳмуд Султон ба ҳавлии аэропорт даромада,

бо ҳамаи ҳамсафарони ман бори дигар оғӯш кушода хайрбод гуфт ва аз ҳама охир ба назди ман омада, дастамро ба дасташ гирифта гуфт:

– Ана, мулло, акнун ба ватанатон меравед. Ба ҳамшаҳриҳо, ҳар кас шиносад, салом расонед.

Ба аломати ризо сар ҷунбонидам.

– Лекин сӯҳбатҳои каминаро айб намекунед, – хоҳиши як бор дар Мадина изҳоркардаи худро такрор намуд ҳазрат. – Меҳмонҳо зиқ нашаванд гуфта, чорта чақ-чақ кардам-дия.

– Шумо бисёр меҳмоннавозед, эшонамак.

Лаҳзае чашмони ҳазрат тира гаштанд, кадом як мушаки рӯяш парид, вале даррав худро ба хушҳолии кӯдакона андохта гуфт:

– Дастам банд буд. Меҳмондории казоӣ ҳам нашудааст.

– Не, чаро? – эътироз кардам ман. – Ғояти меҳмоннавозӣ ҳамин аст.

Ҳазрат дид, ки аз ин гуфтугӯ мурод ҳосил намешавад, дасти маро сар дода, рӯ ба ҳамаи гурӯҳи мо овард, ва бараои сафар роҳи сафед талабида, дуо кард.

Ним соат нагузашта, ба мо тайёра доданд.

Аз рӯбоҳтозиҳои ҳазрати эшон аламам меомад. Ман чӣ кардам дар ҳаққи ӯ, дар ҳаққи Арабистони ӯ? Гуноҳам ин ки мӯйсар дорам? Ё ин ки мисли дигарон ободии масҷидҳои Маккаву Мадинаро ҳа гуфта таъриф накарданам маъқул наафод? Охир аз рӯи мантиқи одитарин ҳам духтур аз қорию қорибачаҳо бояд тафовуте дошта бошад ё не? Агар ман ҳамроҳи инҳо намеомадам, магар ҳазрати Наримон ва қорӣ Мушаррафи ҳафтодуҳаштсола, ки дар Минои муборак ба дарди шикам гирифтор шуда, рамақе ба ҷонаш монда буд, сиҳат-саломат дар ин тайёра пинак рафта менишастанд?

Тайёра ба осмони баҳри Сурх баромада, ба роҳи Хартум дохил шуд. Аз кабинаи экипаж командири тайёра берун омад. Вай марди тануманди миёнсоли амрикоӣ буд. Ба касе нигоҳ накарда, бо тамкин ва виқор қадам партофта, ба тайёра рафт. Абдусамадака гуфта буд, ки дар аксари

киштиҳои обӣ ва ҳавоии мусофиркашони Арабистон вазифаи капитан ё командирро америкоиён ба ҷо меоранд. Тайёраҳои ҳарбии реактивиро бошад, ҷавононе меронанд, ки аз оилаҳои муҳоҷирони сиёсӣ баромадаанд. Аз ҷумла муҳоҷирони уйғур, ӯзбек ва тоҷик. Баъди он ки тайёаронҳои муқими кишвар чанд ҳавопайморо ҳамроҳи худ гирифта, ба мамлакатҳои мустақили араб рафтаанд ва паногоҳи сиёсӣ талабида, дар ҳамон ҷо мондаанд, ҳамин гуна тартибот ҷорӣ шудааст.

Ин нукта ҳоло барои камина тасаллои хотир буд. Дар кишваре ки ба фарзандони худ эътимод надоранд, чӣ ҷои тааҷҷуб, ки аз паси як мусофир ин қадар ҷосусро монда, лӯттибозиҳо мекунанд?

Тасаддуқаш шавам, ҳаёт гоҳо касро ба муҳите меандохтааст, ки чанд рӯзе аз ҳавои он нафас кашида, чӣ гуна ба наҷобат ва ҳусни инсон шубҳа пайдо карданатонро худатон нафаҳмида мемондаед. Худатон пай набурда мемонед, ки дар қалбатон ҷои эътимодро ба ҳамаҷоя ҷорӣ гардидани қоидаҳои неки баробарӣ ва бародарии навъи башар, ҷои эътиқодро ба ҳамаҷоя тавлид ёфтани инсони бузургдилу некниҳод ва озодаву поксиришт ким-чӣ гуна ҳиссиёти яъсомези кароҳатангазе мегирифтааст, ки аз муоинаи риё, кина ва адовати чанд намояндаи ношуди ин навъи муаззам тадриҷан пайдо мешудааст.

Чӣ хуш ки ҳар имтиҳонро дар баробари ибтидо интиҳо низ ҳаст!

Вақтҳое буд, ки ба мамлакатҳои хориҷа сафар кардани рафиқони ҳамкасбамро дида, ба онҳо ҳасад мебурдам.

Дар орзуи рӯзе будам, ки ман ҳам ба ягон тарафи дунё рафта, чӣ будани капитализм ва ё феодализмашро бо чашми худ бубинам. Ҳар бор ки аз таассуроти сафар, аз аҷоиботи дар мусофиратдида бо шавқу завқ нақл кардани касеро медидам, орзуям дар дилам бештар аланга мезад.

Ҳоло медонам, ки аксари он ҷаҳондидагон аз ширинкорӣ ба дили сомеон тухми ҳавас мекоштаанд. Бале, аз ширинкорӣ.

Нақл мекунанд, ки се ҷӯраи шӯху ширинкор дар хонаи

касе меҳмон шудаанд. Соҳиби хона як табақ шавла оварда, ба хӯрдан таклиф кардааст, аммо нагуфтааст, ки эҳтиёт шавед, шавла гарми ҷонсӯз аст. Ҷӯраи якум даст ба таом бурда, баробари ба даҳон гузоштани луқмаи аввалин ашк дар чашмонаш чарх мезанад.

– Ҳа чӣ шуд? – мепурсад ду нафари дигар.

– Ҳеҷ, – мегӯяд аввалӣ. Вай мехоҳад, ки асли воқеаро он ду ҷӯрааш дар таҷрибаи хеш бифаҳманд. – Ҳеҷ чиз нашудааст. Модаркалонам сахт касал буд. Ҳоло ба ёдам расид.

Ҷӯраи дувум луқмаи гармро бепарво ба даҳон мегузорад. Вақте ки чашмонаш аз об пур мешаванд, савумӣ мепурсад:

– Хӯш, ба ту чӣ шуд?

– Ҳеҷ, – мегӯяд ӯ низ. – Ба ҷӯраам дилам сӯхт, ки аҳволи модаркалонаш бад будааст.

Вақте ки ҷӯраи савум аз шиддати сӯзиши даҳон оби дидааш шашқатор мерезад, ду нафари аввала хандакунон мепусанд:

– Ҳа, чаро мегирйӣ?

– Чаро нагирям, – мегӯяд ӯ. – Падарқусури модаркалонат мурд.

## МӮИ САФЕДИ МАН

Моро ходимони сафоратхона пешвоз гирифтанд. Баъд оварда дар ҳуҷраҳои киштии «Омдурман» ки ҳамчунон ба соҳили Нил ҷафс шуда меистод, ҷо ба ҷо карданд.

Ману Исрофил дар ҳуҷраи пештараи вай ҷой гирифтем.

Аввалин бор дар давоми ду ҳафта дар пеши оинаи калони ҳақиқӣ, дар сари дастшӯяк риши худро тарошидам. Ба андомам нигоҳ карда, қариб буд, ки худамро нашиносам. Ранги рӯям, мисли он ки нав аз бистари бемори бархоста бошам, заҳир буд. Мӯи чаккаҳоям сафед шудааст.

Исрофил ба паҳлуям омада истод. Вай либосҳои тоза пӯшида, саллаи нави сафеди аз Арабистон харидаашро баста буд.

– Ман инро ҳар рӯз медидам, – гуфт ӯ ба чаккаҳои ман ишора карда. – Аммо аз гуфтан чӣ фоида?... Ғам нахӯр, додарам, – илова намуд Исрофил бо навозиш. – Дар замони ҷанг дар бистудусолагиам боре мӯи сари ман сафед шуда буд. Сонӣ боз ба асли қадимааш баргашт.

– Ту дар ҷанг иштирок карда будӣ?

– Ҳа, – гуфт ӯ аз чӣ сабабе хиҷолатмандона сар хам карда ва дар ҳамон ҳолат, ки сараш ба рӯи синааш хам буд, бо овози паст илова кард: – Аз аввал то охираш. Аз Курск то Вена. Як орден ва чор медал гирифта будам… Хайр, ман рафтам, – банохост оҳе кашида гуфт Исрофил ва аз ҳуҷра баромад.

Ман ӯро то сари кӯча гуселонидам. Вай ҳамроҳи Қориака. Темурҷонқорӣ, чор қории куҳансол ва Мулло Тешабой ба автобусчаи сафоратхонаамон савор шуда, ба қабули қозиюлқузоти Республикаи Судон ҷаноби Саидалӣ Мирғанӣ рафт.

Шабона ба боми «Омдурман» баромада, чароғҳои соҳил ва акси ларзони ба об афтодаи онҳоро тамошо карда нишастам.

Пагоҳ ба Қоҳира меравем ва панҷ рӯз дар он ҷо мемонем.

Дидани Қоҳира, мақбараҳои бузурги фиръавнҳои Мисри қадим аз овони мактабхонӣ орзуи ман буд. Аммо хуб мешуд агар ҳамаи инро дар ду рӯз дида, ба Ватан баргардем.

Оллоҳназарқорӣ низ ба бом баромад.

– Духтурҷон, мумкин-мӣ дар пешатон як дам шинам?

– Марҳамат, ҷой васеъ.

Аз даме ки чархи тайёра аз замини Арабистон канда шуд, аз тарафи ҳамсафарон боз ҳамон муомилаи нарми муътадилро мебинам, ки дар Маскав, дар меҳмонхонаи Виставка медидам. Акнун ба саволҳоям табассумкунон ҷавоб медиҳанд, ҳангоми ҷавоб калимаҳои «раҳмат, духтур, ташвиш накашед» боз пайдо шудаанд. Ҷомадони доруворро, ки акнун хеле сабук шудааст, қориҳои ҷавон бо ихтиёри худ мебардоранд.

Тағйири муносибат чунон баръалоина аст, ки баъзан ҳатто хандаи кас меояд. Имрӯз дар аэропорти Хартум аз тайёра фаромад дидам, ки вохӯрии ҳоҷиёни саллаву ҷомадор ва ходимони сафорат ва консулхонаро аз як гӯша шахсе табассумкунон тамошо карда меистад. Ӯ дар даст микрофончаи сиёҳи чоркунҷа дошт ва ба китфаш тасмаи аппаратҳои овознависӣ ва суратгирӣ овезон буд. Маълум шуда меистод, ки ё мухбири ТАСС ё ягон рӯзномаи марказии худамон аст. Азбаски як қисми ходимони сафоратхона бо пурсупоси аҳволи ҳоҷиён ва муайян кардани тафсилоти сафари фардоинаи Қоҳира банд буданду қисми дигар ҳуҷҷатҳои моро бардошта, ба маъмурияти аэропорт рафта буданд, ба назди он мард рафта салом додам ва хоҳиш кардам, ки аз навигариҳои мамлакатамон нақл кунад. Аз чӣ навъ гузаштани иди Якуми Май, ба кор даромадани хатти нави метрои Маскав, меҳмон шуда омадани Фидел Кастро мухтасар ҳикоят кард.

– Боз чӣ навигариҳо? – пурсидам.

– Чанд рӯз боз мусофиред? – ба саволам ҷавоб надода, пурсид мардак.

– Се ҳафтаву як рӯз.

– Хайр, ин тавр бошад, ҳозир боз мегӯям, – розӣ шуд мард ва тахмин ним соати дигар ҳикоят кард. Вақте ки ба ӯ миннатдорӣ баён карда, аз паси гурӯҳамон ба майдони паси аэропорт мебаромадам, Махсуми миҷ-миҷдаҳон ба паҳлуям расида гуфт:

– Духтурҷон, шумо ки забони русиро медонед, коратон осон-дия. Ана ҳозир бо он шахс суҳбат карда, дар як дам аз аҳволи мамлакат воқиф шудед. Забон донистан нағз-дия.

«Русӣ гап назанед!» гуфта ба сарам дод заданаш, «забони кофирҳо!» гӯён наъра кашиданаш гӯё дар гӯшам аз сари нав садо дод.

Санъати худро ба даст гирифтан ва фурӯ нишондани ғазаби ба ҷӯш омадаро дар мусофират хеле такмил дода будам, ки дар ин ҷо кор дод.

– Мардуми Кавказ, – гуфтам, – як мақол доранд. Мегӯянд, ки умр агар парвоз диҳад, парвози уқобона диҳад, тақдир агар марг диҳад, марги мардона диҳад, ва агар дӯст диҳад, дӯсти фидокору душман диҳад, душмани росткор диҳад. Яъне душмане дошта бошед, худо гӯед, ки номард набошад. Читу ҳамин мақол?

– Беҷо не.

– Беҷо набошад, гиреҳ баста монед, даркор мешавад.

Махсум бо лунҷи овезон ба сӯи сайёрае рафт, ки ба он Қориака савор мешуданд. Баъди хӯроки шом Қориака дар саҳни Гранд Ҳотел аз ҳаҷҷи кардаамон гап кушода, дар зимни сухан насиҳатомез гуфтанд, ки агар аз як дигар ранҷида бошем, ба дил нагирем, гуноҳ ё кӯтоҳии ҳамдигарро бахшем. Сонӣ гуфтанд, ки духтурамон мулло Қурбон нағз хизмат карданд. Мо ҳама миннатдор ҳастем.

Як бародари дигарамон сухани сардорро қувват дода, илова намуд, ки хизмати хуби духтурро баъди баргаштан ба Ватан ба намояндаҳои ҳукумат гуфтан даркор, то ки ба ҷои кораш маълум кунанд ва Вазорати тандурустӣ ҳам аз ҷониби худаш хизмати ӯро тақдир намояд.

Бидуни ташаккур ва раҳматномаҳо ҳам камина ҳаҷҷи акбари худро ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард. ба фаромӯш кардани рӯзҳое ки мӯи сиёҳ сафед мешавад, ҳеҷ инсон қодир нест.

Ҳамсафарони ман ба Ватан бо унвони баланди ҳоҷӣ, бо мартабаи афзуда баргашта, оятҳои қуръон ва ҳадиси пайғамбарро бо ғайрати аз пешина бештар тарғиб хоҳанд кард. Нақлу вазъҳои ононро тағои ман, ҷӯраҳои ӯ, бародарону хоҳарони онҳо, миҷозҳои диндори поликлиникаи мо акнун бо эътиқоди зиёдтаре гӯш хоҳанд кард.

Лекин банда низ акнун мисли пешина бепарво нахоҳам буд. Одамон, шайхҳо, эшонҳо, лавҳа ва воқеаҳои дидаамро дар ҳар ҷо ки набошад, ба кадом восита ки набошад, нақл хоҳам кард. Искандар як ҷӯраи нависанда дорад. Ҳамаи ин қиссаро ба вай ҳам ҳикоят хоҳам кард. Бигузор ҳама бифаҳманд, ки ҳаҷ чисту ҳоҷӣ кист, ҳаҷҷи акбар чисту ҳоҷии кабир кист.

## 1+17

Ду нафар духтаракони стюардесса ҳамонҳое буданд, ки мо бисту шашуми апрел ҳамроҳашон то Хартум омада будем.

– Хӯш, духтур, ба хона мерафтаем-дия? – хандакунон гуфт духтари шӯх ҳангоме ки билети маро дар таки дари самолёт аз назар мегузаронид.

– Афсӯс ки фақат то нимаи роҳ.

– Хайр боке нест, дафъаи дигар то хона мебарем.

– Коре карда ғариб намонед, мешавад.

Духтарак боз табассуми латифе кард. ману Исрофил паҳлуи ҳам нишастем.

– Гап зан, гуфтам ба ӯ. – Ё боз хоб мекунӣ?

– Не-е, гап мезанам. Тавфиқ, бечора, дилаш ганда шуда монд. Мо ба зинаи самолёт мебаромадему вай дар таки қаноташ истода, ба дари самолёт ким-чӣ хел бо ҳасрат нигоҳ мекард. Ҷавон-дия. Аз ҳамаи ходимони сафоратхона ва консулхона, ба назарам, ҷавонтарашон вай.

– Гап дар синну сол не.

– Набошад, дар чӣ?

– Намедонам.

– Надонӣ, хаппакак шину ба гапи калонҳо гӯш кун.

– Хӯш, канӣ калонҳо чӣ мегӯянд?

– Медонӣ агар ман ба ҷои раиси президиум мешудам, чӣ кор мекардам?

– Кадом президиум?

– Президиуми Совети Олии СССР.

– Ӯҳу, чӣ хел ту ба ҷои раиси президиум мешудӣ?

– Масалан-дия, фарз кардем, ки раис маро ба пешаш ҷеғ заду гуфт, ки рав, Исрофил, туро як ҳафта ба ҷои худам раис таъйин кардам.

Ман баланд хандида фиристодам.

– Чӣ механдӣ? Худат гап зан гуфта маҷбур мекунию…

Исрофил қаҳр карда, ба тарафи тирезачаи салон рӯй гардонид ва такяи нишастгоҳашро хобонида, чашмонашро пӯшид. Фақат баъди узрхоҳиву зориву таваллои бисёре аз нав меҳраш яла шуд ва мақсади худро баён кард:

– Дар курсии раис нишаста, ба котибаҳо фармон медодам, – қиёфаи ҷиддии раисона гирифта гуфт Исрофил. – Канӣ, зуд рӯйхати ходимони сафоратхонаҳо, консулхонаҳоро биёред, мегуфтам. Дар як зум меоварданд. Рӯйхати шофёрҳо, духтурҳо, тарҷумонҳо ва дигар хизматгорҳои сафоратро биёред, мегуфтам. Даррав меоварданд. Аз як сар ба ҳамааш номи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ медодам. Мукофоти баландтарини мо ҳамин нест магар?

– Ҳамин аст, азизам. Лекин чаро ба ҳама?

– Камтар муҳобот шуд. Ман гуфтанӣ, ки на ба ҳама, яъне на ба ҳамаи мамлакатҳо, балки ба ҳамаи онҳое ки дар Арабистон барин ҷойҳо хизмат мекунанд. Дар ҷойҳое ки муомилаи одам бо одам бе бахшиш, бе риёлу динору доллар буд намешавад.

Фурсате хомӯш нишастем. Баъд Исрофил гуфт:

– Ту бо кори китобхонаҳо шинос ҳастӣ?

– Ба андозае ки як хонанда шинос шуда метавонад.

– Барои ман дар китобхона ягон кор ёфт мешуда бошад?

– Э, умрат дароз, Исрофил, аз курсии раиси президиум якбора ба китобхона фаромадӣ?

– Ман бешухӣ мепурсам.

– Ту чӣ гуна китобхонаро дар назар дорӣ?

– Масалан, китобхонаи калони Ленинградро.

– Ҳа-а, дар он ҷо барои ту кор ёфт мешавад, бешубҳа. Ҳар гуна китобҳо, дастнависҳои арабӣ ҳастанд. Эҳтимол тарҷума ё рӯйнавис кардан лозим бошад.

– Писарам. Шарифҷон як бор навишта буд, ки агар ба пешам биёӣ, аз китобхона кор ёфта медиҳам.

Исрофил ба хаёл рафта, ҳар замон худ ба худ табассум мекард, ва банохост, аз кори худ гӯё хиҷил шуда «уҳм» гуфта гулу меафшониду табассумро аз рӯяш меронд ва ба атроф назар мепартофт.

Ба Қоҳира расидем. Моро ба ҳамон зали калони аэропорт оварданд. Дере нагузашта маълум шуд, ки кори мо чатоқ аст: дар Қоҳира карантин эълон карданд.

Ҳар кас хоҳад, ки ба шаҳр дохил шавад, бояд аввал панҷ рӯз дар биёбон дар хаймаҳои санитарӣ истиқомат кунад, аз тафтиши тиббӣ бигзарад.

Ҳамсафарон маро миёнагир карда, дар бораи карантин саволҳо медоданд. Лексияи мухтасаре хондан лозим омад.

Қориака ва тарҷумон ба ҳар сӯ медавиданд, ки илоҷе ёфта, бо сафоратхонаи дар Республикаи Муттаҳидаи Араб будаамон алоқа бананд ва дар ин кор ёрмандӣ пурсанд.

Аммо давуғеҷҳо суде надошт. Карантин агар истисное медошт, онро карантин намегуфтанд.

Маҷлиси машваратии гурӯҳ барпо шуд. Аксарият мехост, ки ин ҷо бимонад. «панҷ рӯз ҳам як чашм пӯшида кушодан барин мегузарад, меравад» – мегуфтанд қориҳои пир.

Аз Исрофил пурсиданд, ки чӣ фикр дорад.

– Аз муҳлати сафарамон ҳамагӣ ҳафт рӯз мондааст, – гуфт ноиб-ур-раис. – панҷ рӯзро дар хаймаҳои карантин гузаронем, он тарафаш чӣ мемонад? Ғайр аз ин барои хобу хӯрок дар хаймаҳо сари касе ҳар рӯз чаҳор доллар мегирифтанд. Ман ҳайрон… – китф ба ҳам кашида, суханашро ба охир расонид Исрофил.

– Духтур чӣ мегӯянд? – Қориака ба ман рӯй оварданд.

Ман аслан бисёр мехостам, ки шаҳри куҳани Қоҳира, Порт-Саиди қаҳрамонро бубинам, бо мардуми ин мамлакат, ки дар қитъаи Африқо аввалин шуда, ба роҳи озодӣ ва тараққиёт баромадааст, шинос шавам. Лекин ҳоло дигар тоқати мусофират надоштам. Дигар заррае тобу тавон ба ғарибӣ надоштам.

– Танҳо мебудам, ба хона мерафтам, – гуфтам ман.

– Аммо ҳоло ки танҳо нестед, чӣ мегӯед?

– Ҳоло ки танҳо нестам, мегӯям, ки фақат як нафар аъзои гурӯҳам. Лекин шумо сардори гурӯҳед, Қориака.

… Мо дар салони калони ИЛ-18 нишаста, ба сӯи Маскав парвоз мекунем. Ҳавопаймо дар баландии даҳ ҳазор метр аст.

Яке аз духтарони стюардесса вақти ғундоштани зарфҳои наҳорӣ саҳле хам шуда гуфт:

– Бемалол бошад, ба салони буфет як сари қадам биёед.

Духтараки шӯх дар кунҷи буфет истода, микрофон дар даст бо мусофирон суҳбат мекард. Мегуфт, ки ҳоло дар болои гулӯгоҳи Босфор парвоз мекунем, берун аз борти самолёт ҳаво 25 дараҷа хунук. Сонӣ микрофонро ба ҷояш овехта, маро ба пешгоҳтари салони танги буфет гузаронид ва ба пешам патнусеро монд, ки дар болояш як қадаҳ коняк, як шиша лимонад, дар табақчае як дона афлесун гузошта буданд.

– Ҳаққи шуморо нигоҳ дошта будем, – гуфт ӯ шармгинона.

– Аз меҳрубониатон сарфарозам, лекин акнун ба шароб нӯшидан эҳтиёҷе нест. Раҳмат ба шумо, духтари нағз.

– Афсӯс, – ғамгинона гуфт духтарак ва саволомез ба дугонаҳояш нигарист.

Ҳанӯз аз Хартум пай бурда будам, ки духтаракон ба камина хайрхоҳона менигаранд. Эҳтимол, дар назари онҳо ман яке аз ҳаматанонашон будам, ки дар хориҷа вазифаи душвори худро, чунон ки коммунистон ва комсомолон мекунанд, ба хубӣ анҷом дода меоянд. Ҳоҷати эзоҳ нест, ки муомилаи хуши духтарон ба камина бисёр мефорид. Хайр, аз рӯи инсоф гӯем, аз муомилаи илтифоткоронаи духтарони зебои хушкалом кӣ намеболад?

Қарор додам, ки ҳар чӣ бодо бод, аз ин муносибати нағз истифода барам.

– Лекин аз шумо як чизи дигарро пурсидaниам, – гуфтам.

– Марҳамат, ба ҷону дил, – чеҳрааш аз нав яла шуда, самимона гуфт сардори стюардессаҳо.

– Оё мумкин аст, ки кас аз ҳамин ҷо ба Маскав аз омадани худ хабар диҳад?

– Агар каси хабар медодагиатон телефон дошта бошад, мумкин. Ба кӣ хабар доданиед?

– Ба як рафиқам.

– Валя, – гуфт духтараки шӯх ба яке аз дугонаҳояш, – ба Аловуддин бигӯ, ки сеансаш тамом шавад, ба ин ҷо биёяд.

Валя рафт ва дақиқае нагузашта ҳамроҳи бортрадисти самолёт баргашт.

Радист ҷавони малламӯи мешчашми қадбаланде буд. Вай хушҳолона омаду ба духтарак ба таври низомӣ салом дода гуфт:

– Ғуломи ҳалқабаргӯшатон Аловуддин бо тамоми лашкари ҷину париҳояш ба фармони шумост! Оё мехоҳед, ки дар ҳамин ҷо, дар қабати атмосфера бароятон дар як лаҳза қасри оличанобе бисозанд, ё амр медиҳед, ки то ба манзил расидан ҳамаи гулҳои Москваро даста карда, ба Шереметево бор карда биёваранд, – бортрадист бо ҳамон оҳанги нимшӯху нимҷиддӣ боз як тӯда муъҷизаҳоеро номбар кард, ки аз дасти Аловуддини сеҳргар меомадаст ва дар анҷоми суханаш як байт шеъри русӣ хонд, ки мазмунаш тақрибан: «Ман ба фармони дидам, дил ба фармони шумо» аст.

– Борячон, – гуфт духтарак, – шӯхиатро монда исто. Ана ин кас ҳамон духтуре ки пагоҳӣ дар Хартум ба ту гуфта будам. Ин кас рақами як телефонро медиҳанд, аз порт ягон ошноят аз омадани ҳоҷиҳо хабар диҳад. Хуб?

– Миллион бор хуб, ҷонакам, сад миллион бор хуб.

– Хайр, хайр, яктояш ҳам бас.

– Рафиқ духтур, – гуфт бортрадист ҳамчунон бо тантанаи ҳазломез ба ман рӯй оварда: – Хоҳиши худро иҷрошуда ҳисоб кардан гиред. Аммо ман аз шумо як илтимоси калон дорам. Ба ин духтарак фаҳмонед, ки дил аз санг намешавад ва дар санҷиши…

– Хайр, хайр, шуд, акнун бирав, – гуфт духтарак аз китфи ҷавони аҷоиб навозишкорона ва андаке омирона тела дода.

Шукр, мегуфтам дар дилам. Ба хоки Ватан нарасида бошам ҳам, ба ҳавояш расидам. Боз мебинам, ки одамон ба ҳамдигар бе пул кумак мекунанд бе ғараз некӣ мекунанд. Боз мебинам, ки бо ҳам хушҳолона суҳбат мекунанд, табассум, ханда, ҳазлу мутоиба мекунанд.

– Боз рустӣ шароб нӯшидӣ? – пурсид Исрофил ба рӯям чашм дӯхта.

– Ба ту гуфта будам-ку: майпараст нестам.

– Набошад, чаро лабонат аз ханда кашол?

– Ба Искандар ҳозир бо радио аз омаданам хабар медиҳанд.

– Ту балоча будай. Хайр бинишин, дафтарчаатро барор, ба писари ман ҳам якта телеграмма навишта монем.

– Ба ҷону дил.

Коғазу қалам гирифта, бо диктаи Исрофил калимаи Ленинград, рақами қуттии почта, ному фамилияи писарашро навишта, ба рӯяш нигоҳ кардам. Ӯ, аз афташ, сухан намеёфт, ки бигӯяд.

– Навис, – гуфт Исрофил ниҳоят ва боз хомӯш монд.

– Писарам, биё... – гуфт Исрофил ва овозаш ларзида, дар чашмам об чарх зад. Даструмолашро бароварда, оби чашм ва бинии банохост серобгаштаашро пок кардан гирифт.

Дақиқае хомӯш будем. Чун дидам, ки ба умеди вай кор буд намешавад, навиштам, ки падаратон аз он дунё баргашт. Биёед.

– Чӣ навиштӣ?

Хонда додам.

– «Аз он дунё...» Ҳм, чаро ин тавр навиштӣ? Э хайр, майлаш, гуфтаи ту шавад.

Мулло Ӯроқака омада, якта сигарета гирифт ва дуртар аз назари Қориака – ба думи самолёт рафт.

– Қурбон, ҳамин ки ба Маскав расидем, аввал чӣ кор мекунӣ?

– Ба ҳаммом меравам.

– Ҳм. Чаро?

– Ҳабдаҳ сол пеш бори якум ба Маскав омада будам. Як ошноям дар вокзали Қазон пешвоз гирифта, ҷомадони фанерии маро бардошта, ҳамин саволи туро дода буд. Гуфтам, ки рост ба Майдони Сурх меравам. Ошноям гап назада, маро ба ҳаммом бурда буд.

Исрофил чизе нагуфт.

Бо овози баланд ба сурудхонӣ даромадем:

*Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо,*
*Мутриб,бигӯ ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо.*
*Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем.*
*Эй бехабар зи лаззати шурби мудоми мо.*

Нохост сурудро қатъ карда, ба атрофам нигоҳ кардам.

Аммо касе чизе намегуфт, касе сурудхониро манъ намекард. Баръакс, Исрофил аз рӯи одаташ аз китфам меҳрбонона оғӯш карда менишаст.

Стюардесса бо радио эълон кард, ки самолёт дар фазои Республикаи Советии Сотсиалисии Украина парвоз мекунад. Дар Москва борони кӯтоҳмуддат борида, ҳоло ҳаво соф шудааст. Ҳарорат 16 дараҷа.

Аз тирезачаи гирда ба поён нигаристам. Рӯи заминро баҳри беканору сап-сафеди абрҳо пӯшонида буд. Вале ман акнун кишвари худро аз қабати абр ҳам нағз медидам.

Мегуфтанд, ки ҳар кас ҳаҷ кунад, дар кӯҳи муқаддаси Арафот шаберо рӯз кунад, ориф мешавад, яъне вуҷуди худовандро яқин равшан мебинад. Вуҷуди худованд дар назари банда пештара барин ноаён бошад ҳам, қобилияти тозае пайдо кардаам, ки чеҳраи Ватанамаро аз ҳазорон фарсах дида метавонам.

Пас, ҳаҷҷи камина ҳам қабул шудааст.

**с. 1965**

## МУНДАРИҶА


17+1 .......... 5
Сафар бехатар бодо! .......... 11
Оид ба хоб, абадият ва дигар масъалаҳои муҳим .......... 18
Ҳуҷрае дар рӯи Нил .......... 26
Суфитӣ, марҳабо! .......... 38
Лаббайка, оллоҳумма, лаббайк! .......... 47
«Эзор муборак!» .......... 61
Ҳабси ихтиёрӣ .......... 68
Мошоллоҳ! Мошоллоҳ! Боз мошоллоҳ! .......... 81
Аз миёнаи аср ба асри миёна .......... 86
Арафаи арафот .......... 107
Арафот .......... 125
Табиби ланг .......... 142
Шайтони раҷим .......... 149
Касби тоза .......... 159
Ҳаҷ муборак! .......... 169
Саёҳат дар боми «форд» .......... 180
Дар васфи пул .......... 187
Ал-Мадинат-ул-Мунаввара .......... 199
Ваъда ба фардо .......... 216
Боз ваъда ба фардо .......... 225
«Сафар мафӣ» .......... 230
Бародари қиёматӣ .......... 234
Мӯи сафеди ман .......... 244
1+17 .......... 248

**Фазлиддин Муҳаммадиев**

# ДАР ОН ДУНЁ

*(қиссаи ҳаҷҷи акбар)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчин *Рухшона Муҳаммадиева*

Ба матбаа 16.03.2016 супорида шуд.
Чопаш 18.03.2016 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16.0 Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар КВД КТН «Шарқи Озод» чоп шудааст.